САИДРАҲМОН САИДОВ

# АДАБИЁТИ ҚАДИМ



**САИДРАҲМОН САИДОВ**

# АДАБИЁТИ ҚАДИМ

*(аз замонҳои қадим то асри VIII)*

Душанбе - 2010

ББК 83.3 тоҷик + 83.3(0)9
С – 20

*Саидраҳмон Саидов.*

# **Адабиёти қадим** (аз замонҳои қадим то асри VIII).

**Ба хотираи устод профессор**
***ХОЛИҚ МИРЗОЗОДА* бахшида мешавад.**

Таҳти назар ва таҳрири умумии доктори илми филология, профессор ***Н.Сайфиев***

Муҳаррир *М.Холов*
Муҳаррири техникӣ *А.Камолов*
Тарроҳ *Шепелев А.*
Ҳуруфчи *Т.Иброгимова*

Ба чопаш 13.02.2010 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16. Қогази офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 14,25. Адади нашр 100 нусха. Супориши № 9/05.

КИТОБХОНА

© Саидов., 2010

# МУҚАДДИМА

Таърихи адабиёти тоҷикро берун аз таърихи халқи тоҷик омӯхтан имконнопазир аст, зеро он як қисми маданияти халқҳои эронинажод буда, ба таърихи маданияту фарҳанги он алоқамандона омӯхта мешавад.

Таърихи адабиёт адабиёти тоҷикро аз замонҳои қадим то асри VIII, аз асрҳои миёна то асрҳои ҳозира, ки тақрибан умри зиёда аз сеҳазорсола дорад, меомӯзад. Таърихи адабиёти беш аз 3000-солаи тоҷик асосан ба ду ҳисса ҷудо мешавад.

1. Адабиёти пешазинқилобии тоҷик — аз замони пайдоиши хат ва алифбо то соли 1917.

2. Адабиёти баъди инқилоб, аз соли 1917 то имрӯз.

Қонуниятҳои инкишофи ин ду марҳала (адабиёти тоинқилобӣ ва пасазинқилобии тоҷик) аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Адабиёти пешазинқилобии мо таърихи дуру дарозеро дар бар мегирад. Дар ин муддати тӯлонӣ дар зиндагии мардум дигаргуниҳои зиёде рух додаанд, ки вобаста ба он дар адабиёт низ тағйироти бисёре ба амал омадааст. Хусусияти адабиёти тоинқилобии тоҷикро зиддиятҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии синфҳои антагонистии он ҷамъият муайян мекунад. Аз ин рӯ, адабиёт ҳамчун афкори ҷаҳонбинӣ тавассути ғояҳо, равияҳо, ҷараёнҳои адабию мазҳабӣ ва динӣ он зиддиятҳои синфии сиёсиву иқтисодии ҷамъияти феодалиро дар худ акс намудааст. Таърихи адабиёти тоҷик пайдоиш, инкишоф, сукути ҷараёну равияҳо ва жанру шаклҳои адабиро дар шароитҳои гуногуни таърих, дар ҳолати таърихиаш меомӯзад. Аз дастовардҳои ҷадидии илми таърихи адабиёти тоҷик адабиёти тоинқилобиро ба давраҳои зерин тақсим намудан мумкин аст:

1. Адабиёти қадими тоҷик — аз замонҳои қадимтарин то асри VIII.

II. Адабиёти давраи феодализм:

а) Аз асри VIII то асри IX — адабиёти замони пайдоиши муносибатҳои феодалӣ;

б) адабиёти замони барқарор ва устуворшавии феодализм — асри X;

в) адабиёти замони инкишофи феодализм — асрҳои XI-XV;

г) адабиёти таназзули феодализм — асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX.

Масъалаи тақсимбандии давраҳои таърихи адабиёти тоҷик, аз як тараф, ба таърихи тараққиёти ҷамъият, аз ҷониби дигар, ба хусусиятҳои хоси инкишофи адабиёт алоқаманд аст. Бинобар ин ҳар кадом аз ин давраҳои таърихи адабиёти тоҷик, дар навбати худ, дар асоси ҳодисаҳое, ки дар таърихи халқи тоҷик рӯй додаанд, ба марҳилаҳои боз ҳам хурдтар тақсим мешаванд. Аз ин рӯ, ин тарзи омӯзиши предмети таърихи адабиёт аз рӯи принсипи таърихият (хронологӣ таърихӣ) ба талаботи илми адабиётшиносии муосир мувофиқат дорад. Биноан ҳамин талаботи илми адабиётшиносиро ба назар гирифта таърихи адабиёти давраи қадими тоҷикро ба чунин марҳилаҳо тақсим намудан мумкин аст:

а) адабиёт дар замони Пешдодиён ва Каёниён — аз замонҳои хеле қадим то асри IV то мелод;

б) адабиёт дар замони Искандари Мақдунӣ — асрҳои IV-I то мелод;

в) адабиёт дар замони Ашкониён — асрҳои II-I то мелод ва асрҳои I-III давраи мелод;

г) адабиёт дар замони Сосониён — асрҳои III-VII;

д) адабиёт дар арафа ва замони истилои араб.

Таърихи омӯзиши адабиёти тоҷикзабони тоҷик ду даврам асосӣ дорад: пеш аз инқилоб ва баъд аз инқилоб. Бояд қайд кард, ки омӯзиши ин адабиёт дар Шарқу Ғарб аз ҳам фарқ дошт.

**Аз таърихи омӯхта шудани адабиёти тоҷик**

Адабиётшиносии тоҷик дар гузашта аз навиштани тазкираҳо оғоз ёфтааст. Пас зери таъсири афкори илмӣ-адабиётшиносии Юнони қадим дар асоси «Риторика», «Поэтика»-и Арасту (ба воситаи тарҷумаҳои

суриёнию арабӣ), поэтикаи Ибни Сино, «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммади Родиюнӣ (асри XI), «Ҳадоиқ-ус сеҳр фи даҳоиқ уш-шеър»и Рашиди Ватвот (асри XI), «Ғоят-ул-аразайн»-и Абулҳасан Алии Баҳромии Сарахсӣ (асрҳои XI-XII), «Ал-муъҷам фи маоири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамсиддин Муҳаммад Ибни Қайси Розӣ (асри XIII), «Асос-ул-иқтибос» ва «Меъёр-ул-ашъор»-и хоҷа Насриддиин Тӯсӣ (асри XIII), «Рисолати қофия»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Арӯз»-и Сайфии Бухороӣ, «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (асри XV), «Маҷмаъ-ус-саноеъ»-и Низомиддин Аҳмади Ҳусайнӣ (асри XVII), боби ҳафтуми «Ҳафт қулзум»-и Қабулмуҳаммад, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин (асри XIX) ва ғайра, ки номгӯяшон хеле зиёд аст, овардан кифоя аст. Дар ин асарҳо дар бобати давраҳо ва марҳилаҳои адабиёти тоҷик каму беш ишораҳо дида мешавад. Ин асарҳо асосан адабиёти бадеиро аз мавқеи омӯзиши илми арӯз, илми қофия ва илми бадеъ бо унвони илми маонӣ ва баён, шаклҳо, воситаҳои тасвир ва санъатҳои адабӣ омӯхтаанд. Дар онҳо адабиёти бадеӣ ҳамчун як соҳаи санъат, чун ҳодисаи идеологӣ ва инъикоси ҳаёт дар системаи образҳо омӯхта нашудааст.

Кӯшишҳои аввалини адабиёти бадеиро маънидод кардан дар «Шифо», «Донишнома»-и Ибни Сино, таълифотҳои Абунасри Форобӣ, Насриддини Тӯсӣ, Ибни Рушд, «Қобуснома»-и Кайковус ва дар мақолаи дуюми «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ мушоҳида мешавад, ки ҳоло ин асарҳо ба дараҷаи системаи назарияи адабиёт нарасида буданд.

Таърихи адабиёт пеш аз инқилоб ба мафҳуми имрӯз, яъне илме, ки чигунагии пайдоиш ва ҷараёни ташаккулу инкишофи адабиёти бадеии хаттии халқи тоҷикро мураттабан омӯзад, нарасида буд. Тазкираҳо, ки дар гузашта чун намунаи асарҳои таърихи адабиёт шинохта шудаанд, аз маълумоти ноқиси тарҷумаи ҳол ва баъзе нақлу мулоҳизаҳои ҷузъии адабию танқидӣ иборат мебошанд. Аввалин тазкира «Ятимат-уд-даҳр»-и Ас-Салобӣ (асри XI) мебошад, ки ба забони арабӣ навишта шудааст. Нахустин тазкирае, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ ба мо омада расидааст «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (охири асри XII ва аввали асри XIII) ба шумор меравад. Минбаъд

«Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV), равзаи ҳафтуми «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ (асри XV), «Маҷолис-ус-нафоис»-и Алишери Навоӣ (асри XV), «Тӯҳфаи Сомӣ»-и Соммирзо (асри XVI), «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Ҳасани Нисории Бухороӣ (асри XVI), «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ (асри XVI), «Тазкираи майхона»-и Абдумӯъмин (асри XVII), «Хизонаи омира»-и Ғуломалихони Озод (асри XVIII), «Оташкада»-и Лутфуллобеки Озар (асри XVIII), «Маҷмӯат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ (асри XVIII), «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят (асри XIX), «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-уш-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ (асри XIX), «Қомус-ул-аълом»-и Шамсиддини Сомибек (асри XIX), тазкираҳои Афзалии Бухороӣ, Садри Зиё, Абдӣ, Мӯҳтарам, Шаръӣ, Ҳашмат дар ибтидои асри XX, ва г., ки миқдори онҳо хеле зиёданд, роҷеъ ба масъалаҳои таърихи адабиёти тоинқилобии тоҷик маълумот медиҳанд. Муаллифони тазкираҳо анъанаи тазкиранависии пешинро давом додаанд. Бинобар ин баъзе тазкираҳо дорои нуқсонҳои ғоявию назариявӣ буда, мисли асарҳои назариявӣ оид ба поэтика ба дараҷаи умумии адабиётшиносии тоинқилобии Аврупо нарасидаанд. Ба ҳар ҳол ин асарҳо дар доираи фанну дониши адабиётшиносӣ, тафаккури назариявӣ ва эстетикии замони худ дар тараққиёти ин соҳаи дониши инсонӣ ҳиссаи арзандае гузоштаанд ва онҳо имрӯз аҳамияти илмӣ-назараявии худро то андозае нигоҳ доштаанд.

Қисми дигари сарчашмаҳои адабиётшиносӣ баъзе асарҳои таърих, ёддоштҳо, сафарномаҳо ва баёзҳо мебошанд, ки аз онҳо далелҳои ҷудогонаи адабӣ, унсурҳои назарияи адабиёт, маълумотҳои тарҷумаҳолии адибонро дарёфт кардан мумкин аст. Ба ҳамаи асарҳои номбаршуда ҳамчун сарчашмаҳои илмӣ, тарҷумаҳолӣ, таърихӣ назар карда ба онҳо аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо додан зарур мебошад.

Омӯхтани забон, адабиёт, санъат ва таърихи Шарқ дар Ғарб бо номи шарқшиносӣ (ориентале) машҳур аст ва он аз асри XVIII оғоз ёфтааст. Ҷустуҷӯҳои шарқшиносони Ғарб, пеш аз ҳама, ба футӯҳоти мустамликахоҳии капитализми он — буржуазияи Аврупо сахт алоқаманд аст. Қатъи назар аз майлҳои шовинистии

евросентризми аксари шарқшиносон, ки афкори адабию илмиро бештар ба Ғарб ва таассуби динию тасаввуфиро ба Шарқ нисбат медиҳанд, дар бобати нашри асосҳои форсӣ-тоҷикӣ, тартиб додани феҳристҳо, тарҷумаи ҳол, ҷамъ намудани далелҳои адабӣ, тарҷумаҳо аз форсӣ ба забонҳои гарбӣ, қисман тадқиқотҳои назариявӣ, хондану кашф намудани забонҳо ва хатҳои қадим ҳиссаи муайяне гузоштаанд. Ҳарчанд онҳо мувофиқи талаботи илми адабиётшиносӣ ба магзи амиқи мазмуни адабиёти Шарқ ба таври бояду шояд сарфаҳм нарафта, ба баъзе хатоҳои фаҳш роҳ додаанд, ба масъалаҳои фаҳмиши адабиёти бадеӣ аз нуқтаи назари адабиётшиносии буржуазӣ, ки майли асосии он адабиётро берун аз синфҳо, ҳамчун ҷараёни умумӣ аз нуқтаи назари фактология ва объективизми буржуазӣ омӯхтану баҳо додан аст, наздик шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки шарқшиносони Ғарб дар ҷамъ овардани далелҳо, мураттаб сохтани феҳристи осори илмию адабии шарқиён ҳиссаи босазое гузоштаанд. Бинобар ин асарҳои шарқшиносони Ғарб дар омӯхтани таърихи адабиёти тоҷик аз замонҳои қадимтарин то ибтидои асри XX ҳамчун сарчашмаи илмӣ қимати баланд доранд. Имрӯз асарҳои шарқшиносони машҳури Ғарбу рус — Артур Кристенсен, Ҳ. Эте, Дармстетер, Эдуард Браун, В.В. Бартольд, А. Е. Крымский, Л. В. Баженов, Р.Н. Фрай, И. Пянков, Н. В. Хаников ва дигарон ҳамчун сарчашмаҳои боэътибори илмӣ истифода мешаванд.

Омӯхтани таърихи адабиёти тоҷик пас аз инқилоб бо китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод С. Айнӣ ибтидо гирифтааст. «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ҳамчун давоми анъанаи тазкиранависии давраи классикии адабиёти тоҷик ва ибтидои адабиётшиносии нав шуморидан мумкин аст. Муҳим он аст, ки ин китоб бори аввал мафҳуми «адабиёти тоҷик»-ро ба афкори илмӣ дохил кард. Ҳарчанд китоби мазкур масъалаи мероси адабиро ба сабаби шароити таърихии онрӯза ҳал накардааст ва дар он назарияи таъсири ҷараёни умумии тазкираҳо давом дорад, вале бори аввал шуури миллӣ, баъзе унсурҳои адабиётшиносиро ба афкори илмии тоҷик дохил кард ва дар назди он вазифа гузошт, ки адабиёти тоҷикро бо усули ҷадид, бо назари илмӣ-танқидӣ омӯзанд. Устод С. Айнӣ дар ин китоб таъкид намудааст, ки афкори

илмиро аз ин намунаҳо фоида бурда, таърихи адабиёти тоҷикро ҷиддӣ омӯзанд. Ҳамин тавр, баъд аз ин омӯзиши адабиёти тоҷик аз мақолаҳо ва китобҳои қироатӣ барои мактабҳои усули нав оғоз ёфт. Дар бобати омӯхтани мероси классикони адабиёти тоҷик як муддат назарияи нодурусти прлеткултчиён таъсири манфӣ расонд. Тарафдорони ин назария ақидаи зиддиилмии инкор намудани мероси адабии гузаштаро пеш меронданд. Вале пас аз Анҷумани аввали нависандагони шӯравӣ соли 1934 ва ҷашнгирии ҳазораи Абулқосим Фирдавсӣ дар миқёси СССР ва ҷаҳон ба омӯхтани мероси адабии саромадони сухани бадеии форсу тоҷик роҳи васеъ кушода шуд. С. Айнӣ бо рисолаи «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» (1935) дар ин роҳ қадами аввалин гузошт.

Таълифи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940), ки давоми «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнист, бо тарғиботи нисбатан нави худ ба масъалаҳои саргуми мероси адабӣ ва назарияи ҷараёни умумӣ хотима гузошта, принсипҳои нисбатан нави омӯхтани мероси адабиро пеш ронд, намояндагони классикии адабиёти тоҷикро на дар асоси принсипҳои ҷуғрофияи имрӯза, балки аз рӯи принсипи таърихӣ ба миён гузошт. Бинобар ин ба адабиёти бойи ҳазорсола шарик будани эрониёни имрӯза истилоҳи «форсу тоҷик»-ро пешниҳод кард, ки ба таърих ва ҳақиқат мувофиқат мекунад.

Дар омӯхтани мероси классикони адабиёти форсу тоҷик рисолаҳои С. Айнӣ «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ», «Шайхур-раис Абӯалӣ ибни Сино», «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ», «Мирзо Абдулқодири Бедил», «Алишер Навоӣ» аввалин сармашқи адабиётшиносони ҷавони тоҷик шуд. Ҳамин тавр, адабиётшиносии тоҷик баъди инқилоб ба миён омад ва минбаъд ривоҷ гирифт ва инкишоф ёфт. Ҳоло як ҷузъи муҳим ва ҷудонашавандаи адабиётшиносӣ ва шарқшиносии муосир мебошад. Сарчашмаи назарияи адабиётшиносии муосири тоҷик афкори илмӣ-назарии адабиёти пешқадами ҷаҳон, асарҳои адабиётшиносон ва шарқшиносони русу халқҳои дигари давлатҳои муштаракулманофеъ мебошад. Имрӯз адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик ба соҳаи мустақили соҳаи илми гуманитарӣ мубаддал гашта, намояндагони соҳибистеъдоди он ба воя

расидаанд. Ҳоло асарҳои «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик», «Абӯабдулло Рӯдакӣ», «Биноӣ»-и А. Мирзоев, «Сухансарои Панҷруд»-иш Ҳусейнзода, «Шамсиддин Шоҳин», «Абӯабдулло Рӯдакӣ асосгузори адабиёти классикии тоҷик», «Ақидаҳои зиддидинӣ дар адабиёти тоҷик», «Таърихи адабиёти тоҷик» (иборат аз 3 қисм)-и Х. Мирзозода, «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX», «Шоҳин» (тадқиқи нав дар ҳаёт ва эҷодиёти шоир), «Аҳмади Дониш»-и Р. Ҳодизода, «Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII», «Адабиёти тоҷик дар асри XVII»-и С. Саъдиев, «Ҳаёт ва эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ»-и Л. Сулаймонова, «Сайфи Фарғонӣ»-и А. Афсаҳов, «Дарвеши Деҳакӣ»-и М. Аҳмадов, «Мирзо Содиқи Муншӣ», «Нозили Хуҷандӣ», «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX»-и У. Каримов, «Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX»-и Н. Маъсумӣ, «Ҷалоли Табиб ва майни илмию интиқодии достони ӯ «Гулу Наврӯз», «Наҳлии Бухорӣ»-и Н. Сайфиев, «Бадриддин Ҳилолӣ»-и А. Абдуллоев, «Ҳаёт ва эҷодиёти Амир Ҳусрави Деҳлавӣ»-и М. Бақоев, «Ҳофизнома», «Достони «Лайлӣ ва Маҷнун» -и Абдураҳмонӣ Ҷомӣ, «Мақомоти Ҷомӣ»-и Афсаҳзод ва ғайра асарҳои беҳтарин адабиётшиносони тоҷик оид ба паҳлӯҳои мухталифи адабиёти тоинқилобии тоҷик ба ҳисоб меравaнд.

Даҳҳо классикони адабиёти тоҷик аз Рӯдакию Фирдавсӣ то Бедилу Аҳмади Дониш, ки имрӯз ифтихори халқи мо мебошанд, бо асарҳои ҷовидонӣ ва оламшумулашон на танҳо хазинаи маданин халқи худ балки ҷаҳонро шодоб гардонидаанд, ҳатто чакидаҳои хомаи Саъдии бузург дар пештоқи Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида сабт гардидааст:

Банни одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як ҷавҳаранд.

Ба омӯхтани адабиёти классикии форсу тоҷик як идда шарқшиносону адабиётшиносони муосири рус, Осиёи Марказӣ ва хориҷи кишвар низ машғуланд, ки ба адабиётшиносии тоҷик ёрии ҳаматарафа мерасонанд. Махсусан дар ин кор ҳиссаи

профессорон Бертелс Э.Е., Болдирев А.Н., Бертелс А.Е., Османов М.Н., Бойбурдӣ Ч.Г., Ян Рипка, Иржи Бечка, Брагинский И.С. бағоят калон аст. Тавассути заҳмати илмию таҳқиқотии шарқшиносони тоҷику рус аз солҳои 30-40-уми асри XX маркази омӯзиши адабиёти форсу тоҷик аз Гарб ба Шарқ кӯчид. Омӯзиши адабиёти классикӣ на танҳо дар Тоҷикистон авҷ гирифт, инчунин дар Эрон, Афғонистон, қисман Ҳиндустону Покистон ҳам равнақ ёфт. Шиблии Нӯъмонӣ (Ҳиндустон), Хонларӣ, Фурӯзонфар, Меҳрдоди Меҳрин, Партав, Алавӣ, Алиасғари Ҳикмат, Саид Нафисӣ, доктор Шафақ, Забеҳулло Сафо, Ғанизода (Эрон) дар омӯзишу тадқиқоти мероси адабии классикони адабиёти форсу тоҷик тасмим гирифтаанд. Вале бояд тазаккур дод, ки дар фаъолияти илмии шарқшиносони Шарқи хориҷӣ таъсири тазкиранависии гузашта, олимони шарқшиноси Ғарб, идеологияи буржуазию исломӣ хеле зиёд аст. Яъне онҳо адабиётро ҳамчун ҷараёни ягонаи умумӣ меомӯзанд. Аз ин рӯ, методи тадқиқотии онҳо методи эҷоди фактологӣ буда, барои тадқиқотчиёни мо маводи фаровоне дода метавонанд.

Ба ҳамин тариқ, адабиёти форсу тоҷик чи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои собиқ иттиҳод, чи дар хориҷ предмети омӯзиши адабиётшиносӣ қарор гирифтааст. Зиёда аз ин дар мактабҳои миёна ва олӣ мувофиқи плани хониш ва барномаи муайян омӯхтани адабиёти классикӣ ба инкишофи ояндаи адабиёт ва оммавӣ гардидани он ёрии калон мерасонад.

## АДАБИЁТИ ҚАДИМИ ТОҶИК

**Сарчашмаҳои аслӣ доир ба омӯхтани адабиёти қадим**

Адабиёт ҳамчун ҷаҳонбинӣ ва шакли шуури ҷамъиятӣ инъикоскунандаи ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, адабӣ, маданӣ ва маърифатии халқ ва таҳаввули фарҳангии он мебошад. Бинобар ин адабиёт аз замони пайдоиши худ ба ҷараёни умумии ҳаёти халқ таъсир мегузорад. Барои дарки моҳияти адабиёти давраи бостони халқи тоҷик зарур аст, ки ҷараёни пайдоиш ва ташаккулёбии адабиёту фарҳанги онро омӯзем. Халқи тоҷик аз он халқҳои қадимиест, ки афкори адабӣ, маданӣ ва фарҳангиаш

ба пайдоишу ташаккули маданияти халқҳои дигар таъсири бевосита расонидааст.

Адабиёт ва маданияти халқи тоҷик таърихи дуру дарозе дошта, дар давраҳое ба вуҷуд омадааст, ки аҷдодони мо дар шароити сохти хонаводагӣ-авлодӣ ва қабилавӣ зиндагӣ мекарданд. Нахустин сарчашмаҳои хаттии санавӣ дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод дар сарзамини Осиёи Миёна сукунат доштани қавму тоифаҳои эроннажод — суғдиён,бохтариҳо, марғиёниҳо, хоразмиҳо, портҳо, қабилаҳои мухталифи сакоӣ ва ғайраро хотирнишон намудаанд. Сарчашмаи мӯътамади аслӣ барои омӯхтани адабиёти қадимии тоҷик «Авесто», «Бунда ҳишна», «Ригвидо», «Хвадой-номаг», «Ганҷи шайгон», «Айотгори зарирон», «Арда Вирознома», «Додистони дениг» («Достонҳои динӣ»), «Ривоятҳои паҳлавӣ», «Визидагиҳои Зодспарахм» ва ғайра мебошанд, ки тавассути тарҷума ва чопу овонавишти Мӯбад, Рустам Миҳрабон, Миҳрабон Кайхусрав, Ардашир Ваҳуман, Таҳмурас Диншавҷи Анклесариа, Фаредун Марзбон, Меҳрапон Анушакрувон он сарчашмаҳои нодир барқарор гардида, дастраси ҳаводорони бунёди фарҳанг ва маданияти бостонии тоҷику форс гардонидаанд. Муаррихи асри XI Ибн ал Балхӣ дар «Форснома» бунёди қадим доштани мардуми форс ва давлатдории онҳоро таъкид намуда, овардааст, ки «... мулки Фурс чаҳор табақа будаанд: Пешдодиён, Каёниён, Ашкониён ва Сосониён ва ду табақа аз ин ҷумлат пеш аз Искандари Румӣ будаандӣ: ки ӯро Зулқарнайн хонданди-Пешдодиён ва Каёниён ва ду табақаи дигар баъд аз Искандари Румӣ будаанд: Ашкониён ва Сосониён»[1]. Дар бобати осори бадеию фарҳангӣ ва маданӣ аҳди Пешдодиён ва Каёниён далелҳои мӯътамад дар даст надорем, бинобар ин аз рӯи ривоятҳо, ахбори таърихнависони қадими Юнону Рим, Чину Арман, сужети афсонаҳои мифологию динӣ роҷеъ ба дараҷаи ташаккули забон, адабиёту фарҳанги мардуми форсу тоҷик дар ин давраҳои дури таърих ҳукми қатъӣ бароварда наметавонем. Аммо манбаъҳои хаттӣ ва осори бузурги пурарзише аз аҳди Ашкониён, Сосониён дастрас шудааст. Бархе

[1] Ибн ал-Балхӣ. «Форснома». Душанбе, Дониш, 1989, саҳ. 19.

аз осори хаттии ин давра пас аз таназзули давлати Сосониён аз байн рафта бошад, чанде пораҳои дигари пароканда ва ё танҳо номи он ба мо расидааст. Унвони иддае аз ин китобҳо ва ё матнҳои паҳлавӣ дар манобеъи таърихиву ҷуғрофӣ ва адабии юнониву арманӣ, форсиву арабӣ ёд шудааст. Як теъдод китобҳову таърихномаҳо ва солномаҳои замони Сосониён, ки дар қарнҳои аввали ислом ба арабӣ тарҷума шуда буданд, ба куллӣ аз байн рафта, аз матни аслии онҳо нишоне намондааст. Дар катибаҳои давраи аввали Сосонӣ, ки дар хусуси ёддоштҳову фармонҳо ва тавсибномаҳову дафтарҳои асноди давлатии шоҳони ин хонадон нигоҳдорӣ мешуданд, низ тазаккур рафтааст. Масалан, нисбати аз таърихномаву солномаҳои паҳлавии маҳфуз дар китобхонаи шоҳони Сосонӣ муаррихи юнонӣ Агафий (асри VI-и мелод) маълумот овардааст. Такмили ниҳоии ин таърихномаҳо дар замони салтанати охирин шоҳи Сосонӣ Яздигурди III. (с. 623-651) анҷом пазируфтааст, ки маҷмӯаи он таҳти унвони «Хвадой-номаг» («Худойнома») маъруф аст. Ин асари пурарзишро Ибн ал-Муқаффаъ (с.721-757) аз форсии миёна ба забони арабӣ тарҷума кардааст, вале баъдан ҳам тарҷума ва ҳам нусхаи аслии он аз байн рафтааст. Дар асри IV-и мелод дабири Шопури II Хварҳбуд барои шоҳ таърихномаеро бо номи «Ростсухан» аз юнонӣ ба форсии миёна тарҷума кардааст. Муаллифи ин асар Абарсам ҳамасри Хварҳбуд буда, аммо шахсияташ маълум нест[2]. Таърихнависи қарни VII-и арман Мавсес Хоренатси лаҳзаеро чанд аз ин китоб иқтибос намудааст, ки мундариҷаи он ба чанд бахши китоби паҳлавии «Корномаи Ардашери Бобакон» ҳамоҳанг мебошад[3]. Аз ҳақиқат дур нахоҳад буд, агар иборати «номаи ростон»-ро дар боби подшоҳии Ашкониён дар «Шоҳнома»-и Фирдавсии Тӯсӣ унвони дигари «Ростсухун» бипиндорем:

Кунун эй сароянда фартутмард,
Сӯи гоҳи Ашкониён бозгард.
Чу гуфт андарон «Номаи ростон»,
Ки гӯянда ёд орад аз бостон[4].

---

[2] Руҷӯъ шавад бо мақолаи Додихудои Саймиддин. Сарнавишти чанде аз дастнависҳо ва китобҳои паҳлавӣ. Адаб, 1992, №5, саҳ. 42-44; Чанд номаи паҳлавӣ. — Фарҳанг, 1992, №1-2, с. 52-55.

[3] В. Луконин. Искусство древного Ирана. — М., 1977, с. 211.

Оиди омӯзиши сарчашмаҳои хаттии адабиёти давраи бостон, нигоҳдории матнҳо ва китобҳои паҳлавӣ дар Эрон ва Ҳиндустон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёди пурарзиш сомон пазируфтаанд. Аз рӯи андешаҳои мутахассиси варзидаи забони форсии миёна Додихудои Саймиддин, қарнҳои аввали ислом дастурону мубадони зардуштӣ дар гирдоварӣ ва нигоҳдории матнҳо ва китобҳои паҳлавӣ кӯшиши зиёд ба харҷ дода, аз худ хизмати арзанда ба ҷой гузоштаанд[5]. Дастнависи матнҳо ва китобҳо аз роҳи нусхабардорӣ интишор ва ба марказҳои иқомати зардуштиён интиқол мегардиданд. Тавассути ин пас аз муҳоҷирати порсиёниҳо ба Ҳинд намунаи матну китобҳои паҳлавӣ дар байни зардуштиёни Ҳинд низ интишор ёфт. Мутобиқи «Ривоёти порсӣ» нахустин ҷомеъаи зардуштиён дар соли 936-мелодӣ аз Эрон ба Ҳинд ҳиҷрат карда, дар соҳили иёлоти Гуҷарот дар маҳале, ки онро Санҷон ном ниҳодаанд, маскан ихтиёр кардаанд. Таърихномаи мухтасари ин ҷомеъаи зардуштиён дар достони «Қиссаи Санҷон» (Таълифи мӯбад Баҳман) иншо шудааст[6]. Он зардуштиёне, ки Эронро тарк накардаанд, дар Язду Кирмон ва деҳоти кӯҳистони он сукунат ихтиёр намуда, дастнависҳои зиёдеро аз матну китобҳои паҳлавӣ бо худ бурда, китобат намуда, матни «Авесто»-ро низ нусхабардорӣ кардаанд.

Намунаҳои осори фарҳангӣ ва мадании халқи тоҷик дар натиҷаи кашфиётҳои археологӣ - кашфиёти соли 1877 дар Қубодиён, ки бо номи «Хазонаи Амударё» маъруф аст, кашфиёти солҳои 1946-1948 дар Ҳисор, солҳои 1938-1951 дар Хоразм, кашфиёт дар қишлоқи Биянайман, Афросиёб, Тали Барзу (дар Самарқанд), кашфиётҳои А. Ю, Якубовский дар солҳои 1948-1952 дар Панҷакент ёфт шудаанд, бори дигар исбот менамоянд, ки тоҷикон аз қадимтарин мардумони бумии Осиёи Миёна буда, ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим соҳиби фарҳангу маданияти пешқадам будаанд. Дар ин бобат на танҳо дар сарчашмаҳои

---

[4] **Фирдавсӣ**. Шоҳнома ҷ. VIII, с. 115.

[5] *Ниг:* Додхудои Саймиддин. Ҳамон мақола. Адаб, 1992, №5, с.43.

[6] М. Бойс. Зороастрийцы. Верования и обычаи. Тарҷума аз англисӣ: И.М. Стеблин-Каменский. - М., 1987, с. 200.

хаттии дунёи қадим, ки то имрӯз маҳфуз мондаанд, балки дар натиҷаи бозёфтҳои бостоншиносон ва хабару маълумотҳои муаррихони антиқии Юнону Араб, Ҳинду Чин ва Эрону Осиёи Миёна маълумотҳои муфид дода шудаанд; инчунин ин масъала чи дар гузашта ва чи имрӯз дар мадди диққати адабиётшиносони тоинқилобию пасазинқилобии тоҷик қарор гирифтааст. Ҳарчанд мукаммал набошад ҳам, роҷеъ ба оғози адабиёти қадими тоҷик, марҳилаҳои асосии инкишофи он мо маълумотҳои аввалинро дар осори адабиётшиносии асрҳои миёна, осори адабии адибони классикии тоҷик пайдо мекунем. Аз рӯи маълумотҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Осор ул-боқия»-и Берунӣ, «Таърихи Табарӣ», «Таърихи Бухоро», «Форснома», маълумоти тазкираҳо ва асарои муаррихони Ғарбу Шарқ, пеш аз ҳама, Юнону Араб маълум мешавад, ки тоҷикон ҳанӯз то истилои араб соҳиби фарҳанги волою маданияти пешқадам будаанд ва аз охирҳои асри VIII ва аввалҳои асри VII пеш аз мелод намунаҳои осори хаттии онҳо ба вуҷуд омада будааст. Аз мундариҷаи китоби муқаддаси дини зардуштӣ «Авесто» маълум мегардад, ки то аҳди Ҳахоманишиҳо дар Осиёи Миёна гузаштагони тоҷикон қавмҳои ориёнажод, эронинасл зиндагӣ мекардаанд. Ҳоло дар натиҷаи кофтуков ва бозёфтҳои ҷудогонаи археологӣ ба дасти олимон матнҳои ба чандин забонҳои эронӣ навишташуда расидаанд, ки ин забонҳо дар давраҳои қадим ва аввали асри миёна дар Осиёи Миёна ва ноҳияҳои сарҳадии он паҳн шуда буданд. Онҳо забонҳои бохтарӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва хутану сакоӣ ва портӣ буданд, ки ба гурӯҳи забонҳои шарқиэронӣ дохил мешаванд; ҳарчанд забони портӣ ба гурӯҳи забонҳои ғарбиэронӣ мансуб бошад ҳам, дар зери таъсири забонҳои қадими Осиёи Миёна мансуб буд. Номи маҳалли сукунати қадимии онҳо дар китоби муқаддаси «Авесто» зикр ёфтааст. Номи он маҳалҳо ба номи ҳамин қавмҳои эрониёни шарқӣ вобастагӣ дорад. Масалан, Суғдиана, Хаворасмия, Бохтариана, Паркана, Чоч ва ғ.

**Забон, макон ва замони сукунати эрониёни шарқӣ**

Солҳои охир таърихи ташаккули халқи тоҷик ва макону пайдоиши забони тоҷикӣ аз масъалаҳои асосии илми таърихшиносӣ ва адабиётшиносӣ қарор гирифтааст.

Атрофи масъалаи мазкур чи дар шарқшиносии Ғарб ва чи Шарқ баҳсу талошҳои ҷудогонаи илмӣ ба миён омадаанд. Ин ҷо аз шарҳи муфассали ин баҳсу талошҳо худдорӣ намуда, ба фишурдаи андешаҳои Акбар Турсунов роҷеъ ба забони тоҷикӣ ва мавқеи ақвоми эрониасл (ориёӣ) асосан иктифоъ карданро ҷоиз донистем, ки ба фикри мо, хулосаҳои ӯ шоистаи дастгирист. Акбар Турсунов дар «Сарсухан»-и китоби Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ «Таърихи Табарӣ» ақвоми эронинаслро аз қадимтарин мардумони бумии Осиёи Миёна шуморида, сабаби аз водию шаҳрҳо рӯ ба кӯҳистон, кӯҳдоманҳо овардани сакоиҳо, масагетҳо, хоразмиҳо, портҳо, парканагиҳо, мудиёниҳоро ба ҳодисаҳои объективии таърихи халқҳое, ки дар баробари эрониёни шарқӣ дар Осиёи Миёна сукунат доштанд, вобаста донистааст. «Таърихи халқҳои эрониасл (ё ориёӣ) хеле пурпечутоб буда ва ҳар яке ба сари худ тасаввур карда, ҳарчанд ки онҳо ҳамеша дар як масоҳати бузург паҳлу ба паҳлуи якдигар зиста, аз ҷараёни таъсири мутақобил берун набудаанд. Хоразмиёнро гирем. Дар арзи ҳазорсолаи охира ба беху буми ин қавми эронӣ се маротиба табар зада шуд. Зарбаи аввалро истилогарони араб заданд»[7]. Ба андешаи Абӯрайҳони Берунӣ, ки дар «Осор ул-боқия ани-л қурун-л ҳолия» ном таълифоти таърихиаш овардааст, ба фармони яке аз сипаҳсолорони яғмогари араб Қутайба ибни Муслим зубдаи аҳли илму фарҳанги хоразмӣ иесту нобуд карда шуданд. Арабҳо на фақат шаҳру деҳоти Хоразмро толону тороҷ карданд, маъбадҳояшро ба харобазор табдил доданд, балки маҷусиён ва дабиронашонро куштанд ва ҳар китобу дастхатеро, ки диданд, оташ заданд. Дар интиҳои ин амри ваҳшиёна мардуми Хоразм аз хату савод ва умуман осори фарҳангӣ маҳрум монда, он чизеро ки донистану нигоҳ доштан лозим буд, фақат дар ёду хотираҳошон ҳифз карда тавонистанд[8].

Зарбаи дуюмро Чингиз ва вориси ӯ Темури Курагон зад. Темур ба сари хоразмиҳо шаш маротиба лашкар кашид, бори охир бо фармони ӯ пойтахти Хоразм шаҳри Урганҷ тамоман вай-

---

[7] *Ниг:* А. Турсунов. Сарсухан. Дар китоби Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ, ч. 1. Д., 1992, саҳ. 10.

[8] Абӯрайхон Берунӣ. Избранные произведения. т., 1. Ташкент, 1957, с. 48-63.

рон карда шуд. Мардумонашро ба Самарқанд кӯчонида, шаҳрро шудгор карда, чав кориданд.

Ниҳоят, зарбаи сеюм баъд аз «инқилоб»-и Бухоро насиби хоразмиён шуд, ки онҳо дар натиҷа дар баҳри аҳолии туркзабон ғарқ шуда, истиқлолияти сиёсӣ ва фарҳанги волояшонро, ки қарнҳо ҳифз карда омада буданд, ба тамом аз даст доданд[9]. Вале ин маънои онро надорад, ки хоразмиҳо то имрӯз суннатҳои бостонии ақвоми эрониро пос намедошта бошанд, ҳоло ҳам пос медоранд ва эҳтиром мекунанд.

Аз миёни қавмҳои эронние, ки дар ноҳияҳои шимолу шарқи Эрон аз қадимулайём сокин буданд, махсусан, суғдиён нуфузи бузурги фарҳангӣ доштанд. Дар Зарафшони қадима дар арзи қарнҳои III-VII фарҳанги шаҳрӣ рӯ ба тараққӣ ва такомул ниҳода буд (аҳди Сосониён дар назар дошта мешавад). Шоҳасарҳои ҳунари тасвирӣ ва шоҳкориҳои ҳунари меъморие, ки дар ин давра офарида шудаанд (нақшабандиҳои деворӣ ва дигар ёдгориҳои таърихии Панҷакентро ба ёд оред) далели он аст, ки тоҷикон аз қадимулайём то ин ҷониб дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ саҳм гирифтаанд. Ин нуктаро низ фаромӯш набояд кард, ки забони суғдӣ як вақтҳо дар сар то сари Осиёи Марказӣ ва Шарқи наздик забони муошırати байналмилалӣ буд. Алифбои суғдӣ, ки аслан оромиасос буд, дар пайдоиши хатти қавмҳои дигар замина гузоштааст. Тақвими суғдӣ то Чину Ҳинд рафта, ба ҷаҳонбинии мардумони он сарзамин таъсир расонида буд. Бо вуҷуди ин то имрӯз аз сабаби набудани маводи кофии таърихӣ ва методологияи нодурусти тадқиқ паҳлуҳои сарнавишти тоҷикон ва дигар халқҳои Эрони Шарқӣ ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Дар ҳудуди 100-150 соли охир масъалаи замон, макон ва забони тоҷикон ва дигар қавмҳо аз назари илмӣ баррасӣ шудааст. Дар натиҷа бисёр қазияҳо, фарзияҳо ва ҳукмҳое рӯи кор омаданд, ки аксари онҳо аз ғалбери милок ва меъёрҳои дақиқи илмӣ намегузаранд, вале бо вуҷуди ин дастраси хосу ом шудаанд. Ин фарзияҳо ва қазияҳои беасос, ба қавли А. Турсунов, инҳоянд:

---

[9] *Ниг:* **Акбар Турсунов.** Сарсухан. Дар кит. Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. саҳ. 10-12.

1. Этноними «тоҷик» аз номи тай (той ҳам гӯянд) ном як қабилаи сомӣ баромада омадааст. Аслан арабҳо тавассути ҳамин қабила (тай) дар арсаи таърих муаррифӣ шудаанд: «тозӣ», «тозик», «тоҷик» аввал номи арабҳо буд, сонӣ арабҳову эрониёни мусулмонро бо ин ном мешинохтанд; ниҳоят як худи эрониёни шарқиро (тоҷиконро) «тозик» унвон кардаанд.

2. Забони тоҷикӣ (порсии дарӣ) — зода ва парвардаи муҳити таърихию фарҳангии Ғарби Эрон — вилояти Форс буда, дар давраи истилои араб ба Шарқи Эрон, яъне Хуросону Мовароуннаҳр нуфуз кардааст (гӯё тавассути афсарҳои араб забони форсӣ аз ғарби Эрон ба Эрони Шарқӣ интиқол ёфтааст).

3. Эрониёни Шарқӣ (суғдиён, хоразмиҳо, бохтариён, сакоиҳо, масагетҳо, портиҳо ва дигарон) дар ташаккул ва такомули фарҳангу тамаддуни умумиэрониёни ғарбӣ камтар саҳм гирифтаанд: ҳар чӣ боиси рушду камоли фарҳанг дар ин диёр шуда, усулан аз ҷойҳои дигар — Юнон, Эрон, Ҳинду Чин интиқол ёфтаанд...

Ҳақ ба ҷониби Акбар Турсунов аст, ки ин қазияву фарзияҳоро аз ҷиҳати идеологӣ ғаразнок дониста, асоси устувори таърихӣ ва илмӣ надоштани онҳоро исбот кардааст. Нодурустии ин гуна ақидаҳои ғаразнок ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XIX дар асарҳои ховаршиносони рус дақиқ нишон дода шуда буд. Ховаршиноси рус Н.В. Ханыков дар тадқиқоти хеш «Андешаҳо роҷеъ ба тадқиқи мардуми Эрон»[10] (соли 1865 дар Париж ба забони франсавӣ тарҷума ва нашр шудааст) тоҷиконро халқе медонад, ки бештар аз дигар халқҳои эронӣ симои қадимаи ориёии худро нигоҳ доштаанд. Дар ҳамин тадқиқоти Н.В. Ханыков оид ба масъалаҳои пайдоиши номи тоҷик, қадимӣ будани он, ба қавмҳои сомӣ алоқаманд набудани он, сабабҳои дар Хуросону Мовароуннаҳр ба вуҷуд омадани арабҳо ва тоҷиконе, ки худро аз нажоди арабҳо меҳисобанд, маълумоти дақиқу мӯътамад овардааст. Ӯ дар асоси гуфтаҳои муаррихини юнонии томелодӣ Ҳеродот, Батлимус,

---

[10] *Ниг: Н.В.*Ханыков. Тозӣ ва тоҷик. — Чароғи рӯз. 1992, № 36, /57/ (Тарҷумаи Қодири Рустам. Аз кит: «Андешаҳо роҷеъ ба тадқиқи мардуми Эрон, Париж, 1985»).

КИТОБХОНА

Дионисқий Перигет, инчунин маълумоти Ҳаммер дар «Солномаи Вена», Ритер дар «Заминшиносии Осиё» такя намуда, ҳанӯз дар аҳди Ҳахоманишиҳо вуҷуд доштани калимаи тоҷикро таъкид намудааст. Зиёда аз ин навиштааст, ки «Қадимтарин зикри ин истилоҳро барои мо чиниён маҳфуз доштаанд. Ахбори мухталиф, ки мо гирд овардем, дар солномаҳои чинии солҳои 122 то эраи мо, сабт шудаанд. Бояд гуфт, ки дар манбаъҳои қадим (-и чинӣ -К. Р. тарҷумон) форсҳоро бештар на посе, балки таочжи номидаанд. Фақат баъдтар, вақте ки чиниён ба ноҳияҳои ғарбии кишвар ворид шуданд, мардуми бумиро (бидуни фарқ) посе ё таочжи номидан гирифтаанд, ки ин далели собит аст бар он ки замонҳои дур низ (чун рӯзҳои мо) истилоҳи тоҷик назар ба ғарбии империяи Эрон дар самти шарқии он интишори бештар дошт»[11]. Аз рӯи ин гузориш бармеояд, ки калимаи «тоҷик» ба «тозик» ва «тозӣ» ягон умумияте надорад, инчунин вожаҳои «тоҷ», «тоҷвар», «тоҷдор»-ро бо калимаҳои «тозӣ», «тоз» ва «тозиёна» ҳамаъно ҳисобидан низ беасос мебошад.

Лейтенант Вуд дар китоби «Сафар ба руди Омӯ» (с. 259-267) нақл кардааст, ки гӯё «Тоҷикон худ Арабистон ва навоҳии Бағдодро макони нахустини сукунати гузаштагонашон мешумормоанд»[12], пас афзудааст, ки вижаи «тоҷ» низ ба арабҳо ва қавми сомӣ вобаста бошад. Дар гуфтаҳои Вуд як нуқтаи муҳиме маҳфуз хаст. Ин ҳам бошад, муайян намудани пайдоиши арабии баъзе тоҷикони Мовароуннаҳр аст, ки ба охири асри VIII, давраи ҳукмронии Ҳаҷҷоҷ рост меояд. Таъқиби сахти Ҳаҷҷоҷ авлоди пайғамбарро дар Байнаннаҳрайн дар тӯли чоряки охири асри аввали ҳиҷрӣ маҷбур сохт, ки аз Кӯфа, Бағдод, Басра ва дигар мавзеъ ба Мовароуннаҳр ҳиҷрат кунанд. Дар силки сайидони машҳур Сайид Сулаймон, писари Абдуллои Ҳаддод низ буд. Ӯ дар Урганҷ маскун шуда ва дар он ҷо бо хоҳари Сайид Маҳмуд, мулаққаб ба Инҷири Фахвонӣ, ки дар Пирмастӣ наздикии Бухоро мадфун аст, издивоҷ кард. Аз ин никоҳ ду бародари дугоник, ки падарашон ба шарафи писарони Алӣ — Ҳасану

---

[11] Н. В. Ханыков. Андешаҳо роҷеъ ба таҳқиқи мардуми Эрон (тарҷумаи Қодири Рустам аз ҳамин китоб бо унвони «Тозӣ ва тоҷик». Чароғи рӯз. 1992, с. 5).

[12] *Ниг*: Тозӣ ва тоҷик. — Чароғи рӯз. 1992, № 36 /57/, сах. 5.

Ҳусейн ном гузошташон ва инчунин духтаре ба дунё омад. Ин духтар ба Сайиди бухорой ба шавҳар баромад ва писаре зоид бо ном Амиркулол, ки шохаи сайидони кулолӣ, ки дар Бухорову Вобканд хеле зиёданд, аз ӯ ибтидо доранд. Ҳасанро фарзанд набуд ва аммо Ҳусейн ду писар дошт. Писари калонӣ Ҷалол ба сайидони Кобулу Афғонистон ибтидо гузошт ва аммо авлоди писари хурдӣ Камол шохаи сайидони бухороиро ташкил доданд, ки бо номи сайидони ота низ аз авлоди пайғамбаранд, ки аз таъқиби Ҳаҷҷоҷ гурехта ба Мовароуннаҳр паноҳ бурдаанд. Ҳамаи ин шохаҳо бо тоҷикон, мардумони таҳҷой даромехтанд ва табиист, оилаҳое, ки бо муҳоҷирони машҳур риштаи хешӣ барқарор карда буданд, ба эҳтироми махсус сазовор гардиданд. Ин ҳол то ба имрӯз давом дорад[13]. Ҳамин тариқ ақидаи аз Бағдод будани аҷдоди тоҷикон тамоман беасос нест, вале ин ба гурӯҳи ками онҳо тааллуқ дорад ва чунон ки ишора шуд, гузаштагони тоҷикон дар ҳазорсолаҳои II ва I пеш аз мелод дар ҳудуди Хуросону Варазруд зиндагӣ ва эҷод намудаанд. Забони ҳамаи қавмҳои эрониасл, яъне Эрониёни Шарқӣ — суғдиҳо, бохтариҳо, хоразмӣ ва хутану сакой ба гурӯҳи забонҳои шарқиэронӣ дохил шуда, дар атрофи яке аз вилоятҳои Осиёи Миёна лаҳҷае мустаъмал буд (мумкин лаҳҷаи Балхиён бошад), ки асоси забони китоби муқаддаси оини зардуштӣ «Авесто» аз он фароҳам омадааст[14].

Ба гурӯҳи забонҳои эронӣ забони форсӣ (бо се марҳилаи маълуми тараққиёти худ: форсии қадим, форсии миёна ва форсии нав), тоҷикӣ, курдӣ, балуҷӣ ва дигар забонҳои ғарбиэронӣ, забонҳои афғонӣ (пашту), осетӣ, помирӣ ва як идда забону лаҳҷаҳои шарқиэронӣ дохил мешаванд. Забонҳои эронӣ ба гурӯҳи забонҳои ҳиндӣ ё худ ҳиндуориёй, ки ғайр аз забону лаҳҷаҳои мустаъмали имрӯза лаҳҷаи ведӣ, санскрит ва палии дар матнҳои қадима боқимондаро дар бар мегирад, алоқаи хеле наздик доранд. Ин аст, ки забонҳои эронӣ якҷоя бо забонҳои ҳиндуориёй шохаи ҳиндуэронӣ, ё худ ориёии оилаи забонҳои

---

[13] Ниг: В.Н. Ханыков. Тозй ва тоҷик. Тарҷумаи Қодири Рустам аз кит. Ханыков Н.В. Андешаҳо роҷеъ ба таҳқиқи мардуми Эрон. — Париж, 1965, дар Чароғи рӯз. 1992, № 56 (57). с.5.

[14] Гафуров Б.Г. Тоҷикон. к. 1. — Душанбе. Ирфон. 1983. саҳ. 38-45.

ҳиндуаврупоиро ташкил менамоянд[15]. Ба ин шоха ҳамчунин забонҳои славянӣ, германӣ, кельтӣ, романӣ, юнонӣ, арманӣ ва як қатор забонҳои дигар дохил мешаванд. Қаробати ҳамаи ин забонҳо, ки хусусан дар замони қадим ва қисман имрӯз ҳам дар бисёр бобатҳо мушоҳида мешавад, аз ҷиҳати асли пайдоиши худ ба як оила тааллуқ доштани онҳоро нишон медиҳад. Наздикӣ ва ягонагии аҷдоди қабилаҳои гуногуни эронии қадим аз номи умумии онҳо «оре» низ пайдост. Ин ном чи дар матнҳои қадимаи эронӣ ва ҳиндӣ ва чи дар сарчашмаҳои дигар ба таври васеъ кор фармуда шудааст. «Эронӣ»-и имрӯза ҳам аз ҳамин ном, яъне аз шакли қадимаи «Арянам» («Кишвари ориёно») ба вуҷуд омадааст. Калимаи ҳиндии «Ариаварто» («Кишвари Ориёно») — Ҳиндустони Шимолӣ ё як қисми он бо маркази наҳрҳои Ҷамна ва Ганга (яъне аз қадимтарин марказҳои Ҳиндустон), истилоҳи авестоии «Аирянам вайҷаҳ» («Паҳнои Ориёно») — диёри афсонавии эрониён; номи як қатор қабила ва гурӯҳҳои қабилавии эронӣ, қабилаи миддии аризонтҳо (айнан «қабилаи эрониён»), қабилаи сармати орӣ, иттиҳодияи қабилавии аллонҳо (номи аслии осетинҳо дар хамосаи қадимаи онҳо, ки аз калимаи эронии орёно аст)[16] ва амсоли онҳо низ ба ҳамин ном нисбат пайдо кардаанд. Аз ин андешаҳо бармеояд, ки калимаи ориё ва ориёӣ хеле қадима буда, вай дар сарчашмаҳои хаттии ҳиндӣ, махсусан Маҳабарата ёдовар мешавад, ки ин ба ҳазорсолаи I пеш аз мелод рост меояд. Калимаи «ориё» дар луғат ба маънои наҷиб, озод, нажоди пок, олимақом, ҳимматбаланд, покзода, асилзода омадааст. Баъдтар ба ин вожа маъноҳои дарёдил, адолатпарвар илова шудааст. Сабаб ин аст, ки ориёиҳо дар хазорсолаи III ва II пеш аз мелод дар ҳудуди Днепр то ба кӯҳҳои Урал, Муғулистону Чин ва Ҳинд дар болои қавму қабилаҳои дигар ҳукумат доштаанд. Ватандору тоҷдор ва мардумони таҳҷоиву бумӣ буданд. Калимаи «тоҷик», ки дар боло оиди пайдоиши он сухан рафт, аз ҳамин калимаи ориён ба вуҷуд омадааст ва ҳаммаъно мебошад.

Дар бораи муносибати калимаи «ориён» ба миллати имрӯзаи тоҷик ривояте аз китоби Ҳеродот «Таърих» низ хабар

[15] Ҳамон асар. саҳ. 39.

[16] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. к. 1, саҳ. 44-45.

медиҳад. Ҳеродот бо авлоди қабилаҳои сакой, ки гузаштагони тоҷиконанд, аз наздик ошноӣ доштааст. Бино ба гуфтаи ӯ, сакоиҳо худро аз авлоди худоён меҳисобидаанд, худои аввалини онҳо офтоб аст ва онҳо худро писарони худои офтоб медонанд.

Дар «Авесто» ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ таъкид шудааст, ки Каюмарс (дар «Авесто» Гаюмарс ё Гайя Маритон) аввалин подшоҳ буда, авлоди дигар одамон аз ӯст ва худи ӯ аз нажоди ориён аст, ки подшоҳиашон аввал оғоз ёфтааст. Ҳамин тавр, калимаи тоҷик низ маънои ориёро дорад, ки тоҷдорон буданд. Ин маънoро боз аз он пайдо кардан мумкин аст, ки тоҷикон аз Каюмарс аз ибтидои таърих то Каёниён, Пешдодиён, Кӯшониён, Ашкониён, Сосониён, баъди асри VIII Тоҳириҳо, Саффориҳо, Сомониҳо, хулоса то истилои русҳо соҳиби давлат буданд. Ҳатто дар аҳди Султон Маҳмуд, Муҳаммади Хоразмшоҳ, давлати муғул, темуриҳо, шайбониҳо, аштархониҳо, манғитиҳо рукнҳои асосии дафтари дарбор дар дасти тоҷикон буданд.

Ғайр аз ин ба масъалаи дигаре, ки тоҷиконро туркзода ва ё аз нажоди туркҳо мешуморанд, ин ҷо рӯшанӣ андохтан зарур аст. Дар боло таъкид намудем, ки тоҷикон мансуб ба қабилаҳои қадимаи шарқиэронӣ маҳсуб мешавад, бинобар ин калимаи тоҷик аз туркӣ пайдо нашудааст. Зеро вақте ки ориёиҳо дар ин сазамини паҳно «Аирянам вайчаҳ» иқомат доштанд, қабилаҳои туркнажод дар кишварҳои дигар (Муғулистон, Сибир, Шарқи Дур, Олтой) мезистанд. Эрони Шарқӣ — Хуросони бузург то Чин ва Эрони Ғарбӣ – мулки Форс ватани ориёиҳову ориёинажод қарор гирифта буд. Ба ин сарзамин мардуми кӯчманчии туркнажод тақрибан асрҳои IV-и пеш аз мелод ворид шудаанд. Вақте ки бори аввал ба ин сарзамин меоянд, бо сакоиҳо — авлодони аввалини тоҷикон вомехӯранд, онҳоро бум, бумӣ ва муқимӣ меноманд: Ин маънии онро дорад, ки тоҷикон то истилои араб дар ин сарзамин заминдор ва давлатдор буданд. Аз далелҳо маълум мешавад, ки тоҷикон на ба арабҳо ва на ба туркнажодҳо ягон муносибате надоранд, бинобар ақидаи Бартолд ва мусаннифи «Ғиёс-уллуғот», ки «Тоҷик авлоди араб, ки дар Аҷам бузург шуда бошанд ва аксари эшон савдогар бошанд»[17], хатост. Онҳое, ки тоҷиконро туркзода меноманд, умуман асос надоранд. Дар «Авесто» ва

«Бунда Ҳишна» омадааст, ки дар ҳазорсолаҳои VI пеш аз мелод дар Варазруд, Эрони ғарбӣ — мулки Форс қабилаҳои тоҷикон зиндагӣ мекарданд; онҳо ба чорводорӣ, зироаткорӣ, боғдорӣ, деҳқонӣ, ҳунармандӣ машғул буданд.

Дар асрҳои VII ва VI пеш аз мелод, чунон ки тазаккур ёфт, сар то сари Осиёи Миёнаро комилан халқиятҳои эронӣ — бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо, гурӯҳҳои сакоӣ ва ғайра ишғол мекарданд. Дар асоси ин халқиятҳо ва қабл аз ҳама бохтариҳо ва суғдиҳо дар марҳилаи аввали асри миёна халқи тоҷик ташаккул ёфт. То ҳамин давра тоифаҳои зироаткори эронӣ кайҳо дар маҳалҳои муайян маскан гирифта, вилоятҳои ҳамноми худро, чунончи бохтариҳо — Бохтарро, суғдиҳо-Суғдро, хоразмиҳо — Хоразмро, марғиёниҳо — Марғиёнро, ориҳо — Ориёнро (ки қад-қади рӯди Ҳарӣ — сарзамини кунунии Афғонистонро дар бар гирифта, марказаш Ҳирот буд), портиҳо — Портро, ки қисмати шимолии он дар хоки Туркманистони Ҷанубӣ ва қисмати ҷанубиаш дар ноҳияҳои сарҳадии Эрон воқеъ гардида буд, ба вуҷуд оварданд. Тараққиёти қабилаҳои бодиянишини эронӣ, аз ҷумла сакоиҳо, чунонки маводҳои археологӣ шаҳодат медиҳанд, ҳамчунин ба давраи то асри VI пеш аз мелоди таърихи Осиёи Миёна алоқаманд аст.[18] Матнҳои «Авесто», ки қадимтарин қисматҳои он дар Осиёи Миёнаи асрҳои аввалини ҳазораи I пеш аз мелод ба вуҷуд омадааст, хеле барвақттар дар Осиёи Миёна иқомат доштани тоифаҳои эрониро тасдиқ менамояд. Дар ин осори қадима вилоятҳои онвақтаи Осиёи Миёна, инчунин баъзе ноҳияҳои ҳамҳудуди онҳо аз ҷумла Суғд, Марғиён, Хоразм, Ориё ва ғайра зикр ёфтаанд. «Авесто» ҳамчунин хотиротеро аз кишвари нимафсонавии Аирянам вайҷаҳ («Фарохнои Ориёно»), маҳалли қадимаи сукунати тоифаҳои эронӣ (ё умуман ориёӣ) дар худ маҳфуз доштааст. Як зумра донишмандон — И. Маркварт, Э. Бенвенист, А. Кристенсен, С.П. Толстов ин кишвари нимафсонавиро Хоразм донистаанд. Аммо Хоразм дар «Авесто» бо номи худ зикр шудааст, бинобар ин дар ин ҷо на Хоразм, балки

---

[17] **Муҳаммад Ғиёсиддин.** Ғиёс-ул-луғот, ч. I. — Душанбе: Адиб, 1987, саҳ. 117.

[18] **Ғафуров Б. Ғ.** Ҳамон асар, с. 51.

сарзамини пахновари Осиёи Миёна ва вилоятҳои ҳамҳудуди шимолии онро дар назар доштан мувофиқи мақсад мебошад ва ин ба ҳақиқат наздиктар аст.

Қавмҳои эронӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна аз замонҳои қадим давлатҳои қабилавӣ ва иттиҳодияҳои давлатии халқҳои эрониёни шарқиро ташкил кардаанд. Дар асоси ҳаёти муқимӣ аввал деҳаҳо ва баъд қалъаву шаҳристон ва шаҳрҳо пайдо шудаанд, ки қадимтарини онҳо Мароқанд (Самарқанд), Иструшана — Истаравшан (Уротеппа), Багдо (Балх), Миру (Марв), Бухоро, Нисоим, Шумон, Александрия — Эсхата (Хуҷанд — Ленинобод) ва гайра буданд.

Дар бораи ин давлатҳои Осиёи Миёна дар «Авесто» ишораҳо рафтааст. Ин гуна давлатҳо дар «Авесто» «дахйусасти» — «ҳокимият бар ноҳияҳо» номида шудааст. Дар сарчашмаҳои таърихии қадим оиди ин давлатҳои нахустин маълумотҳои хеле кам ва дар бисёр мавридҳо нодурустеро дучор омадан мумкин аст. Яке аз ин давлатҳо «Хоразми Бузург» мебошад. Дар бораи мавқеъи географии ин давлати нахустин Ҳеродот, муаллифи юнонӣ Геготеи Милетӣ, И. Маркварт, Гекотей маълумотҳои гуногун додаанд. Хулоса, маркази иттиҳодияи давлатии қабилаҳои шарқиэронӣ «Хоразми Бузург» — Хоразми имрӯза набуда, ҷанубтар дар ноҳияи Марву Ҳирот мавҷуд будааст. Дар ин бобат И. Маркварт назарияе пеш ронд, ки «Аирянам ф Ваеҷаҳ», ки аслан маънои лугавиаш «Фарохнои Ориёно» аст, бо ҳамин «Хоразми Бузург» айният дорад. Дар бораи он иттилоъ дода мешавад, ки он наздики дарёи Доцйа (зоҳиран дарёи Аму) воқеъ аст ва зимистон ин ҷо даҳ моҳ тӯл мекашад[19]. Забоншинос Б. Б. Ҳенинг забони «Авесто»-ро бо забони хоразмӣ муқоиса намуда, таъкид мекунад, ки ду лаҳҷаи асосии «Авесто» на ба забони гарбиэрониҳо ва на ба забони шарқиэрониҳо монандӣ надорад, бинобар таъкид менамояд Б. Б. Ҳенинг, мавқеи мобайниро ишгол мекунад. Пешниҳоди ӯ ин аст, ки қадимтарини қисматҳои «Авесто» — «Готҳо» дар мавзеи Марву Ҳирот ва матнҳои бадеии авестоӣ аксаран дар Систон офарида шудаанд. Ин гуфтаҳо ба мо асос медиҳанд, ки ба мавҷудияти давлати «Хоразми Бузург»

---

[19] **Гафуров Б. Г.** Тоҷикон, ч. 1. саҳ. 77-78.

ҳовар намоем. Давлати дуюми бузурги қадим салтанати Бохтари Қадим аст. Дар ин бобат низ Ҳеродот, Диодор, Ктесий, В. Гейгер маълумотҳои гуногун додаанд. Аз маълумотҳо маълум мешавад, ки давлати Бохтари Қадим соҳиби шаҳрҳои калон, аҳолии зиёд будааст, пойтахти ин давлат шаҳри Бохтар соҳиби истеҳкомҳои зиёд ва хазинаи фаровон будааст. Бохтар бо давлатҳои Бобул, Миср алоқаҳои тиҷоратӣ дошта, аз ҷиҳати тавоноӣ аз ноҳияҳои ҳамсоя болотар будааст[20]. Тахмин меравад, ки ба ҳайати мулки Бохтар Марғиён ва Суғд низ дохил мешуданд. Шӯҳрати боигариҳои табиии Бохтар берун аз ҳудуди он то Осиёи Наздик расида буд. Махсусан., лоҷуварди бадахшонӣ баҳои баланде дошт. Дар минтақаҳои заминдори Осиёи Миёна, ба ғайр аз хоразмиҳо (хорасмиҳо) ва бохтариҳо, суғдиён, фарғониён, марғиён, портҳо низ мезистанд: суғдиён дар водии дарёҳои Зарафшон ва Қашқадарё, фарғониён дар водии Фарғона, марғиён дар воҳаи Марв, портҳо дар тарафи кӯҳҳои Купетдоғ умр ба сар мебурданд. Сакоиҳо ва масагетҳо дар водиву кӯҳҳо мезистанд ва ҳаёти бодиягардӣ доштанд. Як гурӯҳи ситояндаи Хаума (онҳоро сакоиҳои хумаварга), гурӯҳи дигарро сакоиҳои тиграхуд (кулоҳпӯш) меноманд, ки ба Хоразм марбут буданд. Дар асоси ҳаёти моддӣ ва иҷтимоии онҳо ҷаҳонбинии динӣ, маданӣ, санъат ва адабиёт ба вуҷуд омадааст.

**Ҳаёти маданӣ, санъат ва архитектураи эрониёни шаркӣ**

Аз замонҳои хеле қадим забони аҳолии Осиёи Миёна аз шева, лаҳҷа ва забонҳои гуногуни нажоди эронӣ иборат буд ва он дар илм забони форсии қадим ном дорад. Чи тавре ки таърихнависи Юнони қадим Страбон ба ҳам монанд будани забонҳои Эрони ғарбӣ — мидиён, забони эрониёни шарқӣ — суғдиён, бохтариён ва ховарасмияро қайд кардааст, ҳамон тавр сайёҳи дар асрҳои II-I пеш аз мелод гузаштаи Хитой Сима Цян низ хабар додааст, ки аҳолии кишвари сарҳади Хитой аз Паркана (Фарғона) то Парфия ба забони ба ҳама фаҳмо гуфтугӯ мекунанд, ки он забони эрониёни шарқӣ ё забони бобоёни тоҷикон буд. Чунонки дар боло зикр шуд, ҳанӯз

[20] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон, ч. 1. саҳ. 49-50.

дар ҳазораҳои II-I пеш аз мелод баъзе забонҳои эрониёни шарқӣ, мисли суғдӣ ва хоразмӣ ба дараҷаи забони байналмилалӣ расида буданд. Ғайр аз ин, дар гузашта,баробари забони эрониёни шарқӣ, ки забони умумии халқҳои ориёӣ буд, дар доираи давлатӣ забони халқҳои дигар (масалан, дар давлати Юнону Бохтар забони юнонӣ) низ дар расмият буданд. Тадриҷан пас аз кӯчида омадан ва истилои туркҳои кӯчманчӣ (аз Сибир, Муғулистон, Олтой) дар Осиёи Миёна, дар байни қабилаҳои эрониёни шарқӣ забони туркӣ низ паҳн шудан гирифт. Дар натиҷаи муносибатҳои иқтисодию маданӣ аз қадим алоқаи забонҳои эронӣ ва туркӣ пайдо шудааст, вале таъсири забони эронӣ ба туркӣ хеле зиёд аст, ки имрӯз низ ин таъсирро дар таркиби луғавии гурӯҳи забонҳои туркӣ мушоҳида мекунем.

Аз замони ҳукмронии Ҳахоманишиҳои Эрон (асрҳои V—IV пеш аз мелод) дар сарзамини Осиёи Миёна ва Эрони ғарбӣ хати орамӣ ҷорӣ шуд. Дар вақти истилои Искандари Мақдунӣ хати юнонӣ ҳам ба Осиёи Миёна ба расмият даромад. Ғайр аз ин, то хати орамию юнонӣ дар доираҳои давлатӣ хати меҳӣ истифода мешуд. Минбаъд дар асоси хати орамӣ хати суғдӣ, хоразмӣ, авестоӣ, кӯшонӣ ва дар асоси хати суғдӣ хати ӯйғурӣ ва ғайра пайдо шудааст. Намунаи қадимаи хати суғдӣ аз теппаи Талу Барзу (Самарқанд), Турфон (Туркистони Шарқӣ), кӯҳи Муғ (сарғаҳи Зарафшон) ва ҷойҳои дигар ёфт шудааст. Ба ҳамин тариқ, хатҳои эрониёни шарқӣ — тоҷикон ҳанӯз ҳазорсолаҳои II-I пеш аз мелод ихтироъ шудааст, ки ин далел ба маданияти қадимаи ин халқ гувоҳ аст.

Донишҳои қадимии эрониёни шарқӣ — тоҷикон ба муваффақиятҳои хоҷагӣ ва ҳаёти маданиии онҳо алоқаи зич дошт. Масалан, бино кардани иморатҳо, қасрҳо, ибодатхонаҳо, мисли сохта шудани «Оромгоҳи Мавсол» дар мулки Қария аз ҷониби Мавсол ва зани ӯ малика Артемисия, мувофиқи маълумоти Страбон, Диодор, Китесий, дар аҳди ҳукмронии давлати бузурги Ҳахонманишӣ ва шоҳи он Дорои I ба вуҷуд омадааст. Оромгоҳи Мавсол дар тӯли чандин солҳо бо заҳмати зиёде сохта шуда буд. Сохтани ин ёдгории таърихиро аввал худи Мавсол ва пас аз вафоти ӯ зани соҳибҷамолаш Артемисия давом додааст.

Оромгоҳ аҳроми зинадоре буд, ки тарҳи басо ғайриоддӣ дошта, аз мармари сафед бино кардаанд. Аҳроми бузургу мӯҳташамро аз мобайн бурида, дар болои он иморати баланду бошукӯҳи росткунҷаеро устувор кардаанд ва дар болои он аспу аробаи дучархае мунаққаш карда шуда буд. Яке аз намунаҳои барҷастаи санъати меъмории дунёи қадим ин биношавии шаҳри Бобул ва Манораи Этеменанки аст, ки то имрӯз ҳамчун мӯъҷизаи санъати архитектурии дунёи қадим диққати оламиёнро ба худ мекашад. Ин ҷо мехоҳем дар бораи мӯъҷизаҳои Бобул муфассал маълумот диҳем. Шоҳи пири Ошӯр (Ассурия) Ассурбанипал дар бистари марг рӯзҳои вопасинии умрашро мешумурд, ки ба кишвари тавоною мағлубнопазири ӯ мидиҳо ҳуҷум оварданд. Сарвари ҷанговарони шуҷоъ яке аз бунёдгузорони сулолаи мидиҳо Киаксар буд. Мувофиқи маълумоти Ҳеродот дар «Таърих», «Ӯ, яъне Киаксар, лашкари пайваста амалкунанда орост, онҳоро ба дастаҳои найзадорон, тирандозон ва савораҳо ҷудо намуд ва санъати ҷангии зайли барқ ҳамла оварданро ба кишвари душман омӯзонд». Мидиҳо асли хешро ориёӣ шуморида замонҳоеро ёдрас менамуданд, ки ба ҷумлаи ҳамнасабон дар диёри нимафсонавии ориёиҳо — «Аирянам ваеҷаҳ» андар соҳили дарёҳои Оксус (Ому) ва Яксарт (Сир) иқомат доштанд. Дар «Авесто» аз маҳали сукунати мидиҳо дар боби аввали «Вандедот» маълумот дода шудааст. «Ориёиҳо дар беҳтарин кишвар ва мамлакатҳои офаридаи Аҳурамаздо»иқомат варзидаанд. Душмани ориёиҳо ҳомии нерӯҳои шарру бадӣ Ангро-Майню осоиши ин қабилаҳоро барҳам зада, онҳоро гирифтори ноқомиҳо мекард. Ориёиҳо аз ғояти сармо ва хунукиҳои шадид водор мешаванд, ки «Аирйанам ваеҷаҳ»-и беамсолро тарк бикунанд, дар саргаҳи «Гава, макони сугдиён», «Моуруи (ноҳияи Марв) тавоно ва ростипараст», «Баҳди (Бохтар) зебо бо дирафшҳои афрошта», «Нисаиа, ки байни Моуру ва Балх воқест», «Ҳарайва (Ҳирот) ва ноҳияҳои дигар то мавзеи Ҳинд», кишвари гургониён ва Роғ (шимоли шарқии Мидия) паҳн шуда, тамоми ноҳияҳои асосии Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эрони Шимолии Шарқиро фаро бигиранд. Пас аз ҳуҷуми мидиҳо ба кишвари Ашӯр, лашкаркаши ашӯрӣ Набопаласар бо мидиҳо сулҳ мекунад, сипас писари шоҳи

Бобулӣ (давлати Ашӯр) шоҳзода Навуҳудоносор бо духтари шоҳи мидӣ Киаксар — Амухеан соли 614 пеш аз мелод ақди никоҳ мебандад. Шоҳдухтари мидӣ Амухеан аз хурдӣ орзуи дидани шаҳри афсонавии Бобулро дар дил мепарварид. Манзараи Бобул аз рӯи қасри шоҳ ба тарики зайл чилвагар мешуд: «Чаҳор тарафи Бобулро то ҳудуди чашмрас се қабат девори баланду мустаҳкаме (баландиаш 30 м.) иҳота мекард. Дар болои девори васеъ, ки аробаи чаҳорасла бемалол мегунчиданд, андар фосилаи тиррас бурҷҳои баланд ва чаҳоркунҷаи дидбонӣ устувор буданд. Манора шаш бурҷ ва дар чор самти шаҳр ҳашт дарвозаи бузургу вазнини фулузӣ дошт. Дарвозаи Иштар дарвозаи бузургу маркази Бобул ҳисоб мешуд. Пас аз ин хиёбони марказии шаҳр — хиёбони Тантана оғоз мешуд. Дар рӯи дарвозаи Иштар тимсоли қариб шашсад махлуқҳои афсонавию воқеӣ ва худоёну оилаҳои Бобул тасвир шуда буданд. Манораи Эстеменанки (ки маънои нардбони миёни замину осмонро дошт) чанд аср муқаддам бо сарварии меъмор Араддаҳеш бунёд шуда, аҳромҳои мураббаъасосу серзина ва бисёрқабатаро ба ёд меовард. Ҳар як тарафи асоси пойдевори баробарпаҳлӯ 91,5 см дарозӣ дошт, ғафсии деворҳои он ба 15 м мерасид. Ин манораи бузургу мӯҳташам аз ҳафт қабат иборат буда, дар ҳар иморати он, мувофиқи шаҳодати муаррихон, 85 миллион хишти хом сарф шудааст. Сатҳи девори манора ба хишти пухта ва масолеҳи мухталифи обногузар пардоз ёфта буд. Давродаври манора бо зинаҳои печони нишебрӯ устувор буд, ки тавассути он ба ҳафт қабати манора мебаромаданд. Ба ақидаи Ҳеродот, ки худ ба зиёрати манораи Этименанки мушарраф шуда буд, дар нимаи роҳи зинаҳои печон барои дамгирӣ курсиҳо сохта буданд. Дар қабати ҳафтум нақши тиллокории мӯҳташами Мардуки Олитабор – сарвари ҷумла худоёни Бобул сар афрошта буд. Қабати нахустин бо мармари сиёҳ, қабати дуюм ранги ҷазоби сиёҳ дошт, қабатҳои дигар аз мармари сафед, арғувонии баланд, нуқра, тиллои холис оро дода шуда буданд[21].

Пас аз вафоти шоҳи Бобул ба тахт шоҳзода Навхудоносор нишаст, бинои мӯъҷизаи дигари нотакрори Бобул «Боғи муаллақ»,

[21] *Ниг:* Барот Абдурахмон. Боги муаллак. — Илм ва Ҳаёт, 1989, №8, с. 18-21.

ки барои малика Амухеан созонда шудааст, огоз ёфт. Мувофиқи ахбороти Ҳеродот ва муаррихи бобулӣ Берос, ки дар асри III то мелод зистааст, ин боғ дар шафати қасри Навуходоносор, дар болои кӯҳтеппаи сунъие, ки аз санг чида буданд,бунёд мегардад. Ҳазорон ғулом аз соҳили руди Фурот харсангҳои хурду бузургро кашонида, тарҳи хомакии кӯҳтеппаро меофаранд, ки ба қавли муаррихи юнонӣ Диодор, он сатҳи чоркунҷаи нишебрӯ дошта, баландиаш қариб ба 130 м. ва масоҳати умумиаш ба 15 ҳазор метри мураббаъ мерасид. «Боғи муаллақ» болои чор қабат айвонҳои бузурги зинаосо, ки аз девораи кӯҳтеппа сар шуда, аз пешрӯ ба силсилаи сутунҳои мустаҳкам такя дошт (баландии сутунҳо тақрибан 27 м), бунёд гардид. Ҳунармандону меъморон болои айвонҳоро бо тахтасангҳои мусаттаҳи яклухт пӯшонида, аз рӯи он як қабат қиру маводи обногузар кашиданд. Сипас ду қабат хишти пухта чида, ба рӯяш гаҷ ловиданд ва аз болои хишту гаҷ барои нигоҳ доштани обу намӣ як қабат тахтасурб (қӯрғошим) кашиданд. Дар болои ин ҳама аз гирду атроф хоки замини ҳосилхезеро рехтанд, дар натиҷа боғи сабзи зебову дилфиребе ба вуҷуд омад, ки ватани Амухеан – соҳилҳои дарёи Сиру Омуро ба хотир меовард...[22]

«Оромгоҳи Мавсол», «Манораи Этеменанки», нақши тиллокории Мардуки Олитабори бобулӣ, нақшҳои дарвозаи фулузии Иштар, бино кардани «Боғи муаллақ» дар доманаи кӯҳ бо он мӯҳташамию бузургӣ ва ғ., ихтирои шиша, қӯрғошим, тилло, сафарҳои дурударози тиҷоратӣ бе истифодаи киштиҳо, донистани обу ҳаво, тараққии ҳунармандӣ, тартиб додани тақвим (тақвими суғдӣ) бе донишҳои илмӣ муяссар намегардид. Дар ин бора ҳатто ба мифи Ҷамшед ишораҳое ҳаст, ки аз рӯи нақшаҳои панҷоҳсола илму дониш ва корҳои хоҷагиро тараққӣ додаанд. Ҳамаи инҳо илмҳои риёзиёт, ҳисоб, ҳандаса, тиб, химия, физика, ҳайат, нуҷум, ҷуғрофия, геодезия ва ғ.-ро талаб мекард. Масалан, ақидаи сайёрапарастӣ ва тақдири худро аз фалак донистан илми ситорашиносӣ-нуҷумро ҳам пайдо намудааст, ки бештар ба илми ҳайат омехта буд. Мавҷудияти тақвим (календари Суғд)

[22] Барот Абдурахмонов. Боғи муаллақ, саҳ. 201-21.

нишон медиҳад, ки илми астрономия вуҷуд доштааст. Ҳанӯз дар замонҳои хеле қадим дар аҳди давлати Ҳахоманишӣ (асрҳои V-IV пеш аз мелод) ба истилоҳ тақвими хурдавестоӣ ҷорӣ шуда буд. Ин тақвим аслан ба тақвими шамсии Миср, ки ҳар сол аз 12 моҳи сирӯзӣ ва панҷрӯзӣ илова фароҳам меомад, шабоҳат дошт. Моҳ ва рӯзҳои ин тақвим ба номи худоён ва шахсони асотирии мансуб ба оини зардуштии «Хурд — Авесто», ки дар «Готҳо» зикр гардидаанд, инчунин бо номи дагари худоёни эронӣ (аз ҷумла ононе, ки Зардушт яқинан мункир шудааст) тасмия ёфтаанд. Ин тақвим дар байни мардуми эронинажод ба таври васеъ паҳн гардида буд. Ёдгориҳои хаттии марбут ба Суғд, Хоразм ва Порт дар замонҳои қадим ва ибтидои асри миёна дар сарзамини Осиёи Миёна мустаъмал будани онро шаҳодат медиҳанд. Тақвими форсии миёна ва тақвими аз он баромадани форсии нав дар заминаи ҳамин тақвим ба вуҷуд омадааст (номи моҳҳои тақвими шамсии имрӯзаи Эрон аз номи худоёни «Хурд — Авесто» гирифта шудааст). Номи моҳҳои тақвими қадима дар ёдгориҳои хаттии баъзе дигар кишварҳои Осиёи Наздик, аз ҷумла дар Арманистон низ дучор меояд.

Дар борам илмҳои қадимӣ, асарҳои илмӣ ва олимони соҳаҳои гуногун, ки ҳамаи онҳоро истилои араб хароб кардааст, Абӯрайҳони Берунӣ дар «Ал-осор-ул-боқия ва иннал-қурун-ил-ҳолия» маълумоти муфассале додааст. Натиҷаи хуби кофтуковҳои археологии зиёде, ки дар шаҳрҳои Осиёи Миёна гузаронида шудаанд, аз илми хеле баланди меъморӣ ва санъати волои заргарии дунёи қадим хабар медиҳад. Пайдоиши «мӯҳри сангӣ бо тасвири подшоҳ ё худоёни камондардаст», маснӯоти фулузӣ, оҳанобкунии суғдӣ аз ҳарфриёти Афросиёб, аз ҳарфиёти Балх, Қубодиён, Самарқанду·Марв ва Вахш маълум мешавад, ки ҳанӯз дар асрҳои VII-V пеш аз мелод гузаштагони мо аз пайконҳои биринҷӣ, маснуоти оҳанӣ, аз қабили сӯзан, корд истифода мебурданд. Бошандагони ин сарзамин ба кулолӣ, бофандагӣ, боғдорӣ, инчунин олотсозӣ, биринҷгудозӣ низ машғул будаанд. Бозёфтҳои археологии солҳои охир бо номи «Дафинаи Амударё» миқдори зиёди асбобҳои заргарии асосан аз симу зар сохташуда, пулҳои тилло ва нуқра аз тараққиёти пешаи

санъатварӣ дар Бохтар хабар медиҳанд. «Дафинаи Амударё»-ро соли 1877 тоҷирони бухорой аз бошандагони Қубодиён харида ба Ҳиндустон бурдаанд, ки баъдҳо ба дасти олимон расид. Инчунин дар байни асбобҳои заргарии «Дафинаи Амударё» аробаи дучархаи ҷангии тиллоӣ, ҳайкалчаи нуқрагини одам, бозубанди тилло, ки нӯгҳои он ба мисли сари буз зиннат дода шудааст, муҷассамаи тиллоии гавазн, сафҳаи тиллоие, ки дар рӯи он сурати барҷастаи одам кашида шуда, либос ва тамоми аслиҳаҷоти ӯ бо ҷузъиёташ тасвир ёфтааст, аз баландии санъати ҳайкалтарошӣ, кандакорӣ, рассомӣ, тасвирӣ, хаттотӣ, заргарии дунёи қадим далолат мекунанд[21]. Имрӯз ин осори санъати гузаштагони мо дар музейҳои ватанӣ ва ҷаҳон маҳфузанд ва чуноне ки қаблан зикр кардем, қисми зиёди он бар асари истилои араб нобуд гардидааст.

**Ақидаҳои иҷтимоӣ, динӣ ва фалсафии дунёи қадим.**

Таърихи ҷамъият, маданият ва афкори фалсафии халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон ҳеле дуру дароз аст. Таърихи дар илм сабтнашудаи ин халқҳо дар китоби асотир (мифология) ва таърихи қавмҳои эронӣ, аз он ҷумла тоҷикон, «Худойнома» ва «Шоҳнома» акс ёфтааст. Осиёи Миёна ва Эрон дар замонҳои қадим дорои давлатҳои сохти ғуломдорӣ ва феодалӣ буданд. Ин кишвар дар он замон дорои хоҷагии бойи зироатӣ, ҳунармандӣ, тиҷоратӣ буда, дар Шарқ бо мамлакатҳои Хитой, Ҳиндустон ва дар Ғарб бо давлати Бобул, Рум ва Миср алоқаи иқтисодӣ ва фарҳангӣ доштаанд. Асарҳои бисёри илмӣ ва адабие, ки аз халқҳои мо боқӣ мондаанд, аз тараққии илму фарҳанги халқҳои ин сарзамин гувоҳӣ медиҳанд. Дар Эрони сосонӣ вуҷуд доштани анҷумани дониш (академия), инкишофи илмҳои гуногун, мавҷудияти китобхонаҳои бой, тарҷумаи асарҳои юнонӣ, суриягӣ, ҳиндӣ ва ғайра, аз ҳар гӯшаву канор дар

---

[21] Гафуров Б. Г. Тоҷикон, к. 1. саҳ. 103-105; Бартольд В. В. К истории орошение Туркистана, соч. Т. III. — М.: 1965, стр. 15; Дьяконов М. М. У истоков древней культуры Таджикистана. Сталинабад. 1956, стр. стр. 203-264; Дьяконов М. М. Росписи Пянджикента и живопись Средней Азии — «Живопись древнего Таджикистана. сб. Статей. М.: 1954 стр. 269; Толстов А. П. По следам древнехорезмской цивилизации М. — Л.:. 1948; Бартольд В. В. Таджики, соч т. II. ч. 1. М.:. 1963, стр 143-146.

Эрон ва Осиёи Миёна ҷамъ омадани олимон ба инкишофи илмҳои дунявӣ ва динӣ роҳ кушода буданд. Асарҳои илмӣ-фалсафӣ ва адабии халқҳои эронӣ ба забони халқҳои дигари дунёи қадим — юнонӣ, арабӣ, арманӣ, ҳиндӣ, балуҷӣ, румӣ, итолёӣ низ тарҷума мешуданд. Ҳамаи ин кӯшишҳо ба тараққиёти илмӣ, мунозираҳои динӣ, фалсафӣ ва илмӣ роҳ мекушоданд. Дар он мунозираҳо манфиати табақаҳои гуногуни ҷамъияти онрӯза акс ёфтааст.

**Эътиқодҳои динии эрониёни шарқӣ то давраи пайдоиши дини Маздаясно. Аҷдодпарастӣ, сайёрапарастӣ ва сабабҳои пайдоиши он.**

Пеш аз пайдоиши дини зардуштӣ (маздаясна) халқҳои эронӣ ба ашёву қувваҳои осмонӣ, ки ба онҳо сифатҳои худоӣ дода шуда буданд, эътиқод доштанд. Дар огози пайдоиши парастиш онҳо аз Худои худ наметарсиданд, балки бо роҳи парастиш аз онҳо ёрӣ ва мадад металабиданд. Худои аввали халқҳои ориён (Осиёи Миёна) — осмони соф ва муҳити олам (олами беканор) будааст. Осмони соф дар забони санскрит, махсусан дар китоби динии ҳиндӣ — «Ригведо», «диёуқ» номида шудааст. Ин калимаҳо дар забонҳои халқҳои ҳинду аврупоӣ аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздикӣ доранд, чунончи: дар забони лотинӣ «деус», франсавӣ «диеву» ва дар забони форсӣ-тоҷикӣ диёук, деус, дев омада, баъдтар ҷои ин калимаҳоро Воруна дар забони форсӣ Осмони соф гирифтааст. Дар вақти парастиш ба калимаи Воруна ҳиссаи тавсифии «асура» ва «аҳура» ҳамроҳ карда шудааст, ки маъноаш «Худованди бузурги валинеъмат» мебошад. Дар «Авесто» ба Воруна вожаи «вича велас», ки маъноаш «ҳамадон» аст, илова карда шудааст. Эрониёни шарқӣ Офтобро чашми Воруна (Осмони соф), оташи шакли барқ (Одирвон)-ро писари ӯ ва ситорагонро ҷомаи пурнақшу нигори подшоҳии ӯ тасаввур мекарданд. Воруна-аҳура ҳам зоҳиркунандаи қувваи моддӣ ва ҳам қувваи маънавӣ будааст, вай барқароркунандаи замину осмон, эҷодкунанда ва нигоҳдорандаи тартибот, бахту саодати дунё мебошад. Ин қонунҳо муқаддас буда, аз онҳо берун рафтан гуноҳ будааст, ки ибтидои қатъию костӣ ҳисоб мешудааст. Воруна авфкунандаи гуноҳ, раҳиму ҷаббор будааст. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки Воруна мисли Митра, Офтоб, ки низ худоҳои табиии эрониёни

шаркианд, аз маънии худои табиат будан боло рафта, аҳамияти илоҳӣ ва иҷтимоӣ касб намудааст. Хулоса ин, ки маънои Воруна ба мафҳуми «қонун», «олам ва низоми абадии табиат» ҳаммаъно будааст[14].

Ҳиндувони кадим мафҳуми «Рта»-ро, ки нигоҳдорандаи тартиботи шаклӣ ва маънавии олам аст, ба Воруна вобаста медоианд,яъне ҳиндувони қадим мисли эрониёни қадим ба ҷирмҳои осмонӣ бовар доштаанд. Дар номаҳои подшоҳи Сурияи қадим Амарна (соли 1400 пеш аз мелод) номи чор Худо қайд шудааст: Митра (дар санскрит Митра, дар «Авесто» Митҳра»), Воруна, Индра ва Носатаус. Митра — Худои рӯшнонст ва дар шакли одами мусаллаҳи нуқраранге, ки аз сару рӯи ӯ нур меборад, зоҳир мешавад. Митра дар фойтуни худ нишаста, осмонро сайр мекунад ва ба мубориэоне, ки рӯшноиро аз лашкари Худои зулмат ҳифз мекунанд, ёрӣ мерасонад. Митра ҳам хислати илоҳӣ ва ҳам хислати моддӣ-итҷимоӣ дорад, вай ба Худои бобулии «Шамс» (офтоб) ва Апаллони юнониҳо хеле монанд аст. Мартабаи Митра ба дараҷаи Воруна мебошад, ҳар ду низому қонуни дурусти дунёро ҳифз мекунанд. Митра ва Воруна ҳам як рӯҳ ва ҳам ифодаи осмони мунавваранд.

Дар ақидаи эрониёни қадим Митра ва Воруна ба ҷуфти худоҳои нек мансуб будаанд, аммо Индра (ки маънояш «шиддат» аст) худои раъд мебошад ва Носатаус ба гурӯҳи худоҳои бад дохил мешудаанд, ки онҳоро «Даёва» (дев) меноманд, вале ҳар ду ҳам парастида мешаванд. Индра Худои ҷанг буда, дӯсти ӯ Худои ҳаво — Вону мебошад. Индра — шуҷоъ, пурхӯр, ҳангоми мастиаш шикастнопазир аст. Ҷанговарон пеш аз ба ҷанг даромадан аз вай мадад металабанд. Индра дар айни замон паҳлавони боқудрат буда, хислатҳои шӯхӣ ва ҳазлкунӣ ҳам дорад. Ӯ низ мисли дигар худоҳо тартиботи дунёро нигоҳ медорад ва айбдорону гунаҳкоронро ҷазо медиҳад.

Парастиши Худои оташ Одирвон, сифати Худои оташ Адри низ ба тасаввуроти давраи табиатпарастии халқҳои эронӣ мансуб аст. Ғайр аз ин, тасаввурҳои зиёде мавҷуданд, ки ба ин

[14] *Муфассал ниг*: Мирзозода Х.М. Таърихи адабиёти тоҷик, к. 1. ч 1, с. 17-44.

давраи тафаккури эрониёни шаркӣ далолат мекунанд. Масалан, абрҳои боранда дӯсти инсон шуморида шуда, занони Асура ва модари барқ ҳисоб мешуданд. Онҳо обҳои муқаддасро ба ҳар тараф мекашонанд. Гурӯх-гурӯҳ гаштани абрҳо ва борон додани онҳоро одамони қадим ба подаи говон, говони ширдеҳ ва ба духтарону занон ташбеҳ медоданд. Дар ин ҷо низ дар тасаввуроти одамони қадим худоҳои зиёде, мисли Вритра, Ахи мавҷуданд. Худои дигар Вритрахан аст, ки дар форсии нав Ваҳрам ё Баҳром шудааст, низ Худои бузург аст, ки ба Вритра ҳуҷум карда, аз абр борон меорад.

Эрониёни қадим на танҳо ҷирмҳои осмонӣ, инчунин растаниҳо, гиёҳҳоро низ мепарастидаанд, ки баъзе намунаҳои он то имрӯз давом дорад (мисли муқаддас донистани туғ, чанор, челон ва ғ.). Дар гузашта саума ва хаома ном гиёҳе мавҷуд будааст, ки аз он шароби масткунанда тайёр менамуданд ва ба он эътиқод доштанд. Ба ақидаи эрониёни қадим саума ва хаома барои иззати нафс ва рӯҳбаландии инсонҳо лозим будааст. Пас маълум мешавад, ки инсонҳо дар гузашта ба табиат ва қувваи табиат аз ҷиҳати рӯҳӣ ва маънавӣ низ нигоҳ менамудаанд. Саума гиёҳи соқадоре будааст, ки шарбати сафеди ширмонанд доштааст, онро дар рӯзҳои ид, қурбонӣ менӯшидаанд, инчунин ба болои оташи муқаддас мепошидаанд, ки хубтар фурӯзон шавад. Шарбати саума ва хаома ба рӯҳ қувват мебахшидааст. Сабаб дар он будааст, ки ин қувваҳои нерӯбахшро Худо дар танаи саума ва хаома ҷой додааст, бинобар ин онҳо дӯст ва матлуби худоён мебошанд.

Масъалаи дигаре, ки дар ақидаи пешазисломии аҷдодони эронӣ вуҷуд дошт, таъсири сухан аст, ки он бо дуо алоқамандӣ дорад. Дар гузашта ин маъниро мафҳуми мантра ифода мекардааст. Мантра мувофиқи хоҳиши инсон ва иҷрои қонунҳои табиат ба амал оварда мешуд. Одамони қадим гумон мекарданд, ки байни хоҳиши инсон, дуои ӯ ва табиат бояд ҳамфикрӣ ва мувофиқат бошад. Масалан, инсон дар вақти хушкӣ дуои боридани борон, дар вақти торикӣ хоҳиши рӯшноӣ мекунад. Худо пас аз ин борон ва рӯшноӣ меоварад. Ин чунин маъно дорад, ки инсон дар хоҳишу талабе, ки дорад, дар зимни дуои худ баён мекунад.

Табиат бо амалиёти стихиявии худ гӯё бо он хоҳиши инсонҳоро, ки бе дуо ҳам ба амал оварда меистад, ба ҷо меорад, вале инсон гумон мекунад, ки табиати «сеҳрангези» маънои илоҳӣ гирифта ин корҳоро мувофиқи дуои ӯ ва хоҳиши вай иҷро кардааст.

Аҷдодони қадимии мо ба ҷирмҳои осмонӣ, қувваҳои табиат эътиқод доштаанд, ки он ба зиндагии ҳаррӯзаи онҳо алоқаманд буд ва эътиқоди онҳо асоси моддӣ дошт. Эътиқод ба қувваҳои табиат тадриҷан худоҳои табииро ба вуҷуд овардааст, ки баъдтар ба бутпарастӣ мубаддал гаштааст. Ин бонс шудааст, ки аз ин эътиқод ҷаҳонбинии моддӣ — ақидаи зарвония ташаккул ёбад ва аз тарафи дигар имконият додааст, ки ба ашёҳои моддии табиат мафҳуми рӯҳӣ-илоҳӣ дода, онҳоро ба дараҷаи худоӣ бардоштаast. Инкишофи минбаъдаи ин ақидаҳо ба диндории илоҳӣ ва ҷаҳонбинии идеалистӣ, бовар кардан ба қувваҳои фавқуттабиа оварда расонидааст.

Бояд зикр кард, ки худоҳои қадим — худои падар Зарвона акрана, худои модар Воруна, писарони онҳо — Митра, Индра, Усхах, Одирвон, Андри, Вратра ҳаёти оилавии дунёи қадимро акс кунонидаанд. Осмонро, ки ҳамеша ҷовид аст, падар мешумоддаанд. Худоҳои табиии эрониёни қадим ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: давиаҳо (дар «Авесто» даёва) ва Асура (аҳура)-ҳо, ки баробарҳуқуқ будаанд ва ҳар ду гурӯҳ ҳам парастида мешудаанд. Чандин қарн пеш аз ба пайғамбарӣ омадани Зардушт Аҳурамаздо (сурури доно) аз байни худоҳои гурӯҳи дуюм худои олӣ интихоб карда мешавад, даёваҳо минбаъд аз дараҷаи худоӣ афтида, ёридиҳандаи Аҳриман шуда мемонанд. Дар натиҷа оини маздаясно ба вуҷуд меояд.

**Оини маздаясно.** Аз рӯи маълумоти «Авесто», «Бундахишна», «Динкарт», осори зерихокӣ ва сангнабиштаҳо, мисли ашёи зерихокии харобаҳои Истахру Шӯш ва Марву Ишкободу Наҳованд ва сангнабиштаҳои Бесутун ва Алванду Истахр ва Тахти Ҷамшед равшан мегардад, ки эрониёни бостон аз рӯзгорони бас қадим ва ҳатто аз замоне ки аз макони аслии худ ба қисми ғарбии Эрон муҳоҷират менамоянд, пайрави оини маздаясно будаанд. Дар ин бобат дар сангнабиштаҳои Бесутун, ки бо фармони Дориюши аввал (шоҳи ҳахоманишӣ) навишта шудаанд, маълумоти амиқ

дода мешавад. Аз ҷумла дар навиштаҳо Дориюш зимни шарҳи футӯҳоти худ Аҳурамаздои бузургро ситоиш карда, аз дурӯғу нопокӣ безорӣ ҷустааст. Ин катиба ба се забон навишта шудааст: порсии бостонӣ, шушӣ, бобилӣ ва бино ба навиштаи «Таърихи муфассали Эрон» Дориюш фармон дод, ки катибаро рӯнавис ва тарҷума карда, дар атрофи мамолик мунташир намоянд[25].

Дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон» аз сангнабиштаи дигар – катибаи Нақши Рустам чунин нақл оварда шудааст: Худои бузург аст Ормузд, он ки ин бумро офарид ва он ки он осмонро офарид, он ки инсонро офарид, он ки шодиро офарид барои инсон. Гӯяд Дориюши подшоҳ: «Барои он ки Ормузд ба ман ёрӣ кард ва худоёни дигар, ки ҳастанд. На душманком ҳастам, на дурӯғгӯ ҳастам, на зӯркун, на худам, на хонадонам. Аз паи ростӣ рафтам»[26]. Дар набиштаи мазкур низ аз забони Дориюш бузургии Ормузд ситоиш шудааст ва аз қадим будани оини Маздаясно далели мӯътамад аст. Моҳияти оини Маздаясно аз он иборат аст, ки оламро ду Холиқ аст: Оҳуро (ё асуро) холиқи хайр ва Аҳриман холиқи шар.

Аҳурамаздо (фармонравои олами кул) вуҷудест муқаддас, ки дар фарози осмон рӯи тахте нишаста ва ҳолае аз нури сармадӣ атрофашро гирифта. Ва амшоспандон, ки дар перомунаш ҳалқа задаанд (фариштаҳо), ки шаш мавҷуди қудсӣ ва азалӣ буда ва ҳар яке муваккали қисмате аз умури олам мебошанд, онҳо иборатанд аз:

1. Ваҳуман (Баҳман) — муваккали ҳайвоноти аҳлӣ.
2. Ашуваҳишто (Урдибиҳишт) — муваккали оташ.
3. Хашотаровириё (Шаҳриюр) — муваккали фулизот.
4. Спантоармояти (Исфанд) — муваккали замин.
5. Хурутот (Хурдод) — муваккали об.
6. Амртот (Мурдод) — муваккали гиёҳҳо.

Худи Аҳурамаздо низ муваккал ва нигаҳбони ҳақиқату назофат мебошад[27]. Дар катибае, ки дар ҳарфиёти охир ба даст омада, чунин навишта шудааст: «Заминро Оҳурамаздо офарид ва

---

[25] Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз огози таърих. ч. 1-2. —Душанбе: Ирфон. 1990. саҳ. 75-78.

[26] Ҳамон асар, саҳ. 73.

ҳам ӯст, ки башарро халқ карда, ӯ Худованди зиндагӣ ва покӣ ва ҳақиқат аст»[28].

Мувофиқи оини Маздоясно, ба ғайр аз амшоспандон (фариштаҳои муваккал), боз чанд мавҷудоти қудсии дигар ҳастанд, ки дар мақоми худ сифати худоӣ доранд ва парастида мешуданд. Мисли Чисто — Худои донишу фазл, Митра — Худои рӯшноӣ, Ҳума ё Саума — раббунавъи ҳаёт, Аноҳид — раббунавъи баракот, Фурухар — раббунавъи саломатӣ, Моҳ ва Хуршед — ду мазҳари нуронии Аҳуро (чашмони Аҳуро низ мегӯянд) ба изофаи ҳазорҳо фариштаҳои раҳмат. Аҳураву сипоҳиёнаш нури мутлақ ва Аҳриману сипоҳиёнаш торикӣ пайваста дар ҳоли ҷидол ва ҳисом ҳастанд, лекин саранҷом Оҳуро бояд ғолиб ояд.

Тадқиқу омӯзиши таърихи динҳои қадими Эрон ва Осиёи Миёна нишон медиҳанд, ки дар гузашта се намуди (фирқаи) динии санавия вуҷуд доштааст, ки яке аз Маздоясност — Урмузд нигоҳбони некиҳо ва Аҳриман эҷодкори бадиҳо, нопокӣ, торикӣ. Дигаре дини «дусо моёдо ниҳ» (дини бадомӯз) аст, ки пайравони ин дин Худоро низ ҳам манбаи бадӣ ва ҳам некӣ мешумориданд. Ақидаи ин мазҳаб ба ваҳдати вуҷуд монанд буд, зеро ба як офаридгор боварӣ доштанд. Дини сеюме бо номи дини «Яту киҳ» (ҷодуӣ) маълум буд, пайравонаш Худоро манбаи бадиҳо мепиндоштанд. Ба Аҳриман қурбонӣ мекарданд, то ки ӯро ба худ ром ва аз худ розӣ кунанд. Онҳо дар баробари Аҳриман Урмуздро ҳам тавсиф менамуданд.

Оини Маздаяснопарастӣ дар мубориза бо динҳои дигари санавия — девпарастиву ҷодупарастӣ мустаҳкам шуда, ба дини расмии давлатӣ табдил меёбад. Пайравони ин динҳо бештар муғони девпараст ба дини маздаясно ҳамчун оппозитсия мубориза мебаранд. Пас аз таъқиботи сахти Ҳушёршоҳи ҳахоманишӣ ба тарафи ғарбии Эрон муҳоҷират кардаанд. Ҳушёршоҳ дар навиштаҳои худ қайд кардааст, ки «сарзаминҳое буданд, пештар девонро мепарастиданд. Ба хости Аҳурамаздо маобиди дев-

[27] Ҳамон асар, саҳ. 74.

[28] Ҳамон асар, саҳ. 74-75.

парастон «давиадона»-ро ба хок яксон кардам ва фармон додам, ту девонро нахоҳӣ парастид».

Яке аз хусусиятҳои хоси оини Маздоясно парастиши оташ ва дигаре таҷвизи никоҳи маҳорим мебошад. Дар китоби «Таърихи муфассали Эрон», инчунин «Таърихи Табарӣ» роҷеъ ба пайдоиши инсон афсонаи зайл нақл шудааст: Дар ибтидо ду мавҷуд халқ шудаанд: яке Каюмарс (Одами Абулбашар) ва дигаре як гови нар. Ин ду мавҷуд муддати шаш ҳазор сол дар айни осоиш бо ҳам бизистанд, то ин ки қувваи хайру шар ба ҳам махлут шуда, дунёи кунуниро ба вуҷуд оварданд. Каюмарс сӣ сол дар ин дунё умр ба сар бурд ва сипас реҳлат кард ва дар ҳамон ҳол гови нар низ бимурд. Ва рӯҳи он ҳайвон муваккали ҳайвоноти ҷарранда гардида, аз ҷасадаш анвоъи наботот бирӯид. Ва аз ҷасади Каюмарс низ аввалин завҷи инсонӣ (Ношиё ва Ношино) падид гаштанд. Пас аз Ношиё ва Ношино (бародар ва хоҳар) ҳафт завҷ (нар ва мода) ба вуҷуд омад, ки яке аз он Сиёмак ва Сиёмаки буданд. Ва аз ин бародару хоҳар низ Фравак ва Фравакин ба дунё омаданд ва аз издивоҷи онҳо понздаҳ завҷи дигар, ба вуҷуд омаданд, ки аҷдоди понздаҳ навъи инсонанд. Аз рӯи ин ривояти қадима маълум мешавад, ки ҳаёти оилавӣ дар Эрон ва Осиёи Миёна хеле барвақт ба вуҷуд омада будааст ва масъалаи никоҳи маҳорим аз заминаи бас дерин байни эрониён маъмул ва мутадовил будааст.

Дар бораи никоҳи маҳорим ва дар бораи зифофи салотини қадимаи Эрон ба маҳорими худ Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ишораҳо кардааст, аз ҷумла достони ҳамбистар шудани Баҳман — подшоҳи Эрон ба духтари худ Ҳумой мебошад. Мувофиқи хабари соҳиби китоби «Эрони Бостон», қариб аглаби подшоҳони ҳахоманишӣ бо маҳорими худ зифоф намуда будаанд: Куруши Аввал бо холааш, Дориюши Аввал бо бародарзодааш Фаротогун, Камбуча бо хоҳарони худ, Дориюши Дуввум бо хоҳараш Парушот, Ардашери Дуввум аввал бо духтари бузургаш ва сипас бо духтари кӯчакаш, Дориюши Сеюм бо хоҳари худ Асотиро ва ғ.; микдори ин гуна подшоҳонро боз номбар кардан мумкин аст, ки маҳоримҳои худро ба никоҳ даровардa будаанд.

Мувофиқи хабари Астрабон «Мугҳо мувофиқи одаташон ҳатто модарашонро ба занӣ мегирифтанд»[29].

Абӯрайҳони Берунӣ менависад, ки «Дар бораи никоҳи модар, ки ба зардуштиҳо нисбат медиҳанд, аз сипаҳбуд Марзбон бинни Рустам шунидам, ки Зардушт ин амалро ҷорӣ накардааст. Ва чун Гуштосп хирадмандону солхӯрдагон ва бузургони кишварро гирд овард, яке аз пурсишҳое, ки аз Зардушт карданд, ин буд ки «агар марде бо модари худ аз миёни тӯда ва ҷомеа дур афтода бошад ва дастраси ба зани дигар надошта бошад ва аз қатъ ёфтани насл биҳаросад, чӣ бояд бикунад? Зардушт посух дод: «Дар чунин ҳол равост, ки ба модари худ наздикӣ кунад»[30].

Аз рӯи ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки никоҳи маҳорим, яъне никоҳ бо хешони наздик то пайдоиши оини зардуштӣ ба вуҷуд омада, минбаъд дар аҳди Ашкониёну Сосониён давом кардааст. Ва Зардушт ин гуна мухтасоти оини Маздоясноро ба ҳайси ақвоми шариати дини зардуштӣ низ даровардааст.

Мухтасоти дигари оини Маздоясно, чунон ки дар боло тазаккур додем, оташпарастӣ мебошад. Эрониёни қадим — ҳам эрониёни ғарбӣ ва ҳам эрониёни шарқӣ оташро мепарастиданд, вайро олитарин яздон меҳисобиданд. Чунон ки таъкид менамоянд, бинои дини зардуштӣ, ки баъдан мазҳаби расмии Эрони Бостон гардидааст, бар асоси оташпарастӣ ва ниёиш дар баробари шӯълаҳои фурӯзони он устувор будааст. Дар бораи оташпарастии эрониёни қадим бозёфтҳои зерихокӣ ва сангнавиштаҳое, ки аз Эрон ва Осиёи Миёна пайдо шудаанд, гузориши муаррихони қадим хабар медиҳанд. Масалан, дар харобаҳои Порс сиккаҳое пайдо шудаанд, ки дар рӯи онҳо шакли оташкада нақш шудааст. Квинт Курис муаррихи қадими румӣ доир ба ҳаракати сипоҳи Дориюш ба қасди Искандар менависад: «Тартиби ҳаракат чунин буд: пешопеши қӯшун дар меҳробҳои симин оташ мебурданд, ки ин мардумон онро ҷовидон ва муқаддас медонанд ва мугҳо дар атрофи оташ буданд»[31]. Оташкадаҳо дар Балх,

[29] **Муҳаммад Рашод**. Фалсафа аз огози таърих, с. 76-77.

[30] **Абӯрайҳони Берунӣ**. Осор-ул-боқия, саҳ. 220.

[31] **Муҳаммад Рашод**. Ҳамон асар, саҳ. 78.

Истахр, Мароқанд, Бухоро ва Суғд хеле зиёд буданд. Масалан, бузургтарин оташкадаи зардуштиён дар шаҳри Балх мавҷуд буд, ки онро «Навбаҳор» меномиданд ва қиблаи яздонпарастон ҳисобида мешуд. Ҳар подшоҳе, ки ба тахт менишаст, бояд аввал ба хонаи муқаддас, дар назди мӯбади мӯбадон (рӯҳонӣ ва донишманди дини зардуштӣ) ба худои олӣ Аҳурамаздо қасам ёд мекард. Ин маънӣ дар достони Дақиқӣ «Рафтани Луҳросп ба Балх ба парастиши Яздон ва бар тахт нишастани Гуштосп» баён гардидааст:

Чу Гуштоспро Лӯҳросп дод тахт,
Фуруд омад аз тахту барбаст рахт.
Ба Балхи гузин шуд бар-он Навбаҳор,
Ки яздонпарастон бад-он рӯзгор.
Мар-он хонаро доштандӣ чунон,
Ки мар Маккаро тозиён ин замон.
Бад-он хона шуд шоҳи яздонпараст,
Фуруд омад он чову ҳайкал бубаст...
Ҳаме буд сӣ сол пешаш ба пой,
Бад-ин сон парастид бояд Худой[32].

Эрониёни қадим қабл аз гаравидан ба дини ислом, илова ба оташ, обу хок (замин), моҳу хуршедро низ муқаддас мешумориданд ва мепарастиданд. Подшоҳи ашконӣ Тирдод аз сафари дарёӣ эҳтироз мекард, инчунин дар оини зардуштӣ олудани об мамнӯъ буд. Ё худ ҳахоманишиён мурдагони худро қабл аз дафн бо мум меандовиданд, то хокро муллавас насозад[33].

Бино ба гуфтаи Ҳеродот, чун Камбуча мумиёи Омозисро бисӯхт, эрониён аз ӯ мутанаффир шудаанд, зеро олудани оташ дар мазҳаби онҳо мамнӯъ буд. Астрабон муаррихи румӣ мегӯяд: «Порсиҳо сурати худоёнро намесозанд ва маобид бино намекунанд. Осмонро Зевс медонанд ва қурбонӣ дар ҷойҳои баланд ба амал меоваранд. Офтобро ситоиш карда ва онро Митрас но-

---

[32] Фирдавсӣ «Шоҳнома», ч. 3, саҳ. 2-3.

[33] Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз огози таърих, с. 79-81.

манд ва низ моҳ ва Афродит (Ноҳид, Зуҳра) ва оташ ва замин ва об ва бодро меситоянд»[34].

Серперс Соякс — мустаршиқи англис дар китоби «Таърихи Эрон» навишта: «Шопури зулактоф дар номае, ки ба Канстантин — императори Рум навишт, худро шоҳи шоҳон ва бародари офтобу моҳ хонд»[35]. Дар ҷои дигари ин китоб ишора шудааст, ки: «Ашкониён ба офтоб ҳангоми тулӯъ намоз карда, ба номи қадими Митро парастиш менамуданд ва ҳамин тавр моҳро низ мепарастиданд»[36]. Дар хусуси офтобу моҳро парастидану муқаддас донистани эрониёни қадим Ҳеродот, Ксенофон, Квинте Курнс ва муаллифи «Таърихи Эрони Бостон» муфассал маълумот додаанд ва аз ҷумла Ҳеродот гӯяд: «Порсиён барои офтобу моҳ ва хоку оташу обу бод қурбонӣ мекунанд»[37]. Муаллифи «Таърихи Эрони Бостон» мегӯяд, ки эрониёни қадим оташ ва меҳрро аз азал мепарастиданд.

Ғайр аз ин, дар як ҳарфиёте, ки аз Шӯш пайдо шудааст, сухан дар бораи Ардашери Дуввум рафтааст. Он ҷо навишта шудааст: «Ардашершоҳ гӯяд: «Ба фазли Оҳурамаздо, ин қасри фардиси зиндагониро ман сохтам, Оҳурамаздо ва Меҳр маро аз ҳар баде бипоянд ва он чиро, ки кардам, нигоҳ доранд... Ин толорро ҷадди ман Дориюш бино кард, баъд дар замони ҷадди ман Ардашер ин бисӯхт. Ба фазли Оҳурамаздо ва Меҳр ин толорро сохтам, Оҳурамазд, Аноҳито, Меҳр маро нигоҳ доранд».[38]

## ЗАРДУШТ ВА ОИНИ ЗАРДУШТӢ

Оиди Зардушт, шахсияти ӯ ва оини зардуштӣ то имрӯз муаррихону шарқшиносон ва бостоншиносони қадиму асрҳои миёна ва давраи ҷадиди таърих маводу ҳуҷҷатҳои зиёде гирд овардаанд. Дар ин кор ҳам донишмандони юнонию румӣ, ҳам

[34] Ҳамон асар, с. 80.

[35] Ҳамон асар, с.80.

[36] Ҳамон асар, с.80-81.

[37] Ҳамон асар, с.80-81.

[38] Нақл аз китоби «Таърихи Эрони Бостон», с.16-11, ё «Фалсафа аз огози таърих», с. 82.

аврупоиву рус, ҳам Эрону Осиёи Миёна саҳм гирифта, дар фасли зардуштшиносӣ вижагиҳои тоза ворид кардаанд. Ва то имрӯз атрофи шахсияти Зардушт баҳсу талошҳо давом дорад.

Соли 1967 дар Теҳрон китоби донишманди муосири эронӣ Ҳамид Найири Нурӣ бо унвони «Саҳми Эрон дар тамаддуни ҷаҳон» ба табъ расида буд. Ин донишманди эронӣ пештар китоби Фридрих Вилгем Нитоше — «Чунин гуфта Зардушт»-ро ба забони шевои форсӣ тарҷума карда, дар муқаддимаи ин китоб сарсухани фозилонае иншо кардааст. Дар сарсухан овардааст, ки аз муаллиф Фридрих Нитоше пурсиданд, ки барои чӣ маҳз пайғамбари эрониёнро қаҳрамони асари худ интихоб кардааст, чунин ҷавоб гуфтааст: «Зеро ки Зардушт бузургтарин ва ростгӯтарин мардони таърих аст».[39]

И.Пянков дар мақолаи «Паёмбар Зардушт» (Назаре ба маҳалли таваллуд ва зуҳури ӯ) дар бораи шахсияти Зардушт ва махалли зиндагии Зардушт оварда: «Тимсоли Зардушт дар арзи ҳазорсолаҳо ороише аз афсонаву асотир ба бар кардааст. Аммо дар сарчашмаҳои хаттии бостонӣ ин паёмбар ба ҳайси шахсияти воқеӣ ва таърихӣ падид меояд... Он чӣ дар бораи Зардушт чун шахсияти воқеӣ ва таърихӣ ҳикоят мекунад, маҷмӯи гуфтори худи ӯст, ки бо номи «Готҳо» машҳур аст.[40]

Масъалаи муҳим дар тадқиқоти И.Пянков он аст, ки ӯ дар асоси ахбори сарчашмаҳои бостонӣ зинаҳои ташаккули фаъолияти ба паёмбарӣ омадани Зардуштро ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқ маънидод кардааст. Мувофиқи гузориши ӯ, Зардушт қабл аз он ки ба сарзамини Виштосп пой гузорад, аз руди бузурге ба номи Ваҳан Датӣ убур карда буд. Ҳамаи муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки ин руди бузург Амударёст. Ин руд дар аҳди Сомониён Веҳруд ном дошт. То имрӯз бахши авали ин ном дар калимаи «Ваҳон» ҳифз шудааст. Зардушт ба сӯи Ваҳан Датӣ ва сарзамини Виштосп пас аз тарки ватани хеш, ки ӯро он ҷо

---

[39] *Ниг:* **Хамид Найири Нурӣ**. Нури ховар (аз кит: «Сахми Эрон дар тамаддуни чахон»), — Фарханг. 1991. №5. с.52 (таҳияи Комил Бекзода).

[40] **Игор Пянков**. Паёмбар Зардушт, —Адабиёт ва санъат, 1992. 29 май. с. 6 (аз русӣ тарчумаи Ҳазрат Сабохӣ).

эътироф накардаанд, рахсипор шудааст. Саволе ба миён меояд, ки ватани Зардушт дар куҷо воқеъ буд? Тибқи ривояти бостонӣ, хонаи падари Зардушт дар «баландии соҳили руди Дарҷ (Дарғ) ҷой дошт. Бисёр муҳаққиқон миёни Дарғам, ки шохоби дарёи Зарафшон аст, айният мебинанд, вале дар ин бобат, махсусан номи Самарқанд дар қатори шаҳрҳои замони Зардушт маълумоте дар даст надорем.

Сафари дуюми Зардушт ба суи Ваҳан Датё хеле пештар оғоз ёфта буд. Дар роҳи ӯ ба сӯи дарёи бузург чор руди дигар ҷой доштаанд. Мувофиқи ривоят,ду дарёи аввал (шояд яке аз онҳо дарёи Дарҷ бошад) зикр нашуда, вале ду дарёи дигар бо номҳои Айватак, Аушоирут (Афшонруд) тазаккур ёфтааст. Бисёр муҳаққиқон дар байни дарёи Айватак ва руди Навтак айният дидаанд. Шояд ин дуруст бошад, зеро дар сарчашмаҳои хаттии Зардуштӣ ёд мешаванд, пас ба итминон гуфтан мумкин аст, ки вокеа дар водии руди Қашқадарё рӯй додаст.[41] Ин руд дар замони истилои Искандари Мақдунӣ Навтак ном дошт. Вақте ки Зардушт ба водии дарёи севвум Айватак расид, издиҳоми мардумро дид, ки барои ҷашни Наврӯз гирд омада буданд. Вақте ки дар соҳили дарёи чорум Аушоирут қарор дошт ва хост, ки барои адои оини ҷаши аз байни дарё об гирад, ба назараш пайкари нурафшони мавҷуди фавқуттабииеро дид, ки ӯро сӯи худ даъват мекард. Пас аз ин Зардушт сӯи соҳили Ваҳан Датё ба анҷумани мавҷудоти нурафшон парвоз намуд. Дар анҷуман худо Аҳура Маздо ва панҷ нафар мувакалони ӯ низ ҳозир буданд. Ҳамин тавр, онҳо Зардуштро ба адои рисолати хеш ҳидоят кардаанд, усули динро доро шуду баъдҳо ба мардуми хеш дин овард. Ӯ бо оби муқаддаси Ваҳан Датё мардумонро табобат мекард. Дар ин муддат Зардушт ба ноҳияҳои зиёде сафар кард, вале дар ҳама ҷо ӯро нокомӣ дунболгир буд. Танҳо дар вилояти Балх дар аҳди Гуштосп комёб шуд, ки рисолати паёмбариашро ба амал татбиқ намояд.

«Ақидаи зардуштиҳо ин аст, ки, — менависад Абурайҳон Берунӣ дар «Осор-ул боқия», Зардушт аз сақфи айвон дар Балх

---

[41] *Ниг.* Игор Пянков. Паёмбар Зардушт — адабиёт ва санъат, 1992.29 май. (Тарҷумаи Ҳазрати Сабоҳӣ).саҳ. 6.

ҳангоми нимрӯз аз осмон ба замин омад. Ва сақф бар ӯ бишикофт ва бар хобгоҳи Гуштосп, ки ӯ дар хоби нимрӯз буд, Зардушт ворид шуд. Ва ӯро маҷбур кард, ки Кеши худ, яъне имон овардан ба Худованд ва тасбеҳу тақдиси ӯ ва ба куфр ба парастишу итоати шайтон ва ба фармонбардорӣ аз подшоҳон ва ислоҳи табиату никоҳи насабҳои наздикро даровард... Зардушт китобе овард, ки онро «Авесто» (Абесто) номанд... Ва ин китобро Зардушт дар пешгоҳи Гуштосп гузошт. Ва Гуштосп уламои кишварро даъват карда буд. Ва Зардушт дастур дод, ки миқдоре сурб об кунанд. Сипас рӯи худро ба осмон карда гуфт: «Худовандо, агар ин китоб аз туст ва ман ба фармони ту онро барои ин подшоҳ овардаам, зиёни ин сурби гудохтаро бар ман бирезед!» Ва онон чунин карданд,ки Зардушт гуфта буд».[42]Аз рӯи ин маълумоти Абуйраҳони Берунӣ Зардушт ба фаъолияти пайёмбарӣ дар Балх шурӯъ кардааст ва ин ақида дар аксари тадқиқотҳои минбаъда таъкид шудааст.

Аз рӯи гуфтаҳои Игор Пянков низ Зардушт аслан зодаи Балх аст, вале фаъолияти пайёмбарии ӯ дар қаламрави Суғд, махсусан соҳилҳои дарёи Зарафшон ва Қашқадарё сурат гирифтааст. Оиди ин масъала муаррихону шарқшиносони Эрон низ пешниҳодҳои ҷолиби диққат кардаанд.[43]

Муҳаммади Рашшод дар китоби «Фалсафа аз оғози таърих» роҷеъ ба шахсияти Зардушт ва замони фаъолияти ӯ сухан ронда, таъкид мекунад, ки «Баъзеҳо ӯро писари як зореъ ва баъзеи дигар писари ҳукмрони Балх ва ё шоҳзодае аз шоҳзодагони бузурги Эрон ва ё аз дудмони Эраҷ-писари Фаридуни Пешдодӣ донистаанд. Ва низ тавлиди ӯро баъзе шаҳри Арумия, воқеъ дар Озарбойҷони Ғарбӣ ва бархе шаҳри Балх, воқеъ дар машриқи Эрон хондаанд».[44] Ихтилоф дар таърихи таваллуди Зардушт низ хеле зиёд аст. Ӯро муосири Луҳросп ва Гуштосп — подшоҳи пешдодӣ, муосири Ҳахоманишиён, муосири Дориюш ҳисобидаанд, ки дар ин ҳолат тафовут ва тазод хеле аниқ ба

---

[42] Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. Душанбе, Ирфон, 1990: саҳ.220.

[43] Муфассал ниг: Муҳаммади Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих, саҳ. 86-100.

[44] Ҳамон асар, саҳ.86.

назар мерасад. Масалан, Абурайҳони Берунӣ дар ин маврид навиштааст: «...Сипас, Зардушт писари Сафеди Тумон зуҳур кард. Ва ӯ аз мардуми Озорбойҷон буд ва аз тухми Манучеҳр ва дар шумори аъёну ашрофи хонаводаҳои муғон (мӯғон) зуҳури ӯ дар соли сиюм аз подшоҳии Гуштосп буд. Ва ӯ қасабе пӯшида буд, ки аз пешу ақиб чок дошт. Ва бар худ зуннoре аз лиф баста буд ва намаде пурнақш дар бар дошт ва коғазе кӯҳна бо худ дошт, ки бар синаи хеш гузошта буд».[45] Аз аҳди Пешдодиён то аҳди Ҳахоманишиён тақрибан ду ҳазор сол аст. Ҳатто баъзе муаррихон мавриди мавлуди Зардуштро ба шаш ҳазор сол қабл аз мелод мувофиқ донистаанд.[46] Аз ин андешаҳо чӣ натиҷагирӣ кардан мумкин аст? Аввал ин, ки ҳамаи ин гуфтаҳоро тарҳ кардан маънои инкори Зардуштро дорад; ҳол он ки вуҷуди Зардушт, бар ҳасби тавотури ривоёт мусаллам гардида, аз бадеиёти аввалини таърих мебошад. Бинобар ин зарур аст, ки ҳаман ин гуфтаҳоро аз назари талаботи илмӣ ҷамъбаст намуд.

Ба қавли Муҳаммади Рашшод, калимаи «Зардушт», бар хилофи он ки аксари муаррихон тасаввур кардаанд, илм ва ё исми шахс нест, балки чун калимаи коропон, хирбад, мӯбад, озарвон, зуф, ростбӣ, ки ановини рӯҳониёни Эрони қадим будаанд, замоне як тан аз онҳо оини маздоясноро таҷдид мекардаанд.[47] Агар ин тавр бошад, пас яке аз зардуштҳо дар шаш ҳазор сол қабл аз мелод зуҳур карда ва дигаре дар аҳди Пешдодиён ва севвумӣ дар аҳди Ҳахоманишиҳо. Аз ду Зардушти аввалӣ ва Зардушти аҳди Пешдодиён феълан ҳеҷ гуна асаре то мо омада нарасидааст. Фақат аз Зардушти аҳди Ҳахоманишиён (асрҳои VII ва VI пеш мелод) ба зуҳур пайваста китоби «Авесто» ва нусхаҳои парокандаи он то мо омада расидааст. Муҳаммади Рашшод мисли Игор Пянков «Готҳо»-ро манбаи асосии муайян кардани Зардушт ва шахсияти ӯ мешуморад.

Дар ривоёти порсии дар бораи Зардушт омада Зардушт аз хонаводаи Сито аст, падараш Пурушаб — зореъ ва ё чӯпон аз ах-

---

[45] **Абурайҳони Берунӣ**. Осор-ул боқия. Душанбе, Ирфон, 1990, саҳ. 220.

[46] Ҳамон асар, саҳ. 87.

[47] Ҳамон асар, саҳ. 87.

ли Озарбойҷон ва модараш Дағду — аз аҳли Рай буда. Давраи туфуллиятро ба таҳсили илм пардохта, дар дарбори подшоҳони Эрон ба парастории сарбозони захмӣ машғул шуда, сипас ба хонаводаи худ баргаштааст. «Дар бистсолагӣ аз халқ канор гирифта ва дар сисолагӣ дар соҳили руди Донатиё (дар таълифоти Игор Пянков «Ваҳан Датё», водии Зарафшон омадааст — С.С.) воқеъ дар Озарбойҷони Ғарбӣ Амшанспанд Вахуман бар вай зоҳир гашта ва ӯро аз ҷониби Аҳуро ба рисолат маънус намуда»[48]. Пас аз ин ба шаҳр баргашта, ба таблиғи аҳкоми шариати худ пардохт, вале ба муқобилияти шадиди рӯҳониён дучор гардид. Зардушт дар сини 40-солагӣ аз Озарбойҷони Ғарбӣ ба Балх, ки пойтахти кишвар буд, муҳоҷират намуд. Пас ба ҳузури шоҳ мушарраф шуд, дини худро ба вай арза карда, шоҳ ва рӯҳониёнро ба дини худ даровард ва тамоми шариаташро сар то сари Эрон нашр намуд.

Аз порчаҳои боқимондаи китоби муқаддаси оини зардуштӣ «Авесто» маълум мегардад, ки дини мазкур ҳамчун мафкураи сохти хоҷагии деҳқонӣ дар ҷараёни гузаштан аз сохти хоҷагии бодиянишинӣ ба хоҷагии деҳқонӣ ба вуҷуд омадааст. Ин маъниро аз порчаҳои боқимондаи «Авесто», ки мурочиати Зардушт ва ҷавобҳои Аҳурамаздо акс ёфтааст, дидан мумкин аст. Саволи Зардушт: «Аз ту мепурсам ба ростӣ ба ман бифармо, эй парвардигори олами ҷисмонӣ Аҳурамаздо, куҷост он мақоми дигар, ки боиси шодӣ ва зебоии замин гардидааст?» Ҷавоби Аҳурамаздо: «Ин ҳамон ҷост, ки бандагон барои худ маскан, оташкада ва барои ҳайвонот ҷое сохта, соҳиби зану фарзанд ва доройӣ ва дастаҳои ҷангии нағз бошанд. он вақт дар макони онҳо ҳайвоноти бисёр, хайру баракат,чарогоҳ,зан, ҷавонмардон, оташ ва ҳамагуна нозу неъмат муҳайё хоҳад шуд».

Аз тарафи дигар, шариати Зардушт сурати мукаммалшудаи шариати қадими Маздоянсо аст, на шариати ҷадид. Ва усули оташпарастӣ ва ибодати Ҳур ва Меҳр, ки мабнои шариати Зардушт мебошанд, қабл аз аҳди Пешдодиён низ мавҷуд будааст. Дар «Готҳо» тасреҳ шуда, ки мақсади Зардушт аз рисолат ҳамоно равнақ додани оини қадимӣ — шариати маздоясно будааст.

---

[48] *Ниг.* Муҳаммади Рашшод. Фалсафаи аз огози таърих. саҳ. 88-89.

Бояд тазаккур дод, ки сабаби пайдоиши оини зардуштӣ мисли ҳамаи динҳо аз ҳаёти реалии инсонҳо гизо гирифтааст, вале тарзи тафаккури он мисли ҳамаи динҳои дигар идеалистӣ ва ҳаёлӣ мебошад. Чи тавре ки дар боло дидем, пеш аз оини зардуштӣ дар Осиёи Миёна ва Эрон ақидаҳои динӣ ва худоҷӯӣ дар шакли парастиши ашёҳои табиӣ — офтоб, об, оташ, бод, хок (замин) ва гайра вуҷуд доштаанд. Зардушт мисли оини маздоясно гояи яккахудоиро пеш ронд. Ғояи яккахудоӣ ҳаракат ва кӯшишҳои муттаҳидшавии халқҳои эрониро, ки аввалҳо дар Эрони Шарқии Осиёи Миёна (Ариана, Бохтар, Сугд, Хаталиён, Мавр, Хоразм, Хуросон) ба вуҷуд омада буд, акс кунонидааст. Бесабаб нест, ки дар «Авесто» маҳз номи ҳамин вилоятҳо зикр шудаанд.

Масъалаи дигаре, ки эътибори ҷиддӣ мехоҳад ва то андозае аз тадқиқотҳои муаррихону бостоншиносон каму беш рӯшан гардидааст, он аст, ки Зардушт аз осоиши маҳаллоти молдорону зироаткорон дифоъ мекард, тарафдори ҳокимияте буд, ки зиндагии орому осоиштаи молдорону зироаткоронро таъмин менамуд ва онҳоро аз ҳамлаҳои горатгарона, ки боиси куштори мардум ва ганимат гирифтани сарвати ӯ мешуд, ҳимоят мекард. Киҳо буданд ин горатгарон ва мардумони горатгари кӯчӣ, чандон маълум нест, вале чунин далели аниқ аст, ки кеши зардуштӣ дар огози пайдоиш тамоили демократӣ доштааст ва озодиву оромии мардумро ҳифз менамудааст. Бидуни ин барои зардуштиёни қадим зироаткорӣ, ободии замин ва парвариши чорво,шодоб сохтани заминҳои боир (хушк, беоб, лалмӣ) амали беҳтару шоистатарин дар пеши Аҳурамаздо, муассиртарин кӯмак дар муборизаи ӯ алайҳи нерӯҳои зишт маҳсуб мешуд[*].

Чунон ки ишора намудем, дар таълимоти зардуштӣ ба замин эътибори махсус дода мешуд, онро муқаддас медонистанд: «Замин дар он ҷой ва аз он касон шод аст, ки аз ҳама бисёртар галла, алаф ва дарахтони мевадор рӯёнида шуда, заминҳои хушк обёрӣ ва ботлоқҳо ба киштзор мубаддал шудаанд. Эй одаме, ки ту маро ба дасти чапу рост ва росту чап меронӣ ва кишт мекунӣ, ман ба тарзи доимӣ ба ту ёрӣ мерасонам, хӯрокворӣ ва ҳар чизе,

---

[*] *Ниг:* Игор Пьянков. Пайёмбар Зардушт.—Адабиёт ва санъат с.6.

ки тавонам, ба ту хоҳам дод». «Он касе, ки ғалла мекорад, кори муқаддасе ба ҷо овардааст»[50].

Таълимоти Зардуштро асосан ба се бахш тақсим намудан мумкин аст: Фалсафа, аҳком ва ахлоқ. Ақидаи фалсафии Зардушт чунин аст, оламро ду Холиқ мебошад: Оҳуро —Холиқи хайр ва Аҳриман —Холиқи шар (дар оини маздоясно низ ҳамин ду холиқи хайру шар парастида мешуданд). Дар Ясnои 45 навишта шудааст: «Дар гетӣ ду нерӯ даст андар коранд, яке Спинтомину ва дигаре Анграмину».

Замину замон ва куллияи мавҷудоти хуб, аз қабили нур ва оташ ва об ва хирман ва ҳайвоноти аҳл махлуқи дасти Оҳуро аст, ки онҳоро аз қавми адам ба арсаи вуҷуд овардааст. Ва куллияи мавҷудоти бад, аз қабили афъӣ ва ақраб ва ҳашароти музия ва ҳайвоноти дарранда ва дуд ва касофат махлуқи Аҳримананд, ки ба зӯр дохили ин олам шудаанд. «Чун Оҳуро оламро халқ кард, зоти палиде чун магаси заҳролуд бар он фуруд омад ва тамоми оламро биёлуд. Заминро аз ҳароми музия ва ҳайвоноти газанда ва заҳрогин ва мору ақраб ва ғук пур кард, то он ҷо, ки сарсӯзане бар ҷой намонд, ки аз ин вуҷуд олуда нашуда бошад»[51].

Охуро доимо мекӯшад, ки Аҳриманро аз мулки вуҷуд берун ронад, вале Аҳриман муқовимати сахт мекунад ва муқовимати ин ду Халоқи ҳайру шар то охири дунё, то давраи зуҳури Сушиёт давом мекунад. Мувофиқи ривояти оини зардуштӣ, Сушиёт пас аз қиёмат ва растохезӣ ба эҳъёи замин мепардозад, кирми оҳанини заминро тоза мекунад. Муқовимати Оҳуро ба Аҳриман торафт шиддат мегирад, саранҷом нур бар зулмот ғолиб мегардад.

Мувофиқи таълимоти фалсафии Зардушт, Худо Аҳурамаздо чун коинотро офарид, идораи умури онро ба ӯҳдаи Амшоспандон (фариштаҳои муваккале, ки то қиёмат арзи ҳастӣ доранд) супорид, худ кори ҳимояти покӣ, ҳаёт, тоҷу тахт ба салотин, ҳақиқат ва саркӯб намудани душманонро ба ӯҳда гирифт (ин тартибот низ айнан ба ойини Маздоясно монандӣ дорад). Ба қавли Зардушт низ он худоҳое, ки дар гирди Аҳуромаздо ҷамъ омадаанд, шаш

[50] Мирзозода Х.М. Таърихи адабиёти тоҷик. қ.1. ч.1, саҳ.23.

[51] Муҳаммади Рашшод.Фалсафа аз огози таърих. саҳ.93.

алад буда, бо номи «Амурта спонта» маълуманд. Онҳо олами моддиро идора намуда ҳар кадоме як вазифа дорад. 1. Вуҳумана — нигаҳбони ҳайвонҳои фоидабахш. 2. Уврта ваҳшита — посбони оташ. 3. Ҳшашра вариа — нигаҳбони маъданиёт. 4. Спута арамати —посбони замин. 5. Ҳарватот (Ҳурутот, Ҳурдод) — нигоҳбони саломатӣ ва дӯстӣ. 6. Амуртатот (Амртот, Мурдод) — посбоникунандаи обу гиёҳҳо. Аз рӯи маълумотҳои «Готҳо» низ вуҷуди ин фариштаҳо рӯшан мешавад. Пас ба хулоса омадан мумкин аст, ки олами моддиро нигоҳбонӣ кардани ин худоҳои шашгона аломати боқимондаи хислатҳои моддии ҷиҳати илоҳии онҳоянд. Яъне агар худоҳо ба ҳаёти моддӣ алоқаманд бошанд, пас пайравонашон низ ба ҳаёти моддӣ алоқаманданд, чунки дин ва эътиқодҳои динӣ низ аз замин ва ҳаёти воқеӣ гизо мегирад ва асоси пайдоиши он ҳам ба инсону тафаккури он вобастагӣ дорад.

Воқеан хубӣ ва бадӣ дар вуҷудот фитрӣ аст, бинобар вуҷудоти хубӣ маҳсуби лашкари Оҳуро ва мавҷудоти бадӣ ҷузви лашкари Аҳриман мебошанд. Дар даруни одам ду фариштаи ҳамзод мавҷуд аст. Яке инсонро ба сӯи некӣ ва хайр ва дигаре ба сӯи бадӣ ва шар мебарад. Талоши онҳо то рӯзи марг давом мекунад (дар ривоятҳои дини ислом низ дар вуҷуди одам ҳамин гуна фариштагон арзи ҳастӣ доранд). Мувофиқи таълимоти оини зардуштӣ «Рӯҳи инсон боқӣ аст ва пас аз марг то се рӯз даври ҷасад ҳалқа мезанад ва камо фиссобиқ эҳсоси шодӣ ва андӯҳ мекунад ва он гоҳ ҳангоми вазиши бод ба олами боло уруҷ мекунад»[32].

Бояд тазаккур дод, ки таълимоти дини зардуштӣ бо моҳияти фалсафии худ дуақидави (дуалистӣ) буда, ба гурӯҳи ақидаҳои санавия дохил мешавад, зеро як гурӯҳи худоҳо бо сардории Аҳура Маздо аз ҷавҳари пок ва некиҳо, гурӯҳи дигар бо сардории Аҳриман офаридагори бадиҳо мебошанд. Азбаски дар таълимоти Зардушт мисли оини Маздоясно танҳо офаридагори некиҳо, хубиҳо парастида мешавад, бинобар ин динро оини яктопарастӣ меноманд.

[32] Муҳаммади Рашшод. Фалсафа аз огози таърих, сах.94.

Зардушт дар «Авесто» ҳайати иҷтимоии ҷамъияти онрӯзаро ба чаҳор табақа тақсим намудааст: рӯҳониён, ҷанговарон, пешаварон, кишоварзон.[53]

Рӯҳониён ба равшан нигоҳ доштани оташи муқаддас, ширкат дар маросими қурбонӣ, хондани сурудҳои мазҳабӣ, дуоҳо ва адои намоз, таълими атфол ва қабули тавбаи гуноҳгорон машғул буданд. Дар аҳди Ҳахоманишиён онҳо, ба ҷуз вазоифи мазкур, ба кори дигар намепардохтанд, дар аҳди Ашкониёну Кӯшониён каму беш рӯҳониён дар маҷлисҳои шӯрои мамлакат иштирок менамуданд, вале дар аҳди Сосониён рӯҳониён батамом вазифаҳои аслии худро ба ӯҳдаи шогирдон ва муридҳояшон гузошта, пурра рӯ ба дарбори шоҳон оварданд. Асосгузори давлати Сосониён Ардашери Бобакон, ки дар таърихи ҳаёти эрониёни шарқӣ ҳамчун зиндакунандаи дини беҳӣ шинохта шудааст, фармон дод, ки рӯҳониён аз ҷомеаи миллатанд ва бояд аз ҳар ҷиҳат мавриди таваҷҷӯҳи шоҳона қарор гиранд. Ин боиси афзудани эътибори рӯҳониён, афзудани сарвату боигарии онҳо гардид, зеро фаъолияти онҳо аз ҷониби давлат дастгирӣ меёфт.

Дар бораи мартабаи рӯҳониён мӯбади мӯбадон Картир (муосири Шопури Аввал, Ҳурмузи Аввал, Баҳроми Аввал ва Баҳроми Дуюм будааст) ин тавр нигоштааст: «Оини маздоӣ ба дасти ман таҳким ёфт ва мардони фарзона ва лоиқ ба мақоми болотар иртиқо ёфтанд... Оташкадаҳо ба дасти ман эҷод гардид ва муғон бар он гумошта шуданд. Бо фармони Офаридагор ва шоҳаншоҳ ва ман мансаби онҳоро таъйид намудем ва дар саросари кишвар оташкадаҳои мутааддиде сохта шуд. Издивоҷ ба ақориб (маҳорим) дубора мамнӯъ гардид... Кеш ва оин равнақ ва ҷалол ёфт ва амри Худо бар ҳама ҷо сояафкан шуд»[54]...

Оини зардуштӣ дар аҳди Ашкониён заиф шуда буд, вале дар аҳди Сосониён аз нав нумӯ ва равнақ ёфтааст; Сосониён динро

---

[53] **Муҳаммади Рашшод.** Ҳамон асар, саҳ.95-96.

[54] Нақл аз китоби «Таърихи тамаддуни Эрон», таълифи ҷамъе аз донишварони эроншинос, тарҷумаи Ҷавод Муҳйӣ ва Серперс Сойкс. Таърихи Эрон, саҳ.542-550.

ба давлат тавъам намуданд.[55] Ардашери Бобакон ба писараш Шопури Аввал чунин васият кардааст: «Бидон, эй писар, ки мулк ва дин ҷуфт ва ҳамзоди якдигар ҳастанд ва ҳар якро бояд нигаҳбони дигаре донист»[56]

Баъд аз рӯҳониён ҷанговарон дар Эрони бостон соҳибмартаба буданд, авлоду насли ононро наҷибзодагон меномиданд. Онҳо мисли рӯҳониён аз пардози молиёт ва аворизи давлатӣ озод буданд. Ҳукми ин табақа ба пешаварон, кишоварзон, молиёт роиҷ буд.

Ҳукумати марказӣ дар Эрони бостон аз замони Ҳахоманишиён то аҳди Сосониён ба фаъолияти шоҳ ҳамчун сояи Худо дар замин вобаста буд, дин, оташкада, фаъолияти мугон, лашкариён — ҳама зери тасарруфи шоҳ қарор дошт. Масалан, дар яке аз катибаҳои Дориюши Бузург — подшоҳи Ҳахоманишиҳо (521-486 т.м.), ки аз набиштаҳои Нақши Рустам ба даст омадааст, чунин нигошта шудааст. «Чун Аҳурамаздо дид кори замин мӯҳтал аст, онро ба ман супурд ва ман онро ба тартиби саҳеҳ даровардам. Ин аст бо фазли Аҳурамаздо илова бар Порс, кишварҳое, ки дар тасарруфи ман ҳастанд, ман бар онҳо ҳукумат мекунам, ба ман боҷ медиҳанд, он чӣ гуфтаи ман аст, иҷро мекунанд ва дар он ҷо қонун маҳфуз аст».[57] Аз ин гуфта маълум мешавад, ки ба ҳокимияти марказӣ — шаҳаншоҳ тамоми рукнҳои ҷамъият итоат мекардааст. Шариати зардуштӣ, ки дини ҳукмрон ва расмии давлатӣ буд, манфиати ҳамин ҳокимияти марказиро ҳимоя менамуд.

Серперс Сойкс ба ин маънӣ таъкид мекунад, ки «Дар ҳеҷ кишваре зиндагонии миллате монанди Эрон дар атрофи подшоҳ марказият надорад. Бинобар ин васфи аҳволи зиндагонии подшоҳи Эрон баъд аз истиқрори давлати шаҳаншоҳӣ чӣ гуна бу-

[55] *Ниг.:* Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ин мазмунро чунин ба назм кашидааст:

Чунон дину давлат ба якдигаранд,
Ту гӯӣ, ки дар зери як чодаранд.
На бе тахти шоҳӣ бувад дин ба ҷой,
На бедин бувад шаҳриёрӣ ба пой... (*Ҷилди Ш. саҳ. 141*).

[56] Муҳаммадаи Рашшол. Фалсафа аз огози таърих, саҳ. 104.

[57] Ҳамон асар, саҳ. 104.

даает... Султон соҳиби ихтиёри мутлақ буда ва қавонину имтиёзот аз шахси ӯ ношӣ мешудааст. Ва нисбати ҳабту хато ба ӯ нораво ва саодату шавковати тамоми аҳли кишвар тобеи ахлоқу табиат ва лаёқату кифояти ӯ будааст»[58].

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса бармеояд, ки оини зардуштӣ ҷараёни муттаҳидшавии эрониёни қадим, кӯшишҳои барҳам додани давлати майда, ташкили давлати ягонаи шаҳаншоҳӣ ва дар зери фармони як ҳукумат ҷамъ намудани вилоятҳои эрониро, ки дар замонаш ҳодисаи пешқадами таърих мебошад ва ба муқобили душманон чунин якшавии мардуми орийӣ равона карда шудааст, асосан акс намудааст. Ҳамин ақидаҳои Зардушт дар китоби «Авесто», ки асоси онро мифология ташкил менамояд, инъикос ёфтааст.

Илова ба ин гуфтаҳо, таълимоти маърифатию ахлоқии Зардушт низ ҷолиби диққат аст. Пояҳои оини Зардушт — паёмбар аз се асл иборат дониста мешавад: гуфтори нек, пиндори нек, рафтори нек. Ин се усули аҳкоми Зардушт ҳисобида мешавад. Дар хусуси ин се асли аҳкоми Зардушт дар «Авесто» сухан рафта, пеш аз ҳама, ростгӯӣ умумулмаводи қонунҳои илоҳӣ хонда мешавад. Масалан, дар «Ясно»-и 53 омада: «Эй Аҳурамаздои бузург, моро ба тавассути ростӣ дар зери ҳимояти худ ҷой бидеҳ, то пиндори нек ва рафтори нек низ ба сӯи мо рӯй оварад». Ё ин ки ба ин маънӣ дар «Виспарат» (20-2) таъкид шудааст: «Бишавад дар ин дудумон ростӣ бар дурӯғ чира ояд. Мо меситоем ва дуруд мефиристем суханони ростӣ, ки ҳамвора пирӯзманд буда ва саросар нуфузи бади дурӯғро дар ҳам мешикананд».

Мувофиқи ақидаи Зардушт, пояи оини ӯ ба рӯи ростӣ ниҳода шудааст, бинобар он судбахш аст. Дар «Минуги хирад» низ таъкид шудааст, ки «Ростӣ оини эзидӣ ва қонуни порсоӣ аст». Масалан, дар ривояте Ваҳуман аз Зардушт пурсид, ки «Мунтаҳои орзуи ту чист ва аз барои чӣ ин ҳама мекӯшӣ? Зардушт ҷавоб дод, ки: Ягона орзуи ман ростӣ ва ростгӯӣ аст». Ё ин ки Зардушт ба ҷавонон муроҷиат карда, дар суруди 53 банди чаҳоруми «Готҳо» овардааст: «Зебоӣ, неъмат, баракат, лаззат, шодмонӣ, осоишу

[58] Серперс Сояке. Таърихи Эрон, ч. 1, саҳ. 226.

равоҳ аз додҳони маздоӣ аст... Ҳар яке аз шумо бикӯшед, ки дар тарики ашоӣ (низоми ростин, ростӣ, дурустӣ,дод) аз дигаре пешӣ ва сабқат бигиред, чун чунин аст, ки подоши беҳтаре ва зиндагии накӯтаре хоҳед ёфт»[40]. Инак, ба чанд рукни аҳкоми Зардушт мутаваҷҷеҳ мешавем:

1. Илтизом бар покизагии бадан ва мурооти назофат;

2. Ҷидду ҷаҳд ва кӯшиш дар тарбияи атфол (мувофиқи маълумоти Ҳеродот, эрониён ба тарбияи атфол эътибори ҷиддӣ медоданд, то ки мардони ҷасур ва ҳимоятгарони нирӯманди ватан тарбия ёбанд. Тифлон то панҷсолагӣ ба чашми падар наменамуданд ва дар ҳарамсаро дар миёни занон мезистанд, то бистсолагӣ ба ҷуз аспсаворӣ, тирандозӣ ва ростгӯӣ чизи дигаре намеомӯхтанд).

3. Кӯшиш дар ободонии мулк. Зардушт гӯяд: «Марди муқаддас он касест, ки дар ин дуне ҷойгоҳе бисозад ва оташу мавошӣ ва зану фарзанд ва галаҳои хуб дар он нигоҳ дорад. Ҳар ки гандум ба амал меоварад ва дар арозӣ дарахти мева менишонад, ӯст, ки тухми сафо кошта ва ба қадри сад қурбонӣ дини Оҳурамаздоро баст додааст».

4. Эҳтироз ба танбалӣ («Аз коҳилӣ барҳазар бош, то аз анҷоми вазифа бознамонӣ).

5. Афзудани ҳайвонҳои муфида (фоидаовар), мисли гӯсфанд, буз, аспу гов ва саг (саг дар оини зардуштӣ азизтарин ҳайвон дониста мешуд; касе,ки сагро мекушт, қотилаш мисли қотили инсон ба ҷазо маҳкум мегардид).

6. Дурӣ ҷустан аз рибохӯрӣ, худхоҳӣ, ҳасад, тамаъ, гурур, хашм, қатли нафс, зино, азодорӣ барои мурдагон.

7. Саъй дар талаби илм. Зардушт гӯяд: «Эй ростарин дониши Маздо, офаридаи муқаддас, агар ту дар пеш бошӣ, мунтазири ман бимон ва агар дар дунбол бошӣ, бо мо бирас!».

Ё ин ки дар ҷои дигар:

«Одамӣ ба кору кирдоре, ки анҷом медиҳад, бояд маърифату шинохт дошта бошад. Барои хуш омадани касе ё расидан ба

[40] Зардушт. Готҳо.-Алаб. 1992, №3, саҳ. 11 (Тарҷума ва тафсир аз Ҳошими Разӣ).

мақсуде набошад ҷуз нафси ростиву некӣ»[60]

Дар охири ин фасл мехоҳем диққати хонандаи имрӯзаро ба масъалаи таъсири оини Маздоясно ва дини Зардушт — паёмбар ба тамаддуни Ғарб, пеш аз ҳама Юнони қадим, мухтасар ҷалб созем. Дар ин бобат муаллифи «Саҳми Ирон дар тамаддуни ҷаҳон» саҳмгир аст.[61] Бино ба гузориши ӯ, «Юнониён худ мӯътариф буданд, ки онҳо ворисон ва ҷонишинони ҳукамои Шарқ, хосса Зардушт мебошанд»[62] ва таммадуни шарқиён тавассути оини зардуштӣ ба тамаддуни Ғарб таъсири зиёд гузошта. Аз маълумоти муаррихони Юнон бармеояд, ки Зардушт ба Пифагор ҳикмат омӯхтааст, инчунин дар Юнони қадим чунин ақида ҳукмрон аст, ки оғози ҳикмат аслан аз Машриқзамин аст. Ҳанӯз дар қарни шашуми пеш аз мелод дар байни Эрон ва Юнон равобити фарҳангӣ мавҷуд будааст. Дар натиҷа олимону донишмандони юнонӣ ба дарбори шоҳони ҳахоманишӣ роҳ меёфтаанд. Дар ин бобат асноду ҳуҷҷатҳои зиёди муаррихони юнонию румӣ хабар медиҳанд. Мутафаккирони юнонӣ Демокрит,Протагор, Пифагор Афлотун, Эмпадокл, Ҳеродот ва Исокрит дар навиштаҳои худ аз оини Зардушт ва фаъолияти муғони зардуштӣ ишораҳо кардаанд. Масалан, мувофиқи шаҳодати муаррихони асри III-и пеш аз мелодии юнонӣ, онҳо ба Ховар сафар карда, дугонагии мазҳаби Маздоясноро мешинохтанд ва таҳсин менамуданд. Дар зери таъсири оини яктопарастии зардуштӣ Афлотун дар китоби «Ҷумҳурӣ»-и худ навиштааст: «Миллате, ки Худои ягонаро намепарастанд, тавоно намешаванд. Зеро ки ақида ба Худо ӯро умедвор ба як зиндагии ояндае месозад ва ҳиммате дар ӯ падид меоварад, ки амали нек кунад ва маргро бидуни икроҳ (маҷбурӣ) ва ранҷ бупазирад»[63].

---

[60] **Ҳамид Найири Нурӣ**. Саҳми Ирон дар тамаддуни ҷаҳон. Теҳрон, 1967 саҳ. 205.

[61] **Ҳамид Найири Нурӣ**. Нури Ховар.-Фарханг,1991, №5, саҳ. 52. (таҳияи Комил Бекзода).

[62] **Зардушт**. Готҳо. Адаб, 1992, № 2, саҳ. 13 (тарҷума ва тафсир аз Ҳошими Разӣ).

[63] **Ҳамид Найири Нурӣ**. Нури Ховар — Фарҳанг, 1991, № 5, саҳ. 52-54.

Донишманди дигари юнонӣ Ксенофан, ки худ дар зери таъсири оини зардуштӣ ба Худои ягона имон оварда буд, муосиронашро, ки бисёрхудоиро мепарастиданд, панд дода, даъват мекард, ки Худои муваҳҳидро (ягонаро, парастанд. Ин Худо, ба андешаи Ксенофан, азалӣ, абадӣ ва тағйирнопазир аст, ҳама биниш аст ва ҳама дониш»[63]

Аз маълумоти Афлотун инчунин маълум мешавад, ки юнониҳо мисли қавми ориёӣ ба ду Холиқ — Холиқи хайру Холиқи шар низ эътимод доштаанд. Юнониҳо низ мисли эрониҳо инсонро маҳсуб ба олами асғар мешуморанд, ки аз ҳар ҳайс ба олами акбар шабоҳат доранд. Ин ақида низ аз эрониҳо ба Юнон гузаштааст. Дар ин хусус дар «Тимей»-и Афлотун ва «Бундаҳишна»-и форсӣ сухан рафтааст. Юнониён аз замони бисёр дур шариъати марбут ба замони бекарон (зарвон акарана)-ро ба Зардушт ва муғон нисбат медоданд. Онҳо ба замон унвони худой додаанд, ки ин фикр моро ба он меорад, ки аз зарвони порсӣ таъсир гирифтаанд. Ин ҳама гуфтаҳо гувоҳи ҳоланд, ки оини Маздоясно ва дини Зардушт на танҳо дар Машриқзамин, ки макони зуҳуру таҳаввул ва парастиш қарор дорад, балки аз қадимулайём ба кишвару ақвоми дигар низ таъсир расонидааст.

## БИДЪАТҲОИ ДИНИ ЗАРДУШТӢ

Зиддиятҳои дохилӣ, мубориза ва ягонагии онҳо қонуни ҳаёт ва тафаккуранд. Ҳарчанд ки дини зардуштӣ ба дини давлатӣ ва собитқадам мубаддал гашта буд, вале аз замонҳои қадим дар дохили он муборизаҳои мазҳабӣ,ақидавӣ ва майлҳои аз он берун рафтан (илҳод) сар шуда буд, ки муборизаи дар ҷамъияти онирӯзаи қавмҳои эронӣ вуҷуддоштаро акс мекунонд. Мӯъбадони собитқадами зардуштӣ барои сунат — қонуну қоидаҳои қадимии зардуштӣ мубориза мебурданд ва тарафи муқобил ҳам доштанд. Ягона ақидаи оппозитсионӣ ба муқобили маздопарастии собитқадам ақидаи зарвонӣ аст, ки дорои ҷаҳонбинии фалсафии материалистӣ низ буд.

---

[63] Ҳамон асар, саҳ. 52-54.

Донишманди дигари юнонӣ Ксенофан, ки худ дар зери таъсири оини зардуштӣ ба Худои ягона имон оварда буд, муосиронашро, ки бисёрхудоиро мепарастиданд, панд дода, даъват мекард, ки Худои муваҳҳидро (ягонаро, парастанд. Ин Худо, ба андешаи Ксенофан, азалӣ, абадӣ ва тағйирнопазир аст, ҳама биниш аст ва ҳама дониш»[63]

Аз маълумоти Афлотун инчунин маълум мешавад, ки юнониҳо мисли қавми ориёӣ ба ду Холиқ — Холиқи хайру Холиқи шар низ эътимод доштаанд. Юнониҳо низ мисли эрониҳо инсонро маҳсуб ба олами асғар мешуморанд, ки аз ҳар ҳайс ба олами акбар шабоҳат доранд. Ин ақида низ аз эрониҳо ба Юнон гузаштааст. Дар ин хусус дар «Тимей»-и Афлотун ва «Бундаҳишна»-и форсӣ сухан рафтааст. Юнониён аз замони бисёр дур шариъати марбут ба замони бекарон (зарвон акарана)-ро ба Зардушт ва муғон нисбат медоданд. Онҳо ба замон унвони худоӣ додаанд, ки ин фикр моро ба он меорад, ки аз зарвони порсӣ таъсир гирифтаанд. Ин ҳама гуфтаҳо гувоҳи ҳоланд, ки оини Маздоясно ва дини Зардушт на танҳо дар Машриқзамин, ки макони зуҳуру таҳаввул ва парастиш қарор дорад, балки аз қадимулайём ба кишвару ақвоми дигар низ таъсир расонидааст.

## БИДЪАТҲОИ ДИНИ ЗАРДУШТӢ

Зиддиятҳои дохилӣ, мубориза ва ягонагии онҳо қонуни ҳаёт ва тафаккуранд. Ҳарчанд ки дини зардуштӣ ба дини давлатӣ ва собиткадам мубаддал гашта буд, вале аз замонҳои қадим дар дохили он муборизаҳои мазҳабӣ,ақидавӣ ва майлҳои аз он берун рафтан (илҳод) сар шуда буд, ки муборизаи дар ҷамъияти онрӯзаи қавмҳои эронӣ вуҷуддоштаро акс мекунонд. Мӯъбадони собиткадами зардуштӣ барои сунат — қонуну қоидаҳои қадимии зардуштӣ мубориза мебурданд ва тарафи муқобил ҳам доштанд. Ягона ақидаи оппозитсионӣ ба муқобили маздопарастии собитқадам ақидаи зарвонӣ аст, ки дорои ҷаҳонбинии фалсафии материалистӣ низ буд.

---

[63] Ҳамон асар, саҳ. 52-54.

**Ақидаи зарвония**

Калимаи «зарвон» дувоздаҳ аср пеш аз мелод вомехӯрад. Маълумотҳо дар бораи Зарвон ва писарони ӯ аз «Авесто» оғоз ёфтааст. Аммо номи ӯ дар «Ясно»-и 30 ва банди 5-ми «Готҳо», ки дар бораи ду гавҳари аввала худоёни ҳамзод, бародарони тавъам Урмузд ва Аҳриман сухан меравад, ёд карда нашудааст, вале падари онҳо будани Зарвонро муҳаққиқон тахмин мекунанд. Дар «Авесто»-и мавҷуда Зарвон дар баъзе мавридҳо ҳамчун Эзид зикр шудааст. Дар назари Зардушт маниши нек («Спунта манию») ва маниши бад (Анграманию) ҳамзод будаанд ва ҳар ду ба воситаи як Худованд, ки номи ӯ маълум нест, ба вуҷуд омадаанд. Ин Худованд замон ва макони мутлаққу бениҳоят аст.

Дар «Авесто» «зарвона» ба маънои замон буда, Худои марг ва посбони пули Чинут (пули сироти зардуштиён) аст, ки аз он рӯзи қиёмат рӯҳи мурдагон мегузаранд. Пас Зарвон дар «Авесто» аз он худоёнест, ки ӯро парастиш мекунанд. Дар замони Ҳахоманишиён дар ин бора фикрҳои гуногун вуҷуд дошт. Баъзеҳо онро Худованди макон (савоша) ва баъзе замони мутлақ (зарвон) шуморидаанд.Аз муаррихони хориҷӣ аввалин касе, ки «Зарвон»-ро ёд кардааст, Еудемос Рходес аст, ки дар нимаи дуюми асри IV пеш аз мелод зиндагӣ кардааст. Мувофиқи шаҳодати ӯ «Дар миёни муғон ва ҳамаи нажоди ориёнӣ мафҳуми вуҷуд ва ҳақиқатро баъзе макон ва баъзе замон (яъне Зарвон) меноманд, ки аз он ду гавҳар падид омадааст: яке Холиқи хайр, дигаре Холиқи шар ва ё бинобар қавли баъзе аз онон, пеш аз ин ду гавҳар: нур ва зулмот пайдо шудааст. Аз ин маншаи ихтилоф ва таноқиз дар олами табиат шудаанд, ки дар ибтидои амр ихтилофе бо якдигар надоранд». Аз рӯи нақли шогирди Арасту, зарвония бояд дар охири салтанати Ҳахоманишиҳо ва ибтидои фаъолияти Искандари Мақдунӣ паҳн шуда бошад. Ин гумон аз ҳақиқат дур аст, зеро дар яке аз оятҳои «Авесто» (ояти 30-ум ва банди 3) гуфта шудааст, ки Урмузд ва Аҳриман ду гавҳари ҳамзотанд. Агар чунин аст, онҳо бояд падар дошта бошанд. Ин падар ҳамон падар аст, ки дар зарвонпарастӣ ӯро медонанд ва хеле қадим аст. Бинобар зарвонро ёдовар шудани Рходес маънои онро

надорад, ки зарвония дар замони ӯ пайдо шудааст, балки аз вуҷуд доштани чунин ақида хабар медиҳад.

Ҳамид Найири Нурӣ дар китоби «Саҳми Эрон дар тамаддуни ҷаҳон» (1967) ба маводҳои пешниҳоднамудаи муаррихони юнонӣ такя намуда, таъкид кардааст: «Юнониён аз замони бисёр дур шариъати марбут ба замони бекарона (зарвон акарана)-ро ба Зардушт ва муғон нисбат медоданд ва ин фикр ҳамон тавр, ки Юнкер ба таври саҳеҳ тазаккур дода, он қадар барои онҳо ошно ва оддӣ шуда буд, ки дар назарияи онҳо дар бораи замон муассар буд. Улуҳият бахшидан ба замон, ки дар дини Орфик дида мешавад, яке аз нукотест, ки нуфузи эрониёнро дар тафаккури Юнон нишон медиҳад. Ба ақидаи Фрайкид, замон Худои аъло аст. Ҳамин амр, ки юнониён ба Хронс ё замон унвони худой додаанд, беихтиёр моро ба ёди зарвон ва асари Эрон дар ин фикр меандозад»[64].

Пас ақидаи зарвонпарастӣ, мисли оини маздоясно, то оини зардуштия арзи вуҷуд кардааст, то ба ҳадде, ки аз он юнониҳо таъсир гирифтаанд. Ҳатто подшоҳи слевкавиҳо Антиохаи I дар бораи ба худоҳои юнонӣ ва эронӣ итоат кардани худ сухан ронда, ҳамаро даъват кардааст, ки ба замони мутлақ (замони бе ниҳоят) ё «Зарвона акарана» пайравӣ намоянд.

Ниҳоят, кам будани ҳуҷҷатҳои қадимӣ вуҷуд доштани зарванияро ба зери шубҳа гирад ҳам, манбаъҳои мавҷуда дар замони Сосониён дар авҷ будани ин ақида ва бисёр вақтҳо оини расмӣ давлатӣ гардидани онро тасдиқ менамоянд. То ислом дар расмият будани оини зарвонӣ аз он ҳақиқати таърихӣ ҳам маълум аст, ки Монӣ (асри III м.) дар таълимоти худ Зарвонро Худои бузурги худ номидааст ва Урмуздро зердасти ӯ медонад. Дар порчаҳои монавиёни эронӣ, суғдӣ ва ӯйғурӣ «Зарвон ба унвони нахустин Холиқ дониста шудааст».

Пас дар асри III мелод Зарвон мартабаи илоҳӣ доштааст. Аммо дар баъзе давраҳо дар натиҷаи муборизаҳои мазҳабӣ таълимоти зарвония азамияти худро гум мекард. Аз ин ҷост, ки дар китоби мазҳабии давраи паҳлавӣ, ки усули дини зардуштист,

---

[64] **Ҳамид Найири Нурӣ**. Нури Ховар.- Фарҳанг. 1991. № 5. саҳ. 56.

Зарвон на ҳамчун Худои аввалин ва падари Урмузду Аҳриман, балки яке аз худоҳои камаҳамият шуморида шудааст. Дар китоби «Минуги хирад», ки дар охири даврai Сосонӣ навишта шудааст, дар бораи ақидаи зарвонӣ чунин маълумот дода мешавад: «Ҳамаи корҳои ҷаҳон ба қазо ва замон мащити олияи Зарвон, ки вуҷудаш қоим ва фармонравоияш тӯлонист, боз бастааст». Инчунин дар китоби «Уламои ислом» ҳам гуфта шудааст, ки дар оини зардуштӣ ақидае ҳаст, ки ғайр аз замони махлуқ, замони холиқро низ эътироф менамояд.

Дар замони Сосониён се дини халқҳои эронӣ дар расмият будааст. Яке аз онҳо маздопарастии собитқадам аст, ки ба таълимоти аслии маздоӣ ё ки зардуштӣ пайравӣ мекард. Асоси таълимоти он нуру зулмот буд ва ақидаҳои дигарро мулҳидӣ (бединӣ) шуморида, пайравонашро таъқиб менамуд. Дигаре ақидаи зарвонӣ буд, ки пайравонаш замонро Худои бузург ва падари Урмузду Аҳриман медонистаанд. Сеюмӣ ақидаи вотукон — ҷодуӣ аст, ки ҳам Урдмузд ва ҳам Аҳриманро мепарастиданд. Ҷодувон дар байни ақидаи маздопарастӣ ва зарвонпарастӣ, ки бо ҳам ихтилоф доштанд, чун оини миёнарав зоҳир шудааст. Аз ин рӯ, ақидаи зарвонӣ ва вотуконро ҳамчун оппозитсия ба дини собитқадами маздопарастӣ бояд донист.

Ақидаи зарвонӣ аз қадим ҳамчун оин ва фалсафаи оппозитсонӣ ба муқобили маздопарастӣ давом карда, мувофиқи шароити замонаш нуқтаи назари табақаҳои норозии ҷамъиятро ифода намудааст. Барои ҳамин ин ақида дар аҳди Сосониён ҳам зиддиятҳои иҷтимоӣ ва эътирози табақаҳои гуногуни ҷамъияти тоисломиро инъикос кунонидааст. Масалан, дар китоби «Минуги хирад» марди ҳунарманд мулҳид ва рафтори ӯ бединӣ шуморида шудааст. Аз ин ҷо пай бурдан мумкин аст, ки зарвонпарастӣ ва равияи моддиюни он маҳз дар байни табақаҳои ҳунарманду аҳли илму адаб паҳн шуда, ҳолати рӯҳияи эшонро акс кунонидааст. Ин ба он монанд аст, табақаи поёнии мардуми Ҳинд фалсафаи «локаято»-ро ба вуҷуд овардаанд, ки асоси материалистӣ — даҳрӣ дорад ва ба тафаккури фалсафии Ғарбу Шарқ таъсир гузоштааст.

Бояд тазаккур дод, ки ин оинҳо дар дохили худ фарқҳо доштанд ва ин зидиятҳои дохилиро нишон медоданд. Яке аз он оин ва андешаи фалсафӣ ҳамин оини зарвония аст, ки ба ду шоха ҷудо шуда буд: Зарвонияи мазҳабӣ ва зарвонияи фалсафии моддӣ,ки бо ҳам зиддият ва мубориза доштанд.

**Зарвонияи махҳабӣ**

Асоси ин ақида он аст, ки пеш аз ба вуҷуд омадани маҳлуқоти осмон ва рӯи замин, вуҷуде бо номи «Зарвона акарана» ҳамчун тақдир ё ки фарр мавҷуд буд. Вай дар муддати ҳазор сол қурбонӣ (фидия)-ҳо дода, то ки аз вай писаре таваллуд шавад ва номашро Урмузд (Аҳурамаздо) гузорад ва ӯ осмону замину чизҳои ба онҳо дар-кориро офарид. Баъд аз ҳазор сол ба кӯшишҳои худ шак овард ва фикр кард, ки оё баъд аз ин қадар садақадиҳиҳо дорои писаре бо номи Урмузд хоҳад шуд ё не? Дар он ҳол, ки саргарми ин хаёлот буд, аз нутфаи хирад Урмузд ва аз шакку шубҳаву каму костиҳо Аҳомён ё ки Аҳриман дар шиками ӯ пайдо шуданд.

Вақте ки Зарвона акарана аз ин ҳоли худ хабардор шуд, гуфт: аз ду писар, ки дар шиками мананд, ҳар кадом пештар ба назди ман ояд, подшоҳи ҷаҳон хоҳад шуд. Урмузд ин андешаи падарро ба бародари худ Аҳриман гуфт. Вай зуд шиками падар (Зарвон)-ро шикофт ва худро ба ӯ расонд. Зарвон ӯро нашинохт ва пурсид ки,кистӣ? Аҳриман гуфт: Ман писари туам. Зарвон гуфт: писари ман хушбӯй ва дурахшандаву нуронӣ аст, ту торик ва бадбӯй ҳастӣ. Ҳангоми гуфтугӯ Урмузд, ки бо бӯи хуш ва дурахшанда таваллуд ёфта буд, ҳозир шуд. Зарвон ӯро зуд шинохт. Дастаи чӯбро, ки дар даст дошт ва дар ҳангоми ситоиш ба кор мебурд, ба Урмузд дода гуфт: То имрӯз қурбониҳо барои ту додам, акнун ту бояд барои ман қурбонӣ диҳӣ ва ӯро муқаддас гардонид. Дар ин ҳол Аҳриман гуфт: магар ту аҳд накарда будӣ, ки ҳар як аз ду писарам, ки бори аввал ба назди ман ояд, ба ӯ подшоҳии оламро медиҳам? Зарвон барои он ки аз қавли худ нагардад, гуфт: Эй вуҷуди нопок ва бадкирдор, баъд аз ман нӯҳ ҳазор сол подшоҳӣ азони туст, баъд аз он Урмуздро бар ту фармонфармо хоҳам кард ва нӯҳ ҳазор сол подшоҳӣ мекунад ва ҳар чӣ мехоҳад, мекунад. Он гоҳ ин ду бародари тавъам ба халқ намудани махлуқоти худ

огоз мекунанд. Ҳар чӣ Урмузд меофарид, хуб, дуруст ва рост буд ва ҳар чӣ Аҳриман меофарид бад, номақбул ва саркаш буд.

Дар асотири дигаре гуфта мешавад, ки Зарвон пас аз таваллуди Урмузд ридои сафеди рӯҳониятро ба вай дод ва ӯро роҳбари рӯҳонии осмон гардонид, пас аз таваллуди Аҳриман ҷомаи хокистарранги ҳирсу ҳасадро ба ӯ дод, то ки нӯҳ ҳазор сол подшоҳи олами моддӣ бошад. Се ҳазор сол аз замони маҳдуд, ки ҳамагӣ 12 ҳазор сол аст ва он умри дунёи моддӣ мебошад, гузашт. Қувваҳои неку бад ба мубориза тайёр шуданд ва дар майдони осмон мунтазир буданд. Дар ин вақт Зарвон бо Аҳриман аҳд мебандад, ки агар ба муқобили Урмузд нафрати офаридагорро наёрад, боз нӯҳ ҳазор сол, ки умри дунёи моддӣ боқӣ мондааст, хоҳад зист ва баъд аз он бо тобеъонаш ҳалок хоҳанд шуд, қиёмат намудор хоҳад гашт ва сурати ҳастӣ аз ҳаргуна палидиҳо пок шуда, ба замони бекарон мепайвандад ва дар он ҳал шуда меравад.

Дар усули оини митроӣ, ки давоми назарияи муғони зарвонӣ — мазҳаб аст, дар масъалаи раъи низоми илоҳӣ ва асоси чизҳо чунин ақида вуҷуд дошт, ки дар он тасаввуре дар бораи замони мутлақ ё ки бениҳоят (зерван акарана) мавҷуд буд ва ӯро баъзан Крунус соакулум ё ки Каюн низ меномиданд (Каюн ё Кайвон, Зуҳал ба маънои ситораи наҳс). Одатан ин вуҷудро ба тақлиди яке аз мавҷудоти табиӣ тасвир мекарданд: ӯро дар шакли сари шере, ки даври ҷисмашро море печонда гирифтааст, таҷассум мекунониданд. Миқдори зиёди чизҳое, ки дар ҳангоми таҷассум кунонидан ба вай илова мекарданд, чунин маънӣ доштааст, ки хислат ва сифатҳои ӯ аниқ ва маҳдуд набудааст. Дар дасти ӯ. монанди худоҳои бадқаҳр ва ҳоким, асои фармонфармоӣ мавҷуд будааст ва дар ҳар дасти ӯ калиде ҳаст ва он чунин маънӣ дорад, ки вай соҳиби осмон аст ва дарҳои осмонро ӯ хоҳад кушод. Пузаи (тумшуқи) нимкушодааш, ки фуки ҳавлангезашро нишон медиҳад, аломати қувваи харобиовари замон аст, ки он ҳамаи чизҳоро фурӯ мебарад ва дам мекашад. Болҳояш рамзе аз тезии суръати гашти ӯст. Ҳайвону хазандае, ки ҳалқаи печи он вайро фишурдааст, ба дурии ҳаракати мадори офтоб ишораест; аломатҳои минтақаи бурҷҳо, ки дар ҷисми ӯ нақш бастааст, нишонаи

фаслҳост, ки ҳамроҳи онҳост ва ифодаи ҳодисаҳои рӯизаминӣ аст ва рамзе аз абадӣ гузаштани солҳоянд.

Чунон ки аз рӯи ин нақлҳо, ки бештар мазмун ва мундариҷаи мифологӣ доранд, маълум мегардад, шохаи мазҳабии зарвония бештар ҷиҳатҳои динӣ ва хаёлии ин ҷараёнро инкишоф дода, аз ҷаҳонбинии ҷараёни даҳриёни он дурӣ ҷустааст. Дар ҷараёни мазҳабии зарвония мафҳуми сайёраҳои наҳс ва беҳаракат (савобит) ҳастанд. Зарвон, ки сипеҳр (осмон) ҷасади ӯст, ҳам адл дорад ва ҳам сарнавишт аст. Урмузду Аҳриман ҳам аз дасти тақдири ӯ халосӣ надоранд. Зарвониҳо баръакси маздопарастон, ки ба ҷабри табиӣ ва озодии ирода эътиқодманд буданд, ҳамаро аз тақдир медонистанд. Дар «Бундаҳишн» «замон аз ҳар ду офариниш пурқувват аст» ва дар китоби «Минуги хирад» омада: «ҳар некӣ ва бадие, ки ба мардумон ва офаридагони дигар расад, аз ҳафту дувоздаҳ расад». Ва дар ҷои дигар «бидон ва огоҳ бош, ки кори дунё мувофиқи ҳукми азалии замона ва сарнавишт меравад, ӯ Зарвония, подшоҳ ва даранги худой (дерпоянда ва худофарида) мебошад», гуфта шудааст.

Байти зерини Фирдавсӣ гуё аз забони зарвониён сухан меронад:

Нигаҳ куи бад-ин гумбади тезгард,
Ки дармон аз ӯясту з- ӯяст дард.[65]

Ин ақида тафаккури зарвонимазҳаб аст, ки қазову қадар, ризо ва таслимро пеш меронад ва минбаъд дар адабиёти давраи феодалӣ фикру андешаҳоро инъикос карда буд.

Дар ақидаи зарвонияи мазҳабӣ аз хислатҳои Худои маънавӣ ва исломӣ асаре нест. Зарвон бештар ба табиат монанд аст. Вай зоҳиркунандаи интизому қонун ва бахту қудрати подшоҳист. Мо (яъне инсонҳо) баъд аз сарои сипанҷ ба манзили даранг (сустӣ-оламӣ марг) меравем, ки гавҳари он замони бекарон аст. Дар он ҷо барои корҳои савобу гуноҳ на музде ҳаст ва на ҷазое. Пас, дар оини зарвонимазҳаб лаззати ирфонӣ (тасаввуфӣ), завқу шавқи биҳишт, ҳамчунин ваҳшату даҳшати дӯзах, ки дар дини

---

[66] **Фирдавсӣ**. Шоҳнома. ҷилди III. саҳ.114.

мусулмонӣ мавқеи калон дорад, нест. Вақте, ки аз ҳаёти моддӣ 12 ҳазор сол гузашт, олам аз гардиш ва ҷунбиш «мемонад» ва он гоҳ Зарвони бекарон, ки на худро мешиносад ва на ба корҳои савобу гуноҳҳои мо нигарон аст, ба ҳолати оромии ҷовидонӣ — бақои аслии худ бармегардад. Ба ҳамин тариқ, дар ақидаи зарвонимазҳаб, ки муддати ҳастии оламро 12 ҳазор сол муайян карда, замонро, ки лаҳзае аз ҳаракати модда аст, ҳастии мутлақ шуморидааст, идеализми динии он зоҳир гардидааст.

Зарвон дар ҳолати мутлақи худ зоҳиркунандаи макон, замон ва қувваи ақл аст. Замону макон сарчашмаи моддӣ ва кору фаъолият шинохта шудаанд. Аммо хирад омили ғайриоддӣ мебошад. Хирад устуворӣ ва қадимигарӣ надорад, чунки дар давраи баъд аз пайдоиши ҷаҳон ва аз нафси илоҳии худ бохабар шудани Зарвон ба зуҳур омадааст. Дар ин фикр унсури даҳрии баъд пайдо шудани ақл, ки бар хилофи идеализм аст, мушоҳида мешавад. Дар ин ҷо дар қатори ақидаҳои дигари мазҳабӣ кӯшишҳои ибтидоии ҷаҳони моддӣ ва табиатро ҳамчун офариниш маънидод кардан низ дида мешавад, ки он моҳияти идеалистӣ дорад. Аммо Зарвонро бо табиат як дониста, онро шуури мутлақи ин ҳастии беинтиҳо нашуморидан — ақидаи ваҳдати вуҷуд аст, вале моддӣ ва табиӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки агар мисли зарвониҳои моддиюн аз ин ақида хислати илоҳияти Зарвон дур карда шавад, ваҳдати вуҷуди моддиюн боқӣ хоҳад монд. Дар китоби «Уламои ислом» оташу обро ҳамчун асли ҳастӣ аз Урмузду Аҳриман пеш гузоштани зарвониҳо асосҳои ақидаи моддиюнӣ доштани онҳоро нишон медиҳад. Дар «Китоб-ул-фасл» ва «Ал-танбия вал-ашроф» (Масъудӣ) гуфта шудааст, ки маҷусиён (оташпарастон; ҳатто олими асри XII Шаҳристонӣ Зарвонро Худои оташпарастон номидааст) ба қадим будани панҷ асл: Урмузд, Аҳриман, Замон, Макон ва «тоҳӣ» ё ин ки «тухм» (ҳаюллои аввалӣ) эътиқодманд буданд. Аз макон ва замон мурод ҳамон Зарвон аст. Тухмро қадим донистани зарвониён ҷолиби диққат аст, зеро асоси андешаи моддиюнӣ дорад. Мувофиқи ақидаи маҳдуд яъне ба асли моддӣ вобаста будани сипеҳр фикри маҳдудияти макони беинтиҳо ҳам пайдо шудааст. Аз ин сабаб ки замон дар ҳолати маҳдуди худ (замони даранги худоӣ) ба тухми

сипеҳр (моддаи аввал) ҳулул менамояд ва аз ҳамаи марҳилаҳои ҷанин (тухмбандӣ) мегузарад, дар охир дар шакли комили бадани Зарвон, ки ҳамон сипеҳр ё ки ҳаёти моддист, намудор мегардад. Аз ин гуфтаҳо хулоса мебарояд, ки сипеҳр маҳдуду фанопазир аст, вале ҷавҳари моддӣ ва азалӣ мебошад. Ин усули маърифат дар роҳи ҷаҳоншиносии моддӣ қадами ҷиддист.Онҳо иқдомҳои аввалини фалсафаи материализми ибтидоӣ мебошанд.

Ақидаи зарвонимазҳаб иродаи инсонро ба таври мутлақ рад мекунад ва бахтро аз ҳама баланд мегузорад. Бахт дар ақидаи зарвониёи ваҷҳе аз зарвон аст, ки кавн ва маконро фаро мегирад. Инсон ҳам мисли офаринишҳои табиӣ дар чанги сарнавишт аст. Аз ни фикр то ақидаи ҷабр ва зарвониёни моддиюн ва даҳрӣ роҳ дур нест, вале зарвонимазҳаб дар ақида бадбин ва лоардӣ аст, ки идеалистӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, зарвония бо ақидаи ниммоддӣ ва илҳодомези худ ба пайдоиши фалсафаи моддиюн ва бехудоӣ роҳ кушодааст. Зарвониҳо инсонро ҳамчун олами хурд намунаи олами бузурги табиӣ медонанд. Ин гуна ҷаҳонбинӣ дар ақидаи фалсафаи «ведие»-и ҳиндӣ низ мавҷуд аст, ки баъд ба ақидаи локаято гузаштааст ва дар афкори фалсафии юнониёни қадим вуҷуд дошт, ки аслан аз эрониҳо таъсир гирифтаанд.[66]

**Зарвонияи моддиюн**

Аз ақидаи умумии зарвонӣ ҳамчун оппозитсияи материалистӣ зидди идеалистӣ ба вуҷуд омадааст, ки баъдҳо асоси ақидаи даҳриюни давраи исломӣ шуд. Баъзе матнҳои китоби «Бунда ҳишн» ва «Динкарт» дар дунёи қадим вуҷуд доштани ин ақидаро тасдиқ менамояд. Бо назарияи маздоӣ омехта будани лаҳзаҳои ҷудогонаи таълимоти зарвонияи моддиюн шояд аз он сабаб бошад, ки сипеҳр (дунёи моддӣ) тану ҷинси корманд буда, аз замони бекарон ба вуҷуд омадааст. Дар ақидаи зарвониён сипеҳр аввалин моддаест, ки тамоми мавҷудот зодаи он аст. Аз рӯи ақидаи онҳо, аз ҳаюллои аввал, ки дар паҳлавӣ «тухм» аст, сурати аввали унсурҳои чоргона — чорунсур, омезиши хосияти табиии онҳо — гарму хунук ва хушку тар ва аз он хосияти сеюм — зиндагии наботот, ҷонварон ва инсонҳо ба вуҷуд омадаанд. Ҷаҳони моддӣ баъд аз гузаштани

[67] Ҳамид Найири Нурӣ. Нури Ховар, саҳ. 55.

12 ҳазор соли ҷаҳонӣ (кайҳонӣ) ба шакли тану ҷисм омадааст, ки он натиҷаи ба замони бекарон омехта шудани мавҷудоти моддӣ мебошад. Замон ва макон ҷавҳари аслии ҳаётӣ ва тухми моддаанд. Замон ҳамчун модари одамӣ дар сурати низом ва қонун ҷараён дорад. Пас дар ин системаи таълимоти зарвонияи моддиюн замон Зарвони худованд нест, балки омили физикӣ ва асли табиату сипеҳр аст. Зарвониён хислатҳои табиии чорганаро аз сипеҳр (модда) медонанд, нурро ҳамроҳи аввали ҷуфти хислатҳо ва торикиро ҳамроҳи дуюми ҷуфти он мешуморанд. Баъд аз ин, сурати аввал: ҷунбиши вуҷуд ва унсурҳои чорганаи табиӣ, ки ҳастии моддианд, ба вуҷуд омадаанд. Баъд аз он сурати дуюм, ки омезиши хосиятҳои табиист, ба амал омад. Баъд аз ин, сурати сеюм, ки аз ҷон ва сурати моддӣ иборат аст ва хосиятҳои табииро ба ҳам мепайвандад, зоҳир шуд, яъне набототу ҳайвону инсон ба вуҷуд омадаанд. Дар ин таълимот такомули табиӣ, ки ҷараёни ҳаёт аст ва ҷаҳонбинии материалистӣ мебошад, мушоҳида мешавад. Агар ин ақидаро ба назарияи машоъи Арасту, ки баъд аз зарвониҳо ба вуҷуд омадааст, муқоиса кунем, ҷиҳатҳои афзалро мебинем. Ихтилофи аввал дар асли чизҳост, асли чизҳо дар ҷаҳонбинии фалсафии зарвониёни моддиён замон ва сипеҳр аст. Дар назари Арасту, асли чизҳо сабаби аввал, яъне қувваи фоил ва ҳаракатдиҳанда аст, ки аз ҳоли сурат ва моддӣ хориҷ аст. Зарвониҳо, бо вуҷуди ба замон такя намудан, аз замон худое намесозанд. Масъалаи дигари муқоисавӣ муносибати сурат ва модда аст: дар ақидаи зарвония модда аз сурат пеш аст, яъне аввал модда (ҳаюлло), баъд сурат (яъне ҷисм) аст. Дар фалсафаи Арасту сурат аз модда пеш гузошта мешавад. Аз ин ду мисол рӯшан мегардад, ки назарияи фалсафии зарвония нисбат ба фалсафаи Арасту ё ки машоъ зиёдтар хусусияти материалистӣ дорад. Аммо замонро ҷавҳари мустақил ва асоси модда ҳисобидани зарвониҳо рафтори илмӣ —материалистӣ нест. Дар масъалаи замон назарияи Арасту ё ки машоъ илмӣ аст, зеро замонро андоза, қиёс, ҳаракат ва сукунати модда ё ки ҷисм мешуморад ва воҳиди қиёсиаш «он» аст. Дар бисёр масъалаҳои дигар фалсафаи материалистӣ, махсусан, дар масъалаи тараққиёт ва такомули тадриҷии назарияи зарвониҳо ба фалсафаи машшоин ҳамоҳангӣ дорад.

Дар китоби «Бунда ҳишн»-и паҳлавӣ ба ҷои замон рӯшноӣ ва оташ асоси олами моддӣ шинохта шудааст, ки низ ба ақидаи Ҳероклит, ки оташро асоси моддии олам медонад, ҳамоҳангӣ дорад., вале зарвония, ки тақрибан 600 сол пеш аз Ҳероклит ба вуҷуд омадааст, бояд аз назарияи Ҳероклит муқаддам бошад. Мувофиқи ин назария, аз рӯшноии бекарон — оташ, аз оташ бод, аз бод об, аз об хок пайдо шудааст. Дар асли таълимоти зарвония, ки дар китоби «Уламои ислом» акс ёфтааст, Зарвон аввал оташу обро мисли зану шавҳар халқ кард гуфта шудааст. Аз онҳо Урмузд ва Аҳриман рӯидаанд. Дар ин маврид он лаҳзаро қайд метавон кард, ки дар офариниши олам модда аз рӯҳ пеш гузошта шудааст ва ба он маънии мантиқии табии аз чизе таваллуд шудани чизе дода шудааст. Баъд аз ин, Зарвони бекарон тарҳи дунёро рехта, худаш ба шакли замон даромадааст, сипеҳр тани Зарвон аст. Ҳамаи инҳо, ки мавҷудот ва офаридаи моддианд, ба ёрии низоми дуне, ё ки қонуни табиӣ идора карда мешаванд. Дар масъалаи ягонагӣ ва зиддияти ҳаёт зарвониҳо аз таълимоти маздоясно дур шуда, ба мафҳуми диалектикии ягонагии зиддиятҳо наздик омадаанд. Масалан, зарвония таълим медиҳад, ки аз шубҳаи Зарвон Аҳриман ва аз хирадаш Урмузд ба вуҷуд омад. Пас, ду асли ба ҳам зид — нур ва торикӣ, некӣ ва бадӣ аз як манбаъ сар задаанд. Дар таълимоти санавияи маздоясно ин ду асли ба ҳам зид аз ҳамдигар ҷудоянд ва ҳеҷ чиз онҳоро ба ҳам намепайвандад. Зиддиятҳо ягонагии дохилӣ ба вуҷуд намеоранд, онҳо амали мустақилонае доранд. Зарвониҳо, ки ягонагии деалектикии зиддиятҳоро пеш ронда, онҳоро аз як манбаи ягона медонанд, назарияи санавияи маздоясноро рад кардаанд ва мафҳуми ягонагии диалектикиро пеш рондаанд.

Дар масъалаи ҷабру тақдир зарвонияи мазҳабӣ дар мавқеи тақдири илоҳӣ ва зарвонияи моддиён дар ҷодаи ҷабри табиӣ меистанд. Дар масъалаи муносибат ва таъсир зарвония ба фалсафаи Юнону Ҳинд таъсир расонидааст, бинобар ин алоқаи ба ақидаи ваҳдати вуҷуди дини бараҳман доштаи ақидаи зарвонимазҳабро инкор кардан мумкин нест. Ин алоқаро Абурайҳони Берунӣ ҳанӯз дар асри XI қайд кардааст, ки дар назари бараҳманҳо «дар ҳақиқат ҳамаи аше худой ҳастанд: Қавме бар ин ақидаанд, ки

фоил замон аст, зеро ҳамчунон ки гӯсфанди басташуда ба ресмон иртибот дорад ва бо аз суст ё маҳкам кардани ресмон гӯсфанд ҳаракат мекунад, ҳоли мавҷудот ҳам бо замон ҳамин тариқ аст»[67]. Маълумотҳо дар бораи зарвониён хеле ноқисанд. Алалхусус дар бораи зарвониёни то мелод маълумот хеле кам аст. Ин хулосаҳо, ки дар боло иброз доштем, хулосаҳои мухтасаре аз манбаъҳои мавҷуда мебошанд. Бештарини мулоҳизаҳои дар бораи зарвониён рондашуда дар давраи Сосониён, ба асрҳои мелодӣ мансубанд. Хулоса ин ки оқибати кори зарвониёни моддиюн дар мубориза шадид бо дини расмии маздоясно ва баъдтар дини ислом хотима ёфт. Зарвония (қатъи назар аз шохаҳояш) дар аҳди Сосониён гоҳ қувват мегирифт ва гоҳ заъиф мешуд ва баъзан ба оини расмӣ —давлатӣ мубаддал мегашт.

Зарвониҳо дар замони Шопури Сосонӣ хеле қувват гирифтанд ва ба воситаи тарҷумаҳо аз ҳиндӣ ҷаҳонбинии худро такмил медоданд. Вақте ки дар асри III дину оинҳои гайризардуштӣ қувват мегирад, Баҳроми 1 ба воситаи мӯбади мӯбадони худ Картир аввал Мониро ба илҳод айбдор карда, ба марг маҳкум менамояд ва баъд ба мазҳабҳои дигар ҳамла меоварад. Дар аҳди Баҳроми 1 зарвониёни моддиён, даҳриҳо таъқиб карда мешуданд, онҳоро «зандиқ» меномиданд. Зандиқиён пешбарандагони ақидаҳои зарвониёни моддиюн ва даҳриҳо буданд. Онҳо ҷаҳонбинии фалсафии худро ба афкори фалсафии Юнону Рим омехта, онро пурқувват карда буданд. Вале Баҳроми 1 ва сармӯбади мӯбадон зарвониҳои шохаи мазҳабиро, ки бо оини маздоясно ҳамкорӣ доштанд, авф намуданд. Шояд дар ҳамин давра бошад, ки Зарвон чун худои дуюмдараҷа шуморида шудааст. Сабаби дар «Авесто»-и мавҷуда ба ақидаи зарвонӣ кам ҷой додани нависандагон онро дар он дидаанд, ки ақидаи зарвонӣ дар давраи Ашкониён суст шуда бошад, аз тарафи дигар, сабаб дар он аст, ки китобҳои расмии динию оини зардуштии собитқадам ба зарвониҳо ва ақидаи зарвония назари душманона доштанд, бинобар онро бад мекарданд ва ё беаҳамият нишон медоданд. Бо вуҷуди ин, ақидаи зарвония дар аҳди Сосониён пурра ҷои

[68] Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия, саҳ. 129.

худро ба маздоясно надодааст, балки дар ин давра низ ҳамчун оппозитсия давом кардааст. Ин гуфтаро чунин далел тасдиқ менамояд, ки баъзе подшоҳони сосонӣ дар зери таъсири оини зарвония будаанд. Масалан, Яздигурди Базагар ба ин таълимот наздик шудааст. Мӯбадони зардуштӣ ӯро гунаҳгор ва муртад эълон кардаанд. Вазири ӯ Меҳр Нарса рисолае бо усули маздой нависонд, ки нуқтаи назари зарвониро ба эътибор гирифтааст. Ӯ номи писарашро Зарвонофарид гузошт. Ӯро баъдтар дар «Авесто»-и давраи охир таълифёфта гумроҳ (состор) номидаанд. Яздигурди Дуюм ҳам асарҳои зарвониёнро мехондааст ва рӯзи қиёматро афсона мехондааст. Аммо Анӯшервон, ки ба қувваҳои иртиҷоӣ такя мекард ва дини маздоясноро ба асос мегирифт, баъд аз саркӯб кардани маздакиҳо зарвониёнро, ки «Худоро шинохтан мумкин нест» мегуфтанд, таъқиб мекард. Дамаскиюс аз афкори фалсафии даврони Анӯшервон сухан ронда, гуфтааст:: «Мугон замон ва маконро манбаи офариниш медонанд». Аз ин маълум мешавад, ки ақидаи зарвония дар асрҳои V-VI мелод низ дар ривоҷ будааст. Муборизаи шиддатнок ва душмании мӯбадони зардуштиро аз порчае, ки Мардон Фаррух дар китоби худ «Шиканд гумоник вичор» навиштааст, фаҳмидан мумкин аст. Тарафдорони Зарвон мавҷудияти Худоро инкор менамоянд ва худро аз ба ҷо овардани урфу одатҳои динӣ озод мешумориданд. Барои мисол мо баъзе аз муҳокимаҳои беасоси онҳоро меоварем. Онҳо тасдиқ менамоянд, ки ин ҷаҳон бо ҳамаи ҳодисаҳо таркиби ҷисмонӣ, чизҳои зиддиятнок ва унсурҳои омехтааст — арсаи тазоҳироти замони беинтиҳо (Зарвон акаранак) мебошад. Онҳо ба ҷаннат ва дӯзаҳ, ҷазо ва мукофоти илоҳӣ боварӣ надоранд. Онҳо ба рӯҳи абадзинда иқрор нестанд, ғайр аз модда дигареро воқеӣ намешуморанд.

Мубориза ба ақидаи зарвонӣ баъд аз сукути Сосониён ва пайдоиши ислом риштаи дуқабата пайдо кард: яке ҳуҷуми зардуштиёни собитқадам буд, ки аз як тараф, ҳамчун душмани ақидавӣ будан ва аз тарафи дигар, барои муҳофизати худ аз ислом, ба муқобили зарвония ҳуҷум мекардаид. То ки рӯҳониёни ислом бо баҳонаи ҷараёне дар зардуштӣ будани зарвония ба оини зардуштӣ ва пайравони он ҳуҷум накунанд.

Мӯбадони зардуштӣ ақидаи зарвонияро ба бединӣ айбдор карда, ба таркиби таълимоти он дигаргунӣ даровардаанд. Карор додаанд, ки ақидаи пешиниён аз китобҳои динӣ бароварда шавад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки аз чор се қисми «Авесто»-и давраи сосонӣ, бештар қисми назарияви он хароб карда шудааст. Аз сабаби душмании ғоявӣ ва хиёнат ба фоидаи ислом зарвониҳои даҳрӣ ва мазҳабӣ тамоман аз задуштпарастон ҷудо шуданд ва ҷараёни нави давраи исломиро, ки даҳрия ном дорад, ташкил намуданд.

Ақидаи зардуштии маздоясно аз тарафи дигар барои бо ислом муқовимат кардан ба зарвония иттифоқ бастан ҳам мешуд. Баъзе асарҳои аз ин давра монда «Бундаҳишн», «Минуги хирад» ва ғайра бо ақидаҳои нимзарвонӣ ва ниммаздоясной нивишта шудаанд. Матнҳои аслии зарвонӣ дар китоби «Уламои ислом», ки ҷавоби зарвонӣ ба уламои ислом мебошад (асрҳои VII-XIII м.) акс ёфтааст.

Қувваи дигаре, ки баъд аз истилои араб ба зарвония ҳуҷум овард, ақидаи ислом буд, ки ҳамчун дини нав ва душмани ҷаҳонбинии моддиюну даҳрия амал мекард. Ислом ба зарвония аввало барои он ҳуҷум кард, ки ҷараёни моддиюнӣ ва ақидаи пеш аз худ пайдошуда буд, бинобар ин барҳам додани онро зарур медонист. Сабаби дигари ба зарвония ҳуҷум кардани ислом дар он буд, ки ин ақида дар дасти мухолифони ислом воситаи пурқуввати ғоявӣ буд. Ақидаи зарванияи «сарнавишт» ба пайдо шудани ақидаи ҷабарияи исломӣ ёрӣ расонид. Мубориэаи шадиди ба муқобили зарвония бурдаи уламои ислом аз мулоҳизаи файласуфи идеалист Муҳаммади Ғаззолӣ (1059-1111), ки дар китоби худ «Ал-мунаққизу мин-аз-залол» (наҷот ва залолат ва гумроҳӣ) дар бораи зарвониҳо рондааст, фаҳмидан мумкин аст: «Онҳо гурӯҳи мутафаккирони қадиманд, ки Офаридагори аз ҳама тавоноро эътироф намекунанд ва тасдиқ менамоянд, ки дуне ҳамин тавр худ аз худ вуҷуд дошт ва Офаридагор надорад. Ҳайвонот аз тухм, оила аз ҳайвонот аст ва он асрҳои аср ҳамин тавр хоҳад буд. Онҳо аҳли бидъатанд».[69]

---

[69] Муҳаммади Ғаззолӣ. Ал-мунаққизу мин-аз залол. саҳ. 320.

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки дар афкори фалсафии халқҳои Осиёи Миёна ва Эрони замонҳои қадими пеш аз ислом, дар баробари ақидаҳои идеалистӣ ва динӣ, ҷаҳонбинии материалистӣ ва даҳрӣ вуҷуд доштааст.

Чи тавре ки дар боло ишора рафт, ақидаҳои динӣ-фалсафин халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон ба ҷаҳонбинии динӣ-фалсафии Ҳиндустон, Юнон, Миср, Рум, Сурия ва ғайра алоқаи зич дошт. Масалан, догмаи дар рӯзи қиёмат бандаҳоро ба шарофати худ наҷот дода, ба ҷаннат фиристодани пайғамбару Худо аз «Авесто» ба воситаи «Таврот»-у «Инҷил» ба дини насронӣ ва ислом гузаштааст. Баъди мурдан зинда гардонидан, гуноҳҳоро тоза кардан, идеяи ду қувваи ба ҳам зидди дунё ва ғайра аз «Авесто» ба динҳои дигар гузаштааст. «Таврот» ва «Инҷил» афсонаҳои хеле зиёди мифологии халқҳоро дар бар гирифтаанд, ки аз онҳо ба дини насронӣ ва ислом гузоштаанд. Мифи тӯфони Нӯҳ ва аз ҷаннат ронда шудани Одаму Ҳаворо динҳои машҳури ҷаҳон аз мифологияи Бобул (Вавилония) гирифтаанд ва ғ.

Дар ин мамлакатҳо, дар баробари ақидаҳои динӣ ҷаҳонбинии илмӣ- материалистӣ низ дар мубориза бо ҷаҳонбинии динӣ ба вуҷуд омадааст. Инро, аз як тараф, ба корҳои дунявӣ машғул шудани инсон ва аз тарафи дигар, ба муқобили зулми иҷтимоӣ ва мафкураи динӣ мубориза бурдан талаб мекард. Дар ин соҳа ҳам алоқаи мадании халқҳо виситаи ба ҳамдигар таъсиргузаронӣ доштаанд. Масалан, халқҳои Осиёи Миёнаву Эрон аз афкори пешқадами Ҳинд, Хитой ва Юнони Қадим ба қадри имкон бохабар буданд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳам то ислом ва ҳам дар арафаи истилои арабҳо ҳаракатҳои зиддифеодалии оммаҳои халқ дар шакли бидъати динӣ ба вуҷуд меомад ва давом меёфт. Дар бӯҳрони муносибатҳои иқтисодӣ бидъатҳои нави диниро ҷустуҷӯ мекарданд ва ба он ҳаракатҳо гоҳ муғони оппозитсионӣ ва гоҳ намояндагони халқ роҳбарӣ менамуданд. Дар таърихи муборизаҳои озодихоҳонаи Осиёи Миёна ва Эрон ҳар се шакли баромадҳои зиддифеодалӣ мавҷуд аст. Шӯришҳои Маздак, хуррамиҳо, Амарзи (дар Бухоро соли 586 м.), Шерзод дар Хоразм (асри VIII м.), таълимоти мистикии Монӣ ва бидъати маздакӣ ин ақидаро тасдиқ менамояд.

69 то 74

# МОНӢ ВА ТАЪЛИМОТИ Ӯ

Яке аз ин гуна динҳои бидъат, ки ба муқобили дини давлатии зардуштӣ ва давлати феодалӣ шудаистодаи Сосониён хуруҷ карда буд, оини Монӣ мебошад. Дар бораи Монӣ ва таълимоту шахсияти ӯ «Осор-ул-боқия»-и Абӯрайҳони Берунӣ (саҳ. 139), «Форснома»-и Ибн-ал-Балхӣ (саҳ.65-66), Ан-Надим дар «Алфеҳрист», Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Ал-Ғазанфари Табрезӣ маълумотҳои ҷудогона овардаанд. Аз ҷумла Ибн-ал-Балхӣ навиштааст: «Ва дар рӯзгори ӯ (Шопур бинни Ардашер — С.С) Монии Зиндиқ падид омад ва тарики зандиқа падид оварду ва иштиқоқи зандиқа аз китоби «Занд» аст, ки Зардушт оварда буд ва ба лафзи паҳлавӣ маънии зиндиқа он аст, ки нақизи Занд, яъне ба хилоси китоби Занд ҳамчунон ки мулҳидон... нақзи қуръон мекунанд ва тафсири он мегардонанд ва онро таъвил (баргардонидан) мегӯянд, то мардумро мефиребанд ва касонеро, ки ба ақл заиф бошанд ва таври сухан надонанд ва аз илм моя надоранд, гумроҳ мекунанд. Ва чун Монӣ падид омад ва аввал кассе, ки зандиқа ниҳод, ӯ буд ва фитна дар олам пайдо гашт»[69]. Аз рӯи ин навишта ва навиштаҳои муаллифи «Форснома» маълум мешавад, ки ба Монӣ ва таълимоти мазҳабии ӯ таваҷҷӯҳ надоштааст, онро маҳкум кардааст. Ӯ Мониро зандиқа (саги зандиқ) ва «паҳнкунандаи фитна» дар ҷаҳон шуморидааст. Бар хилофи ақидаи Ибн-ал-Балхӣ, Абӯрайҳони Берунӣ таъкид намудааст, ки дар бораи ҳуруҷи Ардашер Монӣ дар «Шопургон» маълумот додааст ва ин асар ягона сарчашмаи жарфбин ва муқтадир аст»... ва дар тасҳеҳи он аз китоби Монӣ, ки ба «Шопургон» маъруф аст, бикӯшем, зеро ин як китоб аз миёни китобҳои эрониён дар бораи хурӯҷи Ардашер навишта шудааст. Ва Монӣ аз касоне аст, ки дурӯгро ҳаром медонад ва ба таърих сохтан ҳам ниёзе надошт».[70] Аз рӯи ин ду мисол маълум мешавад, ки ба таълимоти Монӣ ва навиштаҳои ӯ баҳои ҳархела додаанд, бархе аз донишмандон онро ҳамчун илҳод ва бидъати дини расмӣ маҳкум, иддаи дигар ӯро ҳамчун шахсияти барҷаста ва нобиғаи замон баррасӣ кардаанд.

---

[70] Ибн-ал-Балхӣ. Форснома, саҳ. 65.

[71] Абӯрайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия, сах. 139.

Монӣ дар 27 марти соли 217 мелодӣ дар деҳкадаи Мардину воқеъ дар наздикии Тайсафун (Мадоин) пой бар арсаи ҳастӣ гузошт. Падараш Фотиқ ва ё Потаг[71] (дар «Фалсафа аз оғози таърих» Паник) аз аҳли Нишопур (ба қавле Ҳамадон ва дар «Фалсафа» аз огози таърих» ҷои таваллуди Монӣ ноҳияи ҷанубии Бобил омада)[72]марде донишманд буд. Аслу насаби модараш ба яке аз салотини ашконӣ мерасид ва Ношит ба қавле Марям ном дошт. Монӣ нахуст дар назди падар, сипас дар назди муаллимони дигар адабиёт ва фалсафаи Юнон ва тиббу илму нуҷум ва мусиқӣ омӯхт. Баъд дар мактаби рӯзгор ҳақоиқе чанд фаро гирифт. Азбаски дорои истеъдоди пешрас буд ва алоқаи зиёд ба таҳқиқ ва мутолиа дошт, хеле зуд як системаи фалсафии нав падид овард ва дар 25-солагӣ шурӯъ ба таблиғи оини худ намуд, ки омехтаи аз фалсафаи Зардушт ва оини Буддо ва кеши Исо буд. Масалан, Монӣ аз дини зардуштӣ рӯҳи неку бад, аз дини Буддо интиқоли рӯҳ, аз дини насронии ибтидоӣ гноститсизм ва аз оини зарвонӣ Худои оли Зарвонро қабул карда, як дини омехтаи синкретикӣ рӯи кор овард.

Мувофиқи гуфтаи муҳаққиқон, Монӣ ду исм дошт: Монӣ ва Курпаку. Монӣ лақаби ӯ буда, Курпаку номи асосии ӯ будааст.

Рӯзи 20 марти соли 242 моледӣ Монӣ, ки ҷавони 26-сола буд, бо иттифоқи падар ва ду тан аз пайравонаш —[73] Шамъун ва Азқуво ба бозори Тайсафун омада ва дар ҳузури мардум оини нави худро эълон кард.

Монӣ мегуфт, ки фалсафаи ӯ ду реша ва се лаҳза дорад. Ду реша ва ё ду асл иборатанд аз асли нур ва асли зулмат (торикӣ). Се лаҳза иборатанд аз гузашта, ҳозира ва оянда. Нуру зулмот, ба қавли Монӣ, ду асл ва ду вуҷуди аз ҳам ҷудо ҳастанд, онҳо аз азал хам аз ҳамдигар ҷудо буданд. Вале маълум нест, ки чӣ иттифоқе боис шуд, ки зулмат дар қаламрави нур таҷовуз кунад ва миқдоре аз онро фурӯ барад. Аммо, мегӯяд Монӣ, таҷовузи

---

[72] *Ниг.:* Меҳрдоди Меҳрин. Фалсафаи Шарқ. («Монӣ кӣ буд? Дар рӯзномаи Тоҷикистони Шӯравӣ. 1991 шумораи 254, 255, 256, 257»).

73 Руҷӯъ ба китоби Муҳаммади Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих, саҳ. 125-132.

зулмат хушбахтона ҷилавгирӣ шуда ва интизор меравад, ки нур аз нав комилан аз зулмат ҷудо гардад.

Ҳамзистӣ дар байни нур ва зулмат имконнопазир аст, чунки байни ин ду хеле фарқ аст: ҳар чизе, ки хуб, муназзам, ором ва хушманд аст, тааллуқ ба нур дорад. Ва ҳар чизе, ки бад ва машуш (олуда) ва моддӣ аст, мутааллиқ ба каламрави зулмат аст. Дар таълимоти Монӣ зулмат вуҷудест мустақил ва дорои хусусиятҳои хос. Пас аз ин, ки зулмат дар каламрави нур ба таҷовуз пардохт, шар ба вуҷуд омад. Шар дар одамӣ ба сурати хоҳишҳои нафсоӣ зоҳир мекунад. Бадтарин хоҳишҳо ишқ ба зан ва ба бача аст... Таваллуд ва таносул ба қадре бад аст, ки метавон гуфт, ки куштани як нафар басе беҳтар аз мояи ҳастии як нафар шудан аст. Зеро бо куштан қисмате аз нурро, ки дар ҷисм маҳбус аст, озод мекунем, вале бо таваллуд ва таносул қисмате аз нурро, ки озод аст, дар ҷисм маҳбус мекунем. Лизо бар тибқи ақидаи Монӣ шаҳвати ҷинсӣ решаи гуноҳ ва лағзиши инсон аст[79].

Бинобар ин монипарастони хос ба касе бояд ба никоҳ надароянд ва рӯза гиранд. Онҳо бояд зиёда аз якрӯза захираи хӯрок ва бештар аз як либоси солона надошта бошанд. Ба одамони «хос»-и монипараст меҳнат кардан манъ аст: азбаски инсон аз рӯҳи неку бад иборат аст, бинобар ин рӯшноиро аз торикӣ танҳо тавассути парҳезгорӣ, зоҳидӣ, гӯшанишинӣ ва тарки дуне намудан ба даст овардан мумкин аст.

Аз гуфтаҳои боло маълум шуд, ки таълимоти динии Монӣ мисли оини зардуштӣ хусусияти санавия (дуалистӣ) дорад, яъне вай ба ду қувва — рӯҳи неку бад бовар мекунад. Азбаски оини Монӣ ба урфу одатҳои зардуштӣ хеле наздикӣ дошт, бинобар ин дар Осиёи Миёна хеле зиёд паҳн шуд. Дар таълимоти Монӣ чор ё ҳафт маротиба намоз хондан талаб карда мешуд, вале аз худ зоҳир кардани хислатҳои бутпарастӣ, дурӯггӯӣ, хасисӣ, қотилӣ, ҷинояткорӣ, дуздӣ, ба одамон фиребкориву сеҳру ҷоду ёд додан, дурӯягӣ дар дин ва ҳаёти ҳаррӯза қатъӣ манъ карда шудааст.

---

[79] Меҳрдоди Меҳрин.Фалсафаи Шарқ / «Монӣ кӣ буд? Дар рӯзномаи». «Тоҷикистони Шуравӣ», 1991, моҳи август.

Азбаски дар аҳди Шопур ва Баҳром — писари Ҳурмузд динҳои зардуштӣ, насронӣ ва буддоӣ динҳои расмӣ — давлатӣ буданд, рӯҳониёни ин динҳо оини Мониро ба бидъат гунаҳгор намуда, ӯро дар ҳама ҷо таъқиб менамуданд.

Дар «Равзат-ус-сафо» омада: «Монӣ аз Эрон дар аҳди Шопур гурехт ва аз роҳи Кашмир ба билоди Ҳиндустон рафт ва аз он чо ба Туркистон ва Хито шуд. Монӣ суратгаре беназир буд, чунон ки гӯянд, бо ангушт доирае кашидӣ, ки диаметри он панч газ будӣ.Чун бо паргор имтиҳон карданд, аслан тафовут дар ачзои доира наёфтандӣ. Дар билоди Ҳиндустон ва Хито ӯро ривоҷу равнақи тамом даст дод, зеро суратҳои ғариб аз ӯ содир мешуд. Пайваста дар атрофи билоди шарқӣ тараддуд мекард. Дар аснои сайр ба кӯе расид, ки ғоре дошт муштамил бар фазо ва ҳавои хуш»[75]...

Дар бораи Мониву истеъдоди волои вай, ҳунари мусаввирии ӯ таърих гувоҳии зиёде медиҳад. Дар китоби «Баён- ул- адён» таъкид шуда, ки «Бурҳони Монӣ саноати қалам ва суратгарӣ буд».

Фирдавсӣ низ дар «Шоҳнома» оини Мониро ҳамчун «оини рӯшноӣ» ба қалам дода, дар саноати суратгарӣ ҳамто надоштанашро низ таъкид намудааст:

Биёмад яке мард гуё зи Чин,
Ки чун у мусаввир набинад замин.
Бар-он чарбдасти расида ба ком
Яке пурманиш мард, Мони ба ба ном.
Ба суратгари гуфт пайғамбарам.
Зи Чин назди Шопур шуд, бор хост,
Ба пайғамбарони шохрон хот.
Бад-у гуфт, к-эй марди суратпараст,
Ба Яздон чаро сохти чира даст?
Ба бурхони сурат чаро нагрифти?
Хама банди диноварон нашнави?[76]

---

[75] Мехрдони Мехрин. Мони ки буд? дар рузномаи «Точикистони Шурави». "Шӯравӣ», 1991, август.

[76] Фирдавси. "Шохнома"

Роҷеъ ба қатли Монӣ чунин ривоят мекунанд, ки зинда пӯсташро канданд ва онро пур аз коҳ карда, бар дарвозаи шаҳри Ҷунди Шопур, ки баъдан маъруф ба «Дарвозаи Монӣ» шуд, овехтанд. Гӯянд, Баҳром Мониро бо мӯбад рӯ ба рӯ кард, то ба ҳам мунозира кунанд. Мӯбад бо ӯ ба мунозира бархост ва гуфт: «Сурби гудохта биёваранд ва рӯи шиками ҳар ду бирезанд. Ҳар кадом осеб надидем, ҳақ бо ӯст». Монӣ посух дод: «Ин феъл ноши зулмат аст». Баҳром фармон дод, то ӯро ба зиндон афкананд ва бад-ӯ гуфт: «Бомдод туро тавре мекушам, ки ҳеҷ касро пеш аз ту бадон сон накушта бошанд».[77] Мегӯянд, «он шаб то субҳ пӯст аз тани ӯ барканданд, то ҷон супурд». Мегӯянд, қабл аз куштани Монӣ, Баҳром, ки шоҳи ҳамасри Монӣ буд, бо Монӣ ба мунозира пардохт ва чун Монӣ изҳор дошт «наҷоти инсон дар ин аст, ки рӯҳаш аз ҷисми хокӣ озод шавад», Баҳром гуфт: «Ҳоло ки марги ту беҳтар аз зиндагонӣ аст, мо ба қавли ту кор хоҳем кард ва рӯҳи туро аз шарри тан наҷот хоҳем дод»[78]. Меҳрдоди Меҳрин ривояти мазкурро аз рӯи кадом сарчашма овардааст, таъкид нашуда, вале дар «Форснома» (XI) дастгиршавӣ[79], ба қатл ҳукмшавии Мониро мисли ривояти боло нақл кардааст.

**Ақидаи Монӣ оиди модда ва рӯҳ**. Монӣ ба ақидаи Зардушт танҳо дар ин мувофиқ набуд, ки Зардушт ҷаҳони хокиро офаридаи Аҳуро Маздо медонист, вале Монӣ онро офаридаи Аҳриман мешуморад. Зардушт ақида дошт, ки модда нерӯи хайр ва шарро баробар ба худ ҷазб мекунад, вале Монӣ рӯҳро комилан аз модда ҷудо медонист ва барои он як зиндагонии ҷудогона қоил буд. Монӣ гумон дошт, ки олами айёнӣ маҳсули омезиши нур ба зулмат аст ва ин омезиш, ба ақидаи Монӣ, маҷбурӣ сурат гирифтааст.

Дар ин масъала бояд чунин нуқтаро таъкид бикунем, ки ҳарчанд таълимоту дини зардуштиро мисли Монӣ санавия (дутопарастӣ) меномем, вале дар усул ва моҳияти парастиш байни

---

[77] Меҳрдоди Меҳрин.Фалсафаи Шарқ. Меҳрдоди Меҳрин. Монӣ кӣ буд? — «Тоҷикистони Шуравӣ», 1991, август.

[78] Дар ҳамон рӯзнома.

[79] Ибн-ал-Балхи. Форснома, сах. 67.

онҳо фарқи зиёде мавҷуд аст. Монӣ моддаро вуҷуди мустақил мешуморад, ки ба вай нур, рӯҳи пок ба тарзи маҷбурӣ ворид карда шудааст, дар ҳолате ки Зардушт чунин намешуморад, зеро Зардушт ҷанбаи моддии зиндагиро низ аҳуромаздӣ медонист ва ин далел ба он аст, ки ӯ усулан яктопараст будааст ва дутопарастии ӯ ҷанбаи маҷозӣ дорад. Монӣ ба масъалаҳои заношӯӣ, шаҳватронӣ, таваллуд ва таносул, риёсат ва шӯҳрат, сарват ҳамчун ба хоҳиши нафсонӣ ё нафси аҳриманӣ баҳо медиҳад ва чунин мешуморад, ки ин ҳама боиси ҳабси озодии рӯҳи инсон мешаванд. Пас, дар ин масъала ақидаи Монӣ ва Зардушт билкул фарқ мекунанд.

**Асосҳои таълимоти Монӣ.** Монӣ ду навъ таълимот доштааст: яке барои оммаи мардум ва дигаре барои аҳли ашроф. Пайравони Монӣ аз табақаҳои зерин иборат будаанд: устодон, мӯбадон (рӯҳониёни дини Монӣ), пирон, баргузидагон, шунавандагон. Ин панҷ табақа боз ба се табақа тақсим мешуданд: 1) Баргузидагон — вораста аз ҳар гуна олоиши дунёвӣ буда, рӯҳи маҳбуси худро озод мекунанд; 2) Шунавандагон — дар сурати адои вазифаҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, мумкин аст, нури маҳбуси худро озод кунанд; 3) Моддии маҳз — дар зулмати (торикӣ) маҳз умр ба сар мебарад.

Усули парастиш ва парастишгоҳи мониҳо хеле содда аст. Онҳо қабл аз намоз вузӯъ менамуданд, рӯзе чор бор намоз мегузоштанд. Ҳангоми намоз 12 маротиба саҷда ба ҷо меоварданд. Рӯзи якшанбе барои монипарастон рӯзи муқаддас ҳисоб меёфт. Монӣ ҳам мисли Исои Масеҳ ва Зардушт ба табобати беморон мепардохт. Ӯ ба чор гавҳари олӣ эътимоди қавӣ дошт: Худо (шаҳриёри биҳишти рӯшноӣ), нурӣ Худо, ақли Худо, ҳафт руз рӯза гирифтан дар ҳар моҳ. Ғайр аз ин, дар оини Монӣ чор мӯҳри ахлоқӣ мавҷуд буд:

1. Ишқ ба падари зиндагӣ;
2. Эътиқод ба ин, ки моҳу хуршед ду ҷисми нурониянд;
3. Эҳтиром ба аносири нуронӣ;
4. Эътироф ба набуввати пайғамбароне, ки қабл аз Монӣ буданд.

Монӣ, чунон ки дар боло таъкид намудем, ба дини зардуштӣ, масеҳӣ, Буддо ва оини зарвония эҳтироми хосе доштааст, бинобар

ин асоси дини нави худро аз ин динҳо баргузидааст. Вале Монӣ ба Мусо ҳамчун ба як паямбари козиб (дурӯғгӯ) ва ҳамчун як шаёди кулоҳбардор муносибат мекард ва ба «Таврот» бо шитддат ҳамла мекард ва таълимоти Мусоро маҳкум менамуд. Монӣ худро «... хотамуррусул ва пайғамбари тамоми ҷаҳон меҳисобид ва эълон дошт, ки динаш дини ҷаҳонӣ аст ва омадааст, то адёни собиқро такмил ва бо якдигар талфиқ намояд. Яке аз гуфтаҳои ӯ чунин аст: «Ман аз сарзамини Бобил омадаам барои мунъакис кардани нидое дар тамоми дунё».[78]

Монӣ чун худро мутааллиқ ба тамоми дуне медонист, лизо бо вуҷуде, ки забонаш суриёнӣ буд, кӯшиш дошт, ки луғоту истилоҳоти тамоми забонҳои зиндаи дунёи он давра, аз қабили порсӣ, портӣ, суғдӣ, чинӣ, румӣ, юнонӣ- китбӣ, буддоӣ ва арабиро дар муҳоварату навиштаҷоти худ ба кор барад, то ҳама оламро шомил шавад.

Тамоми мероси илмӣ ва адабии Монӣ ба чанд забон навишта шудааст. Масалан, «Шопургон» ба забони паҳлавӣ, «Қанз-ул-аҳиббо», «Сафар-ул-асрор», «Сафар-ул-ҷабобира», «Закҳотиё», «Фароиз-ус-соъин», «Инҷил» ба забони суриёнӣ навишта шудаанд. Мони чун марди хаёлпарвар афсонаҳое ҳам гуфта ва илова бар наққошӣ ба шеъру мусиқӣ низ алоқаи том доштааст.

Сабаби пешрафти оини Монӣ дар ин аст, ки ӯ ба воситаи ин ки қисмате аз асотири аввалин ва санавиёти қадимро ба шакли табиӣ ва наздик ба моддӣ ва дақиқ ба эътибороти рӯҳонӣ ва хеле содда пайваст карда, онро ба як ҷанъбаи қавии ахлоқӣ тартиб дод. Дигар ин, ки монавиёт тавонист ташнагии эҳтиёҷоти ҷадиди дунёи муосири худро фурӯ нишонад. Вай ба олами илҳомот тавба, тақвои ахлокӣ, бакои нафс ва монеаҳои рӯҳонӣ, ки бо усули табиӣ асос ёфта буд, ҳадя медод. Сабаби дигари пешравии оини Монӣ як навъ ташкилоти иҷтимоии содда, вале маҳкаме ба дини худ буд. Зеро марди оқил ва марди ҷоҳил, марди мутаассиб ва марди дунёдор — ҳама аз ин дин насибе доштанд. Ин боис шуд ба шуҳрати Монӣ дар Эрон, Осиёи Миёна, Урупо, Африко.

[78] Муҳаммади Рашшод. Фалсафа аз огози таърих, саҳ. 127.

Масъалаи дигар, чунон ки гуфтем, нубуғ ва бузургии Монист. Аввалан, Монӣ мисли Зардушт ба фидя ва қурбоии ва ташрифоти мазҳабӣ эътиное надошт.Ва чун худ ҳунарманд буд ва махсусан ба мусиқӣ алоқае хос дошт, лизо пайравони худро ба ривоҷи ҳунар ташвиқ мекард. Агарчи заминаи фалсафаи Мониро фалсафаи Зардушт, масеҳӣ, Буддо ва оини зарвония ташкил намояд ҳам, устухонбандиаш махсуси худи Монӣ мебошад. Ва чун Монӣ марди ҳунарманд буд, нубуғе махсус барои хаёлбофӣ дошт, дастгоҳи фалсафии ӯ машхун аз хаёлоти аҷиб ва ғариб гашт. Ва ҳамин амр сабаби печидагии оини ӯ шуд. Ба истиснои фалсафаи Ҳинд, ҳеҷ дигар ҷараёни фалсафие чунин печидагӣ надошт ва ба ин минвол мураккаб набуд.

Дастгоҳи офариниши тасаввури Монӣ, ки дорои даҳ осмон, ҳашт замин, ҳафт сутун ва се чарх мебошад, ба қадре шарҳаш тӯл ва тафсил дорад, ки метавон гуфт: манзумаи олами қавни пиндории Монӣ худ доират-ул-маорифия (энсиклопедияе) аст, ки ҳар кас аз ӯҳдаи фаҳмиш бар намеояд ва монанди портретҳои символикӣ пур аз рамзҳо ва ишороти ғализу печида аст. Ҳамин печидагиҳои мазҳаби ӯ сабаб гардид, ки оини Монӣ беш аз ҳазор сол давом наёфт, вале назар ба ин, ки Монӣ дорои нубуғи хориқулодда дар эҷод ва офариниши тоблуҳои фикрӣ буд, андешаҳои ӯ асаре амиқ дар ҳама мазҳабҳо ва оинҳои ҳамасри худ гузошт.

Таълимоти Монӣ дар замони худ бисёр ҷиҳатҳои мусбат дошт, пеш аз ҳама ҳамчун баромади мистикӣ (худоҷӯӣ), норозигӣ ва шакку шубҳаи оммаҳои васеъи мардумро нисбат ба дину оинҳои расмӣ-давлатӣ, ки бештар манфиати синфи ҳоким, аҳли ашрофро ҳимоя мекард, ифода менамуд ва ҳамчун таълимоти динӣ унсурҳои бофтаю хаёлии зиёде дошт, ки ба дарди мардуми камбағал суде надошт. Бо вуҷуди ин, «монигӣ дар таърихи афкори иҷтимоӣ ва фалсафии халқҳои эронӣ роли муҳимме бозидааст, вай барои дар охири асри V ва аввали асри VI паҳн шудани таълимоти Маздак замина ҳозир кард».[79]

---

[79] Баҳоуддинов А. М. Очерки из истории таджикской философии. Сталинабад. 1961. саҳ. 17.

## МАЗДАК ВА ТАЪЛИМОТИ Ӯ (ОИНИ МАЗДАК)

Маздак дар замоне зуҳур кард, ки зулм ва истисмори феодализми нав пайдошудаистода ба табақоти поин — деҳқонон, ки аз тарзи ҳаёти ҳамбоӣ, яъне обшинаи заминдорӣ маҳрум шуда, ба бандагии феодалҳо афтода буданд, аз ҳад афзуда буд. Оиди Маздак, шахсияти ӯ, оини вай ва сабабҳои футурёбии неҳзати Маздак дар саҳифаҳои таърих гуфтаҳои зиёде мавҷуд аст, ки дар баъзе мавридҳо муаррихон ба саҳву хато роҳ додаанд. Бинобар ин бо истифодаи маводу ҳуҷҷатҳои навин роҷеъ ба Маздак ва таълимоти динӣ, фалсафӣ ва ахлоқии ӯ муҳокима ронда, тасмим гирифтем, ба донишҷӯён ва муаллимони адабиёти тоҷик маводи бештаре оварем.

Дар «Тоҷикон»[80] доир ба «Неҳзати Маздак» навишта шудааст: «Дар ҳудуди асрҳои IV-V дар Эрони Кайқубодшоҳ (солҳои 488-531) бар зидди муносибатҳои феодалӣ, ки нав ташкил меёфт, баромадҳои тавонои оммаи халқ ба вуқӯъ омад. Ба ин неҳзат шахсе сардорӣ мекард, ки дар таърих бо номи Маздак машҳур аст. Мисли тамоми дигар неҳзатҳои халқии он давра эътирози аҳли ҷамоат зидди зулму истибдод ба худ шакли диниро гирифт. Асосгузори ин неҳзати динӣ Зардушт ибни Хуррон ном шахсе буд. Баъзеҳо санаи ҳаёти ӯро ба охири асри III-IV нисбат медиҳанд, вале санаи ба ҳақиқат наздиктари ҳаёти вай бояд нимаи дуюми асри V бошад. Аз номи ин одам таълимоти динӣ ҳам ба худ номи «Зардуштакан»-ро гирифт. Маздак шогирд ва пайрави ин одам буд.»[81]

Баъзе муаррихон, аз ҷумла, Алътхайм Ф. ва Р. Штил дар он ақидаанд, ки Маздак аз Хоразм ё худ аз ягон мамлакати ба он ҳамсоя аст. Дар баъзе маъхазҳо таъкид шудааст, ки Маздак аз Нисо ё аз ягон шаҳри Хуросон будааст. Ғайр аз ин, ақидае мавҷуд аст, ки Маздак номи одам набуда унвони сардори фирқа ё худ унвони мӯътақид (аслаш маздак ё маздик) мебошад Дар «Таърихи Табарӣ» и Абӯалӣ Муҳаммади Балъамӣ доир ба зодгоҳи Маздак омада: «Пас чун дувоздаҳ сол аз аҳди Қубод бигузашт, марде

---

[80] *Ниг*: Ғафуров Б. Ғ. «Тоҷикон», к. 1, ч. 1.—Душанбе, Ирфон, 1983, с. 282-285.

[81] Ғафуров Б. Ғ. Ҳамон асар, саҳ. 282.

биёмад ба сӯн ӯ, Маздак ном аз замини Хуросон, аз шаҳри Нисо ва даъвии пайғамбарӣ кард ва эшонро ҳеҷ шариати нав нániҳод, магар ҳамон шариати муғӣ ва ҳамон модару духтар ва хоҳар ба ҳалол доштан, магар он ки никоҳ аз зан биёфканд (дар ин гуфта ба кеши Маздак таваҷҷӯҳ надоштани муаллифи «ТаърихиТабарӣ» рӯшан аст — С. С.)».[82]

Фирдавсии бузург бо таваҷҷӯҳи зиёде нигоштааст:

Биёмад яке мард Маздак ба ном,
Сухангӯю бодонишу ройком.
Фиребанда мардеву донишфурӯш,
Қубоди сутуда бад- ӯ дод гӯш.
Ба назди шаҳаншоҳ дастур гашт,
Нигаҳбони он ганҷи ганҷур гашт.[83]

Маздак дар соли 460-и мелодӣ ба дунё омадааст. Падараш, ба қавли Абӯрайҳони Берунӣ аз Ҳамадон ва ба қавли Мискавейҳ Коморд ва ба қавли Динавари Мозер аз муғони бузурги Нишопур буд. Исми хонаводагии Маздак дар тарҷумаи паҳлавии «Авесто» бо номи «Бомдод» омадааст.

Садои Маздак дар ҳақиқат садои мардум буд; садои садҳо ҳазор нафаре буд, ки аз зулму ҷабри синфи ҳоким ба сутӯҳ омада буданд ва бо ёрии Маздаки далер мехостанд ҳуқуқи аз даст рафтаи худро аз сармоядорони беинсоф, ки ҳирси сернопазирашонро чизе ҷуз хоки гӯр наметавонад фурӯ нишонад, бигиранд. Чун Маздак бо талабу дархостҳои худ ба Қубод — ҳокими ҳамон давраи сосонӣ муроҷиат кард, дидаи жарфбини шоҳ Қубод ин ҷунбиши мардумро пай бурд, бинобар, бар хилофи майли табақаи фосиди ашроф, ба Маздак ва ҳамроҳони ӯ дасти ёрӣ дароз кард. Амнияту пойдории мулкашро дар он дид, ки ба мардуми камбағал ёрӣ расонад ва адолати вокеиро барқарор созад. Вақте ки Маздак ба назди Қубод рафт, шоҳаншоҳи сосонӣ ӯро пазируфт ва бо ӯ мулоқот намуд. Маздак дар таълимоти худ ба масъалаҳое диққат

[82] **Абӯалӣ Муҳаммади Балъамӣ**. Таърихи Табарӣ, ҷ. 1.- Душанбе:Ирфон, 1992, саҳ. 517.

[83] **Фирдавсӣ**. Шоҳнома, - Душанбе, Ирфон, 1972, ҷ. 3. саҳ. 273- 274.

дод, ки нисбати он Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» бо таваҷҷӯҳи махсус андешаву ақидаҳои ӯро баён кардааст:

Ҳамегуфт ҳар, к-ӯ тавонгар бувад,
Тиҳидаст бо ӯ баробар бувад.
Набояд, ки бошад касе барфузуд.
Тавонгар бувад тору дарвеш пуд.
Ҷаҳон рост бошад, ки бошад ба чиз,
Фузунӣ ҳаром асту нохуб низ.
Зану хонаву чиз бахшанда нест.
Тиҳидаст кас бо тавонгар якест.
Ҳар он кас ки ӯ ҷуз ба ин дин бувад,
Зи Яздон бад- он дев нафрин бувад.[84]

Тарғиби Маздак муваффақияти азим пайдо кард. Ба қавли муаллифи «Таърихи Табарӣ», мардуми авом аз ин истифода карда, ба Маздак ва пайравонаш ҳамроҳ шуд ва бо онҳо ваҳдат намуд. Ин ҳаракат салтанати ашрофон ва давлати сосонии ононро ба ларза овард. Синфи сармоядори сосонӣ ба ин ҳаракат созиш карда наметавонист, бинобар ин барои барҳам задани ин ҳаракат ва таълимоти он роҳ ва баҳонаҳо меҷӯст.

Роҷеъ ба кушта шудани Маздак ва муносибати шоҳ Қубод ба таълимоти ӯ маълумотҳои муаррихон якранг набошанд ҳам, ҳама бар он ақидаанд, ки дар охир Маздак ва маздакпарастиро давоми бевоситаи мантиқии таълимоти Монӣ ҳисобида, ҳаракати онро ба муқобили дини давлатӣ — зардуштӣ мулҳидӣ ва бидъат шуморида, рӯҳониёни мутаассиби дини зардуштӣ ӯро ба қатл ҳукм намудаанд. Ин ҳақиқати таърихро аз айбномае, ки мӯбадони зардуштӣ ба муқобили Маздак ва маздакиён пеш рондаанд, равшан дидан мумкин аст:

Чунин гуфт мӯбад ба пеши гурӯҳ,
Ба Маздак, ки эй марди донишпажӯҳ!
Яке дин сохтӣ дар ҷаҳон,
Ниҳодӣ зану хоста андар миён.
Чӣ донад падар, к- аш, кӣ бошад писар,
Писар ҳамчунин чун шиносад падар?

[84] Фирдавсӣ. Шоҳнома, ч. 3. саҳ. 273.

Чу мардум баробар бувад дар ҷаҳон.
Набошад пайдо меҳону кеҳон.
Кӣ бошад, ки ҷӯяд дурӣ кеҳтарӣ
Чӣ гуна тавон сохтан меҳтарӣ?
Кӣ бошад марову туро коргар,
Чу мардум ҷудо монад аз беҳ батар?
Касе, к-ӯ бимирад, ҷою чизаш кирост,
Чу шуд коргар банда бо шоҳ рост?
Ҳама кадхудоянду, муздур кист?
Ҳама ганҷдоранду ганҷур кист?
Зи диноварон ин сухан кас нагуфт,
Ту девонагӣ дорӣ андар нуҳуфт.
Ҳама мардумонро ба дузах барӣ,
Ҳама кори бадро ба бад нашмарӣ.
Ҷаҳон з-ин сухан пок вайрон шавад.
Набояд, ки ин бад ба Эрон шавад...[85]

Дар ин тасвири Фирдавсӣ таълимоти Маздак дақиқназарона рӯи кор омада, намояндаи дини зардуштӣ, рӯҳонии мутаассиби он мӯбадро ба пешвои ҳаракати халқии пардаи динидоштаи маздакӣ муқобил гузошта, воҳимаи аз ин шӯриш доштаи синфи ҳокимро хеле равшан нишон додааст. Маълум мешавад, ки мӯбадон моҳияти таълимоти Маздакро фаҳмидаанд. Онҳо аз боигарию занро умумӣ эълон кардани ӯ — «Зану хонаву чиз бахшанда нест — Тиҳидаст кас бо тавонгар якест» — вайрон шудани оилаи сохти феодалӣ ва ғуломдорӣ, талаби баробарҳуқуқии инсон, барҳам хурдани синфият — «ҳама кадхудоянду муздур кист? — Ҳама ганҷдоранду ганҷур кист?» беэътибор шудани синфи ҳоким, мансабу мавқеи синфи ҳукмрон ва аз вайрон шудани дунёи феодалӣ сахт тарсидаанд.

Воҳимаи рӯҳониени оини зардуштӣ аз ҳаракати маздакӣ. инчунин аз он рӯшан мегардад, ки Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ дар «Таърихи Табарӣ» дар гуфтугӯи шоҳ Қубод ва мӯбади мӯбадон чунин ба қалам оварда: «...Пас пеши мӯбади мӯбадон омаданд ва гуфтанд: «Ин мардумон бисёр гаштанд ва кас эшонро қаҳр натавон кардан ва малик худ аз эшон аст». Мӯбади мӯбадон

---
[85] Фирдавсӣ. «Шоҳнома», ҷ.3. 275-276.

гуфт: «Ман ин кор ҳеҷ ҳилат надонам кард, магар ин маликро азл кунем ва малики дигар биншонем, то ин мардумонро қаҳр кунад».[86] Дар гуфтаи Фирдавсӣ ва ҳам Абӯалии Балъамӣ ба муқобили Маздак гузошта шудани мӯбад – алоқаи бо синфи ҳоким доштаи рӯҳониёни мутаассиби зардуштиро нишон медиҳад.

Мӯбадони зардуштӣ Кайқубодро аз тахт фуроварда зиндон карданд, ӯ бо ёрии хоҳараш (дар Табарӣ омада: «Қубодро хоҳаре буд андар мулки Аҷам, аз ӯ хубрӯйтар набуд ва Қуболро аз вай фарзанде омада буд, он хоҳар огоҳ шуд, ба зиндон омад, то ӯро бубинад. Пас он хоҳар бо Қубод бихуфт... он зан Қубодро берун бурд ва пинҳон кард»...) аз зиндон гурехт ва бо ёрии лашкари ҳайтолиён дубора ба тахт соҳиб шуд ва муносибаташ ба маздакиён тадриҷан дигар шудан гирифт, аввал ниҳонӣ, сипас ошкоро ӯро ва тарафдоронашро таъқиб намуда, дар солҳои 528-529 Маздак ва пешвоёни дигари ҳаракати маздакиро ваҳшиёна ба қатл расонид.

Маздак аслан дар оини маздояснои ибтидоӣ буд ва дар баъзе маврид аз афкори Зардушт ва Монӣ моя мегирифт.

Аз рӯи таълимоти динию фалсафии Маздак нур ва зулмат асли хилқат ҳастанд, ки аввалӣ Холиқи хайр ва дуввумӣ Холиқи шар аст. Ин ду омил аз ҳайси мартаба бо ҳам баробаранд, илло ин, ки нур дорои шууру эҳсос ва аъмолаш аз рӯи иродаву ихтиёр аст, вале зулмат кӯру бешуур ва корҳояш аз рӯи ҷаҳолату нодонӣ аст. Аммо рӯшноӣ, бо вуҷуди ҳоло афзалияти куллӣ надоштан, бартарӣ дорад. Вазифа аз он иборат аст, ки рӯшноӣ ба торикӣ ғалаба кунад. Аз ҳамин нуқтаи назар маздакиҳо бадбахтӣ, зиндагии бад, ҷангҳо, офатҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, ахлоқи ношоиста ва ғайраро, ки дар он замон домани васеъ кушода буд, эҷоди рӯҳи торикӣ мешуморанд ва онро душмани хислатҳои нек, ки офаридаи рӯҳи рӯшноӣ мебошад, медонистанд. Ин ҷо ақидаи маздакиҳо пурра ба таълимоти санавияи зардуштӣ монандӣ дорад. Маздакиҳо ғалабаи рӯҳи бадро тасодуфӣ медонистанд. Онҳо ба ғалабаи рӯҳи рӯшноиву некӣ боварии комил доштанд ва ин таълимот маздакиёнро дар муборизаи ба муқобили қувваҳои бади

---

[86] Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ, саҳ. 517-518.

зулмкунанда далер, ҷасур ва рӯҳбаланд карда, ба ғалаба умед ва бовар ҳосил мекунонд. Дар фаҳмиши Маздак, ҷои муҳим он аст, ки бадбахтиҳоро аз сарчашмаи илоҳӣ не, аз ҷамъияти инсонӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, яъне аз моликияти хусусӣ, нобаробарии иқтисодӣ ва ҳуқуқи инсонӣ медонист. Аз ин ҷост, ки вай ба камбағалон додани мулки давлатмандонро роҳи дурусти барҳам додани нобаробариҳо ва бадбахтиҳо мешуморид. Пас таълимоти Маздак танҳо пардаи динӣ дошт, ки дар зери он манфиатҳои иқтисодии инсон меистод. Дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк чунин омада: Маздак мегуфт: «Мол бахшиданӣ аст миёни мардумон, ки ҳама бандагони Худованди таъоло ва фарзандони одаманд. Бояд моли якдигар харҷ кунанд, то ҳеҷ касро бебаргиву дармондагӣ набошад ва мутасовиюлҳол бошанд. Худованд арзоқро рӯи замин офарид, ки мардум миёни худ яксон қисмат кунанд ва ҳеҷ кас аз дигаре бештар набарад, лекин мардум ба якдигар ситам мекунанд ва ҳар кас хештанро бар бародар тарҷеҳ медиҳад. Мо мехоҳем дар ин кор назорат кунем ва дороии тавонгаронро барои дарвешон бигирем ва он чӣ ағниё зиёд доранд, ба тиҳидастон диҳем».[87]

Маздак дар масъалаи назарияи нур ва зулмат ба таълимоти Монӣ бисёр лаҳзаҳои нав дохил кардааст. Яке аз онҳо ба ҷои таълимоти зоҳидии тарки дунё (Монӣ парҳезкорӣ, тарки дунё карданро воситаи ҳарчи зудтар аз зулмат ҷудошавии нур медонист) ҷорӣ намудани некбинӣ, умед ва муборизаи фаъол ба муқобили торикию зулму ҷаҳолат аст. Маздак ғалабаи нурро зарурӣ, вале торикиро тасодуфӣ ва муваққатӣ мешуморад (дар ин андеша бо Монӣ ҳамакида аст) ва дар ҷараёни муборизаи ин ду қувва ва пайдоиши ҷаҳони моддӣ, ки аз омезиши нур ва зулмат ба амал омадааст, се давраро нишон медиҳад:

Давраи аввал «Бунд хишан» ном дорад, ки дар ин давра нуру зулмат омехта нестанд, ҳар кадом мустақиланд. Дар давраи дуюм, ки «Гумиз шан» ном дорад, пояи омехтагӣ, яъне омезиши ин ду унсури ба ҳам зид ба вуҷуд меояд. Ва давраи сеюм «Вичор шан» давраи аз ҳам ҷудо шудани нур ва зулмат мебошад.

---

[87] Низомулмулк. Сиёсатнома.-Душанбе, «Адиб», 1989, саҳ. 33.

Лаҳзаи инқилобии ин таълимоти Маздак дар ин аст, ки вай инсони мазлумро ба тезонидани гузаштани давраи тасодуфии «гумиз шан» ва ба вуҷуд омадани замони «вичор шан» даъват менамояд. Ин назария лаҳзаи муҳимми таълимоти халқии ниқоби динӣ доштаи Маздак аст, ки моҳияти муборизаи синфиро ифода кардааст. Боварӣ ба хатмӣ будани мағлубияти зулм ва ғалабаи адолат (ғалабаи нур ба зулмат) ҷои дигари муҳимми таълимоти Маздак аст, ки инсони мазлумро некбинӣ ва мубориза бурдан меомӯзад.

Маздак на танҳо барои адолат, хушбахтӣ, баробарӣ ва бародарии инсонҳо, ки Худованд оҳоро аз азал ҳамин гуна офаридааст, сухан меронад, инчунин сабаби бадбахтӣ, роҳи барҳам задании он — мубориза барои нест кардани торикӣ ва ғалабаи хушбахтиро низ нишон додааст. Маздак таълим медиҳад, ки Аҳурамаздо неъматҳои моддиро бетафовут барои ҳамаи инсонҳо офаридааст. Неъматҳои моддиро офаридаи Худо донистани Маздак ақидаи динист, вале барои ҳама баробар донистани ин неъматҳои моддӣ, ҳаққи зиёд гирифтан надоштани табақаи ашрофи ҷамъиятро даъво кардани ӯ ақидаи халқиест, ки дар зери пардаи динӣ ифода ёфтааст. Костагии ақидаи Маздак дар ин масъала дар чӣ зоҳир шудааст? Пеш аз ҳама, дар он аст, ки манбаи дониши Маздак дар бораи баробарӣ дар молу мулк аз тарзи ҳамбоӣ (ибтидоӣ) мебошад, ки дар замони ӯ ҳоло вуҷуд дошт, аммо гузаштан ба муносибатҳои нави хоҷагидорӣ — муносибатҳои иқтисодии феодалӣ, ки дар замони ӯ ҳодисаи фаъол ва пешрав буд, онро вайрон мекард, вале деҳқонон ба он тарзи ҳаёт бозгаштанро мехостанд ва Маздак онро тарғиб менамуд. Ин дар айни ҳол маънии ақибгардӣ ба муносибатҳои кӯҳнаи хоҷагидорӣ буд.

Маздак дар масъалаи моддии дуне, ки аз кадом унсурҳо иборат аст, чунин ақида дорад, ки нур ва зулмат бар ҳасби тасодуф ба якдигар омехта шудаанд (давраи «гумиз шан») ва аз ин омехтагӣ олами моддӣ ба вуҷуд омадааст ва олам аз се унсур ташкил ёфта: об, оташ, хок. Дар ин бобат дар байни таълимоти Монӣ ва Маздак тафовут дида мешавад. Монӣ дунёро аз панҷ унсур иборат медонист, ки он манбаи рашку рақобат аст:

Бупечонд аз ростӣ панҷ чиз
Ки доно бар ин панҷ и- афзуд низ.
Куҷо рашку кин асту ҳашму ниёз,
Ба панҷум, ки гардад бар ӯ чира оз.[88]

Маздак ин панҷ унсурҳоро ба ақидаи деҳқонии ҳамбоии худ вобаста карда, он панҷ унсури дар ақидаи Монӣ мавҷударо, ки аз асир (фалак), насим, об, оташ, хок иборат аст, миқдори онҳоро ба се: обу хоку оташ овардааст. Ӯ таълим медод, ки одамон ба хоҷагии деҳқонӣ вобаста бошанд, пас, неъматҳои моддӣ аъзони ҳамагон мебошад, агар ин тавр бошад, дигар аъзоёни ҷамъият ҳама муфтхӯранд.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар он таваққуф кардан лозим меояд, масъалаи умумӣ кардани занон аст, ки аъёну ашроф ва рӯҳониёни зардуштӣ ҳамчун айби ҷиддии таълимоти Маздак маънидод кардаанд ва яке аз сабабҳои маҳкумшавии ӯ шуд. Ҳар чӣ дар бораи Маздак муаррихони тоисломӣ гуфтаанду ӯро дар ин масъала сиёҳ кардаанд, муаррихони даврам ислом низ айнан онро нақлу сабт кардаанд. Гӯё Маздак мегуфтааст, ки «Ҳар гоҳ касеро амволу занону ғуломон ва асоса зоид аст, бояд ба тасовӣ байни дигарон қисмат шавад, то касеро бар дигаре бартарӣ набошад»:

Зану хоста бояд андар миён,
Чу дини биҳиро нахоҳӣ зиён.
Бад- ин ду бувад рашку озу ниёз,
Ки бо хасму кин андар ояд бароз.
Ҳаме дев печад сари бихрадон.
Бибоист ин ду шудан дар миён.[89]

Фаҳмиши хато дар ин бобат дар навиштаи Низомулмулк дар «Сиёсатнома» низ ба назар мерасад, масалан, ӯ гӯяд: «Маздак гуфт: «Занони шумо чун моли шумост. Бояд, ки занонро чун моли якдигар шиносед, аз лаззату шаҳовот бенасиб намонед ва дар мурод бар ҳамаи халқ гушода бувед».[90] Чунон ки дар боло иброз

[88] Фирдавсӣ. Шоҳнома, ҷ. 3, асх. 275.
[89] Фирдавсӣ. Шоҳнома ҷ. 3, 276.
[90] Низомулмулк. Сиёсатнома, саҳ 33-34.

доштем, муаллифи «Таърихи Табарӣ» низ дар ҳамин ақида аст,[91] инчунин Ибн-ал-Балхӣ, ки дар «Форснома» Маздакро «зиндик» ва маздакиёнро аз номи Анӯшервон — писари Қубоди сосонӣ «саги зиндиқ» номидааст, низ ақидаи нодурусти дар байни ашрофиён ба вуҷудомадаро баён менамояд.[92] Ва ҳол он ки дар асл Маздак мӯбади парҳезкоре буда, пайравони худро ҳатто аз хӯрдани гӯшти ҳайвонот манъ мекард; ба ин ҳол чӣ гуна метавон бовар кард, ки вай онҳоро ба шаҳватронӣ ва ҳамоғӯшӣ бо занони мардум ташвиқ менамудааст. Дар таълимоти Маздак куштани ҳайвонот манъ карда шуда буд. Ӯ ба пайравонаш фармуда буд, ки он ғизое, ки аз замин таҳия мешавад, мисли тухми мурғ, ширу паниру равған, ки аз ҳайвонот ба даст меояд, барои мардум кофист. Бовар кардан душвор аст, ки Маздак барин марди фозил, олим, пешвои халқ ташаббускори вайрон намудани оила, инчунин умумӣ кардани занон бошад. Гап дар сари он аст, ки душманони ғоявиаш моҳияти таълимоти ӯро фаҳмида бошанд ҳам, наклу ривоятҳои зиёдеро дар ин бобат барои хира нишон додани образи Маздак истифода бурдаанд.

Дар ақидаи Маздак, ки неъматҳои моддӣ бахшидаи Худо ба ҳама аст, зан низ азони ҳама аст, яъне ҳама ҳақ дорад зандор бошад ва оила ташкил намояд. Пас, Маздак на ин ки оиларо, балки ҳуқуқи моликияти ашрофро, ки ба занҳо доштанд, инкор менамояд ва ин рафтори ӯ моҳияти халқӣ дорад, зеро муносибати феодалӣ ва ғуломдории бисёрзаниро инкор менамояд, ба ташкили оилаҳо, мустаҳкам шудани онҳо ва зиёд шудани нуфуси мамлакат ёрӣ мерасонд. Агар ба ин масъала боз ҳам чуқуртар эътибор диҳем, мебинем, ки мумкин ба чунин ақидаи Маздак ҳанӯз дар қабилаҳои Эрони қадим вуҷуд доштани никоҳи гурӯҳӣ, никоҳи маҳорим низ таъсир карда бошад. Ба ҳар ҳол, Маздак хостааст, ки дар тартиботи оиладорӣ, махсусан зандории аъёну ашроф, ки бисёрзана буданд, ислоҳот дарорад. Хулоса, шӯриши Маздак ва пайдоиши таълимоти ӯ аз бузургтарин рӯйдодҳои давраи бавуҷудоии муносибатҳои феодалӣ буд, ки ба ҳаракатҳои

[91] Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ, саҳ. 517-518.

[92] Ибн-ал-Балхӣ. Форснома саҳ. 88- 92.

давраи пеш ва баъд аз галабаи ислом таъсири зиёд расонидааст. Сардорони шӯришҳои халқии Бухоро — Амарзӣ, шӯриши Хоразм — Шерзод, шӯриши хуррамиҳо, ҳаракати Абӯмуслим, исьёни Муқаннаъ, исмоилиҳо ва қарматиҳо аз таълимоти Маздак низ таъсир гирифтаанд. Ҳамин тавр, халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон дар чунин шароити таърихӣ, муваффақиятҳои илмии дунёи қадим ва динҳову ҷаҳонбинии фалсафии худ дар асри VII ба истилои арабҳо дучор шудаанд, ки байрақи гоявии он дини ислом буд.

## IV. АДАБИЁТИ БАДЕИИ ҚАДИМ

Адабиёти бадеии қадими тоҷик асосан аз ду қисм иборат аст: адабиёти шифоҳии қадим ва осори хаттии қадим. Вале то имрӯз ки дар натиҷаи рӯйдодҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоии таърих ва ҷи аз осори шифоҳӣ ва ҷи осори хаттии адабиёти қадими тоҷик, беш аз ҳама дар давраи истилои Искандари Мақдунӣ (асри IV то. м.) ва истилои арабҳо (асри VII м.) сӯзондаву нобуд шудаанд, намунаҳои хеле каме тавассути овонавишти мӯбадони динҳои қадимаи халқҳои Осиёи Миёнаву Эрони қадим, нақлу ривоятҳои муаррихони Юнону Рими қадим ва асрҳои миёнаи Шарқ, намунаҳои осори хаттии авестоӣ, парфиянӣ, паҳлавӣ, суғдӣ ва навиштаҳои зерихоку рӯи сангҳо омада расидаанд. Зарур аст, ки намунаҳои боқимондаи осори фолклорӣ ва хаттии дунёи қадимро алоҳида-алоҳида мавриди омӯзиш қарор диҳем.

**Адабиёти даҳонакии халқ**. Таърихи адабиётро аз эҷодиёти даҳонакии халқ ҷудо омӯхтан мумкин нест. Чунки аввалин каломи бадеии ҳамаи халқҳо адабиёти шифоҳии (фолклорӣ) он халқ мебошад. Фолклор пояи аввали адабиёти хаттист ва халқе, ки адабиёти хаттиаш ҳанӯз дар замонҳои хеле қадим ба вуҷуд омада, соҳиби хату китоб ва фарҳанги бостонӣ бошад, пас, фолклори ин халқ боз ҳам қадимтар буда, умри дуру дарозе дорад. Ҳамин ки халқ ба ҳаёти бошуурона дохил шуд, тасаввуроти худашро дар бораи зиндагӣ, муҳит, ҳодисаҳои табиат ба тарзи эҷодиёти даҳонӣ ифода карда, ба ин восита таҷрибаи зиндагӣ, ақидаҳои динӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, анъана ва донишҳои худро дар шакли пандҳои кӯтоҳ (андарзҳо), чистон, сурудҳои тақвимӣ, тӯй

ва сеҳру ҷоду, образу устураҳои мифологӣ ба наслҳои минбаъда мерасонад. Мавҷудияти фолклори қадими тоҷикро мифологияи қадим ва сурудҳои маросимӣ ва тақвимие, ки дар «Готҳо»- и китоби муқаддаси оини зардуштӣ — «Авесто» мавҷуд аст, тасдиқ менамоянд.

Мутаассифона, намунаҳои фолклори қадим навишта нашудаанд, агар навишта шуда бошанд ҳам, то имрӯз боқӣ намондаанд.

Намунаҳои фолклори қадим аз ҷамъияти ибтидоии инсонҳо, аз давраи ҳаёти қабилавӣ - авлодии сокинони «Аирйанам ваеҷаҳ» («Фарохнои Ориёно», диёри нимафсонавии ориёнҳо), Осиёи Миёнаву Эрони шарқӣ сар карда, тафаккури бадеӣ, тасаввури мафкуравии онҳоро, ки ҳоло хусусияти синкретикӣ дошт (синкретизм яке аз хусусиятҳои асосии асарҳои фолклорӣ ба ҳисоб меравад), акс кунонидааст. Азбаски фолклори халқ ба таърихи адабиёти он алоқаи зич дорад, бинобар фолклору таърихи адабиёти ин халқро аз таърих ва пояҳои тараққиёти зиндагии он ҷудо карда наметавонем. Зеро дигаргуниҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, тақсимоти меҳнат ва инкишофи соҳаҳои гуногуни он ба пешравию тараққиёти осори фолклорӣ ва адабиёти хаттии он, санъат ва маданият ва жанрҳои адабиёти даҳонакӣ хизмат кардааст. Ба қавли Мирзозода Х.М. «Вобаста ба тараққиёти ҳаёти инсонӣ забони ӯ, завқи бадеии вай ва забони бадеии он, олами ботинии ҳис, эҳсос, тафаккур ва такомули он ба пайдоиши жанр ва шаклҳои бадеии осори фолклорӣ сабаб шудааст».[93] Вариантнокӣ яке аз хусусиятҳои асарҳои фолклорист ва фолклори қадими тоҷик низ аз рӯи қонунияти вариантҳо инкишоф ёфта, таҳаввулоти рӯҳӣ ва ғоявии давраҳои гуногуни дунёи қадимро акс кунонидааст.

Як қисми хеле зиёди ин хазинаи маънавии халқи тоҷик бо гузаштаи айём аз байн рафта бошад ҳам, қисми дигараш ё аз даҳон ба даҳон, ё тавассути асотиру мифҳои қадим дар сужети афсонаву андарзҳои қадима ва ё ба воситаи китобҳои оид ба таърих иншонамудаи сайёҳону муаррихони Юнону Чин, Ҳинд,

---

[93] Мирзозода Х. М. Таърихи адабиёти тоҷик. кит. 1. ч.1. с. 46.

Арман, Осиёи Миёнаву Эрони Шаркӣ ва Аврупо то рӯзгори мо омадааст. Масалан, хотираҳо ва асарҳои онд ба таърихи Ҳеродот, Страбон, Ктезий, Пифагор, Арасту, Исокрит, Ҳарос Митиленский, Ксенофан, Демокрит, Абӯалии Балъамӣ, Ибн-ал-Балхӣ, Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Масъудӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, набиштаҳои зерихокӣ ва рӯи сангу чӯбҳо, ки аз кӯҳи Бесутун, «Тахти Ҷамшед», кӯҳи Муг, тали Барзу, Накшн Рустам (дар Эрон) пайдо шудаанд, инчунин афсонаву ривоят, сужету тасвирҳои бадеӣ дар китобҳои динӣ, мазҳабӣ: «Авесто», «Динкард», «Бунда ҳишн», «Ригвидо», «Минуги хирад» ва намунаҳои осори бадеии қадима: «Худойнома», «Ёдгорин Зарирон», «Драхти Осурик», «Корномаки Ардашери Бобакон», андарзҳои паҳлавӣ ва амсоли инҳо омада расидааст.

Хусусияти фолклорӣ доштани бисёр асотиру ривоятҳои қадима, ки дар боло ном бурдем, боз аз он рушан мешавад, ки бисёре аз афсонаҳои қадимаи эронӣ, ки дар «Авесто», «Шоҳнома» оварда шудааст, мисли афсонаи «Ҷам», «Кова», ҳикояи «Ҳафт хони Рустам», ки айнан ба мисли афсонаи «Дувоздаҳ хони Ҳераклис»-и юнонӣ аст ва ё қиссаи «Парвариш ёфтани Зол ба шири ҳайвон» ба қиссаи Парис — писари Парёмуси юнонӣ шабоҳат дорад. Ва ҳамчунин афсонаи рӯинтан будани Исфандиёр айни афсонаи «Ахилес»- и юнонӣ ва ё «Зигфрид»-и олмонӣ мебошанд. Ин табиати фолклор аст, ки тавассути он робитаҳои қадимаи маънавии халқҳо низ пеши назар меояд.

Намунаҳои осори хаттии авестоӣ, парфиянӣ, паҳлавӣ, суғдӣ, ки овонавишту нусхаҳои гуногуни тарҷумаи онҳоро хушбахтона дар даст дорем, пур аз маводҳои фолклорианд, вале онҳо моли адабиёти китобатӣ шудаанд («Авесто», «Худойнома», «Шоҳнома», «Ёдгорин Зарирон ва г.); бо вуҷуди ин, дар ин асарҳои фолклорӣ хусусиятҳои архаистии фолклори қадим нигоҳ дошта шудаанд, аз ҷумла; абадияти мубориэаи нур ва рӯшноӣ ба муқобили зулмат ва торикӣ, корнамоии Кова бар зидди Заҳҳоки морон, тасвири корнамоиҳои Гуштосп, Рустам, Барзу, Исфандиёр (Ҳафт хони Рустам, Ҳафт хони Исфандиёр), ривояти Сиёвуш дорои оҳангу маъниҳои мифологӣ мебошанд, ки асосан аз фолклори қадими халқҳои Осиёи Миёна дарак медиҳанд.

Албатта, муайян кардани намунаҳои аввалини осори фолклории қадим хеле душвор аст; бо вуҷуди душворӣ, нишонаҳои умумию асосии сужету образҳои кадимаро дар тасаввуроти тоҷикони давраи антиқа мушоҳида кардан мумкин аст. Дар масъалаи он ки намунаҳои фолклори кадоме аз халқҳои ҳиндуаврупоӣ пештар ба вуҷуд омадааст ва қадимитар аст, бостоншиносон ба хулосаҳои амиқи илмӣ омадаанд.[94] Масалан, тасвири муборизаи Худо — Осмони соф (Воруна) бо қувваҳои бадӣ, зулмат ва торикӣ дар Ведаҳои ҳиндӣ, «Авесто»-и эронӣ, нӯшокии муқаддас дар ҳиндӣ Саума, дар форсӣ Хаума, ҷуфти худоҳои нек дар форсӣ Воруна ва Митра, дар ҳиндӣ Ушана ва Воруна, ё ин ки номи худоҳои бад ва зулмат дар «Ригвидо» ба шакли «дайвҳ — деуз — худо, дар эпоси эронӣ даёва — дев шудаанд. Ҳам дар ҳиндӣ ва ҳам Эрон Аҳуро ва Асура, Воруна Аҳуро чун Худои бузурги валинеъмат ва бахшояндаи меҳрубон парастида мешавад. Аз ин чанд мисоли боло ҳам ҳукм кардан мумкин аст, ки ҳанӯз дар замонҳои хеле қадим дар тасаввуроти эрониёни шарқӣ сужету образҳои аввалин дар натиҷаи муносибатҳои инсонҳо бо қувваҳои табиат, ҷамъият, қонунҳои кашфнашудаи муносибатҳои иҷтимоии одамон, оҷизии он дар назди ҳодисаҳои фавқуттабиӣ ба вуҷуд омада будааст ва ин чараён чандин ҳазорсолаҳоро дар бар гирифтааст. Намунаи жанрҳои хурди фолклории қадим «Юишти фриён», ки суруду чистонҳоро дар бар мегирад, ҳамаҷониба дастрас нашудааст, вале намунаи сужети достонҳои мифологӣ, қаҳрамонӣ ва афсонаҳо ба воситаи адабиёти китобатӣ дастрас шудаанд. Вале таърихи ҳудуди ба вуҷуд омадани достонҳои мифологӣ, қаҳрамонӣ ва афсонаҳои сеҳрноку мифологӣ то ҳол амиқ муайян нагардидааст.

Намунаҳои боқимондаи фолклори қадимро ба ду қисм тақсим кардан мумкин аст: 1) Мифҳои қадим; 2) Достонҳои эпикӣ- қаҳрамонӣ ва достонҳои лиро- эпикии қадим.

**Мифҳои қадим.** Миф дар луғат ба маънои устура, асотир, афсонаҳои фантастикии қадима меояд. Илме, ки ҷаҳонбинии

---

[94] Брагинский П. С. Из истории таджикской народной поэзии.- М., 1956, с. 86-87.

одамони дунёи қадим, маҷмӯи ақидаҳои одамон дар бораи табиат, ҷамъият, муҳите, ки инсонро иҳота кардааст, ифода мекунад мифология меноманд. Аз рӯи афкори илмӣ, фалсафӣ, динию иҷтимоии одамони қадим маълум аст, ки инсонҳои қадим аз сабаби пастии шуур, камии дониш ва таҷриба, оддӣ будани асбоби истеҳсолот ва кам будани самараи меҳнат, оҷизӣ дар назди қонунҳои даркнашавандаи табиат моҳияти ҳақиқии олами моддиро дуруст ва чуқур нафаҳмида, дар зиндагии худ чизҳои афсонавӣ ва фантастикӣ бофтаанд. Онҳо аз сахтии рӯзгузаронӣ, аз сахтии мубориза бо ҳодисаҳои табиат ва баъдтар қонунҳои кашфнашудаи ҷамъият тамоман ба танг омадаанд, бинобар роҳи наҷотро аз ин зиллату сахтӣ дар асрори табиат, қувваҳои фавқуттабиӣ ҷӯё шуда, образу тасвирҳои наҷотбахшеро, ки соҳиби қувваи азими рӯҳониву наҷотбахшанда, ҳамаро фарогиранда доранд, бофта баровардаанд. Дар ҳақиқат ҳодисаҳои табиии раъду барқ, гирифтани моҳу офтоб, бӯрон, хунукиҳои сахт, ҳайвонҳои ваҳшии дарранда, заминҷунбӣ, обхезӣ, боронҳои сел, оташфишониҳои зеризаминӣ, қаҳтсолӣ, беморӣ ва марг ва амсоли ин барин ҳодисаҳои табиат барои инсони ибтидоӣ даҳшатангез буд. Ин ҳама маҷбур сохт, ки инсон ба табиат тобеъ шавад, дар вай қувваи фавқуттабииро тасаввур кунад. Дар ҳолатҳои душвори ҳаёташ табиат дар назари ӯ ҳамчун қувваи ҷондор менамуд, ин қувваҳоро ба сари худ мустақил ва ҳукмрон, худро як ҷузъи табиат тасаввур менамуд. Албатта, ин рафтори одами ибтидоӣ хусусияти стихиявӣ ва бешуурона дошт, донишаш дар бораи рӯйдодҳои табиат ва ҷамъият ниҳоят кам буд, сабабҳои пайдоиши бисёр ҳодисаҳои табиату муносибатҳои ҷамъиятиро аз сабаби пастии шуур дарк карда наметавонист. Ба ақидаи К. Маркс, «табиат ва ҷамъият бешуурона дарк карда мешуд, бинобар фантазияи одами ибтидоӣ образи бадеӣ пайдо намудааст.[95] Аз ҳамин рӯ, ақидаҳои оид ба сеҳру ҷоду, тасаввуроти анимистӣ (ба сухан ва шакли одамӣ даровардани ҳар гунна чизҳо) ва тасаввуроти тотемистӣ (ба ҳайвон ва ҳар гунна растанӣ табдил ёфтани инсон) заминаи пайдоиши аввалин образҳои бадеӣ ва хаёлоти бадеӣ гардидаанд.

[95] К. Маркс ва Ф. Энгельс. Сочинение. т. 12, стр.737.

Дев, чин, парӣ, албастӣ, аждаҳо, Хизр ва ғайра, ки дар эҷодиёти шифоҳии аҷдодони халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон мавқеи калон доранд, образ ва маҳсули хаёлоти бадеии ҷамъияти ибтидоӣ буда, бо таъсири тасаввуроту ақидаҳои дар протсесси муборизаҳои инсон бо қувваҳои фавқултабиӣ ба вуҷуд омадаанд. Ақидаҳо ва тасаввуроти анимистӣ ва тотемистӣ асрҳои аср дар байни мардум давом кард, ба расму оини мардум табдил ёфта ва аз авлод гузошта, то замони мо омада расидаанд.

Миф — натиҷаи амалиёти норасидаву нопухтаи тафаккури инсон аст, ки ба забони юнонӣ «слово» — мавҷудҳои зиндаи фавқуттабиии (қадимӣ) меноманд. Мифология ду марҳиларо дар бар мегирад: 1. Фетешизм — одами ибтидоӣ, ҳамаи он чизе, ки ҳаст, яъне неъматҳои моддии тайёрро истифода мебурд. Дар ин маврид ба назари ӯ ҳама чиз ҳамчун қувваи зинда менамуд ва дар тасаввуроти ӯ ҳамаи амалиёти шахс ба фаъолияти субъект — қувваи илоҳӣ сахт алоқаманд аст, яъне инсон худро як ҷузъи ҷудонашавандаи табиат медонист. 2. Анимизм — одамони ҷамъияти ибтидоӣ тадриҷан аз истифодаи неъматҳои тайёр ба фаҳмидани моҳияти онҳо сар мекунанд. Ана ҳамин чараён, яъне ҷудошавии идеяи чиз аз ашё давраи гузариш аз фетешизм ба анимизм аст. Дар бунёди афсонаҳои сеҳрнок низ ақидаҳои қадимаи инсон дар бораи ҳаёт ва табиат қарор гирифтааст, ки ин ақидаҳо дар адабиёти илмӣ — анимизм ва фетешизм номида мешаванд. Аз рӯи ақидаи анимистии тоҷикони қадим, дунёро рӯҳҳо — кувваҳои офарандаи бадӣ ва некӣ фаро гирифтаанд. Ба гурӯҳи рӯҳҳои нек париҳо, момоҳо, малоикаҳо, фариштаҳо, бибиҳо, пирҳо ва ба гурӯҳи рӯҳҳои бад дев, албастӣ, шайтон, ғул, чин, бало ва дигар кувваҳои бад дохил мешаванд. Пас, парастиши худоҳои аввалини неку бад тавассути ҳамин тасаввуротҳо ба вуҷуд омадаанд.

Ана ҳамин тавр аввалин худоҳои табиӣ, ки эрониёни шарқӣ мепарастиданд, ба вуҷуд омадаанд (Осмони соф — Воруна,Зарвон, Митра, Носатаус, Индра, Усҳаҳ, Андирвон, Адри, ки дар боло муфассал сухан рондем).

Тадриҷан пас аз ба вуҷуд омадани ҷамъияти табақавӣ, синфӣ, дар натиҷаи ҷангҳои байниқабилавӣ, ҳолатҳои асириву ғуломӣ ба зулми табиӣ зулми иҷтимоӣ бор шуд, ин азоби одамони

қадимро дучанд афзун кард. Ин ҳол ҳам дар натиҷаи надонистани қонунҳои ҷамъият, ки чун конунҳои табиат кашфнашуда буданд, рух дод, ки ба майнаи одамони ин давра бори гароне буданд. Ҳарчанд ки инсони аввалин дар назди қонунҳои кашфношудаи табиат ва ҷамъият заиф бошад ҳам, орзӯи мубориза ба ин қувваҳо ӯро дар достонҳои мифологӣ дар хаёл қавӣ гардонидааст. Аз ин ҷост, ки дар мифҳои қадим ҳам оҷизӣ ва ҳам қувваи инсон акс ёфтааст.

Аввалин тасаввуроти мифологии тоҷикони қадим образи ду падару модари бузург (дар «Ригвидо» ба ҳамин маънӣ омадааст) — замин — модар ва осмон — падар мебошад. Ин образҳо муддати зиёде дар хотири одамон боқӣ мондааст. Дар «Авесто» символи ин ду падару модари бузург дар образи Митра Аҳура ва Аҳура Маздо чун Худои падар ва Худои замин Арматай — араматай ва Худои обу замин — Анаҳито (Ардевсувра) ҳамчун Худои модар низ тасвир шудааст. Дар ин хусус дар «Миҳр Яшт» (X. 113: 145) ва «Ясно» (1. 11) суруди васфи Худои ҳақиқат ва хушбахтӣ Ашай таъкид шудааст: «Падари ту Аҳуро Маздо, модари ту — Арматай». Мавҷудияти ақидаи қадимаи худомодар ва худопадарро Абӯабдуллои Рӯдакӣ дар марсияе, ки ба Муродӣ бахшидааст, чунин ба қалам додааст:

Мурд Муродӣ на ҳамоно, ки мурд,
Марги чунин хоҷа на корест хурд.
Ҷони гиромӣ ба падар боз дод.
Колбади тира ба модар супурд[96]

Ба андешаи мо «Ҷони гиромӣ ба падар боз дод» —ба маънои худопадар —осмон, Аҳура Маздо, Митра (ин ҷо инчунин маънии дигар, ба осмон рафтани рӯҳи ӯ) ва «Колбади тира ба модар супурд», яъне ҷисмаш ба замин — модар фурӯ рафт, омадааст. Ҳоло ҳам дар баъзе ноҳияҳои Тоҷикистони имрӯза одамон заминро модар ва осмонро падар ном мебранд (дар Язғулом заминро нан — модар, осмонро дэд — падар мегӯянд).

[96] Рӯдакӣ. Шеърҳо.-Душанбе: Ирфон, 1973. саҳ. 86.

Тасаввуроти одамони қадим дар бораи пайдоиши олам, оила, муносибатҳои заношӯӣ, одами аввалин, набототу, ҳайвонот, маъданҳо (Каюмарс дар дини зардуштӣ, Одаму Ҳаво дар дини ислом, ки дар боби «Мифи Каюмарс» муфассал сухан рафтааст) ҳамин гунна ба вуҷуд омадаанд. Ҳамин тавр, ақидаи тасаввур карда шудани моҳҳои сол ба фаслҳои занонаву мардона низ вуҷуд доштааст. Масалан, баҳор ва тобистон табиати занона доштаанд, чунки дар ин фаслҳо замин эҳё шуда, ҳосил дода, одамонро мехӯронад, вале фаслҳои зимистон ва тирамоҳ хусусияти мардона доштаанд, чунки дар ин вақт барфу борон борида, заминро ҳосилхез менамоянд.

Ғайр аз ин, дар тасаввуроти одамони қадим образи мифии бобо Қамбар, тандур ё тундур, абрҳои борондиҳанда низ ба вуҷуд омадаанд. Ба вуҷуд омадани чунин ҷашнҳои мавсимӣ, мисли Наврӯз, Сада ва Меҳргон, низ ба тасаввуроти одамони қадим дар бораи мифҳои табиат — табиати миранда ва аз нав эҳёшаванда низ алоқаи сахт дорад.

Бояд таъкид намуд, ки одамони ҷамъияти ибтидоӣ мувофиқи доираи тасаввуроти худ, инчунин образҳои мифии инсонҳои аввалин, ҳайвоноту паррандаҳои аввалинро бофта баровардаанд, ки дар ҳақиқат хеле ҳайратангезу даҳшатовар менамоянд, мисли: вуҷудҳои мифии одаму ҳайвон, паррандаи дарранда, хари сепоя, хари шохдор, аспи шохдор, мардхӯр, аждаҳо ва ғ. Масалан, Ҳеродот дар «Таърих» дар бораи пайдоиши скифҳо хабар дода, таъкид кардааст, ки гӯё одами аввалин дар шакли нимзану ним мор ба вуҷуд омадааст. Ктезий Киндский, Страбон низ аз мифҳои аҷоибу ғароибӣ ҳиндӣ, скифҳо ва халқҳои дигар мисол овардаанд.[97] Дар мифологияи қадими тоҷик низ чунин образҳо ҳастанд, монанди образи одами аввалин Каюмарс дар шакли нимодам ва ними дигар гов, бинобар ӯро Говмард низ мегӯянд: образи мифии Аждаҳо, дар тасаввуроти одамон гоҳо ин образ ба одаме, ки аз китфонаш ду аждаҳои бадҳайбат сабзида баромдааст, ба мушоҳида мерасанд.

---

[97] *Ниг:* Брагинский И. С. Из истории таджикской народной поэзии, саҳ.99-100.

**Образи Митра** Чунон ки дар қисми ақидаҳои иҷтимӣ, динӣ ва фалсафии эрониёни шарқӣ таъкид намудем, Митра ба ҷуфти худоҳои иек маҳсуб буда, мисли Воруна худои бузурги валинеъмат мебошад. Мардуми Осиёи Миёна ва Эрон аз замонҳои бас пешин меҳрро мепарастиданд ва онро худои ҳақ ва ҳақиқат ва танзимкунандаи набзи ҷаҳон ва ҳомии мазлумин ва душмани сарсахти дурӯғу фасоду бедодгарӣ медонистанд. Шакли ин калима дар забони форсии қадим «Миҳра», дар забони ҳозираи форсӣ ва тоҷикӣ «Меҳр» ва Офтоб аст. Мазҳаби меҳрпарастӣ ҳам аз рӯи парастидани Митра ё Меҳра шомил шудааст. Маълум мешавад, ки Офтоб (Хуршед) яке аз ҷисмҳои парастиши бобоёни мост, ки аз он ба ҳаёти инсон, ҳайвонот ва тамоми олами зинда баҳраи зиёде ҳаст. Ин образ дар тасаввуроти гузаштагони мо аз давраи сайёрапарастии халқҳои эронӣ боқӣ мондааст. Митра пеш аз ҳама худои рӯшноӣ буда, ба инсонҳо нур, гармӣ ва ҳаёт мебахшад. Вай дар тасаввуроти парастандагонаш на танҳо бахшандаи нур, инчунин шахси фаъоли мусаллаҳест, ки дар аспу аробаи нуқрагини худ нишаста, осмонро сайр мекунад, бо дили душманон даҳшат меандозад ва дӯстони худро аз офатҳои гуногун наҷот медиҳад. Митра дар китоби «Авесто» ба сифати паҳлавони тавоное, ки қувваи беинтиҳое дорад, тасвир шудааст. Агар аз ин образ ҷиҳати мифологӣ ва фантастикиаш гирифта шавад, офтоб ҳамчуи манбаи қувваи энергияи беинтиҳо боқӣ мемонад. Вай дар тасвири «Авесто» душманон ва қувваи онҳоро маҳв менамояд. Баданаш зиреҳи нуқрагин дорад, бинобар ин тири душман бадани ӯро намегузарад ва бо қувваи шамол бозгашта, ба худи душман мезанад. Митра қаҳрамони тирногузар, дар об ғарқнашаванда, дар оташ насӯзанда ва мағлубнашаванда аст. Митра дар тасаввур ва тавсифи парастандагонаш на танҳо ҷанговари мағлубнашаванда, сардори лашкар ҳам мебошад: «Мо Митраи лашкарро ба ҷанг тайёркунанда, ҷамъкунандаи ҷанговарон, лашкарро ба ҷанг мувофиққунанда, сафороянда, дар сари лашкар истода баҷангдароянда, аз ҳама тавоно ва сардори боқудрат саҷда мекунем»... «Митра дар ароба истода, аз камони аз устухон сохта ва аз чарми наввас таранг кашида шуда ҳазорон тир мепарронад. Тирҳои ӯ мисли фикр тез мепаррад, монанди фикр батезӣ ба сари девон меборад...

Митра гурзи дурахшони худро бардошта мегардад, гурзи саднешдор ва садкирадори ӯ ба душман зуд омада мезанад, душманро парча-парча мекунад. Гурзи ӯ аслиҳаи аз ҳама пурқувват буда, аз оҳани ҷилодор сохта шудааст...»

Ёридиҳандагони Митра монанди худи ӯ паҳлавонони боқудратанд. Яке аз онҳо Вертрагна аст, ки онро Аҳура Маздо дар шакли хук сохтааст. «Мо ба Митра саҷда мекунем, Вертрагна ба назди вай давида меравад. Вай дорои ҷасади зебо ва дандонҳои тез буда, ҳар навъ ҷонварро ба як газидан несту нобуд мекунад. Вай хуки дорои дандони хӯрокхӯрӣ, бисёр боҳайбат, боқувват, багоят шӯх, аз ҳуҷум монданашаванда, тездав, оҳанпо, оҳандум, оҳанҷог аст. Вай бо далерӣ медавад, душманро парчаву пора мекунад, онҳоро мағлуб карда, несту нобуд менамояд».

Ҳардуи ин образ — Митра ва Вертрагна дорои тасвири романтикӣ буда, дар муҷассамаи ёдгориҳои дигари халқамон, аз ҷумла ба муҷассамаи мисли шамол паридаравандае, ки дар хазинаи Амударё ёфт шудааст, хеле монанд аст ва дар образи бадеии афсонавии он, пеш аз ҳама, ақидаи сайёрапарастии халқҳои эронӣ акс ёфтааст. Чизи дигари ҷолиб он аст, ки дар тасаввуроти одамони қадим Митра бо сифатҳое, ки ҳам ба Худо ва ҳам ба инсон хос аст, мувофиқ тавсиф шудааст. Маълум мешавад, ки дар гузашта низ тахайюли бадеии одамон бою рангин будааст, ба Худои табиӣ он сифатҳое хос дониста шудааст, ки дар ҳақиқат (ба истиснои лаҳзаҳои мифӣ — фантастикӣ) ба он сифатҳо доро мебошад.

Вобаста ба парастиши Митра бояд афзуд, ки пас аз даврai сайёрапарастӣ дар замони Ҳахоманишиҳо ва оини зардуштӣ як гурӯҳ қавмҳои эронӣ Меҳрро аз дараҷаи худоӣ ба дараҷаи фариштагони ғайриазалӣ таназзул доданд. Ин амал боиси он шуд, ки як гурӯҳ мӯъминони мутаассиб, ки ба мақоми Меҳр вафодор монданд, меҳрпарастиро ҳамчун оини мустақил эълон карданд, ки ин ҷо мо аз тафсили пурраи мазҳаби меҳрпарастӣ худдорӣ мекунем.[98]

---

[98] *Ниг.* Муҳаммади Рашиюд. Фалсафа аз огози таърих, саҳ. 141-146.

**Образи Ардевсувра Анаҳита.**

Мифи Ардевсувра дар «Авесто» чун исми хос аз се калимаи сифат сохта шудааст: Арде аз калимаи «аред», маънояш боло баромадан, болидан, фузудан; «сувра» — қодир ва тавоно; «Анаҳито» ё «Анаҳита» чунин маъно дорад: «а» — «не», «оҳит» — нопок ва олуда, ҳарфи «н» овози иловагӣ аст. Пас «аноҳита» ба маънои қувваи тавоною поку баланд аст. Инчунин Ардевсувраро духтари худо Анаҳита низ меноманд. Дар «Авесто» дар бораи Ардевсувра дар «Яшти панҷум» «Ардевсувра яшт» маълумот дода шудааст. Дар «Ардавсувра яшт» Ардви инчунин бо номи руд ва ҳам номи фариштаи об омадааст. Дар «Авесто» дар бораи ин руд чунин гуфта шудааст: «Ин руд он қадар бузург аст, ки тамоми обҳои рӯи замин, ки аз баландии кӯҳ ба баҳри «Фарокарт» мерезад, уқёнусро ба ҷӯшу хурӯш меорад. Он руд рудест, ки тамоми зимистону тобистон як хел равона аст. Савори тезрав дарозӣ ва атрофии онро дар 40 рӯз давр зада метавонад. Як баҳри он саросар ҳафт кишварро сероб карда метавонад, дар атрофи ин бахр ва рудҳо барои Анаҳит қасрҳои ҳазорсутун, ҳазордарича ва дарахтон мавҷуд аст. Дар ҳар қаср дар болои девоне бистари покиза ва муаттар андохтаанд».[99]

Анаҳито талаффузи қадимаи сайёраи Ноҳид аст ва онро Зӯҳра ҳам меноманд, ки дар шакли духтари зебое буда, мутрибаи фалак ҳам гуфтаанд. Аз ин маълум мешавад, ки ин образ ва мафҳуми он дар гузаштазамонаҳо дар тасаввури одамон тағйир ёфтааст. «Ӯро, яъне Ардевсура Анаҳитаро, дар шакли духтари доимо зебо, боқувват, хушқомат, камарашро баландбастагӣ, дорои зиннати заррин ва либоси фарфардор дидан мумкин аст.»[100]

«Анаҳито зане аст ҷавон, хушандом, баландқад, баруманд, зебо чеҳраозода, некӯсиришт, бозувони сафедаш ба андозаи калонии шонаи асп аст. Синааш баланд баромадааст, миёнаш бо камарбанд танг баста шудааст. Дар болои аробаи худ нишаста лаҷоми чор аспи якранг ва яққадро дошта меронад. Аспҳои аробаи вай — бод, абр, борон ва жола мебошанд. Анаҳито ба

---

[99] *Ниг.* Авесто (тарҷумаи И.М.Стеблин-Каменского аз хати авестоӣ ба русӣ).- Душанбе. Адиб. 1990 сах. 24-25.

[100] *Ниг.* Мирзозода Х. М. Таърихи адабиёти тоҷик. к. 1. ч. 1. сах. 48-49.

ҷавоҳирот ороста аст, тоҷи заррине ба шакли чархе бар сар дорад, ки дар он сад гуна гавҳари нурпош кор фармуда шудааст. Тавқи заррин дар гардан ва гӯшворҳои чоркунча дар гӯш дорад. Кафшҳои дурахшонро дар пойҳои худ бо бандҳои заррин маҳкам бастааст. Ҷомае аз пӯсти сӣ бабр, ки медурахшад, пӯшидааст. Ҷомаи зарриии пурчин ҳам пӯшида, дар баландтарин табақаи осмон ором нишастааст. Аҳура Маздо ҷои ӯро дар кураи офтоб муқаррар кардааст. Анаҳито бо фармони парвардигор аз баландии осмон борон, барф, жола ва шабнам мебоpонад. Вай бо таъсири дуои порсоён ва парҳезгорон аз фалаки ситораҳо ва аз баландтарин қуллаи кӯҳҳо ба нишебӣ мешитобад. Вай нутфаи мардон ва занонро пок мегардонад, зоидани занонро осон мекунад, ширро соф менамояд, галаву рамаро зиёд мекунад. Сар то сари кишвар аз партави ӯ, аз хушӣ, неъмат ва сарват баҳравар мегардад».[101]

Анаҳито дар тасаввури пайравон ва парастандагонаш маъбудаи об, замин ва ҳосил аст. Дар тасвири мифологӣ ӯро ифодакунандаи зебоӣ ва нафосати инсон, ба қаҳрамонҳо қувватдиҳанда, комёбибахшанда низ нишон додаанд. Анаҳиторо ҳамчун Эзиди обу замину ҳосилот донистани пайрованаш давраи деҳқонии занон ва ҳаёти модаршоҳиро ифода кардааст.

Образи Митра ва Анаҳито образҳои мифологии фавқуттабиаи мавҳумӣ набуда, балки аз ҳаёти табиат гирифта шудаанд. Онҳо ба ҳаёту зиндагии одамон алоқаи мустаҳкам доранд, симоҳоеанд, ки аз байни одамон гирифта шудаанд. Агар аз ин образҳо лаҳзаву тасвирҳои фантастикӣ ва романтикӣ бардошта шавад, симои одамони ҷасуру тавоное, ки барои зиндагии худ ва дигар одамон бо табиат ва дигар душманони одамони қадим муборизаи қаҳрамонона бурда, ба мардум ёрӣ расонидаанд, боқӣ мемонад. Агар ба моҳияти иҷтимоии ин мифҳо баҳо диҳем, мебинем, ки онҳо асоси ҳаётӣ доранд, орзуҳои неки мардумро акс кунонидааст, вале ба онҳо мафҳуми худоӣ додаанд. Сабаби ин дар он аст,ки «Худо дар тасаввури ибтидоии одамон мафҳуми мавҳум ва ягон чизи обстракт набуда, балки як симои бисёр реалие

[101] Ҳамон асар. с. 49.

буд, ки бо ягон аслиҳа мусаллаҳ аст. Худо устои ягон ҳунар, устод ва ҳамкори одамон буд».[102]

Чи образи Митра ва чи образи Анаҳито эҳтиёҷоти одамонро дар симо ва амалиёти худ акс кунонидаанд. Одамон ба Митра ва Анаҳито ҳамчун ба наҷотбахшандагони худ ба қувваҳои нирӯманду мағлубнашаванда, ки дар лаҳзаҳои душвортарин ба ёрӣ меоянд, мурочиат мекунанд; дар ин мавридҳо симои Митра ва Анаҳито чун ифодаи қувваи яздонӣ зоҳир мешавад. Вале ҳангоми тавсифи амалиёти онҳо, набарди ин қувваҳои яздонӣ бо душманон он хислатҳое ба онҳо хос дониста шудаанд, ки танҳо ба одамони реалӣ мансуб мебошанд. Маҳз аз ҳамин сабаб симои Митра ва Анаҳито дар тасаввуроти одамони қадим ҳам дар шакли мавҳум ва ҳам реалӣ ба зуҳур омадаанд, ки аз муборизаи одамон барои зиндагии хушбахтона дарак медиҳанд.

**Мифи каюмарс.** Дар байни қавмҳои ориёӣ мифи Каюмарс аз қадимулайём маълуму машҳур аст. Ин асотир асосан аз нақлҳои гуногун иборат буда, то имрӯз чандин вариантҳои он тавассути адабиётҳои хаттии дини зардуштӣ, китобҳои «Авесто», «Бунда ҳишна», «Динкард», осори муаррихони тоисломӣ ва асрҳои миёна, «Таърихи Табарӣ», «Форснома», «Шоҳнома» ва чандин навиштаҳои дигар омада расидааст. Ин асотир «бо таъсири равандҳои нав ба нави истеҳсоливу маънавиёти авлоду қабилаҳои гуногун тадриҷан мукаммал шуда, дар баробари маъниву тобишҳои нав гирифтан, мазмунҳои қадимаи худро нигоҳ дошта, дар шакли як ривояти мукаммалмаъно ба мо расидааст».[103]

Аз рӯи манбаъҳои қадима ва ривояти дар асарҳои Балъамиву Фирдавсӣ, Ибн-ал-Балхӣ, Масъудиву Берунӣ, асарҳои шарқшиносони русу тоҷик И. С. Брагинский, А. А. Лелеков, Х. М. Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода ва дигарон оварда маълум мегардад, ки калимаи Каюмарс форсӣ буда, дар забони «Авесто» дар шакли «Гайя Маритан» ва минбаъд дар шаклҳои «Гев Марс»,

---

[102] **Горький А. М.** О Литературе, М. 1958, стр. 694.

[103] **Саъдуллои Наимзод.** Ҳадиси Каюмарс.-Нидои Ранҷбар, 1994. № 11, 17 феврал.

«Гайю Марс» ва «Говмард» навишта шудааст. Маънои «гайя» «ҷон» ва «зиндагӣ» буда, «маритан» мафҳуми «муранда»- ро доштааст. Ғайр аз ин, дар «Авесто» калимаи «гай» ва «марта» дар алоҳидагӣ ба маъноҳои «ҷони зинда» ва «тани муранда» истифода шудаанд.

Чунин маъно доштани калимаи Каюмарс онро ифода мекунад, ки ҷавҳари асотир асосан баёни тасаввуроти одамони қадим дар хусуси донистани сабаби пайдоиши олами зинда ва муайян кардани оқибати он, яъне муранда будани махлуқоти ин олам мебошад. Вале ба тадриҷ тасаввурот ба олам ва рӯҳонияти асотири Каюмарс ба таҳаввулот дучор шудааст. Донишмандони бостоншинос дар асоси нақлу ривоятҳои мавҷуда се марҳилаи инкишофи образи Каюмарсро таъкид намудаанд.[104]

Балъамӣ дар «Ҳадиси Каюмарс ва подшоҳии ӯ» навиштааст: «мардумонро ихтилоф аст ба кори Каюмарс ва ҳар касе чизе мегӯянд. Гурӯҳони Аҷам гӯянд, ки ин аст, ки Одам гӯянд ва халқ аз ӯст... Ва ӯро гилшоҳ хонандӣ, ки аз гил офаридааст, бар гил подшоҳӣ кард ва ҷуфти ӯ Якда, ки Ҳавво хонанд, ҳам аз он гил офарид. Ва ҷон андар тани ҳар ду андар як вақт ва як андоза кард, на пешу на пас. Ва агар на чунин будӣ, мувофиқат набудашон. Ва Аҳриман ба замин буд подшоҳ. Ва эшон — ду тан. Ва маънии Каюмарс зиндаву гӯёст — «ҳайюн нотиқ».[105]

Мутафаккир ва ҳакими барҷаста Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор- ул- боқия» таъкид мекунад, ки эрониён инсони аввалиро Каюмарс мегӯянд ва лақаби он «Кӯҳшоҳ» аст, яъне подшоҳи кӯҳ. Ӯро «Гилшоҳ» - подшоҳи гил низ гӯянд, ки он вақт ҳеҷ касс набуд, инчунин гуфтаанд, ки маънои Каюмарс — шахси зинда аст.[106]

Чунон ки мебинем, дар масъалаи ном Берунӣ маълумоти Абӯалии Балъамиро такрор кардааст. Вале Берунӣ аз рӯи нақли муаррихони замонаш ва шунидаҳояш ду ривояти ҷолибро иброз медорад: яке «Худованд дар амри Аҳриман ҳайрон шуд ва пешонии ӯ арақ кард ва он арақро пок намуду ба канор андохт ва

---

[104] *Ниг*: Ҳамон ҷо.

[105] **Абӯалии Балъамӣ**. Таърихи Табарӣ, саҳ.68.

[106] **Абӯрайҳон Берунӣ**. Осор-ул-боқия. Душанбе: Ирфон, 1990, саҳ. 123-124.

Каюмарс аз ин араки чабин офарида шуд. Сипас Каюмарсро ба сӯи Аҳриман фиристод ва Аҳриманро мағлуб кард ва ба Аҳриман савор шуду ба гирди олам бигашт, то он ки Аҳриман аз Каюмарс пурсид: «Ту аз чӣ чиз бештар метарсӣ?» Каюмарс гуфт: «Агар ман ба дари дӯзах бирасам, бисёр хоҳам тарсид»... Аҳриман дар аснои гаштани гирди ҷаҳон ба дари ҷаҳаннам расид, хушгуфторӣ кард ва ҳиллае ба кор бурду Каюмарсро ба замин зад. Пас аз ин ӯ аз Каюмарс пурсид: «Мехоҳам туро бихӯрам ва аз куҷои андоми ту оғоз кунам?» Каюмарс гуфт: «Аз пои ман шурӯъ кун, то он ки муддате том ба ҳусну хубии ҷаҳон назар намоям». Аҳриман ба хӯрдан шурӯъ кард ва Каюмарсро аз сар машғули хӯрдан шуд ва то ба тӯхмдон ва зуруфи манӣ дар пушти ӯ расид, ду катраи манӣ аз пушти Каюмарс ба замин рехт ва ду рибос аз ӯ рӯид ва Мишою Мишона, ки ба манзалаи Одаму Ҳавво ҳастанд, аз миёни ин ду буттаи рибос мутаваллид шуданд».[107]

Берунӣ ин ривоятро аз Абулҳасан Озархудои муҳандис шунида будааст, ӯ инчунин аз рӯи ахбори Абӯалии Муҳаммад бинни Аҳмад Балхии шоир ҳамин ривоятро, ки иборат аз пайдоиши хилкат аст, ба таври дигар низ овардааст: «Каюмарс се ҳазор сол, ки ҳазорсолаҳои Ҳамалу Савру Ҷавзо бошанд, дар биҳишт диранг кард, сипас ба замин фаромад. Ва се ҳазор соли дигар, ки ҳазорсолаҳои Саратону Асад ва Сунбула аст, ба таври амну амон дар замин гузаронид, то он ки ба тавассути Аҳриман шарру балоҳо оғоз ба пайдоиш гузошт... Ва ба андозае Эзиди таоло Каюмарсро ҳусни сурату хубрӯӣ дода буд, ки чашми ҷунбандаи аксар аз инсону ҳайвон ба рӯи ӯ намеафтод, магар ин ки мабҳут мешуд ва беҳуш меафтод».[108] ...Давоми ин ривоят ба андозаест, ки дар дигар сарчашмаҳо тафсил ёфтааст. Аз ин ривоятҳо эҳтимол меравад, ки Каюмарс вуҷуди рӯҳонист, зеро асли вай араки пешонаи Худованд ва ҳусни ӯ аз нури таҷаллии Офаридагор ба зуҳур омадааст.

Ин акида дар «Форснома»-и Ибн-ал-Балхӣ (XII) низ баён шудааст. Ибн-ал-Балхӣ овардааст, ки: Каюмарс «аввал, под-

---

[107] Ҳамон асар, саҳ. 124.

[108] Ҳамон асар, саҳ. 124-125.

шоҳе аст, мулки ҷаҳон яксара доштааст. Порсиён гуфтаанд, ки мақоми ӯ ба Дамованд будааст..., габргон даъво мекунанд, ки ин Каюмарс Одам будааст алайҳиссалом ва фарзанди ӯ, ки мусулмонон Шис бинни Одам хонанд, габргон ӯро Машӣ бинни Каюмарс хонанд... ва ӯро порсиён Гилшоҳ хонанд, яъне подшоҳи бузург».[109]

Дар ин ҷо муҳим он аст, ки Каюмарсу Якда дар як вакт ба як андоза офарида шудаанд. Ин ақида хилофи маълумоти динҳои минбаъда аст, ки офаришини Одамро аз зани ӯ Ҳавво муқаддам меҳисобанд.

Вале ин асотир нишон медиҳад, ки Одаму Ҳавво дар як вақт офарида шудаанд ва нахустин ҷуфти инсонӣ дар рӯи замин мебошанд.

Ақидаи дар як вақт ва дар як андоза офарида шудани марду зан ба давраи неолит мансуб аст. Дар ин давра аҷдодони гузаштаи мо ба муносибатҳои зану шавҳарӣ пурра сарфаҳм рафта, вазифаҳои ҷинсии ҳамдигарро пурра дарк кардаанд. Ғайр аз ин, дар ин давра Осмон падар ва Замин модар шинохта, тамоми мавҷудоти оламро натиҷаи зану шавҳарии онҳо медонистаанд. Инчунин тамоми ҳодисаҳои табиат ва фаслҳои солро ба фаъолияти падархудо ва модархудо мансуб медонистанд. Ин наклу ривоятҳо нишон медиҳанд, ки марду зан ва осмону замин дар як вақт ва дар як андоза офарида шудаанд. Ин ақида дар «Таърихи Табарӣ» чунин ба қалам омадааст: «Ва гурӯҳе аз Аҷам гуфтаанд, ки Каюмарс ва Якда — ҷуфташ Машӣ ва Мошоя буданд, гиёҳ буданд, аз замин баромаданд, бар сурати мардум, чунон ки имрӯз ҳаст аз он».[110]

Пайдоиши ин гуна ақидаҳо ба давраи модаршоҳӣ рост меояд ва асотирҳои ин хел маънидоштаро этиологӣ меноманд ва қадимтарин навъи асотирҳо асотирҳои этиологӣ ҳастанд, ки натиҷаи тафаккури соддалавҳонаи одамони дунёи қадим мебошанд. Бо вуҷуди соддалавҳона будани тафаккури одамони қадим, диққати онҳоро сабабҳои пайдоиши Замину Осмон ба худ

[109] Ибн-ал-Балхӣ. Форснома, саҳ. 3.
[110] Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ, саҳ. 68.

ҷалб мекардааст, ки дар ин бобат дар мавқеаш муҳокима ронда ем. Ин ҷо боз ҳаминро илова кардан лозим аст, ки дар тасаввуроти аҷдодони гузаштаамон хусусияти зоянда будани Замин ва боранда будани Осмон боиси он шудаанд, ки онҳо зану шавҳар դониста шаванд. Чунин ақида дар асотирҳои ҳиндӣ, чинӣ низ мавҷуд аст.[111]

Дар асотири ҳиндӣ гуфта шудааст, ки Осмон, яъне Дуанс (Даъюс) дар оғоз бо зани худ Притхива, яъне Замин, дар шакли пайванд зиндагӣ мекарданд. Пас бо дахолати худоҳо Индра ва Воруна аз ҳам ҷудо шудаанд.

Дар ривояти дигар Каюмарс дар шакли Говмард тасвир шудааст ва баъди мурдани ӯ аз вуҷудаш ашёҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд. Дар тасаввуроти мардумони қадим Говмард аз ду вуҷуд,яъне аз Гов ва Одам иборат будааст, ки ҳамчун як тан ба хубӣ зиндагӣ мекардаанд. Пас аз он Гов ва Одам қурбони фитнаи Аҳриман шудаанд. Аз ҷасади Гов 55 хел дон, 12 навъи гиёҳ ва аз насли ӯ барзагов ва модагов ба вуҷуд омадаанд. Аз онҳо 272 ҳайвони фоидаовар пайдо мешавад. Аз ҷасади Одам металлҳо ва аз насли ӯ марду занӣ аввалин ба вуҷуд омадаанд.

Аз ин ривоят бармеояд, ки Говмард асоси пайдоиши инсонҳо, ҳайвонҳо ва набототу маъданҳо, яъне асоси пайдоиши ҳаёти моддӣ будааст.

Дар ривояти дигаре Машӣ ва Мошоя низ маҳсули Говмард дониста мешавад. Дар китоби «Бунда ҳишн» (боби 15) нақл мешавад, ки Каюмарс ба доми тазвири Ангро Майно гирифтор шуда, кушта мешавад. Ӯ пеш аз марг нутфаашро мепартояд. Аз се як ҳиссаи он нутфа насиби олиҳаи замин Спандармат мегардад, ки баъд аз чил сол аз Замин дар шакли ривоҷ мерӯяд ва аз он баъди 15 сол Маротиа ва Мартйана ташаккул меёбанд.

Ба сабаби бо ҳам васл буданашон як ё ду ҷон доштанашон номуайян аст. Дар оғоз онҳо танҳо ба мавҷудияти Ҳурмуз иқрор буда, аслу насаби худро аз ӯ медонистаанд. Пас мисли Говмард ба тазвири Аҳриман гирифтор мешаванд ва наслу насаби худро

---

[111] *Ниг:* **Саъдуллои Наимзод**. Ҳадиси Каюмарс. Нидои ранҷбар. 1994, 11-17 феврал.

аз ӯ медонанд ва гирифтори газаби Ҳурмуз (Урмузд) мешаванд. Ҳурмуз онҳоро ба дӯзах мепартояд, гӯё то қиёмат он ҷо мемонанд, пас наҷот меёбанд.

Дар ин асотир чизи муҳим он аст, ки Говмард нахустин одам буда, ӯ асоси пайдоиши осмону замин шинохта шудааст ва низоми оламу ҳодисоти он ба вафоти ӯ вобаста будааст. Ба ифодаи дигар, Говмард аввалин қурбонӣ будааст, ки тавассути ҷисму ҷони ӯ одаму олам пайдо шудааст. Яъне ба қавли Ш. Ҳусейнзода, «Образи Говмард дар марҳилаи аввал характери кули дунёӣ дошт, дертар ба аввалин зоти инсонӣ, яъне одами аввал ва ниҳоят дар ҷамъияти синфӣ ва дар «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ ба аввалин подшоҳ дар рӯи замин табдил ёфтааст».[112]

Бояд тазаккур дод, ки роҷеъ ба асотиру ривоятҳои қадима ва дар мавриди пайдоиши нахустодам ақидаи асотиршинос Авреинсев ҷолиб аст: «ӯ (яъне Авреинсев —С. С.) дар тасвири асотири қадими яҳудиён Адами Кадмон овардааст, ки маънои ин таркиб нахустодам буда, он аз рӯи хусусиятҳои худ бо образҳои Пуруш ва Гайомарт айният дошта, дорои узвҳои занонаву мардона будааст. Ин гунна образҳоро гермафродит (яъне нар-мода) меноманд. Гӯё гермафродит нахустин махлуқи рӯи замин буда, ба сабаби хусусиятҳои занонаву мардона доштан, дорои қобилияти худҷимоӣ мебошад. Гермафродит дар як вақт гӯё ҳангоми дар худ муҳаббатро эҳсос кардан узви дилхоҳро дар худ пайдо карда, обистан мешудаасту насл ба вуҷуд меовардааст».[113]

Аз худоҳои ведиву бараҳманӣ Алит, ки дар як вақт ҳам говмеш ва ҳам навбаст (буқа) будааст, падару модари ҳамаи худоён дониста мешавад. Худои мисриён Ра низ чунин хусусият доштааст, вақте ки нутфаи ӯ ба даҳонаш меафтад, вай обистан шуда, худоён ва одаму оламро таваллуд мекунад. Ин хусусиятро дар асотирҳои қадимаи халқҳои дунё дидан мумкин аст. Дар румиён асотири Либер-Либера, Помо-Помона, Диан-Диана, Диус-Диа, дар юнониҳо Адмет-Адмета, Главк-Главка ва дар ривояту асотирҳои форсӣ махз ба Каюмарс образҳои Машӣ-

[112] Ҳусейнзода Ш., Алабиёти тоҷик.-Сталинобод, 1954, саҳ. 29.

[113] Саъдуллои Наимзод. Ҳадиси Каюмарс. Нидои ранҷбар, 1994, 11-17 феврал.

Мошоя, Малҳо-Малҳиёна, Море-Мориёна, Сиёмак-Сиёмака, Фаравок- Фаравокиан низ ҳодисоти андрогенӣ (худчимоӣ) тасвир шудаанд.[114]

Масалан, дар ривояте оварда шудааст, ки баъди Ҳазур (писари Аҳриман)-ро куштани Каюмарс Аҳриман дар ғазаб шуда ӯро мекушад. Ҳини мурдан аз қабурғаи Каюмарс ду қатраи хун ба замин чакида, ба воситаи нашъаи офтоб соф гардида, ба мағзи хок даромад. Пас аз чиҳил сол ҳангоми меҳрмоҳ нутфа аз хок ба шакли сиёҳи душоха ё ки ду соқаи ривочи ба ҳам печида (чукрӣ) баромад. Шаклашон ба ҳам монанд буд ва яке Мошӣ, дигаре Мошоя ном дошт. Панчоҳ сол онҳо ба ҳам издивоч карданд (дар ривояте Аҳриман дар шакли мӯйсафеде пайдо шуда, ба онҳо меваи мамнӯъро мехӯронад. Баъди хӯрдани мева чимоъ карда, фарзанд ба вучуд меоранд). Пас аз онҳо чуфти нарумода таваллуд ёфт ва аз ин чуфт ҳафт писару духтар таваллуд шуд, ки яке аз он чуфтҳо Сиёмак ва зани ӯ Сиёмака аст. Аз онҳо як чуфти дигар таваллуд шуд, ки номи чинси мардаш Фаравок ва чинси занаш — Фаравокиан мебошад. Аз ин чуфт понздаҳ чуфти дигар ба дуне омад, ки ҳамаи одамони чаҳон аз ҳамин понздаҳ чуфт ба вучуд омадаанд. Асотир тасдиқ мекунад, ки сабаби дар чаҳон пайдо шудани одамон ҳамин ҳодиса мебошад.

Хусусияти ҳам зану ҳам мардӣ доштан (гермафродит) дар асотирҳои хеле зиёде ба назар мерасад, ҳатто дар «Инчил» ҳам ҳадиси аз қабургаи Одам ба вучуд омадани Ҳавво шакли тағйирёфтаи асотирест, ки қаҳрамони он узвҳои чинсият надошта бошад ҳам, қобилияти худчимоӣ доштааст, яъне дар як вақт ҳам зану ҳам мард шуда метавонист. Муаррихон ва бостоншиносону асотирдонҳо замони пайдоиши чунин тасаввуроти одамони қадимро ба огози давраи падаршоҳӣ мансуб медонанд, чунки дар ин вақт мардҳо ба тадрич дар оила ҳукмрон гардида, касбу кори зан оҳиста-оҳиста эътибори худро гум мекунад (албатта, ба ин муносибатҳои хочагӣ, чангҳои байниқабилавӣ, пайдоиши муносибатҳои ғуломдорӣ сабаб шудааст). Мардҳо нисбат ба занҳо пурқувват будани худро дар чангу меҳнат ва истодагарӣ кардан

---

[114] **Саъдуллои Наимзод**. Ҳадиси Каюмарс. Нидои ранчбар. 1994. 11-17 феврал.

дар назди қувваҳои табиат нишон медиҳанд. Дар тасаввуроти одамон ақидае ба вуҷуд меояд, ки ба пайдоиши Оламу Одам махлуқҳои фавқулоддаи тавоное сабабгоранд. Аз сабаби ҳоло ташаккул наёфтани ақлу хирад, одамони қадим ҷисму танро асоси пайдоиши олам мепиндоштанд. Барои ҳамин дар тасаввуроти онҳо образи махлуқҳое офарида шудаанд, ки хусусияти марду занро доранд ва дар асотирҳои қадима ин гунна махлуқҳои нармода боиси пайдоиши инсон дар рӯи замин шудаанд.[115] Ин тасаввуроти одамони қадим ба мурури замон тағйир ёфтааст, оҳиста-оҳиста ин махлуқоти фавқуттабиӣ рӯҳонияти худро гум карда, ба сабаби ба ҳаёти моддӣ иртибот доштан ба махлуқот табдил меёбанд. Масалан, ин ҷараён дар асотирҳои юнонӣ аз тарафи Худои бузург Зевс идора карда мешавад. Дар таълимоти Зардушт Аҳурамаздо дорои чунин қудрат мебошад. Вай Худои яккаву ягона аст, шакл надорад, мавҳум мебошад, тамоми ҷирмҳои осмонӣ ва ашёи табиатро ӯ офаридааст. Каюмарс, ки дар гузашта рамзи худопадар ва худомодар, яъне Замину Осмон буда, баъд ба илоҳии онҳо табдил ёфта буд, ба махлуқи Аҳура Маздо мубаддал шуда, дар таги замин ҷой мегираду аз он ҷо муҳити бавуҷудовардаашро идора мекунад. Аз ин рӯ, эҳтимол меравад, ки ривоятҳои Говмард аз қадимтарин асотири Каюмарс бошад, зеро дар онҳо нахустин гумонҳои аҷдодони мо дар бораи пайдоиши Замину Осмон ифода ёфтааст.

Умари Хайём ҳамин нуктаро чунин ифода кардааст:

Говест дар осмон, номаш Парвин.
Гови дигаре нуҳуфта дар зери замин.
Чашми хирадат кушо аз баҳри яқин,
Зеру забари ду гов пушти хар бин.

Аҷдодони гузаштаи мо дар марҳилаҳои аввали ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмии худ Замину Осмонро дар шакли Говмард тасаввур кардаанд ва сабаби дар пушти Гов пиндоштани Замин шояд дар

[115] *Ниг:* Саъдуллоҳи Наимзод. Ҳадиси Каюмарс.-Нидои ранҷбар, 1994, 11-17 феврал.

сергӯшту сершир ва зӯру тавоно будани Гов бошад, бинобар онҳо Коинотро дар шакли Говмард тасаввур кардаанд.

Масъалаи дигар ин дар оини маздоясно мавҷуд будани никоҳи маҳорим аст, ки дар мавқеаш оиди он сухан рафт. Никоҳи маҳорим аз давраи пайдоиши нахустодам оғоз ёфта будааст ва ин анъана мувофиқи оини маздоясно ба ҳукми қонун даромадааст. Аз ҳамин сабаб қариб ҳамаи подшоҳони давраи каёнӣ, Пешдодиён, Ашкониён, ҳатто аҳди Сосониён бо маҳорими худ издивоҷ менамудаанд. Ва ин ҳам минъбад давом доштани тасаввуроти аҷдодони гузаштаамонро дар бораи ҳадиси Каюмарс тақвият медиҳад.

**Мифи Ҷамшед.** Дар «Авесто» дар шакли калимаи «Йима» омадааст,пас ба калима «ҳишата»(шед), ки маънояш нур, фурӯғ аст, ҳамроҳ шуда, тадриҷан аз ҷиҳати талаффуз вайрон шуда, шакли «Ҷамшед»-ро гирифтааст. Вай дорои сифати «ҳуваг» (соҳиби ғалла ва рамма) ва «сарира» (зебо ва хушшаклу шамоил) будааст. Ҷамшед дар «Авесто» писари Бийвангҳут номида шудааст, ки шакли дигари он «Виюнгҳон» аст. Ба қавли Ибн-ал-Балхӣ низ ин ақида дуруст шуморида мешавад: «Ҷамшед ба як ривоят бародари Таҳмурас будааст ва ба ривояти дигар бародарзодаи ӯ будааст ва падарашро Ваюнҷаҳон (Виюнгҳон) гуфтандӣ. Писари Ваюнҷаҳон ва маънии «шед» нур ва баҳо (дурахшандагӣ ва зебоӣ) бошад ва аз ин ҷумлат офтоброро хуршед гӯянд. Ин Ҷамшед бар сифате буд аз ҷамолу варҷ (қадр, мартаба, шаън) ва баҳо, ки ҳеҷ кас аз мулки Форс монанди ӯ набуд».[116]

Дар «Авесто» калимаи «йима» ва «яма» маънои тавъам ва ҳамзодро ифода кардааст. Дар тасаввуроти бараҳманҳои Ҳинд ҳам Яма ва Ями аввалин ҷинсҳои зану мард — насли одамӣ пиндошта шудаанд. Тасаввуроти аҷдодони пешинаи мо дар бораи Ҷамшед низ чунин аст, зеро онҳо мисли Осмону Замин, махлуқҳои зӯру тавоноро, ки хусусияти занонаву мардона доштанд, манбаи пайдоиш ва инкишофи одам ва насли одамӣ мешумориданд. Ҷамшед «чандон қувват дошт, ки ҳар чиро аз сибоъ, чун шеру ғайри он бигирифтӣ, танҳо бикуштӣ».[117] Мумкин аз ҳамин ҷиҳат

[116] **Ибн-ал-Балхӣ**. Форснома. саҳ. 35.

[117] **Абӯалии Балъамӣ**. Таърихи Табарӣ. саҳ. 78.

аст, ки образи Ҷамшед дар тасаввуроти гузаштагонамон хайрхоҳ, наҷотдиҳандаи одам, бартарафкунандаи офатҳо, офарандаи роҳати рӯизаминини мардум ва пояи хушбахтии онҳост.

Дар ҳадиси Ҷамшед омадааст, ки ӯ тараққидиҳандаи ҷаҳон ва наҷотдиҳандаи мардумон аз офатҳо будааст, инчунин тарзи сохтори ҷамъияти инсонҳоро ӯ устувор кардааст. «Ва чунин гӯянд, ки он кӣ нахустин силоҳ кард, ӯ буд. Ва силоҳи мардумон аз чӯбу санг буд. Ва шамшеру ҳарбаву корд ӯ кард. Ва карбос оварду абрешим ва қаззу рангҳои алвон. Ва девонро фармуд, то гармобаҳо биниҳоданд ва ғаввосӣ карданду гавҳарҳо аз дарёҳо баровrouted. Ва мардумонро биомӯхт ва роҳҳо ниҳоданд аз шаҳр ба шаҳр. Ва гаҷу сапедову рангҳо овард... Ва ҳама мардумонро ба чор гурӯҳ кард, гурӯҳе дабирону доноён ва гурӯҳе лашкариён ва гуруҳе кишоварзон ва гурӯҳе пешаварон. Ҳар гурӯҳро гуфт: «Ҳеч кас мабодо, ки ба ҷуз кори худ кунанд».[118] Ҷамшед ба мардум додгустарӣ омӯхт ва худ подшоҳи одил ва додгустар буд.

Дар ҳадисе омадааст, ки Аҳриман аз равнақи кори Ҷамшед ба қаҳр омада, рӯзе якбора дар назди Ҷамшед пайдо шуд. Ҷамшед пурсид, ки ту кистӣ? Гуфт: «Ман яке аз фариштагонам, ки аз осмон ба назди ту омадаам, то ки туро насиҳат кунам». Ҷамшед гуфт: «Бигӯ, ки чӣ насиҳат дорӣ?» Гуфт: «Маро бигӯ, ки ту кистӣ?» Ҷамшед гуфт: «Ман яке аз фарзандони одам». Аҳриман гуфт: «Агар ту фарзанди одам будӣ, туро маргу беморӣ будӣ. Ту худои замину осмонӣ ва ин ҳама халқ ту офаридӣ ва кори осмон рост кардӣ». Аҳриман гуфт, ки ман фариштаам, вале одамӣ фаришта набинад. Ҷамшед фирефтаи Аҳриман шуда, худро худои осмону замин эълон кард. Бо ҳамин ҳукмронии ҳафтсадсолаи Ҷамшед поён пазируфт. Худои бузург Аҳура Маздо ӯро қаҳр карда, ба муқобилаш Беваросб (Заҳҳок)-ро фиристод.

Бо вуҷуди ин, образи Ҷамшед дар тасаввуроти Пешдодиён мисли Каюмарс аввалин бузургу тавоноест,ки ба муқобили девҳо ва Аҳриман мубориза қаҳрамонона бурдааст. Амалиёти Каюмарс ва Ҷамшед муборизаи некию бадӣ, рӯшноиву торикӣ ва ғайраро акс кунонидааст. Душманони инсонҳо аз сабаби

---

[118] Ҳамон асар, саҳ. 78.

ҳоло мавҷуд набудани ҷамъияти синфӣ дар мифология дар шакли офатҳои табиӣ, ҷину аҷинаҳо, деву парӣ ва ғайра акс ёфта бошанд ҳам, кӯшишу талоши инсонҳои аввалинро барои зиндагӣ, барои бахту саодати худ мубориза бурдан, ба қувваи тавонои худ боварӣ доштанро низ нишон додааст.

**Достонҳои мифологӣ ва қаҳрамонӣ.** Достонҳои қаҳрамонӣ бештар ба воқеаҳои таърихӣ алоқаманданд, дар айни ҳол, аз гурӯҳи достонҳое мебошанд, ки як тарафашон ба мифология алоқаманд буда, тарафи дигарашон ба воқеаҳои таърихӣ мепайванданд. Достонҳои қаҳрамонии Гаршосп, Соми Наримон, Зол, достонҳои халқии Рустам, Сиёвуш, Исфандиёр ва амсоли инҳоро ба гурӯҳи эпосҳои халқӣ дохил кардан мумкин аст. Достонҳои қаҳрамонӣ дар натиҷаи муборизаи озодихоҳонаю кӯшишҳои фидокорӣ ва ватандустии образҳои маркази ин достонҳо эҷод шуда, одамон дар симои онҳо беҳтарин хусусиятҳои инсонӣ. халқпарварӣ, ватандӯстӣ ва идеали фазлу дониш ва ақлу заковатро дидаанд. Ин эпосҳои халқӣ ифодакунандаи орзуву армонҳои мардуми меҳнаткашанд. Аз ин сабаб онҳо дар тасаввуроти мардум гоҳ ҳамчун шахси воқеӣ, гоҳ чун одами азимҷуссаву тавоно, дорои сифатҳои фавқуттабиӣ, ки бештар ба мифология наздик аст, тасвир ёфтаанд. Ба гурӯҳи достонҳои таърихии дунёи қадим достони Тумариса, Шерак, достони «Зарина ва Стриангей», «Достони Зариадр ва Одатида», достони «Корномаи Ардашери Бобакон»- ро дохил намудан мумкин аст. Бо вуҷуди он ки дар ин достонҳо низ дар зери таъсири достонҳои мифологӣ ва қахраонӣ, баъзе лаҳзаҳои асотирӣ истифода шудаанд, вале ин асарҳо аслан ба ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ бахшида шудаанд.

Дар достонҳои Гаршосп, Наримон, Сом ва Золу Исфандиёр асотиру ривоятҳои мифологӣ ва ҳаётию таърихӣ хеле зиёданд. Онҳо низ одамони ҷасуру тавоноеанд, ки бо душманони халқу аҷдодони эронӣ ва қувваҳои бадӣ муборизаи беамон бурдаанд, дар набардҳои нобаробар ба махлуқҳои фавқуттабиӣ, фиристодагони рӯҳи бад ва қувваҳои аҳриманӣ ғолиб омадаанд. Дар хусуси ҷанги Гаршосп бо аждаҳо чунин нақле омада: «Андар он ҷаҳон аждаҳоеро бикуштам, ки ҳар марде ва ҳар чаҳорпоеро, ки дидӣ, фурӯ бурдӣ. Маҳз аз бомдодон то наҳорн пешин бар

пушти ӯ медавидам, то сари ӯ боздаст овардам ба гурз, сари ӯ бо ханҷар ҷудо кардам. Ман Гандарби зарапошнаро (азимҷусса) бикуштам... Ва ӯро дарӣ то ба зону буд, сараш то ба хуршед ва нӯҳ рӯзу нӯҳ шаб бо ӯ корзор кардам... Ва гар ман Гандарби зараро накуштӣ, ҳама олам вайрон кардӣ». Дар бораи корномаи Гаршосп Асадии Тусӣ дар «Гаршоспнома» хеле муфассал сухан рондааст. Ҳамчунин дар бораи Исфандиёр (ӯро Исфандиёри рӯинтан низ гӯянд) ва «Ҳафт хони ӯ» низ асотири зиёде мавҷуд аст, вале он шӯҳрате, ки дар байни мардум достони Рустам ва Сиёвуш дорад, достонҳои дигар надоранд. Ин достонҳо пурра ба эпоси халқии мардуми форсу тоҷик табдил ёфтаанд.

**Достони Рустам.** Дар набиштаҳои зерихокӣ ва бозёфтҳои суғдӣ, инчунин катибаи Нақши Рустам асотири Рустам ба қабилаҳои сакҳо ва суғдиҳо мансуб дониста шудааст. Дар «Авесто» дар бораи паҳлавонҳои сакоиву суғдӣ ишора нашудааст. Вале аз рӯи навиштаҷоти суғдӣ намунаҳо мавҷуданд, ки дар бораи тасаввуроти аввалини одамон дар бораи Рустам ва аспи афсонавии ӯ Рахш нақл мекунанд.

Номи қадимаи Рустам аз калимаи «Раудтаҳм» буда, «рауд» маънои болидан, рустан, қад кашидан ва «таҳм» маънои қавиҷуссаро ифода мекунад. Рауд тадриҷан ба «рост» — «рустан» иваз шудааст.

Шояд Таҳмурупайи «Авесто», яъне Таҳмурас ё Таҳмрус, ки муқобили сипаҳшӯрон, девҳо ва ҷодуҳо меҷангид, ҳамон Таҳамтан, Таҳмтан ё Рустами «Шоҳнома» бошад. Чунон ки дар фавқ ишора шуд, исми мураккаби «Таҳмурас» ё «Таҳмрус» аз ду калима — «таҳм» (азим, қавӣ, бузург) ва «рас» ё «рус» (қад, тан, ҷусса) иборат аст, маънии азимҷусса ва қавитанро дорад. Мумкин аст ба мурури замон дар забонҳои портӣ ва суғдӣ шакли «Рустаҳм» ё «Рустаҳам» ва форсӣ шакли «Рустам»-ро гирифта бошад. Ба образи Рустам лақаби Таҳамтанро бахшидани Фирдавсӣ аз огоҳии ӯ аз таърихи қадимӣ доштани образи Рустам гувоҳӣ медиҳад. Дигар ин ки Фирдавсӣ бо овардани лақаби «Таҳамтан» аз як тараф ба авестоӣ будани симои Рустам далолат кунад, аз тарафи дигар ҷангҳову корнамоиҳои ӯ бар зидди девҳову ҷодуҳо ва аждарҳо корнамоиҳои Таҳмураси авестоиро

ба хотир меоварад. Ин чунин маънӣ дорад, ки образи Рустам хеле қадимист ва андешае, ки ин образ дар аҳди давлати Сосониён ба вуҷуд омадааст, саҳеҳ нест.

Бостоншинос Мэри Бойс дар он ақида аст, ки достони Рустам дар байни суғдиёну сакоиён машҳур будаанд ва сакоиён тасвири мусаввараҳои достонҳои марбути Рустамро бо худ ба Сиистон бурдаанд.[119] Дар бораи дар Суғд шӯҳрат доштани образи Рустам, ба даст омадани қитъаҳои ҳамосаи суғдӣ дар бораи Рустам низ шаҳодат медиҳанд. Масалан, дар забони суғдӣ дар баробари накшу ривоятҳо ду қитъа аз «Рустамнома»- и суғдӣ омада расидааст.[120] Суғдшинос А. Хромов қитъаҳои мазкурро ба матни достони мансуре мансуб медонад, ки қабл аз ислом дар бисёр забонҳои эронӣ ва минчумла суғдӣ вуҷуд дошт. Матни ду қитъаи «Рустамнома»-и суғдӣ аз шаҳри бостонии Панҷикат ёфт шудаанд. Матнҳои девор, нигораҳои Панҷикатро бори аввал бостоншиносони англису фаронсавӣ муайян кардаанд. Ва матнҳои англисиву фаронсавиро А. Хромов дар китоби «Аз Рустам то Деваштич» нахустин бор ба забони форсӣ тарҷума ва нашр намудааст.[121] Дар расмҳо ду ҳамлаи девҳо ба Рустам, лаҳзаи роҳат ва ниҳоят пирӯзии ӯ бар девҳо ҳикоят мешавад.

Образи Рустам ва афсонаву достонҳо дар бораи ӯ аз рӯи баъзе тадқиқотҳо, махсусан «Таърихи Сиистон», дар байни сакҳо — скифҳо, ки дар аввалҳо дар соҳили рости дарёи Сир зиндагӣ мекардаанд ва аз рӯи наклу ривоятҳои дигар дар байни суғдиҳо эҷод шудааст. Ва тахмин мекунанд, ки ин образ дар асрҳои VI-VII ба вуҷуд омадааст. Вале бояд тазаккур дод, ки наклу ривоятҳои оиди Рустам ба давраҳои пеш аз таърих рафта мерасад. Дар бобати дар байни сакҳо ва суғдиҳо пайдошавии образи Рустам ҷои шакку шубҳа нест, аммо пайдоиши образи Рустамро ба асрҳои VI-VII мансуб донистан нодуруст аст.

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» авлоди Рустамро ба Сому Зол, Мирзобшоҳу Рудоба мансуб донистааст, ки ба давраи хеле

---

[119] М. Бойс. Зороастриёцы. М., 1987, с. 108.

[120] Х. Сабоҳӣ. Достону деворнигора. Садои Шарқ, 1991, № 3, с. 121.

[121] А. Хромов. Аз Рустам то Деваштич-Душанбе: Ирфон, 1987 (бо хатти форсӣ с. 46.

қадимтарин тааллуқ доранд. Ба назари мо, онҳое, ки Рустамро ба асрҳои VI-VII мансуб медонанд, мумкин аст, ки образи ӯро бо паҳлавони сосонӣ — Рустам бинни Пилзӯр омехта карда бошанд. Воқеан Рустам бинни Пилзӯр дар ҷанги Саъди Ваққос лашкаркаши арабҳо, соли 639 кушта шудааст ва байтҳои зерини Фирдавсӣ аз набарди Саъди Ваққос бо Рустами сосонист:

Яке тег зад бар сару тарги ӯй,
Ки хун андаромад зи торак ба рӯй.
Чу дидори Рустам зи хун тира гашт,
Ҷаҳонҷӯй тозӣ бар-ӯ чира гашт.
Дигар тег зад бар сару гарданаш,
Ба хок андар афганд ҷангӣ танаш...[122]

И. С. Брагинский дар асари худ порчаҳои навиштаҷоти суғдиро овардааст, ки дар он образи Рустам ба тариқи зайл тавсиф шудааст: «Рустам девҳоро то дарвозаи шаҳрашон пеш карда меравад. Девҳои зиёде кушта мешаванд, боқимондаҳояш дарвозаи шаҳрашонро мебананд. Рустам бо ғалаба бармегардад. Девҳои аз Рустам мағлубшуда қарор медиҳанд, ки ба муқобили Рустам ҷангро давом дода, нохост ва бехабар ҳуҷум кунанд. Девҳои сершумор ба аспу аробаҳо, филҳо, хук, рӯбоҳ, саг ва морҳои бадҳайбат савор шуда, ба роҳ медароянд. Қисми хеле зиёди онҳо пиёда мераванд. Як қисмашон мисли калхотҳо парвоз менамоянд. Аспи Рустам — Рахш дар чарогоҳ ва худи ӯ баъд аз ғалабаи калон дар хоби ширин буд. Рахш аз дур пайдо шудани девҳоро дида, Рустамро аз хоб бедор мекунад. Рустам бесаранҷом ва саросема намешавад. Вай барои девҳоро наздик овардан ва баъд нохост ҳуҷум кардан ба аспи худ савор шуда, ба ақиби худ нигоҳ карда, асп давонда меравад. Девҳо ӯро пеш карда истода, ба ғалабаи худ бовар карда, ҳар навъ бошад ҳам, ба зинда даст гирифтан ва азоб додани вай қарор медиҳанд. Вале Рустам нохост бо аспи худ ба тарафи девҳо ҳуҷум мекунад, ба

[122] Фирдавсӣ. Достонҳо аз «Шоҳнома». Иборат аз ду ҷилд. Нашр. Давл. Тоҷ. Сталинобод. 1955. саҳ. 305.ҷилди 2. Нашр. Давл. Тоҷ. Сталинобод. 1955. саҳ. 305.

онҳо ба монанди уқоб ҷанг мезанад. Девҳо бо ҳоли парешон сар ба гурехтан мениҳанд, бисёри девҳо кушта мешаванд, қисми хеле зиёдашон ярадор мешаванд».[123]

Бо вуҷуди он ки дар «Шоҳнома» порае бо айни сужет вуҷуд надорад, вале метавон тахмин кард, ки матни суғдӣ қитъаест аз корномаи Рустам муқобили лашкари Деви Сафед. Ҳ. Сабоҳӣ навиштааст, ки «Чун матн мансур аст, ҳикоя ба тафсил омада ва табиист, ки вақти ба риштаи назм кашидан баён мӯҷазтар ва мухтасар мегардад. Дар сурати назари дақиқ саҳнаҳои мушобеҳ ва лаҳзаҳои мутазаккир дар «Шоҳнома» ба мушоҳида мерасанд ва амсоли онҳо дар деворнигораҳои суғдӣ омадаанд».[124] Инак, ба як-ду ишора ба шабоҳат иктифо менамоем: 1. Саҳнаи истироҳати Рустам дар марғзор, ки дар матни суғдӣ тасвир мешавад, ба байтҳои зерини Фирдавсӣ ҳамоҳанг аст:

Лагом аз сари Рахш бардошт хор,
Раҳо кард бар хеду бар киштзор.
Сипар зери сар, теғ бинҳод пеш,
Ниҳода ба даста бараш дасти хеш…

2. Тасвири ҷанги Таҳамтан бо лашкари девҳо, ба эшон чун шер ҳамлавар шудани ӯ, аз ҳарос фирор кардани девҳо ба нигориши Фирдавсӣ ҳамрангӣ дорад:

Чу шер андаромад миёни рама
Бикушт он ки буд гирдаш ҳама.
Ба як захм ду-ду сари сарфароз,
Бияндохт аз тан ба кирдори гоз.
Саронро зи захмаш ба хок оварид,
Сари саркашон зери по густурид.
Чу девон бididанд кирдори ӯй,
Ҳазимат гирифтанд аз кори ӯй…

Дар матни суғдӣ омада, ки Рустам танҳо ба муқобили девҳо мисли як лашкар меҷангид, ин маънӣ дар «Шоҳнома» аз қавли паҳлавон ин тавр баён гардидааст:

---

[123] И. С. Брагинский. Из истории таджикской народной поэзии, сах. 179-130.

[124] Ҳ. Сабоҳӣ. Достону деворнигора. Садои Шарқ. 1991, № 3, сах. 122.

Ба танҳо яке кинавар лашкарам
Ба Рахши диловар замин биспарам.

Вай дар ин лаҳза ҳамчун паҳлавони бемисле, ки инсонҳоро аз касофат, фалокат ва зулми девон наҷот медиҳад, тасвир ёфтааст. Рустам дар мубориза бо девон ба камол расидааст. Аз онҳо биму ҳаросе надорад ва чун паҳлавони мағлубнопазиру абадзинда ва абарқудрат ҳамеша тайёр аст, ки бо онҳо ба набард дарояд ва ғолиб ояд. Ӯ ба ғалаба ва қувваи худ итминони комил дорад. Нақлҳо дар бораи бо девон ҷангидани ӯ ба ақидаи санавияи халқҳои эронӣ, ки ҷаҳонро ба қувваҳои неку бад ҷудо карда ва пайваста дар мубориза будани ин қувваҳоро таъкид менамоянд, асос ёфтааст. Девҳо ё худ дайёвҳо аз қадим ҳамчун торикӣ, душмани ашадии инсонҳо, муқобили ростиву дӯстӣ, саодати халқ, оварандаи зиллату сахтӣ, бахти шум ва чун қувваи зиддихалқӣ тасвир шудаанд. Аз дасти онҳо нахустодам ва фарзандони ӯ ҳалок гардидаанд. Дар ҳолати ғалаба онҳо ҷабркунанда, асиркунанда, вале дар ҳолати мағлубият ба сифати асирони ҳарбӣ хизматгоранд. Асоси лашкари Аҳриманро ба муқобили Аҳура Маздо асосан девҳо ва махлуқҳои бадшакли даҳшатовар ташкил медоданд. Мо ин ҳолатро дар эпизоди боло, ки ҳангоми дуюмбора ҳуҷум кардани онҳо ба муқобили Рустам ва Рахши тавонои ӯ, сифатҳои мушоҳидакунӣ, ҳушёрӣ, далерӣ ва ғ. дорад, мебинем. Дар ин эпизод бартарии қаҳрамони дӯстдоштаи халқ аз девон ва махлуқҳои даҳшатоварро мебинем. Халқ дар ин ривоят паҳлавони дӯстдоштаи худро бемислу монанд, ягонаи даврон, дарозумр тасвир намудааст. Ҳамин ғоя мояи образи Рустамро дар «Шоҳнома» низ ташкил медиҳад. Ба назари мо, ҳамчун эпоси қаҳрамонӣ шӯҳратёбии Рустам маҳз дар ҳамин хусусияти умумихалқӣ пайдо кардани образи ӯст.

Хусусияти умумихалқӣ гирифтани образи Рустам боз дар он аст, ки мардум дар лаҳзаи кишту кор аз ӯ мадад металабанд, дар оғози кор мегӯянд: «Рустам мадад кун», ё дар оғози баҳор, пас аз борони баҳорӣ дар осмон рангҳои чилодори доирашакле ба вуҷуд меояд, ки онро дар баъзе маҳалҳо «Камони Ҳасану Ҳусайн (ба писарони ҳазрати Алӣ), вале дар аксарияти мавридҳо

«Камони Рустам» меноманд. Дар Тоҷикистон ривояте мавҷуд аст, ки Афросиёб қалъаи Ҳисорро барои ҳимоя аз ҳуҷуми Рустам созонда будааст. Инчунин дар зиндагии ҳаррӯзаи мардум вожаҳое истифода мешаванд, ки ба Рустаму образи ӯ далолат мекунанд. Масалан, рустамвор кор кардан, меҳнат намудан ва ғ.

Дар эпизоди боло тасвири ибтидоии образи Рустам бошад, ин образ дар адабиёти китобатӣ, аз ҷумла чи дар «Шоҳнома»-и Абулмуайяди Балхӣ ва чи Фирдавсӣ, такомул ёфтааст. Вай акнун дар нӯҳсолагӣ бо Фили Сафед меҷангад. Қаҳрамониҳои бемислу монанд нишон медиҳад («Ҳафт хони Рустам»), чандин насли паҳлавонони эрониро тарбия мекунад, яъне симои ӯ ҳам ҳимоятгари Эрон аз аҷнабиён, чун инсони бофазлу дониш, заковатманд, пурраю комил тасвир меёбад. Дар китоби «Баҳман яшта»- и аҳди Сосониён ба муқобили арабҳо меҷангад. Дар достони «ЁдгориЗарирон» ва «Драхти Асурик» (давраи парфианӣ, асрҳои I-III) ва дар асрҳои VI-VII «Шаҳристони Эрон» ба сифати инсоне, ки барои одамон шаҳрҳо месозад (гӯё Ротастаҳм (Рустам) шоҳи Сиистон шаҳри Фарйав (Фаррох) ва Зобулистонро сохтааст), тасвир ёфтааст.

**Достони Сиёвуш.** Калимаи «Сиёвуш» дар «Авесто» сйаваршана (Сиёвуш) дорандаи аспи сиёҳ аст. Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳо ва нақлу ривоятҳо бармеояд, ки номи Сиёвуш мумкин аст борҳо ба тағйирот дучор шуда бошад. Ҳаминаш маълум аст, ки образи аввалаи Сиёвуш дар мифологияи қадим ба сифати Худои олами наботӣ офарида шуда будааст. Баъдтар ҳамчун подшоҳ тасаввур шудааст. Ӯ ҳомии одамони резишгоҳи дарёи Ому будааст. Вай, аз рӯи ақидаи мардумони қадими ин маҳалҳо, аз духтари зебои сеҳрангезе таваллуд шудааст. Ин духтар шояд аз рӯи тахмин Дриада (Худо ва бонии ҷангалҳо) бошад. Сиёвуш дар тасвир ва тасаввур ҷавони зебо, ғаюр, боғайрат, савори моҳир ва мисли Рустам ҷанговари нотарс аст. Дар сараш кулоҳи зарин дорад. Ӯ аз тӯҳмат ва фиреби душманон кушта шудааст. Ин гуна тасвири Сиёвуш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, китобҳои ҷудогонаи Абӯрайҳони Берунӣ низ нигоҳ дошта шудааст. Дар фолклори халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон образи Сиёвуш аз мафҳуми эзидӣ ба мафҳуми қаҳрамони

халқӣ даромадааст, яъне мафҳуми мавҳумии худро гум карда, ба шахси реалӣ, образи қаҳрамони халқӣ мубаддал гардидааст. Ин маъниро накли Наршахӣ, ки дар бораи мотам гирифтани аҳолии Бухоро дар солонаи Сиёвуш овардааст, тасдиқ мекунад.

Сиёвуш умуман қаҳрамони дӯстдоштаи халқ буда, махсусан дар байни аҳолии Бухоро хеле шӯҳрат доштааст. Мардуми суғди Бухоро ақида доштаанд, ки часади ӯ дар атрофи Бухоро дафн шудааст. Мардум дар рӯзҳои Наврӯз ба сари қабри вай омада, хурус кушта, қурбонӣ медоданд ва сурудҳо мехондаанд. Дар ин бора муаллифи «Таърихи Бухоро» навиштааст: «...Сабаби бинои кӯҳандизи Бухоро, яъне ҳисори арки Бухоро он бувад, ки Сиёвуш бинни Кайковус аз падари хеш бигрехт ва аз Ҷайҳун бигзашт ва наздики Афросиёб омад. Афросиёб ӯро бинавохт ва духтари хешро ба занӣ ба вай дод. Ва баъзе гуфтаанд, ки ҷумлаи мулки хешро ба вай дод. Сиёвуш хост, ки аз вай асаре монад дар ин вилоят, аз баҳри он, ки ин вилоят ӯро ориятӣ буд. Пас вай ин ҳисори Бухоро бино кард ва бештар он ҷой мебуд. Ва миёни вай ва Афросиёб бадгӯӣ карданд ва Афросиёб ӯро бикушт ва ҳам дар ин ҳисор дар он мавқеъ, ки аз дари шарқи андарой-андаруни дари Коҳфурӯшон ва онро дарвозаи Ғурриён хонанд, ӯро он ҷо дафн карданд. Ва муғони Бухоро бад- ин сабаб он ҷойро азиз доранд ва ҳар соле ҳар марде он ҷо як хурӯс бад- ӯ бикушанд пеш аз баромадани офтоби рӯзи Наврӯз. Ва мардумони Бухороро дар куштани Сиёвуш навҳаҳо аст, чунон ки дар ҳама вилоятҳо маъруф аст ва мутрибон онро суруд сохтаанд ва мегӯянд, қавволонро «Кини Сиёвуш» ва «Гиристани муғон» хонанд ва аз ин сухан зиёда аз се ҳазор сол аст.[125] Воқеан агар ба ин се ҳазор сол ҳазор соли сониро илова кунем, мебинем, ки ривояти Сиёвуш дар ин сарзамин зиёда аз чаҳор ҳазорсол инҷониб вуҷуд дорад.

Муҳаммади Наршахӣ инчунин дар ҷои дигар ишора кардааст, ки «Ромитин» (Рометан) кандизи бузург дорад ва деҳе устувор аст ва аз шаҳри Бухоро қадимтар аст. Писари Сиёвуш ба талаби хуни падар омад, деҳаи Ромуш бино кард ва он ҷо оташхона ниҳод, ки аз қадимтарин оташхонаҳои Бухорост.

---

[125] **Муҳаммади Наршахӣ**. Таърихи Бухоро. саҳ. 18-23.

Ин ишораҳо низ далели хеле қадимӣ будани образи Сиёвуш аст, ки ӯро ба аввалин шоҳзодагони каёнӣ мансуб медонанд.

Дар бораи Сиёвуш инчунин далелҳое мавҷуданд, ки на танҳо як суруд, балки силсилаи таронаҳои марсиявӣ эҷод шуда будааст.

Ба назари мо, «Гиристани муғон» агар номи дигари лаҳни «Кини Сиёвуш» набошад, яқинан силсилаи таронаҳое буд, ки дар мавзӯи барои ҳамаи эрониён бааҳамияту аламовар — қатли Сиёвуш эҷод шуда буданд. Дар Мавлоно Ҳофиз омада:

Сӯфӣ ар бода ба андоза хӯрад, нӯшаш бод,
В-арна андешаи ин кор фаромӯшаш бод.
Шоҳи туркон сухани муддаиён мешунавад,
Шарме аз мазламаи хуни Сиёвушаш бод.[126]

Умуман аз рӯи достони Сиёвуш роҳи тараққии услуби адабии бисёр қадимаи адабиёти тоҷикро мефаҳмем. Дар ин достон мисли достонҳои дигар тасвирҳои мифологиро мушоҳада мекунем ва мебинем, ки образҳои мифологӣ — фавқулодда ба тадриҷ хусусияти реалӣ, ҳаётӣ пайдо мекунанд., аз образи мавҳум ба образи одами зинда, ки дорои ҳамаи хислатҳои инсонӣ, аз ҷумла зебоӣ, қаҳрамонӣ, вафодорӣ, муҳаббат мебошанд, мубаддал мегардад. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки майдони фаъолияти достонҳои ӯ Осиёи Миёна ва Эронро дар бар гирифтааст, сар то сар ба тасвири ҳамин гуна мифҳо ва достонҳо бахшида шудааст ва достони «Сиёвуш» низ дар шакли пурра ва умуман такмилёфта дар «Шоҳнома» мавқеи калон пайдо кардааст.

**Достони Томариса.** Дар бораи ҷанги маликаи массагетҳо Томариса ва шоҳи Ҳахоманишӣ Куруши II муаллифони гуногун маълумот медиҳанд. Мундарҷаи нақли онҳо, бо вуҷуди баъзе дигаргуниҳо, қариб якранг мебошад. Асосан дар бораи «Достони Томарис» муаллифони қадим маълумот медиҳанд ва ҳар кадоме воқеаро ба таври худ нақл кардааст. Яке мегӯяд, ки Куруш аз дарёи Аракс убур карда, ба сарзамини массагетҳо дохил шуд,

---

[126] *Ниг.* Абдуллло Ориёнур. Рӯзгори Борбади Ромишгар. Душанбе, 1989, саҳ. 59

ки сарвари онҳо малика Томарис буд.Дигаре ҳам қариб ҳамин тавр нақл мекунад: Куруш бо скифҳо, ки дар сари онҳо Томарис меистод, ҷангҳо кард. Сеюмӣ чунин меоварад: Куруш бо дарбикҳо задухӯрд намуд. Инчунин ба қавли И.Пьянков ривояте мавҷуд аст, ки ҷангидани Куруш дар «даштҳои дайҳо» ба амал омада будааст. Дар бораи ин ҷанг ва қаҳрамонии Томарис Юстин, Ҳеродот, Страбон ва чандин муаллифони дигар маълумот додаанд, вале нисбати ҳама нақли Ҳеродот муфассалтар мебошад. Мо ҳам кӯшиш мекунем, ки барои хонандаи гиромӣ матни мукаммалтарашро пешкаш намоем.

Таърихшиноси Юнон Ҳеродот дар китоби худ «Таърих» (бандҳои 210-212) воқеаи ҷанги Куруши II ва Томарисро, ки соли 530 пеш аз мелод рӯй дода буд, чунин нақл кардааст.

«Куруш баъд аз забт кардани Бобил хост, ки массагетҳоро ҳам ба итоати худ оварад. Массагетҳо бисёр мардуми ҷанговар буданд. Онҳо маликае доштанд бо номи Томарис, ӯ зани хеле ҷасур ва боғайрат буд. Куруш вайро ба занӣ хост. Вале Томарис андешаи Курушро фаҳмид, ки ӯ бо баҳонаи зан гирифтан, дар қасди забт кардани мамлакат шудааст. Бинобар ин Томарис талаби Курушро рад кард. Куруш бо лашкари зиёде ба канори Оксус (Амударё) омад ва барои аз дарё гузаштан пуле месохт. Дар ин ҳангом Томарис элчие фиристод, то ки ин суханҳоро ба Куруш бирасонад: «Эй подшоҳ, аз ин коре, ки пеш гирифтӣ, даст бикаш, зеро оқибат ба ту бад хоҳад шуд. Ту ҳар чизе, ки дорӣ, ба он қаноат кун. Бигзор, мо ҳам дар мамлакати худ осуда бошем. Ҳаргоҳ ин гуфтаи моро рад намоӣ, он гоҳ беҳуда барои аз дарё гузаштан ранҷ набар. Мо аз канори ин дарё ба масофати серуза роҳ дур хоҳем шуд. Ва ту метавонӣ ба ин ҷониби дарё бигзарӣ. Агар ин маслиҳат ба ту мувофиқ наояд, баръакс, ту аз канори ин дарё ба масофати серӯза роҳ дур бош, то ин ки мо бигзарем ва бо ту ҷанг кунем».

Куруш бо бузургони Форс маҷлис сохт, аз онҳо пурсид: «Чӣ бояд кард?». Ҳама гуфтанд: «Беҳтар ин, ки мо дур гардем ва малика ба ин тараф гузарад». Кирзус подшоҳи собиқи Мидия, ки мулозими Куруш буд, ба ин маслиҳат розӣ нашуда гуфт: «Эй подшоҳи олам, Худо моро ба ту мутеъ кард; аз аввал ба ту

ваъда дода будам, ки бар сари ту ва хонаводаат ҳар гуна сахтӣ ояд, ба дур кардани он саъй намоям. Бадбахтиҳое, ки бар сари ман омаданд, барои ман дарси ибрат шудаанд. Ба масофаи серӯза ақиб гаштан ба ту ва лашкарат хатари калон хоҳад овард. Мабодо ту шикаст хӯрӣ, тамоми мамлакатро аз даст хоҳӣ дод. Он гоҳ мегӯянд, ки Куруш аз зане шикаст хӯрдааст. Ба ақидаи ман, мо бояд аз дарё гузарем ва кӯшиш кунем, то ин ки онҳо шикаст ёбанд. Чуноне ки ба ман маълум аст, онҳо лаззати зиндагии моро начашидаанд ва аз айши мо хабаре надоранд. Ту фармон деҳ, шаробҳо муҳайё созанд ва мо дар он ҷо ҳамаи инро гузошта, боз ба ҷониби соҳил ақиб гардем. Дар ин ҳангом қушунҳои малика ба он ҷо расида, шаробҳоро мехӯранд ва ҷангро фаромӯш мекунанд. Мо метавонем аз он фурсат истифода бурда, ба онҳо шикасти сахт расонем». Куруш ба ин фикри Кирзус розӣ шуд. Ба элчӣ ҷавоб доданд, ки малика ба масофаи роҳи серӯза ақиб равад. Баъд Куруш ба он ҷониби Оксус гузашта, ба масофаи серӯза роҳ пеш рафт ва аз рӯи маслиҳати Кирзус рафтор карда, боз ба ҷониби дарё рӯ тофт. Лашкари малика ба он ҷо расид, он чизе, ки Куруш монда буд, хӯрданд ва ба айшу нӯш саргарм шуданд. Куруш аз оқибати кори лашкари малика хабардор шуда, ногаҳон ҳуҷум карда, ба лашкари малика зарби сахт расониданд. Писари маликаро асир карданд. Малика аз ин фиреби Куруш огоҳ шуд ва боз элчӣ фиристода гуфт: «Эй Куруш, магар ту аз хун сер нашудӣ? Ту магрур нашав. Ту фиребу ҳила пеш гирифта, писари маро асир кардӣ. Ин кори мардон нест. Маслиҳат ин аст, ки писарамро баргардон ва аз хоки мо берун шав, то ин ки ба хатаре дучор нашавӣ. Агар розӣ нашудӣ, қасам ба Худованди офтоб, ки туро ба хуни худат албатта сер хоҳам кард». Куруши магрур ба ин гуфтаҳо парво накард. Писари малика ба ҳуш омад ва аз рафти воқеа огоҳ шуд. Аз Куруш пурсид, ки ӯро аз занҷир раҳо кунад. Ҳамин ки дасту пояш аз занҷир озод шуд, фавран худашро кушт. Баъд Томарис лашкар ҷамъ карда, ба сари Куруш ҳуҷум кард. Ҷангҳои сахт даргирифтанд. Аз лашкари Куруш бисёре кушта шуданд, Куруш ҳам кушта шуд. Бо фармони Томарис хикеро аз хун пур карданд ва мурдаи Курушро аз майдони ҷанг ёфта, сари ӯро ба он хик андохтанд ва малика хандида гуфт: «Ту маро аз

писар ҷудо кардӣ ва хостӣ хоки моро ҳам забт кунӣ. Ту аз хун сер нашуда будӣ, инак, акнун аз хуни худат сер бош».

Дар ин эпоси таърихӣ чанд масъалаи ғоявӣ ба мушоҳида мерасад: 1) Ҳисси баланди ватандӯстӣ, нафрати беандоза ба душманони халқу кишвар; 2) Тасвири симои занони тоисломии тоҷик, зан - ходими давлатӣ, ботадбир, дурандеш, соҳиби фазилатҳои беҳтарини инсонӣ; 3) Мисли мардон аз сирри ҳарбӣ, тарзу усулҳои низоми қумандонӣ огаҳӣ доштани занон дар гузашта; 4) Дар назди Куруш барин шоҳи шӯҳратпеша ба ҳаросу таҳлӯка наафтода, лашкарро омодаи набарди шадид карда тавонистани зан; 5) Поку беолоиш нигоҳ доштани хуни авлоду қабилаҳои худӣ, сар нафуровардан ба никоҳи маҷбурӣ; 6) Боло донистани манфиати халқу ватан аз манфиати шахсӣ; 7) Ҳамчун зан, модар мушфиқу меҳрубон, тарбиятгару бавуҷудоварандаи ҳимоятгарони халқу кишвар. Ҳамаи ин он сифатҳоеанд, ки ба образи Томарис хос дониста мешавад. Илова бар ин, бояд афзуд, ки суханони охирини Томарис асоси ғоявии таърихиву қаҳрамониро боз ҳам муқтадиртар месозад. Чунки дар ин эпос як лавҳа аз манзараҳои қаҳрамонии халқҳои бумии Осиёи Миёна, ки ба муқобили истилогарони аҷнабӣ бурдаанд, тасвир шудааст. Ва мазмуни эпос имрӯз низ моҳияти зиёди тарбиявӣ дошта, образи Томариса ибратбахш аст.

**Достони Шерак.** Муаррихони дунёи қадим, махсусан Страбон хабар медиҳад, ки Ҳахоманишиҳо аз қабилаҳои сакоӣ ва массагетҳои Осиёи Миёна ду маротиба шикаст хӯрдаанд. Ба қавли Б. Ғ. Ғафуров. «Ғалабаи бодиянишинони Осиёи Миёна (қабилаҳои сакоӣ ва массагетҳо) бар Куруши II дар ҳалли тақдири давлати Ҳахоманишӣ роли калоне бозид, бунёдгузори тавонои давлати Ҳахоманишӣ кушта шуд».[127] Бо вуҷуди ин, ҳахоманишиҳо аз ин сабақи таърих ибрат нагирифтанд. Подшоҳи дигари ҳахоманишӣ Дорои I (522-485 п. м.) дар соли 519-518 пеш аз мелод барои забт намудани кишвари сакоиҳо бори дуюм азми ҷанг кард. Муаллифи Юнони қадим Полиён дар асоси ривоятҳои то ба ӯ расидаи сакоӣ роҷеъ ба як лавҳаи муборизаи диловаронаи сакоиҳо чунин

---

[127] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон, к. I, саҳ. 94.

накл мекунад: «Дорои I бо кӯшуни сершуморе ба муқобили онҳо равона шуд. Ба назди Дорои I сакоие ҳозир шуд, ки аъзои баданаш маъюб, рӯяш аз ҷароҳат баднамо, гӯшу биниаш бурида буд. Шерак арз кард, ки ҳамқавмонаш ҳама ин тариқа ҷазояш доданд ва, инак, ӯ ташнаи ниқор аст. Ӯ роҳбаладиро ба зимма гирифта, ваъда кард, ки қушуни форсҳоро бо пайраҳаи фақат ба худаш маълум якбора ба ақибгоҳи сакоиҳо мерасонад. Пас аз ҳафт рӯзи роҳи пурмашаққат аскарони форс ба биёбони хушку холӣ баромада монданд. Онҳоро ҳавфи ҳалокат таҳдид мекард. Форсҳо фиреб хӯрдани худро фаҳмиданд. Шерак дар ҳолате ки душман ба сараш тег мекашид, бо ифтихор ҷавоб дод: Ман ғалабаро ба даст овардам, зеро барои аз сари ҳамватанони худам - сакоиҳо дур кардани фалокат форсҳоро аз гӯшнагиву ташнагӣ ба ҳалокат супурдам».[128]

Аз рӯи нақлҳо Дорои I ба ҷои баланде баромада, аз Худои офтоб Апполон борон металабад. Борон меборад. Онҳое, ки аз мурдан монда буданд, машкашонро аз оби борон пур карда, аз марг наҷот меёбанд. Мисли достони Томариса нусхаи аслии достони эпикии Шерак ҳам боқи намондааст. Мо дар ин бора асосан аз рӯи нақли сайёҳону муаррихони юнонӣ Ҳеродот, Ктесий, Полиэн маълумоти мухтасар мегирем, ки мазмуни ин достонҳоро нақл кардаанд. Бинобар ин ҳам дар достони Томариса ва ҳам достони Шерак номувофиқатӣ дар мазмуну услуби нақлҳои мавҷуда ба мушоҳида мерасад, вале ин моҳияти асосии масъаларо коста накардааст.

Қаҳрамонии Шерак шакли дигари ватандӯстӣ ва озодихоҳии шӯълавари аҷдодони қадимамон мебошад. Шераки қаҳрамон ва ватандӯст, барои он ки душманро фиреб дода, ватан ва ҳамватанони худро аз истилошавӣ халос кунад, аз баҳри ҳаёти худ гузашт ва қаҳрамонона ҳалок шуд. Дар достони Томариса қаҳрамонӣ ва паҳлавонии майдони ҷанг тасвир ёфта бошад, дар достони Шерак худқурбонкунии шахс барои халқу ватан, манфиати халқу кишварро аз манфиати шахсӣ афзал дидан ва ғайра ҷои асосиро ишғол кардааст. Дар ҳар ду достон ҳам образи

[128] Ҳамон асар, саҳ. 96.

қаҳрамононаи аҷдодони гузаштаи тоҷикон, ҳисси баланди меҳандӯстию халқпарварии онҳо тасвир ёфтааст.

**Достони Заррина ва Стриангей** – Дар аҳди давлати Ҳахоманишиҳо кишвари Осиёи Миёна хеле тараққӣ кард. Осори хаттии зерихокӣ ва навиштаҳои болои сангу чӯб ва нақшаҳое, ки дар рӯи «Дафинаи Амударё» кашида шудаанд, аз осори маданию фарҳангии онҳо шаҳодат медиҳанд. Аз рӯи баъзе нақлу ривоятҳо маълум мешавад, ки дар он вақтҳо дар байни қавму тоифаҳои Осиёи Миёна достоне, ки дар «Авесто» ҳам инъикос ёфта буд, ривоҷ дошт. Бисёр муаррихон онро қиссаи «Заррина ва Стриангей» мешуморанд. Б. Ғ. Ғафуров дар он ақидааст, ки тавассути ривояти Ктесий порчае аз қиссаи маликаи сакой Заррина ва Стриангейи мидӣ маҳфуз мондааст. Ктесий ин қиссаро аз рӯи китоби Диодор «Кутубхона» нақл кардааст.

Мувофиқи нақли Ктесий (430-354) «Заррина, пас аз фавти шавҳараш подшоҳи сакой, ба Мармар ном ҳокими вилояти портҳо хонадор мешавад. Подшоҳи мулки Форс ба муқобили Мармар лашкар мекашад. Дар вақти муҳориба Стриангей ном марди мидӣ як зани сакоиро аз асп фурӯ меандозад - занҳои сакой воқеан ҳам саворони хуб буда, мардонавор меҷанганд. Ӯ ба маҳзи дидани ин зани соҳибҷамол ва ба мисли гул шукуфон вайро зараре нарасонида, сар медиҳад». Пас аз чанд вақт худи Стриангей ба дасти шавҳари вай асир меафтад. Дар дили Стриангей нисбат ба ин зани соҳибҷамол оташи ишқ шӯълавар мегардад ва зоҳиран чунин эҳсос дар дили зан ҳам пайдо мешавад. Вале шавҳари вай Стриангейро куштанист ва ҳеҷ як зорию таваллои зан ӯро аз ин қасд боздошта наметавонад. Он гоҳ Заррина асиронро раҳо карда, бо кӯмаки онҳо шавҳарашро мекушад ва бо Стриангей «унсият меварзад» (Ктесий, фикраҳои 7 (26) 8 (27) ва г.)[129]

Нақли таърихнависи сисилиягӣ Диодор (асри I п. аз м.), ки аз рӯи Ктесий гирифта шудааст, нисбатан муфассал аст ва дар он лаҳзаву эпизодҳои нав илова шудааст. Мувофиқи нақли Диодор: «Подшоҳи шакҳо (сакҳо бояд бошад) вафот карда, ба ҷояш зани ӯ малика Заррина подшоҳ мешавад ва ба қабила

---

[129] *Ниг*: Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон, ч. 1, саҳ. 109.

сардорӣ мекунад. Ин зани ботадбир ва шуҷоъ барои оромӣ ва осоиштагии қабила фидокориҳо мекунад. Дар байни Шак ва Модия (ё ки мидиҳо) ҷанги сахте мешавад. Дар ин ҷанг Зарина қаҳрамонии бемислумонанде нишон медиҳад, вале аз шоҳзодаи модӣ Стриангей захмдор мешавад. Стриангей, ки ба қаҳрамонӣ ва ҳусну латофати ӯ мафтун шуда буд, вайро ба асирӣ намегирад, намекушад. Баъд аз чанд вақт шоҳи Парфия ба Заррина хонадор ва мамлакати ӯро ба худ тобеъ карданӣ мешавад. Заррина ин таклифро рад мекунад, вале подшоҳи Парфия мамлакати шакҳоро зӯран забт карда, Зарринаро ба занӣ мегирад. Вале Заррина коре карда, аз дасти шоҳи Парфия наҷот ёфта, истиқлолияти қабилаи худро барқарор карданӣ мешавад. Дар ни муддат байни модиҳо ва парфияниҳо ҷанги сахт шуда, аскаронои бисёри мидӣ асир меафтанд. Заррина бо ёрии асирони ҳарбии мидӣ бо подшоҳи Парфия ҷангида, роҳи халосиро фикр мекунад. Дар байни асирон Стриангей ҳам буд. Вай бо Стриангей як шуда, ба асирон сардорӣ карда, ба шоҳи Парфия ҳуҷуми ногаҳонӣ мекунад. Подшоҳ мағлуб, асирон озод, Заррина ҳам наҷот ёфта, қабилаи худро мустақил мекунад. Дар давоми ин воқеаҳо Стриангей Зарринаро бештар дӯст медорад. Заррина ӯро ҳамчун қаҳрамони нотарс ва паҳлавони беназир ҳурмат кунад ҳам, бинобар зандор буданаш, таклифи хонадоршавиро рад мекунад. Стриангей ба ин ҳол тоб наоварда, худро ҳалок менамояд».

Чунон ки дидем, баъзе лаҳзаҳои ин қисса дар ду нақл фарқ мекунад; агар дар нақли Ктесиӣ оқибат Заррина ба Стриангей «унсият варзад», вале дар Диодор, баръакс, аз шиддати ишқ Стринагей худкушӣ мекунад. Дар нақли Ктесиӣ ба қаҳрамонии сакҳо ва маликаи соҳибҷамоли онҳо Заррина эътибори махсус дода шудааст, аз ҷумла ӯ мегӯяд, ки «Шакҳо баъд аз вафоти Заррина дар шакли пирамида мақбара сохта, ба вай ҳайкали тилло мондаанд».

Аз мундариҷаи ин қиссаи лиро-эпикӣ маълум мешавад, ки образи марказии он образи Заррина аст. Дар образи ӯ симои зани фаъол, ватандӯст, озодихоҳ, дорои ишқ ва муҳаббати пок, виҷдони пок, зане, ки иродаи мустаҳкаму рӯҳи қавӣ дорад, тасвир шудааст. Агар муносибати Стриангейро ба ӯ нишон диҳем, ме-

бинем, ки иродаи Заррина аз иродаи Стриангей боқувваттар аст. Стриангей ҳам образи шахси далер, ватандӯст, вафодор, ошиқ ва поквиҷдон аст, вале нисбат ба образи Заррина дар иродаи ишқ заиф аст.

Фарқи достони «Заррина ва Стриангей» аз достони Томариса ва достони Шерак дар он аст, ки ба хислатҳои қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ, фидокорӣ, ба асирӣ таслим нашудан, мардонагӣ дар майдони ҷанг ва ғайра хислати ба нафси шаҳвонии зӯроварӣ тобеъ нашудан, ҳиссиёти ботинии ишқи поки шахсдӯстӣ, рафоқат ва ахлоқи пок дар образи Заррина, қаҳрамонию далерӣ ва барои ҳиссиёти ишқи наҷибона ҳалок шудан дар образи Стриангей, яъне трагедияи ишқӣ илова шудааст. Дар ин қисса рафтори зӯроварӣ, истилогарӣ, нафси шаҳвонӣ барои манфиатҳои шахсӣ ва худписандӣ (дар образи подшоҳи Парфия) маҳкум карда шудааст.[130]

Дар достонҳои Томариса ва Шерак нисбат ба ин достон хислати ватандӯстӣ ва дар ин роҳ худқурбонкунӣ баланд аст.

**Қиссаи Зариадр ва Одатида**

Қиссаи мазкур аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷа аз достонҳои боло фарқ мекунад. Ин қисса дар мавзӯи тавсифи ишқи озоди ҷавонону духтарони замонҳои қадим баҳс мекунад ва дар он махсус ролу мавқеи занон дар интихоби шахси дӯстдошта таъкид шудааст. Аз маълумоти Ктесий, Ҳеродот, Диодор, Ҳорес Митиленский ва сайёҳони Чин низ маълум мешавад, ки занон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти қадимии халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла массагетҳо, сакҳо, суғдҳо ва ғайра иштироки фаъол доштаанд.

Аз сайёҳони Хитой — Чжай Цян (асри II пеш аз мелод) қайд кардааст, ки дар давлати Даван ё ки кишвари Паркана (Фарғона) мардон кори муҳиммашонро бе маслиҳати занон (имрӯз низ чунин аст) намекарданд.

Дар бораи қиссаи Зариадр ва Одатида Атеней (асрҳои II-III мелод) аз рӯи маълумоти Ҳорес Митилинский (асри IV п. аз м.) нақл кардааст. Фирдавсӣ ин қиссаро дар «Шоҳнома» дар достони «Гуштосп ва Катоюн» баён намудааст. Бостоншиносон

[130] *Ниг*: Мирзозода Х. М. Таърихи адабиёти тоҷик, қ. 1, саҳ. 56-57.

дар он ақидаанд, ки Одатис прототипи шоҳдухтари румӣ Катоюн мебошад. Ба ҳар ҳол, мундарифаи ин қисса аз рӯи нақли Атеней дар китоби «Обед софистов» ба тариқи зайл аст: «Гуштосп ё ки Гистосп дар кишвари Мод ва бародари ӯ Зариадр дар мамлакате, ки дар соҳили баҳри Каспий лаби дарён Тананс (Сир) паҳн шуда буд, подшоҳӣ мекард. Дар соҳили рости дарёи Тананс подшоҳи скифҳо ҳукмронӣ дошт. Духтари ин подшоҳ Одатида ва Зариадр ҳамдигарро дар хоб дида, ғоибона ошиқ мешаванд. Зариадр ба назди падари Одатида хостгор мефиристад. Омарг духтари ягонаро ба мулки бегона доданӣ намешавад. Зариадр аз аҳди худ намегардад ва бо ёрии аробакаше аз дарён Тананс мегузарад. Омарг ба шарафи ҷавонони ҷанговари худ зиёфат медиҳад ва ба духтараш Одатида таклиф мекунад, ки аз ҳозирон ҷавонеро, ки хоҳӣ, ба ӯ дар қадаҳи тилло май деҳ. Зариадр дар либоси скифҳо ба зиёфат расида омада буд. Одатида дар кадаҳи заррин ба вай май медиҳад. Зариадр Одатидаро гирифта, ба ватани худ бармегардад».

Ҳорес Митилинский, ки ҳамзамони Искандари Мақдунист, таъкид мекунад, ки «қиссаи Зариадр ва Одатида дар байни қабилаҳои Осиёи Миёна шӯҳрати том дошт, лавҳаҳои гуногуни сужети ин қисса дар кандакории девори қасрҳо, аҳромҳо, хонаҳои хусусӣ ва ибодатхонаҳо истифода шудаанд, бисёре аз мардуми ин сарзамин ба духтарҳои худ номи Одатида мегузоранд».

Дар қиссаи «Зариадр ва Одатида», -менависад Х. М. Мирзозода, - соҳаи дигари ҳаёти инсонӣ - ишқу муҳаббати ҷавонон, озодӣ, масъалаҳои оила, никоҳи дилхоҳ, ки аз зиндагии қабилавист, акс ёфтааст. Ин тавр анъанаи аз рӯи шартҳо ҷавононро интихоб кардани духтарон, ки аз анъанаҳои фолклорист, дар киссаҳои дигар низ мушоҳида мешавад».[131]

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки Шарқи қадим (Осиёи Миёна ва Эрони Шаркӣ) - ватани халқҳои ориёӣ «Аирйанам ваэҷаҳ» («Фарохнои Ориёно»), мидиҳо, бохтариҳо, хоразмиҳо, сугдиён, сакоиҳо мисли Юнони қадим гаҳвораи мифҳо, афсона ва қиссаҳо буда, қаҳрамонҳои онҳо мисли қаҳрамонҳои «Иллиада»

[131] Мирзозода Х. М. Таърихи адабиёти тоҷик, саҳ. 58.

ва «Одиссея» дар ибтидо мафҳумҳои худоӣ доштаанд. Аммо онҳо тадриҷан шакли инсонӣ гирифта, бо қаҳрамони ҳиссиёти ишқӣ - ҳаяҷон, изтироб ва ғаму шодии ба зиндагӣ доштаи худ ҳаёти халқро акс кунонидаанд. Албатта, пурра боқӣ намондани матни ин достонҳои мифилогӣ, қаҳрамонӣ ва ишқӣ, инчунин суруду чакомаҳои дунёи қадим имконият намедиҳад, ки дар бораи мундариҷа, сужет, гояҳои эстетикӣ ва шаклҳои бадеии он достонҳо тасаввуроти пурра пайдо кунем. Вале минбаъд дар асрҳои миёна ин сужетҳои мифологӣ, достонҳои қаҳрамонӣ ва ишқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, дар адабиёти шифоҳӣ дар достони «Гуругли» фаровон истифода шудаанд.

## ЁДГОРИҲОИ ХАТТИИ ҚАДИМ

Ёдгориҳои хаттии қадим пас аз ихтирои хат ба вуҷуд омад. Аввалин ёдгориҳои хаттии қадим тавассути навиштаҷотҳои рӯи сангҳо (навиштаҳои кӯҳи Бесутун), девори қасрҳо (Тахти Ҷамшед), пӯсти ҳайвонот (нусхаи аввалини «Авесто»), рӯи чӯбҳо (хатҳо аз кӯҳи Муғ), набиштаҳои зерихокӣ, асбобҳои маданӣ (Катибаи «Дафинаи Амударё»), Нақши Рустам, набиштаҳои рӯи қоғаз ва ғайра дастрас шудаанд. Ёдгориҳои хаттии қадимро асосан ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд:

1. Қайдҳои таърихӣ, ҳуҷҷат ва китобҳои таъриху илмҳои гуногун.

2. Осори адабии чи мифологӣ, афсонавӣ. қаҳрамонӣ ва чи саргузаштҳои динию ошиқона. Ба сифати китобҳои қадим: «Авесто», «Бунда ҳишн», «Худойнома», «Минуги хирад», «Динкард», «Ёдгори Зарирон», «Пандномаи Анӯшервон», «Уйдурофнома», «Драхти Асурик», «Арда Вирознома» ва чанде дигарро дохил кадан мумкин аст, ки дар давраи истилои араб бештарини онҳо сӯзонда, нобуд карда шудаанд. Дар ин китобҳо воқеаҳои таърих,ҷаҳонбинии динӣ, фалсафӣ, илмӣ, урфу одатҳо, эътиқод ва ақидаҳо, осори адабӣ, эстетикӣ, ҳуқуқ ва дигар соҳаҳои зиндагии одамони қадим акс ёфтаанд. Ба истиснои «Авесто», ки қадимтарин осори хаттии аҷдодони гузаштаи мост, қариб аглаби китобҳои номбурда ба замони ҳукмронии Сосониён мансубият доранд. Солҳои охир дар бобайти овонавишту барқарор намудани

дар он ақидаанд, ки Одатис прототипи шоҳдухтари румӣ Катоюн мебошад. Ба ҳар ҳол, мундариҷаи ин қисса аз рӯи нақли Атеней дар китоби «Обед софистов» ба тариқи зайл аст: «Гуштосп ё ки Гистосп дар кишвари Мод ва бародари ӯ Зариадр дар мамлакате, ки дар соҳили баҳри Каспий лаби дарёи Тананс (Сир) паҳн шуда буд, подшоҳӣ мекард. Дар соҳили рости дарёи Тананс подшоҳи скифҳо ҳукмронӣ дошт. Духтари ин подшоҳ Одатида ва Зариадр ҳамдигарро дар хоб дида, ғоибона ошиқ мешаванд. Зариадр ба назди падари Одатида хостгор мефиристад. Омарг духтари ягонаро ба мулки бегона доданӣ намешавад. Зариадр аз аҳди худ намегардад ва бо ёрии аробакаше аз дарёи Тананс мегузарад. Омарг ба шарафи ҷавонони ҷанговари худ зиёфат медиҳад ва ба духтараш Одатида таклиф мекунад, ки аз ҳозирон ҷавонеро, ки хоҳӣ, ба ӯ дар қадаҳи тилло май деҳ. Зариадр дар либоси скифҳо ба зиёфат расида омада буд. Одатида дар қадаҳи заррин ба вай май медиҳад. Зариадр Одатидаро гирифта, ба ватани худ бармегардад».

Ҳорес Митилинский, ки ҳамзамони Искандари Мақдунист, таъкид мекунад, ки «қиссаи Зариадр ва Одатида дар байни қабилаҳои Осиёи Миёна шӯҳрати том дошт, лавҳаҳои гуногуни сужети ин қисса дар кандакории девори қасрҳо, аҳромҳо, хонаҳои хусусӣ ва ибодатхонаҳо истифода шудаанд, бисёре аз мардуми ин сарзамин ба духтарҳои худ номи Одатида мегузоранд».

Дар қиссаи «Зариадр ва Одатида», -менависад Х. М. Мирзозода, - соҳаи дигари ҳаёти инсонӣ - ишқу муҳаббати ҷавонон, озодӣ, масъалаҳои оила, никоҳи дилхоҳ, ки аз зиндагии қабилавист, акс ёфтааст. Ин тавр анъанаи аз рӯи шартҳо ҷавононро интихоб кардани духтарон, ки аз анъанаҳои фолклорист, дар қиссаҳои дигар низ мушоҳида мешавад».[131]

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки Шарқи қадим (Осиёи Миёна ва Эрони Шарқӣ) - ватани халқҳои ориёӣ «Аирйанам ваэҷаҳ» («Фарохнои Ориёно»), мидиҳо, бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиён, сакоиҳо мисли Юнони қадим гаҳвораи мифҳо, афсона ва қиссаҳо буда, қаҳрамонҳои онҳо мисли қаҳрамонҳои «Иллиада»

---

[131] Мирзозода Х. М. Таърихи адабиёти тоҷик. саҳ. 58.

ва «Одиссея» дар ибтидо мафҳумҳои худой доштаанд. Аммо онҳо тадриҷан шакли инсонӣ гирифта, бо қаҳрамони ҳиссиёти ишқӣ - ҳаяҷон, изтироб ва ғаму шодии ба зиндагӣ доштаи худ ҳаёти халқро акс кунонидаанд. Албатта, пурра боқӣ намондани матни ин достонҳои мифилогӣ, қаҳрамонӣ ва ишқӣ, инчунин суруду чакомаҳои дунёи кадим имконият намедиҳад, ки дар бораи мундариҷа, сужет, гояҳои эстетикӣ ва шаклҳои бадеии он достонҳо тасаввуроти пурра пайдо кунем. Вале минбаъд дар асрҳои миёна ин сужетҳои мифологӣ, достонҳои қаҳрамонӣ ва ишқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, дар адабиёти шифоҳӣ дар достони «Гурӯғлӣ» фаровон истифода шудаанд.

## ЁДГОРИҲОИ ХАТТИИ ҚАДИМ

Ёдгориҳои хаттии қадим пас аз ихтирои хат ба вуҷуд омад. Аввалин ёдгориҳои хаттии қадим тавассути навиштаҷотҳои рӯи сангҳо (навиштаҳои кӯҳи Бесутун), девори қасрҳо (Тахти Ҷамшед), пӯсти ҳайвонот (нусхаи аввалини «Авесто»), рӯи чӯбҳо (хатҳо аз кӯҳи Муг), набиштаҳои зерихокӣ, асбобҳои маданӣ (Катибаи «Дафинаи Амударё»), Нақши Рустам, набиштаҳои рӯи қоғаз ва ғайра дастрас шудаанд. Ёдгориҳои хаттии қадимро асосан ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд:

1. Қайдҳои таърихӣ, ҳуҷҷат ва китобҳои таъриху илмҳои гуногун.

2. Осори адабии чи мифологӣ, афсонавӣ, қаҳрамонӣ ва чи саргузаштҳои динию ошиқона. Ба сифати китобҳои қадим: «Авесто», «Бунда ҳишн», «Худойнома», «Минуги хирад», «Динкард», «Ёдгори Зарирон», «Пандномаи Анӯшервон», «Уйдурофнома», «Драхти Асурик», «Арда Вирознома» ва чанде дигарро дохил кадан мумкин аст, ки дар давраи истилои араб бештарини онҳо сӯзонда, нобуд карда шудаанд. Дар ин китобҳо воқеаҳои таърих,ҷаҳонбинии динӣ, фалсафӣ, илмӣ, урфу одатҳо, эътиқод ва ақидаҳо, осори адабӣ, эстетикӣ, ҳуқуқ ва дигар соҳаҳои зиндагии одамони қадим акс ёфтаанд. Ба истиснои «Авесто», ки қадимтарин осори хаттии аҷдодони гузаштаи мост, қариб аглаби китобҳои номбурда ба замони ҳукмронии Сосониён мансубият доранд. Солҳои охир дар бобайти овонавишту барқарор намудани

ёдгориҳои хаттии ниёгон дар Эрон, Ҳиндустон ва аз ҷумла дар ҷумҳурии мо корҳои зиёди пурарзиш ба сомон расид. Аз ҷумла тарҷумаи «Драхти Осурик» (аз ҷониби Абӯсаид), «Готҳо»-и Зардушт (тарҷума ва тафсири Ҳошими Разӣ), «Хурд Авасто» (тарҷумаи Меҳрубони Худовандӣ ва Алӣ Акбари Ҷаъфарӣ) ва ғайра.

Бо саъю кӯшиши донишманди шинохтаи точик - Додихудои Саймиддин матни «Чанд андарзномаи паҳлавӣ», «Ёдгори Зарирон», достони «Йуишти Фрнён», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Драхти Асурик», «Минуги хирад» дастраси ҳаводорони хатту адабиёти ниёгон гардид,[132] ки дар мавридаш дар ин бобат муфассал сухан меронем.

Аз намунаҳои осори бою арзишманди аҳди Сосониён бо сабабҳои ба ҳама маълум, бархе аз осори хаттии ин давра аз байн рафта, аз онҳо пораҳои пароканда ва ё танҳо номи он то ба мо расидааст. Уивони иддае аз китобҳо ва ё матнҳои паҳлавӣ дар манобеъи ҷуғрофию таърихӣ ва адабии юнонию арманӣ ва форсиву арабӣ ёд шудааст. Подшоҳони сосонӣ барои гирдоварии саргузашту ёддоштҳои ниёгон кӯшиши хосса доштаанд ва намунаҳои ин катибаҳо дар китобхонаҳои шоҳони сосонӣ нигоҳ дошта мешуданд. Яке аз ҳамин гуна катибаҳои давраи сосониҳо дар аҳди охирин подшоҳи сосонӣ Яздигурди III (623-651м.) тартиб дода шуда будааст. Ин маҷмӯа таҳти номи «Хвадойномаг» («Худойнома») маъруф аст. Ин китобро Ибн-ал-Муқаффаъ (721-757) аз форсии миёна ба арабӣ тарҷума намудааст, ки баъд ҳам нусхаи асл ва ҳам тарҷума аз байн рафтааст.

Дабири Шопури II Ҳазрҳбуд дар асри IV мелод бо фармони шоҳ таърихномаеро бо унвони «Ростсухан» аз юнонӣ ба форсӣ тарҷума кардааст. Таърихнависи асри VII-и арман Мавсес Хоренатси ин асарро бо «Корномаи Ардашери Бобакон»-и сосонӣ ҳамоҳанг мешуморад. Баъзеҳо дар он ақидаанд, ки «Ростсухан» дар гузаштаи дур моли форсӣ будааст, чунки ин истилоҳро Фирдавсӣ дар боби тавсифи шоҳии Ашкониён бо унвони «Номаи ростон» истифода бурдааст:

---

[132] *Ниг.*: Додихудои Саймиддин. Саривиишти чанде аз дастнависҳо ва китобҳои паҳлавӣ. Адиб. 1992. №5. саҳ. 42-45.

Кунун эй сароянда фартутмард.
Сӯи кохи Ашкониён бозгард.
Чу гуфт андар-он «Номаи ростон».
Ки гӯянда ёд орад аз бостон.[133]

Дар охирҳои салтанати Сосониён мӯбадони зардуштӣ барои гирдоварию нигаҳдории матнҳои паҳлавӣ кӯшиши зиёде карда, ба хотири ҳифзи беҳтарин осори индавраина котибон ва нусхабардорон чанде аз навиштаҳои паҳлавиро дар як дафтар дар шакли маҷмӯа ҷилдбандӣ кардаанд ва ин анъана дар қарнҳои баъдина аз насл ба насл давом ёфтааст. Яке аз сабабҳои то имрӯз нигоҳ дошта шудани баъзе осори хаттии паҳлавӣ ҳамин аст. Инак, намунаҳои он осори паҳлавие, ки дар Ҳиндустон аз ҷониби зардуштиёни ҳинд тарҷума ва овонавишт карда шудаанд: мутобиқ ба «Ривоёти порсӣ» нахустин ҷомеаи зардуштиён соли 936 аз Эрон ба Ҳинд муҳоҷират кардаанд. Ба саъю кӯшиши онҳо як силсила осори хаттии паҳлавӣ тарҷума ва овонавишт шудаанд, аз ҷумла «Қиссаи Санҷон» (таълифи мӯбад Бахман), тарҷумаи паҳлавии «Авесто», «Ганҷи шайгон» (шоҳон) (731 м.). Рустам Миҳрубон аз Эрон ба Ҳинд сафар карда, дастнависи матни «Арда-Виразнома»-ро китобат кардааст, нусхаҳои дастнавис «Виспарад», «Ёдгори зарирон», «Корномаи Ардашери Бобакон» («Шоҳномаи паҳлавӣ» низ ёд мешавад)-ро низ рӯнавис намудааст. Ғайр аз ин, дар кутубхонаи Копенҳаген таҳти рақами К - 43 ва К - 35 дастнависи чанд китоби паҳлавӣ маҳфуз аст, ки аз тарафи Меҳрапон Анушакрувон китобат шудааст. Ин маҷмӯаи паҳлавӣ чунин дастнависҳои нодирро дар бар мегирад: «Достони дениг» («Достонҳои динӣ»), «Ривояти паҳлавӣ», «Номагиҳои Манучеҳр» («Номаҳои Манучеҳр»), «Визидагиҳои Зодспраҳм» («Баргузидаҳои Зодспраҳм»). Соли таълифи ин дастнависҳо ба асри IX мансуб буда, аз ҷониби Зодспраҳми Юувон-Йам — бародари Манучеҳр (мӯбади Форсу Кирмон) навишта шудааст.

Аз осори паҳлавӣ беш аз сад матн аз китобҳои бузургу кӯчак то ба рӯзгори мо расидааст. Бунёди бештари ин навиштаҳо

[133] Фирдавсӣ. Шоҳнома. ҷилди 3, саҳ 115.

ба замони Сосониён мансуб буда, аммо китобати қадимтарин дастнависҳои онҳо, чун дастнависҳои «Авесто», ба асри XIV марбут аст. Нусхаҳои хаттии осори паҳлавӣ имрӯзҳо дар китобхонаҳову фарҳангистонҳои Ҳинд (китобхонаҳои Бомбай, Сурат, Навсори, Удвада, Пуна), Копенҳаген, Мюнхен, Оксфорд, Лондон, Кембрич, Порис, Санкт-Петербург (дар китобхонаи М. Е Салтыков-Щедрин) маҳфузанд.[134]

Аз намунаҳои осори хаттии дунёи қадим маводу набиштаҳои зиёде имрӯз гирд омада, ки тавассути онҳо оиди тафаккури илмӣ, динӣ, фалсафӣ, адабию эстетикии ниёгонамон бо итминони қавӣ сухан ронда метавонем, ки адабиёти тоҷик, махсусан, осори адабии онҳо ҳанӯз то истилои араб шӯҳратёб гардида, диққати оламиёнро ба худ кашида, тавассути тарҷума дастраси халқҳои дигари ҷаҳон гардида будааст.

**«Авесто» ва таърихи таълифи он**

«Авесто» яке аз аввалин ёдгориҳои қадимаи халқҳои эронӣ буда, ба давраи ҳазорсолаи аввали пеш аз мелод мансуб аст. «Авесто» ба монанди «Забур» (китоби яке аз пайғамбарони дини яҳудӣ - Довуд аст), «Таврот» (китоби дини яҳудиён, ба номи Мӯсо мансуб дониста мешавад), «Инҷил» (китоби дини исавиён, Исо пайғамбар), «Қуръон» (китоби дини мусулмонон, Муҳаммад-пайғамбар) буда, дар он қонун, қоида ва ҷаҳонбинии зардуштиён акс ёфтааст.

То имрӯз талаффузи аслии «Авесто»-ро «апастак», ки маънои «асос»-ро мефаҳмонад, истифода мебарем ва ҳоло дар ҳар ду шакл «Авасто» ва «Аваста» талаффуз мешавад.

«...Вожаи «Авасто» ба маънии бедонишӣ аст ва дархӯри китоби динии Зардушт намебошад, ки намудори фарҳанг ва дониш аст. Вале вожаи «Овисто» ба маънии дониш ё донистанӣ аст ва намудори он чунон китобе, ки бар пояи фарҳанг ва дониш бошад».[135] Сипас муаллифи мақола сабабҳои асосии ба чунин андеша омадани худро иброз дошта, менависад, ки «...дар ҳеҷ як

---

[134] *Ниг*: Додихудои Саймиддин чанде аз дастнависҳо ва китобҳои паҳлавӣ. Адиб, 1992. № 5. с. 42-45.

[135] *Ниг*: Муроди Авранг. Овисто. Омӯзгор, 1991, 29 май.

аз сурудаҳои китоби динии Зардушт вожаи «Авасто» ё вожае, ки ба он наздикӣ дошта бошад, дида намешавад. Ин вожа рӯиҳам рафта, аз ду тикка дуруст шуда, нахуст: а - ба маънии: на, но, бе. Дуввум: васто, ки кӯтоҳшудаи вожаи весто мебошад. Ин вожа дар худ сурудҳои динии пешина дорад ва ба маънии дониш ва донистанӣ аст».[136] Аз решаи вед ба маънии донистан. Бо он чи гуфта шуд, вожаи «Авасто» ба маънои бедонишӣ аст. Вожаи «Овесто» аз решаи дурусти «весто» аст, ки ба маънии дониш ва донистанӣ аст ва дар ҷилави он омадани вожаи о ба маънои бар, боло, рӯй мебошад. Яъне вожаи «Овесто» аз ду тиккаи ба ҳам пайвастаи о-вед омада, ки ба маънии донистан аст. Муаллиф хоҳиши онро дорад, ки ба ҷои вожаи «Авесто» вожаи «Овесто»-ро истифода бурдан ба дин ва роҳи Зардушт, ки фурӯғи донишу фарҳанг аст, мувофиқати пурра дорад.

Дар бораи замон ва макони эҷод шудани «Авесто» («Овесто») фикрҳои мухталиф мавҷуд аст, вале аксарият дар он ақидаанд, ки дар асри VI пеш аз мелод эҷод шудааст. Дар миёнаҳои асри XVIII Анкетил Дюперони франсавӣ, ки ба дину мазҳабҳои қадима шавқу рағбати зиёде дошт, ба Ҳинд сафар намуд ва дар назди мӯбадони порсӣ маросими динӣ ва хондани матнҳои қадимаро омӯхт ва сипас матни «Авесто»-ро аз порсиёни Ҳинд харида, ба Фаронса баргашт. Ӯ бори нахуст «Авесто»-ро ба забони фаронсавӣ тарҷума кард ва ҳарчанд ки тарҷумаи ӯ комил набуд ва аз сабаби нафаҳмидани баъзе вожаҳо ба хатоҳо роҳ дода буд. Он барои минбаъд дар Аврупо интишору тарҷума шудани «Авесто» ба забонҳои дигари дунё (англисӣ, итолиёвӣ, немисӣ ва русӣ) роҳ кушод.

Дар асри XIX забоншиносии муқоисавӣ хеле пеш рафт, муайян гардид, ки забони авестоӣ ба забонҳои қадими хуб омӯхташудаи ҳиндӣ - ведоӣ «Ригведа»-санскрит наздикии зиёд доштааст. Ғайр аз ин, дар натиҷаи кӯшишҳои зиёди бостоншиносӣ ва матншиносӣ забони машҳури эронии қадим-форсии қадим, омӯзиши забони миёна, аз он ҷумла забонҳои мурда - хоразмӣ, суғдӣ, хутану сакоӣ ва забони зинда-помирӣ тарҷумаи

[136] Ҳамон ҷо.

илмии «Авесто»-ро осон гардонид. Бо вуҷуди ин, ҳоло ҳам матни мукаммалу интиқодии «Авесто» ба забони тоҷикӣ рӯи кор наомдааст.

То ба вуҷуд омадани алифбои ҳозиразамон (яъне алифбое, ки дастхатҳои то ба мо расидаи «Авесто» китобат шудаанд) матнҳои авестоие вуҷуд доштанд, ки ба алифбои дар асрҳои VI -пеш аз мелод дар Осиёи Миёна ва Эрон маъмули орамӣ таълиф ёфта буданд. Нусхаи аввалини «Авесто», ки ба аҳди Ҳахоманишиён тааллуқ дорад, ҳангоми забти Искандари Мақдунӣ тамоман аз байн бурда шуд, баъдтар шоҳи ашконӣ Валахш (Вологеси I), ки дар асри I мелод ҳукмронӣ кардааст, фармон дод, ки пораҳои боқимондаи «Авесто» ва он чӣ ба таври шифоҳӣ байни мӯбадон боқӣ монда буд, гирд оварда шавад. Баъдтар «Авесто» бо алифбое, ки навишти он ихтироъ шуда буд, китобат гардид. Ин алифбо дар заминаи хати форсии миёна ва орамӣ тартиб дода шуда буд, ки мисли алифбои авестоӣ 14 садонок ва ҳуруфи зиёде дошт ва барои хондану навиштани забони авестоӣ имконият медод.

Алифбои авестоӣ дар замони ҳукмронии Хусрави I (531-579) ба вуҷуд оварда шуд ва матнҳои бозмондаи «Авесто», ки ба асрҳои XIII ва XVI мансубанд, дар асоси ҳамин китобати давраи охири сосонӣ таълиф ёфтаанд. Худи номи «Авесто» аз калимаи форсии миёнаи «апастак» ба маънои «гузориш», «дастур», «ниёиш», «асос» омада, иловаҳои он бо номи «занд» ба маънои «дониш» ва «таълимот» пазируфта шудааст. Вале сонитар вожаи занд ба тарҷума ва тафсири «Авесто»-и замони Сосониён бештар нисбат дода мешуд. Дар Аврупо дар байни «Авесто» ва «Занд-Авесто» фарқ нагузошта, «Занд-Авесто»-ро «Авесто» ва номи забони авестоиро дар шакли «забони зандӣ» мефаҳмиданд. «Авесто»-ро дар давраи мавҷудияташ чанд маротиба аз нав кор кардаанд, ки бешубҳа, ба таркиб ва мазмуни он дигаргуниҳо ворид шудааст. Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳо, ҷамъоварӣ ва танзими матни «Авесто» пас аз истилои Искандари Мақдунӣ дар аҳди Вологеси I (асри I мелод), пас, дар аввалҳои ҳукмронии Сосониён (асри III), замони Шопури II (асри IV), ки таҳрири пурарзиши «Авесто» таҳти роҳбарии Атурпати Меҳроспандом анҷом ёфт ва ниҳоят, пас аз ҳаракати маздакиён дар аҳди Хусрави I (асри VI) матни

«Авесто» таҳрир ва китобат шуда, баъзе пораҳои дар асрҳои IV-V ба он дохилшуда аз «Авесто» бароварда шуд. Ҳамин тавр, дар аҳди Хусрави I «Занд-Авесто» - шарҳи мухтасари «Авесто» ба вуҷуд омад, ки ба ҳар боби он дахл дорад. Ҳамин тавр, пас аз таҳрири охирин «Авесто» аз 21 китоб (насх) иборат буд. Мазмуни мухтасари ин насхҳо дар китоби динии «Динкард», ки дар асри IX таълиф ёфтааст, баён гардидааст. Чунин хулоса дар асоси матни қадимаи «Авесто» набуда, дар асоси тарҷумаи форсии миёнаи «Авесто» ба вуҷуд омадааст. «Авесто»-и то имрӯз омадарасида чоряк қисми «Авесто»-и давраи Сосониро ташкил медиҳад.

Забони «Авесто» ба забони мардуми Осиёи Миёна ва Эрони шарқӣ мансуб мебошад, зеро қадимтарин қисми «Авесто» ба забоне навишта шудааст, ки ба забони шарқи эронӣ мувофиқат мекунад. Масъалаи пайдоиш, замон ва макони навишташавии ҷузъҳои «Авесто» то имрӯз баҳснок дониста мешавад. Мувофиқи анъанаи дини зардуштӣ, ки дар аҳди Сосониён шӯҳрат дошт, маълум мешавад, ки замони зиндагии Зардушт ва офарида шудани «Готҳо» ба асрҳои VII ва VI пеш аз мелод тааллуқ дорад; бо вуҷуди мавҷуд будани баъзе нофаҳмиҳо, ақидаи боло асосан дуруст ва боварибахш дониста мешавад. Мувофиқи ривоятҳои маъмули давраи Сосониён ва баъдина Зардушт ё дар Озарбойҷон, ё Рай (Роғи мидӣ) ба фаъолият шурӯъ кардааст. Дар «Хурд-Авесто» дар бобати дар Роғ мавҷуд будани ҷамоати пайравони Зардушт ишора рафтааст. Инчунин ривояти қадимае мавҷуд аст, ки тибқи он Зардушт гӯё дар Бохтар зистааст. Муаллифи юнонӣ Ктесий ба ин нуқта ишора кардааст. Аз ин рӯ, ақидаи дар Бохтар таълиф ёфтани «Готҳо»-и Зардушт низ ба вуҷуд омадааст. Ба ҳалли ин масъала то андозае худи «Готҳо» рӯшанӣ андохтааст ва муҳаққиқони ҳозира ба маълумоти ҷуғрофии худи «Авесто» истинод мекунанд: «Готҳо» ва қисматҳое, ки ба он аз ҷиҳати замон наздикӣ доранд, дар яке аз ноҳияҳои Осиёи Миёна ва ё минтақаҳои муҷовири шимоли ғарбии Афғонистон ва шимоли Эрон офарида шудаанд».[137]

[137] Б. Ғ. Ғафуров. Тоҷикон, ч. 1, саҳ. 69.

Муаррихон В. И. Абаев, С. П. Толстов ватани Зардушт ва «Авесто»-ро мамлакати асотирии Аирйанам Ваечаҳ («Фарохнои Ориёно»), кишварҳои Марв, Суғд, Паркана, Хоразм мешуморанд.

Инчунин ақидае мавчуд аст, ки мувофиқи он «Готҳо» ҳанӯз то давраи хукмронии Ҳахоманишиён, яъне то асри XII пеш аз мелод мавчуд будааст. Хулоса ин аст, ки замони фаъолияти Зардушт ва офариниши «Готҳо» ба охири асри VII ва аввали асри VI пеш аз мелод мувофиқ аст ва чои пайдоиши он минтақаи Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамсарҳади он дониста мешавад. Дар «Авесто» ин кишварҳо номбар шудааст. Дар боби аввали «Авесто» «Видевдат» оварда шудааст, ки «беҳтарин кишвар ва мамлакатҳои офаридаи Аҳура Маздо инҳоанд: «Аирйанам Ваечаҳ», «Гава (макони суғдиён)», «Моуруи (ноҳияи Марв) тавоно, ростипараст», «Баҳди (Бохтар) зебо бо дарафшҳои афрошта», «Нисайка, ки байни Моуру ва Ваҳди воқеъ аст», «Харайва», (ноҳияи Ҳирот) ва ноҳияҳои дигар то мавзеъҳои Ҳинд ва Ҳараҳвати (Арахозия) дар чануби шарқӣ, Ҳайтуманта дар водии Ҳилманд дар чануб, кишвари гургониён ва Роғ (дар шимоли шарқии Мидия) дар гарб».[138] Аз рӯи ин маълумоти «Авесто» маълум мешавад, ки «Авесто» дар Осиёи Миёна эчод шудааст.

**Тартиб ва мундаричаи «Авесто»**

Таҳрири охирини «Авесто», ки ба асри VI рост меояд, аз 21 китоб (насх) иборат аст. Ду нусхаи машҳур ва боэътимоди он дар кутубхонаи Копенҳаген маҳфуз дошта мешавад. Нусхаи охирини «Авесто», ки ба аҳди Сосониён мансуб дониста мешавад, аз нусхаи имрӯза бузургтар аст ва аслан таркиби «Авесто»-ро мувофиқи ҳамин нусхаҳо муайян менамоянд. Муҳаққиқи машҳури дини зардуштӣ Э. Вехт қайд кардааст, ки ҳамаи матнҳои «Авесто»-и давраи Сосониён бояд аз 345 ҳазору 700 калима иборат бошад, аммо дар айни ҳол, аз ин китоб танҳо 23 ҳазор калима боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, «Авесто»-е, ки то имрӯз расидааст, аз чор як ҳиссаи баъд аз замони Сосониҳоро ташкил мекунад, ки аз рӯи аҳамияту матлаб бар панч бахш тақсим менамоянд.

---

[138] **Б. Ғ. Ғафуров**. Точикон. ч. I, саҳ. 70.

1. «Ясно» - қурбонӣ ва ибодат. Ба маънии ниёишу ситоиш ва маҷмӯаи ниёишҳоест дар ситоиши офаридагор ва офаридагонаш. «Ясно» аз 72 бахш ба вуҷуд омада, 17 бахши миёни онро «Готҳо» ташкил медиҳанд, ки сурудҳои худи пайғамбар Зардушт мебошад ва аз қадимтарин бахшҳои «Авесто» аст. Ин 17 бахши номбурда дорои 240 банд, 6 ҳазор вожа аст, ки бо лаҳҷаи худи Зардушт ба мо расидааст. Дар ин сурудҳо андешаву гуфтор ва кирдори Зардушт ҳамчун намунаи ойини зиндагонии нек баён шудааст. Пораҳои дигари «Ясно» иборат аз ниёишҳое ҳастанд, ки пайравони оини Зардушт ба номи худованд Аҳура Маздо ва ҳар чӣ дар ин ҷаҳон хуб офарида шудааст, дар бар мегирад.

2. «Виспарад» (Виспарад, Виспарат) - маънои ҳукмрони мутлақ аст, маросимҳои динӣ ва намозҳоро дар бар мегирад. Намозҳо ва маросимест, ки рӯзҳои ҷашнҳои шашгона ҳар сол бо номи «Гоҳонбор» баргузор мешаванд. Ин ҷашнҳо мансуб ба фаслҳои сол, ниёзҳои зиндагӣ, чорводорӣ, зироаткорӣ мебошанд. Ҳар ҷашн 5 рӯз бояд давом кунад ва ҳар рӯз бояд бахшҳои панҷгонаи «Готҳо» хонда шавад. Виспарад 24 пора дорад, ки пораҳояшро «фаргард»мегӯянд.

3. «Яштҳо» - маънии ситоиш ва хушгуфториро дорад. Маҷмӯи гуфтаҳоест ҳамосӣ, ки бештари онҳо дар ситоиши худоҳо мебошад. Баъзе «яштҳо» то замони Зардушт мавҷуд будаанд.

4. «Вандидод» - ба маънии қонуни зидди дев аст, инчунин ин бахши «Авесто» дар бораи ҳудуди ҷуғрофии Осиёи Миёна ва Эрони шарқӣ кайфарҳои гуноҳ ва дастурҳои пиромуни покизагӣ, илму дониш, фарҳанг, тиб, ҳуқуқ баҳс мекунад.

5. «Хурд-Авесто» маънои зориву илтиҷоро дорад, баргузидаест аз ниёишҳо, сароишҳо, гуфтаҳои чаҳор бахши пешин ва дигар китобҳои аздастрафта. Ин ниёишҳо гирдовардаи мӯбадони замони Сосонӣ ва муддати пас аз он аст.

Чунон ки дидем, «Ясно» яке аз бобҳои калонтарини «Авесто» ба шумор меравад. Масалан, дар фасли 1-2-муқаддима, 3-8-қонуну қоидаҳои ба ҷо овардани ибодат барои қурбонӣ, 9-11-дуову дуруд дар бораи яке аз растаниҳои муқаддас, 12-13-ситоиши дини Зардушт ва таърихи ба вуҷуд омадани дунёву тарҷумаи ҳоли Иброҳими Зардушт, 14-53- ситоиш, мадҳ ва ҳамду

саногӯиро ба номи худованд дар бар мегирад. Пас аз ин 17 фасли «Ясно»-ро сурудҳо ташкил намудаанд. Илова бар ин, дар фасли 16 оид ба қонунҳои ҷиноятӣ, ҳуқуқи гражданӣ ва ниҳоят дар бораи хизматчиёни ҳарбӣ, дар фасли 15 оид ба ҳақуқи омма ва оиладорӣ сухан рафтааст. Фаслҳои 54-56-шарҳи «Готҳо»-ро дар бар гирифтаанд. Фаслҳои 57-58-сурудҳо дар бораи муждарасониҳои худои Сраоша, фаслҳои 59-60-ибодат, гузаштан аз як дуо ба дуои дигар ҳангоми ниёши парвардигор, фаслҳои 61-62-дар бораи аз худ дур кардани рӯҳи бад, дуову дуруд дар бораи ситоиши оташ, 63-68 дуову дуруд дар бораи ситоиши об, 69-72- дар бораи ба охир расидани ибодат баҳс мекунад. Ҳамин тавр, аз мундариҷаи «Ясно» бармеояд, ки «Авесто» танҳо китоби муқаддаси динӣ набуда, балки ҳамчун асари фалсафӣ, ҳуқуқӣ, адабӣ ё бадеӣ ва таърихӣ низ ҳисоб меёбад. Вале мутаассифона, то рӯзҳои мо аз ин бахши «Авесто» танҳо пораҳои пароканда боқӣ мондааст.

Қисми муҳимми «Ясно» «Готҳо»-и Зардушт аст, ки аз ҳама қисмҳои қадимтарини «Авесто» ба шумор меравад. Ҳар яке аз ин «Готҳо» аз 3 то 9 мисраъ иборат мебошанд. Чунончи: 1. Готаи Ахунавати 3- мисраъӣ буда, ҳар як 7-9 ҳиҷоро дарбар мегирад, Готаи Уштавати 5 – мисраъӣ ва 4-7 – ҳиҷоӣ, Готаи Спентаманю —4 – мисраъӣ ва 4-7- ҳиҷоӣ, Готаи Вахушатра -3 – мисраӣ ва 4-7 – ҳиҷоӣ, Готаи Ваҳиштийшти – 2 – мисраъи ва 5-7 – ҳиҷоӣ. Готҳои номбурда асосан аз сурудҳои муноҷот иборат мебошанд. Масалан, зардуштиён чунин сурудҳо мехондаанд. Аз «Ясно», бахши аввал:

«Маздопарастам.

Бармегузинам, ки Маздопарасти зардуштӣ бошам, бар ситоишҳо ва боварҳо.

Андешаи некро меситоям.
Гуфтори некро меситоям.
Кирдори некро меситоям.

ки юги бандагиро бармеандозад ва ҷангафзоро фурӯ мениҳад.

Дини Биҳии Маздопарастиро меситоям,
озодагибахшу ростин аст,
ин аҳуроист ва зардуштӣ,

ки аз динҳое, ки ҳастанд ва хоҳанд буд,
Меҳтарину беҳтарину зеботарин аст.

Аҳурамаздо, Худои доноро сазовори ҳама хубиҳо медонам. Ин аст ситоиши дини Маздопарастӣ».[139]

Ё дар фасли 2 «Ясно» суруди зайл аз Худованд барои бандагон мадад пурсида мешавад:

Аз куҷо ёбам паноҳ, ту нигаҳдорӣ маро,
Аз шарикон дур карданд, ту бигир дасти маро,
Не мадад аз ҳамкасону не тасаллю аз насаб,
Не ҳимоят аз бузургон, ту худат донӣ маро.
Аз ту мепурсам мадад,эй Ҳурмузи бахту сафо

*(«Ясно», фасли 2).*

«Яшт» низ аз сурудҳо иборат аст. Дар сурурдҳои «Яшт» дуоҳои зардуштӣ ба ситоиши худоҳо ва мӯбадони он бахшида шуда, дар онҳо унсурҳои мифологӣ бештар ба назар мерасанд. Азбаски дар ақидаи зардуштӣ рӯҳ аз ҷиҳати хислат гуногун аст, бинобар дар «Яшт» мӯътабартарини онҳо ситоиш карда мешаванд. Мисли: Ҳурмуз, Амшаспанд, Аша-Ваҳиша, Ҳаурватат, Ардивсура-Анаҳито, Хвар-Хшай, Митра, Моҳ, Сирнус, Сраоша ва ғ.

Ҷиҳати муҳими ин бахши «Авесто» дар он аст, ки дар он дар бораи қаҳрамонӣ, мардонагии одамизод ва ашёҳои ҳаёти моддӣ низ сухан рафтааст ва барои пайдоиши достонҳои қаҳрамонӣ таҳкурсии мустаҳкаме гузоштааст. Масалан, дар фасли «Заминд-Яшт» образи Худои «Хварна»-Худои неъмат ва фаровонӣ бо сифатҳои хос ифода гардидааст. Хварна аз рӯи мифологияи қадим гӯё дар шаклҳои гуногун пайдо шуда, кӯшиш мекардааст, ки ба инсон фаровонӣ ато намояд. Масалан, вай гӯё дар шакли гӯсфанд, моҳӣ, паррандаи зӯру тавоно ва ғайра пайдо мешудааст. Сабаби дар қасрҳо, аҳромҳо кашида шудани расми ҳайвонот

[139] Хурд Авесто. Фарханг. 1991, №4, саҳ. 28 (Пешгуфтор ва тарҷумаи Алӣ Акбари Ҷафъарӣ. Меҳрабони Худовандӣ, минбаъд мисолҳо аз ҳамон маҷалла истифода шудааст).

барои нигоҳ доштани ҳӯрмати Хвариа будааст. Зардуштиён ба Хвариа чунин мурочиат менамудаанд:

> Ба Хварнаи тавонои мӯҳтарам,
> Ки ӯро биофарид Ҳурмузи доно,
> Сарам паст ба бузургии ту,
> Ту олими ин чаҳони бузург.
> Туро аз ҳама кавию бардаму мӯҳтарам,
> Туро баҳри мо Ҳурмузд биофарид.
> Ҳақиқатпаноҳу саховатманду раҳнамо
> Биофарида бахти оламу ин мулку чо[140]
>
> *(тарҷума аз русӣ)*

Аз мазмуни ин суруд бармеояд, ки аҷдодони мо образи Хварнаро мусбат офарида, ӯро ҳамчун офарандаи бахту саодат ёд кардаанд. Ин тарзи образофаринии дунёи қадим минбаъд дар адабиёти классикӣ дар образҳои Рустам, Баҳром, Ҷамшед истифода шудааст. Масалан, образи Ҳушанги асари Фирдавсӣ дар зери образи Хвариа ба вуҷуд омадааст.

Бисёр образҳои мифологии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар зери таъсири образҳои мусбати «Яшт»-ҳои «Авесто» офарида шудаанд. Масалан, образи Таҳмаурупи дар боби «Замияд-Яшт» бо сифатҳои мусбаташ мавқеи калон дорад. Фирдавсӣ дар асоси ин образи Таҳмураси девбандро офаридааст. Ё худ, дар зери таъсири образи Ема (Ема Хшайта) дар «Шоҳнома» образи Ҷамшед офарида шудааст. Махсусан, дар фасли «Замияд-Яшт» дар бораи образи Ема маълумоти муфассале дода шудааст. Дар замони Ема (давраи хукмронии Ҷамшед) обхезие ба вуҷуд меояд, ки он ҳамаи дунёро фаро мегирад. Ҳурмуз барои аз фалокат нигоҳ доштани ҳамаи мавҷудоти рӯи замин ба Ема мефармояд, ки бо мум ва қир пеши роҳи обро маҳкам созад. Ема аз рӯи нишондоди Ҳурмуз амал карда, ҳама гуна мавҷудотро аз фалокати обхезӣ наҷот медиҳад. Бад-ин васила гӯё дар замони Ема инсоният аз ҳама гуна гуруснагӣ ва фалокатҳо раҳо мееёбад. Аммо дар

---

[140] Авесто. Избранние гимни (перевод с авестийского и коментарии проф. И. М. Стеблев-Каменского) - Душанбе: Адиб, 1990. с. 126.

ниҳояти кор Ема гуноҳ содир карда, ба таъқиби Ҳурмуз гирифтор мешавад. Ҳарчанд дар бораи гуноҳи Ема чизе гуфта нашавад ҳам, дар фасли 8 ва 32-юми «Ясно» чунин таъқиби Ема аз ҷониби Ҳурмуз қайд шудааст. «Ема шиенг чиҳнушо аҳмакенг гаош баго Хваремно», яъне Ема гуфт: «Ҳар чизе, ки ба одам хуш ояд, бояд кушт, ҳатто говро». Чунин фатво шояд боиси гуноҳи Ема шуда бошад, чунки дар дини зардуштӣ куштани моли шоҳдорро гуноҳи азим медонистанд. Аз ин порчаҳо боз чунин андеша ба миён меояд, ки мумкин аст, ки Фирдавсӣ дар образи Ҷамшед, махсусан ба даъвии худоӣ кардани Ҷамшедро аз рӯи ҳамин нақли фасли «Замияд-Яшт» гирифта бошад, зеро дар замони ҳукмронии Ҷамшед мардум осуда зиндагӣ намуда, ба муваффақиятҳои зиёди хоҷагӣ, илмӣ, маданӣ ноил мешаванд, пас бо ангезиши Аҳриман Ҷамшед дар назди Худои олӣ - Ҳурмуз осӣ мешавад.

Дар боби «Яшт» инчунин образҳое ҳастанд, ки Фирдавсӣ дар қисми достонҳои мифологии «Шоҳнома» аз онҳо истифода намудааст, танҳо ин образҳо бо номҳои дигар омадаанд. Масалан, образи Трайтаон - дар «Яшт» ва дар «Шоҳнома» бо номи Фаридун тасвир ёфтааст, ки яке аз образҳои марказии қисми достонҳои мифологист. Ғайр аз ин, дар «Яшт» образи Франрастян мавҷуд аст, ки дар «Шоҳнома» ин образ Афросиёб номида шудааст.

Чунон ки мебинем, фасли «Яшт»-и «Авесто» дорои қимати адабӣ буда, бо назм навишта шудааст. Дар он дар баробари сурудҳои динӣ инчунин сурудҳои таърихӣ низ маҷуданд, ки дар бораи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии он давр каму беш маълумот медиҳанд.

Бахши сеюми «Авесто», чунон ки дар боло ишора намудем, маҷмӯи сурудҳои наъту муноҷот ба Аҳура Маздо буда, расму одатҳои дини зардуштиро низ дар бар мегирад.

Бахши чоруми «Авесто» - «Вандидод»-ро иловаи «Ясно» меҳисобанд. Ин фасл, ки аз 22 боб иборат аст, аз силсилаи сурудҳои сужетнок иборат буда, аз ҷиҳати мазмун ба муқобили девон нигаронида шудааст. Дар ин фасл масъалаҳои фалсафӣ, инчунин достонҳои сужетнок низ дохил шудааст. Масалан, фасли аввал оид ба пайдоиши замин ва 18 мамлакате, ки қабилаҳои форсу

тоҷик зиндагӣ кардаанд, баҳс мекунад. Фасли дуюм дар бораи ба тахт нишастани Ема (Ҷамшед), чанд фасли дигар масъалаҳои панду ахлоқро фаро гирифтааст. Ин боб дар шакли саволу ҷавоби Зардушт бо Аҳура Маздо навишта шудааст. Фаслҳои зиёди «Вандидод» масъалаҳои рӯҳи нопок - девонро мағлуб кардан, аз гуноҳҳо пок шудан, унсурҳои мифҳо ва афсонаҳои мифологиро дар бар гирифтааст. Авастошиносон ин қисмро пурра аз «Авесто»-и қадим медонанд.

Аз шарҳи мухтасари фаслҳои «Авесто» маълум мегардад, ки он пеш аз ҳама асари динист, вале он аз унсурҳои илмӣ ва адабӣ низ холӣ нест. Дар «Авесто» ақидаи ваҳдат-яккахудоӣ, ки идеяи яккаподшоҳиро акс кунонидаст, ду мақсадро ифода мекунад. Яке талқини ғояи яккаподшоҳӣ, ки манфиати қисми тараққипарвари синфи ҳокимро барои аз парокандагӣ нигоҳ доштани ин синф акс кунонидааст, аз тарафи дигар, ғояи муттаҳид кардани қавму қабила, забонҳо, урфу одатҳо ва ба вуҷуд овардани ягонагии халқиятро пеш рондааст: «Ситоиш ва ниёиш ба он Худойи накӯ-коре, ки мардумро аз ҳама офаридагони ҷаҳон бартар кард, бо нерӯйи гӯёйӣ ва ҳушу хирад ва ба ӯ шаҳриёри замон ва раҳнамои дигар офаридагонро дод, то ба бадкорон пайкор кунад ва бар онон пирӯз гардад»

Фаслҳои аввали «Вандидод» ба деҳқонӣ, боғдорӣ ва чорво-дорӣ бахшида шудааст,. ин гурӯҳи одамон тавсиф ва бодия-нишинони ғоратгар сарзаниш карда шудаанд. Фикрҳо дар бораи обод кардани замин, деҳқонӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ, сохтани манзилҳо, ташкили оила дар саволу ҷавоби Зардушт ва Аҳура Маздо, яъне меъроҷи Зардушт ифода ёфтааст:

Саволи Зардушт: «Аз ту мепурсам, ба ростӣ, ба ман би-фармо, эй Парвардигори олами ҷисмонӣ, Аҳура Маздо, куҷост он макони дигар, ки боиси шодӣ ва зебоии замин гардидааст»?

Ҷавоби Аҳура Маздо: «Ин ҳамон ҷост, ки бандагон барои худ маскан ва оташкада сохта соҳиби зану фарзанд ва дорои рама бошанд. Он гоҳ ба ин макон хайру баракат рӯ оварда, ҳайвонот ва саг, зан ва кӯдак, оташ ва ҳама гуна нозу неъмат осуда ва эмин хоҳад буд... Ин ҳамон ҷост, ки бандагон бисёртар ғалла, алаф, набогот ва меваҳои хӯрданӣ мекоранд, замини хушкшударо

шодоб ва замини хеле намро хушк мекунанд, ба миқдори хеле зиёд ҳайвоноти калон ва хурдро парвариш менамоянд... ва ин ҳайвонот поруҳои ниҳоят бисёре медиҳанд» («Вандидод, фаслҳои 2-6).

Аз ҷавоби Ахура Маздо рӯшан мегардад, ки дини зардуштӣ ва китоби муқаддаси он мардумро кушоду равшан ба ҳаёти муқимӣ ва хоҷагии зироаткориву чорводорӣ даъват намудааст. Дар ҳамин фасли «Вандидод» навишта шудааст: «Он касе, ки ба дасти чапу рост ва росту чап заминро меронад ва мекорад, ба замин фоидаи бисёр меорад. Ин ба шавҳари дӯстдоре монанд аст, ки барои зани маҳбубаи дар бистари нарму музайян ба роҳат хобидааш фарзанд ва ё неъмати дигар мебахшад...Замин ба он кас хитоб мекунад: «Эй, одаме, ки маро ба дасти чапу рост ва росту чап меронӣ ва кишт мекунӣ, дар ҳақиқат монда нашуда, тавлид мекунам, ҳамеша ҳосили фаровон ва ҳамагуна хӯрокворӣ муҳайё месозам. Касе, ки ғалла мекорад, гӯё тухми некӣ мепошад» (Фасҳои 25, 26, 31).

Аз ин ҷо ба хубӣ аён аст, ки дар оини зардуштӣ ва китоби муқаддаси он «Авесто» ба замин-модар, хӯрonанда ва пӯшонандаи инсон эътибори махсус дода, инсоне, ки бо замин сару кор дорад, онро кишт мекунад, ҳосил мерӯёнад, неъматҳои моддӣ истеҳсол менамояд, низ баҳои баланд дода мешавад. Дар таълимоти Зардушт меҳнат ва ҳосили он кори хайр дониста шуда, ба девон ва кори бади онҳо муқобил гузошта мешавад: «Ҳангоме ки ғалла аз замин сар мекашад, девҳо ба нола медароянд, вакте ки ғалларо мекӯбанд, девҳо дар роҳи гурез меафтанд. Вакте ки онро хамир мекунанд, девҳо маҳв мешаванд. Фаровонии ғалла девҳоро ҳамчунон мегурезонад, ки гӯё бо оҳани тафсон ба лаби онҳо зада бошанд».

Дар «Авесто» инчунин дар бораи зинаҳои асосии ҷамъияти қадим, табақаҳои ҷамъиятӣ низ маълумоти таърихӣ-этнографӣ дода мешавад, ки барои эроншиносӣ ва бостоншиносӣ, махсусан матншиносӣ муфид аст Масалан, дар боби Х-и «Яшт» гуфта мешавад, ки сарвари динии хонадон-иманйа, сарвари динии авлод-висйа, сарвари динии қабила - зантума, сарвари динии мамлакат-даҳйума, сарвари олии динӣ - заратуштротэма но-

мида мешавад. Ҳамин тавр, оила **имена**, сарвари чунин оилаи патриархалӣ **именопати**, яъне «катхудо» ё «худованди хона» буд, зани калонӣ дар оилаи **именопатни** - «кадбону» номида мешуд. Ин гуна хусусияти зани калонӣ ба маҳдудиятҳои ислом нигоҳ накарда, то имрӯз дар бисёр ноҳияҳои Осиёи Миёна (маҳалҳои тоҷикнишинро дар назар дорем) нигоҳ дошта шудааст. Чунин ҳолат дар байни қабилаҳои сакоӣ ва массагетҳо мавқеъ дошт, зан дар оила катбону ҳисоб мешуд. Ғайр аз ин, дар «Авесто» гурӯҳҳои иҷтимоии ҷамъияти қадим, ба монанди рӯҳонӣ, сарбозу дучархасаворон, деҳқони чорводор ва ҳунармандон низ номбар шудаанд. Табақабандии ҷамъияти қадими одамон аз назардошти Зардушт (ниг. фасли «Зардушт ва таълимоти он») низ ҳамин гуна - рӯҳониён, ҷанговарон, пешаварон, кишоварзон ва ғайра тақсим карда шудааст. Дигар ин, ки қабила дар «Авесто» - **зан-ту** ном дошт. Қабиларо инчунин **«вису»** ва сарвари қабиларо «родмардон» меномиданд. Вилоят дар «Авесто» **«даҳйу»** номида шудааст, ки маънои давлатчаҳои хурдро низ ифода менамуд. Ба «даҳйу» беҳтарин родмардон, яъне **«Ханчамана»** роҳбарӣ менамудаанд, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ ин калима ба шакли **«анҷуман»** боқӣ мондааст.

Аз рӯи маълумоти таърихӣ, этнографӣ ва ҷугрофии «Авесто» маълум мешавад, ки халқи тоҷик аз қадимтарин сокинони Осиёи Миёна ва Эрони шарқӣ буда, аз қадимулайём соҳиби хат, адабиёт ва фарҳангу маданияти баланд будааст. Дар «Авесто» эрониён (мувофиқи ахбори боби аввали «Видевдат» ориёнҳо, пеш аз он ки дар Эрон қарор гиранд) дар силсилаи «беҳтарин кишвар ва мамлакатҳои офаридаи Аҳура Маздо» иқомат варзидаанд. Душмани азалии ориёнҳо ҳомии нерӯҳои шарру бадӣ Анґро Майно осоиши ин қабилаҳоро барҳам зада,онҳоро гирифтори нокомиҳо мекард. Ориёнҳо аз ғояти сармо ва хунукиҳои шадид маҷбур мешаванд «Аирйанам ваеҷаҳ»-и беамсолро тарк бикунанд, дар саргаҳи «Гава-макони суғдиён» «Моуруи (ноҳияи Марв) тавоно ва ростипараст», «Бахди (Бохтар) зебо бо диравшҳо афрошта», «Нисайа, ки байни Моуру ва Бахди воқест», «Ҳарайва (Ҳирот) ва ноҳияҳои дигар то мавзеи Ҳинд»,

«Кишвари гургониён ва Роғ (шимоли шарқии Мидия) паҳн шуда, тамоми сарзамини Осиёи Миёна ва Эронро фаро бигиранд. Он дар бораи ҷои пайдоиш ва паҳншавии дини зардуштӣ, урфу одат, тарзи ҳаёти хоҷагӣ, маданӣ, муборизаи озодихоҳонаи халқ, касбу кор, ҳунарҳо, дӯсту душмани ватан, табиат ва иқлим, ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии кишвар маълумоти муфид медиҳад. Аз рӯи асари мазкур харобшавии ҷамъияти қабилавӣ, пайдоиши ҷамъияти ғуломдорӣ, протсесси пайдоиши ҳокимияти яккаподшоҳӣ, бавуҷудоии яккахудопарастӣ, кӯшишҳои заминҳои хушкро обёрӣ кардан, обёрии сунъӣ, зиёд кардани чорво, ки ҳоло ҳам давом дорад, мушоҳида мешавад.

Аз таълимоти динии «Авесто» моҳият ва ниқоби динӣ бардошта шавад, дар бораи ҳаёти иҷтимоӣ, маданӣ ва иқтиссодии дунёи қадим маълумоти муфид боқӣ мемонад, ҳатто ниёишҳои динии он, ки ба ростиву росткорӣ, меҳнат кардан, парҳез аз дурӯғу фиску фуҷур даъват менамояд ва аз ҷумла: «Бо беозорӣ ва беандешӣ ва барои корҳои ростин, ки баробари хоҳиши Аҳура Маздо ҷаҳонро тоза ба тоза мегардонад.

Ростиро чунин меситоям:

Ростӣ беҳтарин некист, хурсандист. Хурсандӣ барои касе, ки ростиро барои беҳтарин ростӣ бихоҳад. Ба соне ки сурури ҳастиро бояд танҳо аз рӯи ростӣ баргузид. Ҳамон сон роҳбари дурустеро аз рӯи ростӣ писандид»[141]

«Авесто» аҳамияти маърифатӣ ва эстетикӣ дошта, инсонро дар рӯҳи гуфтори неку пиндори нек, ки низ мояи оини зардуштист, тарбия мекунад. Инчунин аз «Авесто» дар бораи ҷаҳонбинии динӣ, фалсафӣ, ҷаҳонфаҳмӣ, илмҳои космология, ҳайат, тиб, география, ҳунар, маъданобкунӣ, заргарӣ, санъати волои қадима, тақвим, кишту обёрикунии замин маълумоти қиматбаҳо гирифтан мумкин аст. Бо вуҷуди он ки дини зардуштӣ мисли динҳои дигар тарзи тафаккури фантастикӣ буду бештар манфиати синфи ҳокимро ҳимоя менамуд, аз олами моддӣ баҳра мегирифт, инсонро тавассути ниёишҳо ба меҳнат, замин, оила,

---

[141] «Хурд Авесто», тарҷумаи Меҳрубони Худовандӣ. «Фарҳанг», 1991 № 14. с.29.

афзунгардонии сарват, галла, чорво, сохтани манзил дилгарм менамуд.

Аз ин ҷиҳат ин дин аз динҳои дигар афзалият дошт.

**Қимати адабии «Авесто»**

Аз мазмуну мундариҷа, забон ва таркиби «Авесто» маълум шуд, ки ин ёдгории беҳамтои хаттии ниёгонамон ҳам бо наср ва ҳам бо назм навишта шуда, маҷмӯи сурудҳои ситоишӣ, достонҳои мифологӣ, асотирҳои динии оини зардуштиро дар бар мегирад. Пас ин асар дорои қимати адабӣ ва бадеӣ низ ҳаст. «Авесто» на танҳо маҷмӯи суруду достонҳои сужетноки мифологӣ, инчунин асарест, ки дар он кӯшишҳои аввалини образэҷодкунӣ, тафаккури бадеӣ, шаклҳои шеърӣ ва насри оҳангдор, қофиядор (саҷъ) мушоҳида мешавад. Бо назм будани баъзе бобҳои «Яшт», «Готҳо» имрӯз тасдиқ шудааст ва он ақидаи галатеро, ки гӯё то ислом дар Эрон ва Осиёи Миёна назм вуҷуд надошт, пурра аз байн дур меандозад. Порчаҳои боқимонаи «Авесто», боби «Готҳо» ва хусусан «Яшт»-и он пурра ба вазни ҳиҷо гуфта шудааст, ки аз мисраъ-сатрҳои 7,8 ва 10,12-ҳиҷоӣ иборат мебошад. [142]

Аз рӯи тадқиқоти И. С. Брагинский, Е. Э. Бертельс, С. Давронов маълум мешавад, ки ба «Авесто» вазни ҳиҷошумор хос будааст ва боби «Готҳо» ба 5 қисми зерини гуногунвазн тақсим мешудааст:[143]

1. Аҳунвайти гата — порчаҳои семисраъгии иборат аз якдармиён омадани ним мисраъгиҳои 7 ва 9-ҳиҷоӣ:

Ах$^{1}$ йа$^{2}$ йа$^{3}$ са$^{4}$ не$^{5}$ ман$^{6}$ ха$^{7}$
Ус$^{1}$ та$^{2}$ на$^{3}$ зас$^{4}$ то$^{5}$ ра$^{6}$ фед$^{7}$рах$^{8}$ йи$^{9}$
А$^{1}$ да$^{2}$ та$^{3}$ ша$^{4}$ геуш$^{5}$ пере$^{6}$ сад$^{7}$
а$^{1}$ шем$^{2}$ ка$^{3}$ та$^{4}$ тон$^{5}$ га$^{6}$ вон$^{7}$ ра$^{8}$ туш$^{9}$

2. Ушвайти гата— порчаҳои панҷмисраъгии иборат аз якдармиён омадани ниммисраъгиҳои 4 ва 7-ҳиҷоӣ:

---

[142] Давронов С. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ. Душанбе: Маориф, 1992, саҳ. 20.

[143] И. С. Брагинский. Из истории таджикской народной поэзии, стр. 200-203. Е. Э. Бертельс. История персидско-таджикской литературы, стр. 52-53; (Мисолхо аз рӯи асари Брагинский И. С. саҳ. 200-203 иктибос шудааст).

Уш[1] та[2] ах[3] ман[4]
Йах[1] ман[2] уш[3]та[4]ках[5] май[6] гид[7]
Спен[1] тем[2] ад[3] тва[4]
Маз[1] да[2] менг[3] хи[4] а[5] ху[6] ра[7]

3. Спента майинийу гата- порчаҳои чормисраъгии иборат аз якдармиён омадани ниммисраъгиҳои 4 ва 7 ва баъзан 5 ва 7-ҳиҷой:

Спен[1] та[2] маин[3] йу[4]
ва[1] хиш[2] та[3] га[4] ма[5] ман[6] ха[7]
Ка[1] да[2] а[3] чен[4] ма[5]
Мит[1] рем[2] ах[3] йа[4] да[6] йа[7]

4. Воҳуштара гата - порчаҳои семисраъгии иборат аз ним-мисраъгиҳои 7 ва 7 - ҳиҷой:

Во[1] ху[2] хшат[3] рем[4] ва[5] и[6] рим[7]
ба[1] гем[2] ай[3] би[4] бан[5] риш[6] тем[7]
Ви[1] ди[2] шем[3] наи[4] и[5] жса[6] чид[7]
а[1] ша[2] ан[3] таре[4] ча[5] раи[6] ти[7]

5. Вахиштаишти гата - порчаҳое, ки ду мисрааш иборат аз якдармиён омадани ниммисраъгиҳои 7 ва 5 - ҳиҷой ва ду мисраи дигараш аз 7 ва 7 ва 5 ҳиҷо таркиб ёфтаанд:

Ва[1] хиш[2] та[3] иш[4] тиш[5] сра[6] ви[7]
За[1] ра[2] тушт[3] ра[4] хе[5]
А[1] шад[2] ха[3] ча[4] А[5] ху[6] ро[7]
Маз[1] дао[2] йа[3] вон[4] вис[5] пан[6] а[7]
Ху[1] ван[2] хе[3] ви[4] йем[5]

Дар порчаи зерини «Авесто», ки сухан аз бузургии Худо (Язат-эзид) меравад, сатрҳои ҳаштҳиҷоиро дучор меоем:

Тем амавантем йазатем
Сурем дамоху севиштем
Митрем йазай заотрабйо

Тем[1] а[2] ма[3] ван[4] тем[5] йа[6] за[7] тем[8]
Су[1] рем[2] да[3] мо[4] ху[5] се[6] валш[7] тем[8]
Мит[1] рем[2] йа[3] зай[4] за[5] от[6] раб[7] йо[8]

Дар ин мисраъҳо на танҳо мисраъҳо баробарҳиҷоянд, инчунин дар байни онҳо алоқамандии оҳангӣ мушоҳида мешавад. Масалан, ду мисраи аввал ҳамқофия буда, мисраи сеюм озод омадааст, инро, ба қавли С. Давронов, «ибтидои пайдоиши унсурҳои қофиямонанди шеър шумурдан мумкин аст».[144] Бо вуҷуди ҷо-ҷо дучор омадани қофия ва ҳамоҳангии байни мисраъҳо, шеъри гузаштагони мо дар «Авесто» ва умуман дар ибтидои пайдоиши худ аз сатрҳои баробарҳиҷои беқофия ибрат будааст.[145]

Дар бораи вазни «Готҳо» ва «Яшт» Е. Э. Бертелс таъкид намудааст, ки: «Қисми асосии нисбатан диққатҷалбкунандаи яштҳо бо шеър навишта шудааст, вале фарқаш аз вазнҳои лирикии готҳо дар он аст, ки ин ҷо мо сатрҳои эпикии 8 — ҳиҷоиро бо тсезураҳои 4-4, 3-5, 5-3 мушоҳида мекунем. Чунон ки дар готҳо ҳам мебинем, қофия дар ин шеърҳо вуҷуд надорад, вале сохти синтаксисии онҳо баъзан барои пайдоиши як навъ калимаҳои қофиямонанд сабаб шудааст».[146] Аз андешаи Е. Э. Бертелс ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи қисмҳои эпикии «Авесто» бо вазни ҳиҷоӣ навишта шудаанд, вале қимати ҳиҷоҳо пурра ба ҳисоб гирифта нашудааст. Е. Э. Бертелс гумон мекунад, ки мумкин аст, дар шеъри ҳиҷошумори авестоӣ садонокҳо ба ҳисоб гирифта шуда бошанд. Аммо дар онҳо қофия омили муайянкунандаи назму оҳанг ҳисобида нашудааст. Мумкин дар шеъри авестоӣ оҳанг ва савти хондани сурудҳо қонуниятҳои худро доро бошад, ҳоло ин ба мо маълум нест. Вале ҳаминаш рӯшан аст, ки такроран омадани мисраъҳои баробарҳиҷо, инчунин омадани мисраъҳои яқдармиён қонунияти устуворе доштааст.

Дар «Авесто» забони образноки бадеӣ, воситаҳои тасвир ва образҳои персонажи инсонҳо, образҳои тамсилӣ, маҷозӣ ва мифологӣ мушоҳида мешаванд. «Авесто» як навъ маҷмӯи ёдгори-

---

[144] Давронов С. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ, саҳ. 21.

[145] Ҳамон асар. саҳ. 20-21.

[146] Е. Э. Бертельс. История таджикско-персидской литературы. М., 1960. с 53.

ҳои фолклори қадим ба ҳисоб меравад, ки дар онҳо персонажҳои зерин — Каюмарс, Йима, Ема (Ҷамшед), Гаршосп, Гуштосп, Арҷосп, образҳои манфии қувваҳои шарр — девҳо, Аҳриман майдони амалиёт доранд.

Ба ҳамин тариқ, «Авесто» на танҳо китоби динӣ, балки намунаи шеъри қадим, маҷмӯи суруд ва мифҳо, афсонаҳо, таърих, фалсафа, илм, хату забон ва маданияту фарҳанги халқи тоҷик мебошад.

**Ёдгории хаттии суғдӣ.** Намунаҳои аввалин ёдгориҳои хатти суғдӣ ба давраи аввали эраи мо мансуб аст, вале, мутаассифона, то имрӯз аз осори хаттии асрҳои I мелод чизе боқӣ намондааст. Дар охири асри IV мелод дар Суғд шӯриши халқӣ ба вуҷуд омад. Дар ин хусус дар китоби Муҳаммади Наршахӣ «Таърихи Бухоро» ишора карда шудааст. Таъкид мешавад, ки ба шӯриш Абрӯй ном шахс роҳбарӣ мекард. Аз ҷабри ӯ деҳқонон ва тавонгарон аз ин вилоят бигрехтанд ва ба Туркистон ва Тироз шаҳре бино карданд. Ва он шаҳрро Ҳамукат ном карданд.[147] Номи шаҳр ба номи деҳқони бузургест, ки ҳамроҳи гурезагон буда, Ҳамук ном дошт. Ҳамук дар забони мардуми Бухоро гаҳвар буда, кат ба маънии шаҳр аст, яъне Ҳамукат. Шӯриши Абрӯй пас ба воситаи лашкариёни фиристодаи Ҳумук пахш карда шуд, худи Абрӯйро ба ҷувол андохта, ба қатл маҳкум намудаанд. Шӯриши Абрӯй мисли шӯриши Маздак ба муқобили синфи ҳоким, аристократияи суғдӣ нигаронида шуда буд, вале ашрофони суғдӣ барои пахш кардани шӯриш аз дастаҳои бодиянишини турк истифода бурданд. Масалан, Наршахӣ навиштааст: «Чун ин қавм боз омаданд (деҳқонон ва ашрофони тавонгар бо сардории Ҳамук), он қавм, ки бечора монда буданд, ҳизматгорони он қавм шуданд».[148] Пас аз ин дар Бухоро ҳукумати Суғд бо номи Бухорхудот ташкил ёфт. Шӯҳрати Суғд маҳсусан дар асри VII хеле афзуда, яке аз ноҳияҳои соҳибтамаддуни Осиёи Миёна ҳисоб меёфт.

Кофтуковҳои бостоншиносии олимон дар Панҷакати қадима ва болооби дарёи Зарафшон ва он бозёфтҳои зерихокӣ

[147] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. сах. 20

[148] Ҳамон асар. сах. 21.

ва набиштаҳои рӯи сангҳо (кӯҳи Муг), ки солҳои охир пайдо шудаанд, мавҷуд будани афсонаву ривоятҳои асотирӣ—ривояти Сиёвуш, Рустам ва ғайра ҳанӯз дар асрҳои IV—II пеш аз мелод дар Осиёи Миёна дар асоси хатти орамӣ пайдо шудани хатҳои маҳаллиро исбот мекунад.

Қадимтарин осори хаттии суғдӣ катибаи рӯи тангаҳои ибтидои эраи мо аст. Пас аз ин «Мактубҳои қадимаи суғдӣ» меоянд. Дар ин мактуб аломатҳои алоҳидаву хоно навишта шудаанд, бо ҳамдигар пайваст намебошанд. «Ин намуди хат, — менависад Бобоҷон Ғафуров, — аз асли худ, яъне аз хати орамӣ фарқи калон надорад». Дар айни ҳол ба ақидаи В. А. Лившиц, ин мактубҳо далолат мекунанд, ки аллакай дар ҳамон замонҳо «нормаҳои асосии хати суғдӣ ташаккул ёфтаанд ва ҳеҷ набошад, то асри X пойдор мондаанд».[149]

Бостоншиносон ва муҳаққиқони таърихи тамаддуни Шарқ ба он ақидаанд, ки «Мактубҳои қадимаи суғдӣ» ба солҳои 312-313-уми мелодӣ мансубанд. Аз ҷумла В. Б. Хенинг исбот мекунад, ки мактубҳои суғдӣ на танҳо ҳуҷҷати таърихӣ, балки намунаи насри мукотибот мебошад. Дар ин мактубот кору бори одамони он давра ба як самимияти ошкоро тасвир ёфтааст. Ҳамлаи хуниҳо, айёми пуризтироби маҳалҳои суғдиён, тарсу ваҳм, қаҳру ғазаб ва ишқу муҳаббат — тамоми эҳсосоти одамӣ дар ин мактубҳо бо рангу бори бадеӣ хеле ҳаққонӣ инъикос шудааст.[150]

Мактуби Меванча ном суғдидухтаре, ки ба модараш ба Самарқанд фиристода будааст, пур аз дарду аламу ҳасрат мебошад. Нанидод ном васии Меванча ӯро бар хилофи хоҳишаш ба занӣ гирифтанӣ шудааст ва инак, Меванча менависад: «Беҳтараш ба саг ё хук мерасидаму ба Нанидод не». Аз байн муддате мегузараду боз Меванча ба модараш мактуб менависад. Меванча на фақат ба Нанидод расидааст, балки дар бораи шавҳараш бо ишқу муҳаббат ва ҳурмату эҳтиром гап мезанад. Ин гуна анҷоми кор дар адабиёти ҷаҳон борҳо тасвир ёфтааст. Ғайр аз ин, дар Сурхкӯтал (ҷанубтари Кундуз) чанд навиштаҷот ёфт шудааст, ки

---

[149] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон, ч. 1, саҳ. 220

[150] Ҳамон асар, саҳ. 221

ба намуди кӯшонии алифбои юнонӣ мансуб аст ва мазмуни динӣ дорад. Забони ин навиштаҷотро муҳаққиқон ба забони пашту, помирӣ ва забонҳои дигари суғдию хоразмӣ монанд донистаанд.

Баъзе ёдгориҳои хаттии суғдӣ дар бораи зиддияти динҳои буддо ва зардуштия баҳс мекунад. Аввал ин, ки пайғамбар Буддо пеш аз Зардушт гузаштааст, сониян, дини буддоӣ дар асрҳои IV ва III пеш аз мелод дар Осиёи Миёна таъсир гузаронида будааст. Дар асри I давраи мелод, дар замони Кӯшониён ба Осиёи Миёна паҳн шудани маслаки буддоӣ далели таърих аст ва матнҳои он чи аз хитоӣ ва чи аз ҳиндӣ тарҷума шудааст. Матнҳои суғдии буддоӣ ба масъалаҳои ахлоқ бахшида шудааст.

Яке аз матнҳои суғдӣ, ки мазмуни буддоӣ доранд ва дар он қонунҳои буддоиро тарҷума кардаанд, «Весантра жатака» мебошад, ки аз 1513 сатр иборат аст. Дар ин матн истилоҳҳои буддоӣ бо транскриптсия дода шудааст, инчунин дар ин матн калимаҳои юнонӣ низ вомехӯранд.

Мазмуни мухтасари ин дастнависи хаттии сугдӣ чунин аст:

«Подшоҳи кишвари Шивагхоша – Шива фарзанд надошт. Вай ба Худо саҷда ва ибодати беҳисоб мекард, то ки Худо ба ӯ фарзанд диҳад. Худо фарзанд дод, номи ӯро Судашон гузоштанд...» Дар ин қисса дар бораи тарзи тарбия ва ба воя расидани Судашон, ба Мандра ном духтари зебо хонадор шудани ӯ, ду фарзанд дидани вай, яке бо номи Каршаян ва дигаре Ҷолин сухан рафтааст. «...Боре шоҳзода аз қаср баромада, гурӯҳи гадоёнеро дид ва бисёр ғамгин шуд. Вай ба рухсати падараш, ҳар чӣ онҳо мехостанд, дод. Ӯ ҳамаи чизҳоро, ба ғайр аз Рачаварта ном фили сафеди подшоҳӣ, ки шаш хусусияти қиматбаҳо дошт, бахшида метавонист. Шоҳзода муддатҳои зиёде ба камбағалон бахшиш ва саховат кард. Овозаи саховати ӯ дар тамоми ҷаҳон паҳн шуд. Боре, вақте ки ӯ аз қаср ба ҷое мерафт, ба барҳаманҳо вохӯрд, ки аз ҳазорҳо фарсах роҳ омада буданд ва бахшидани маҳз ҳамон филро мехостанд, ки падараш манъ карда буд. Вай намехост, ки хоҳиши мусофиронро рад намояд ва ҷуръат ҳам намекард, ки аз фармони падараш даст кашад. Ӯ барои зоҳиран худро сахӣ нишон додан, вале аз фармони падараш нагаштан ва мусофиронро фиреб додан, онҳоро ба филхона овард ва гумон

дошт, ки онҳо филҳоро фарқ накарда, яке аз онҳоро мегиранд. Аммо бараҳманҳо донишн ботинӣ доштанд, бо роҳи ҷодугӣ зуд фили даркори Раҷавартаро шинохта гирифтанд. Шоҳзода маҷбур шуд, ки онро ба мусофирон диҳад...»[151]

Пас аз ин дар қисса ба ғазаб омадани Шивашоҳ, маҷлиси дарбор ва ҳукми қатъӣ, яъне ҷазои сахттарин муқаррар намудани маслиҳатчиёни шоҳ тасвир мешавад. Дар байни аҳли дарбор амалдори раҳмдиле Судашонро тарафдорӣ мекунад. Ӯ аз шоҳ хоҳиш мекунад, ки Судашон ба кӯҳу биёбони Дандарак ба муддати даҳ сол бадарға карда шавад. Сипас манзараи ба Дандарак бадарғашавии Судашон тасвир меёбад. Дар қисмати қисса амалдори раҳмдил ва зани Судашон Мандара ҳамчун персонажи асосӣ тасвир мешаванд. Мандара ба Судашон мегӯяд, ки ӯ ва ду фарзандашро низ ба худ гирад, агар не, сабабгори марги се нафар мегардад. Судашон розӣ мешавад. Амалдори раҳмдил ба Судашон як гули тиллоӣ дод, ки ҳазор сатател вазн дошт. Судашон байрақи тиллоиеро, ки ҳафт санги қиматбаҳо дошт, ба ароба сахт баста, аробаро бо захираи даҳсола хӯрок пур карда, пас аз видоъ ва гиряву нола ба роҳ баромад.

«Вақте ки аз манзил дур рафтанд, ба бараҳмане вохӯрданд. Ӯ гуфт: ба шаҳри Шивагхоша ба назди шоҳзода рафта истодааст, ки дар саховат аз ҳеҷ чиз даст намекашид. Судашон саргузашти худро ба бараҳман мегӯяд. Вай аз ҳолати вазнини шоҳзода, ки дигар ҳеҷ чиз саховат карда наметавонад, ба замин афтида, гиряву зорӣ мекунад. Судашон барои ин, ки ӯро ором кунад, гули тиллоии худро медиҳад ва ба ӯ орзуи худро мегӯяд. Азбаски ӯ дар саховат аз ҳеҷ чиз даст намекашид, пушаймон намешуд, мехост дар оянда дар симои Буддо таҷассум ёбад». Судашон боз дар роҳ ба бенавоёну бараҳманҳо тамоми дороии худ—асп, ароба, хӯрок ва чизҳои дигарашро мебахшад. Ӯ бо зану бачаҳояш пиёда роҳаашро давом медиҳад, дар роҳ азоби сахт мекашад, либосҳояшон дарида фартут мешаванд, пою дастонашон хуншор мегарданд, вале ба ин нигоҳ накарда, роҳ мепаймоянд. Худои олӣ ин азобҳои онҳоро дида, дар сурати мӯйсафеде ба назди онҳо меояд.

[151] Х. М. Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. (к. 1, ч. 1). Саҳ. 69-70

«...Худо барои Судашон шаҳри бузурге, ки дорои қасрҳову хизматгорҳост, ба вуҷуд меорад. Мусофиронро хилъати илоҳӣ мепӯшонад ва онҳо як ҳафтаи пурра дам мегиранд, аммо рӯзи ҳаштум шоҳзода ба ҳомии худ мегӯяд: «Падарам ба ман фармон додааст ки ба кӯҳи Дандарак равам, ман фармони ӯро ба ҷо наоварда наметавонам. Иҷозат деҳ, ки роҳи худро давом диҳам». Мусофирон ба роҳ даромада, ба ақиби худ менигаранд, танҳо саҳрову биёбон ва хорҳои онро мебинанд.

Мусофирон дар кӯҳи Дандарак дарвешеро мебинанд, ки онҳоро ба кулбаи худ даъват мекунад. Судашон мисли ӯ аз химчаҳо кулба месозад ва аз баргҳои дарахту меваҳои ёбоӣ хӯрда, зиндагӣ мекунад. Ҳайвонҳои ваҳшӣ ба хонаи ӯ даромада, пойҳои Судашонро мелесанд. Боре ҳангоми ба меваҷундорӣ рафтани занаш ду фарзандашро ба бараҳмане ҳадья мекунад. Вақте ки бараҳман фарзандҳои ӯро бурд, замин шаш бор ларзид, обҳои укёнуси бузург ҷӯшид ва худоҳо дар манзилҳои осмонии худ ба Судашон шаъну шараф гуфтанд. Зани шоҳзода аз гум кардани фарзандҳояш ба ғазаб меояд, вале пас таскин меёбад.

Худои олӣ барои фаҳмидани он, ки бахшидани Судашон ҳад дорад ё не, ба шакли бараҳмани даҳшатоваре даромада, ба назди ӯ меояд ва аз вай занашро талаб мекунад. Судашон аз занаш маслиҳат мепурсад. Вай ҷавоб медиҳад: модоме ки ӯ фарзандонашро дарег надошт, бигузор занашро ҳам бахшад. Шоҳзода аз дасти занаш дошта ӯро ба бараҳман медиҳад. Аммо вай ӯро намебарад, балки ба худи шоҳзода бармегардонад, то ки вайро то боз омаданаш муддате нигаҳ дорад.

Дар ин муддат бараҳмане, ки бачаҳоро гирифта буд, гирди ҷаҳонро сайр карда, дар фикри фурӯхтани онҳо шуд. Аммо онҳоро ҳеҷ кас намехарад, зеро харобу адову ҷабрдида буданд. Бараҳман тасодуфан ба шаҳри Шивагхоша меравад. Дар он ҷо онҳоро амалдори накӯкор мешиносад ва ба бобояшон хабар медиҳад; ӯ аз хурсандӣ аз тахташ меафтад. Шоҳ Шива мехоҳад, ки бачаҳоро гирад, вале бачаҳо аз вай хоҳиш мекунанд, ки онҳоро аз бараҳман муфт не, балки ба андозаи талаби ӯ харида гирад. Бараҳман пай бурд, ки аз ин муомила хеле баҳраманд шудан мумкин аст, бинобар ин ҳазор барзагови ахта талаб кард.

Бачаҳо ба бобояшон нақл мекунанд, ки падару модарашон дар чӣ ҳоли сахтӣ дар кӯҳи Дандарак зиндагӣ мекунанд. Подшоҳи ба ҳаячон омада ба назди писараш саворони худро мефиристад ва фармон медиҳад, ки писараш баргардад. Аммо шоҳзода ба фиристодагони падараш ҷавоб медиҳад: «Ба ман фармон шудааст, ки дар ин ҷо даҳ сол истам, ҳол он ки шаш сол гузашт. Ман ҳоло наметавонам. Онгоҳ Шивашоҳ як гурӯҳ вакилонро ба тӯҳфаҳои гаронбаҳо мефиристад. Танҳо баъд аз ин Судашон розӣ мешавад, ки баргардад. Падараш тахтро ба ӯ дода, мегӯяд, ки чӣ қадар, ки хоҳад, ҳадяву бахшиш кунад».[152]

Дар ин ҳикоят Буддо ба шогирди худ Ананде гуфтааст, ки ин ҳама бахшишҳо ҳоло кам аст, зеро ӯ аз ин зиёд бахшишҳо карда буд. Баъд Буддо ба Ананде гуфтааст, ки худи ӯ дар яке аз шаклҳои аввалини таҷассумёбиаш бо Судашон якҷоя буд. Мандра зани имрӯзаи ӯ Ашодхара, он ҳама ҳайвонҳои дастомӯз шогирдонеанд, ки дар гирди ваянд. Бо вуҷуди он ки аввалу охири ин қисса мавҷуд нест, вале сужет ва мундариҷаи мукаммали он нигоҳ дошта шудааст. Мазмуни қисса сар то по соддалавҳона нест, баъзе лаҳзаҳо хеле пуршиддат ва серҳаракат тасвир шудааст.

Аз мундариҷаи ин қисса маълум мешавад, ки он ба тавсифи некхоҳӣ, роҳатрасонӣ, ёрӣ ба дарвешон бахшида шудааст. Дар ин ҳикоят як силсила персонажҳое тасвир ёфтаанд, ки аз рафтори онҳо халқпарварӣ, меҳрубонӣ, сахтиродагӣ, фиребгарӣ, дуруягӣ барин хислатҳои онҳо баръало маълум мешаванд. Аз ин ҷиҳат образи амалдори накӯкор маънои онро дорад, ки дар байни синфи ҳоким ҳам шахсони накӯкору раиятпарвар мавҷуд аст. Дар образи бараҳманҳо мардуме тасвир шудааст, ки чизи бахшиданӣ надоранд. Ё худ дар образи мулозимони дарборӣ гурӯҳи одамони «лаббайгӯй», бараҳмане, ки бачаҳоро бурда фурӯхтааст, мардуми зишт ва гурусначашм ва мумсик ва г. тасвир шудааст. Бо вуҷуди лаҳзаҳои динӣ, мифологӣ, мундариҷаи гоявни ҳикоя моҳияти халқӣ дорад ва гояи аз синфи ҳоким талаби саховати моддӣ дош-

---

[152] Е. Э. Бертельс. История персидско-таджикской литературы. М., саҳ. 69-71. (Тарҷуман Х. Мирзозода дар Таърихи адабиёти тоҷик, саҳ. 69-70)

танро, ки рафтори дарвешона ва оҷизонаи халқ аст, акс кунонидааст ва он минбаъд дар адабиёти китобатӣ ва фолклор инкишоф ёфтааст.

Масъалаи дигари ҳикоя ин талқини идеяи шоҳи одил ва раиятпарвар аст, ҳарчанд ин идея дар маънии динӣ — бахшишҳо барои Худованд ва ба рӯҳи ӯ якшавии парастандааш (Судашон ба Буддо, ин аз рӯи нақли Буддо ба шогирдаш Ананде низ маълум мешавад) ифода ёфта бошад ҳам, нависандаи қисса тавассути ин идеяи шоҳи одил, халқпарвар ва меҳрубонро талқин намудааст, ки низ ақидаи халқӣ мебошад ва ин ғоя дар фолклор ва адабиёти китобатӣ минбаъд давом ёфтааст.

Ёдгории дигари хатти суғдӣ, ки низ мазмуни буддоӣ дорад, «Сабаби сутра ва оқибати амалиёт» мебошад. Ин матн низ қонунҳои буддоиро дар бар гирифтааст ва мазмуни динӣ дорад. Вале бо хатти суғдӣ бо забони содда навишта шудааст. Сутра аз саволҳои Ананде ба Буддо, ки чаро одамон ҳам дар қиёфаи зоҳирӣ ва ҳам аҳволи иҷтимоӣ ва давоми умрашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд, оғоз ёфтааст. Буддо ба ин саволҳо ҷавоби пурра ва ҳаматарафа дода, ҳамаи хусусиятҳои инсониро аз хулқу атвори гузаштаи ӯ эзоҳ додаасст. Масалан, ҳар кас босабр бошад, зебо, ҳар кас хашмгин ва сабук бошад, бадафт таваллуд меёбад... Ё ин ки, ҳар кас ба рӯҳониёни буддоӣ беҳурматӣ кунад, албатта, дар ягон шакли нобоб таваллуд меёбад. Ҳар кас меваи боғи онҳоро дуздад, дар шакли ҳашароти дар ифлосиҳо зиндагикунанда таваллуд меёбад. Ҳар кас чизи онҳоро дуздад, дар шакли барзагов, хар ва санги осиё таваллуд меёбад ва ғ.

Дар сутра мукофоти амал хеле соддалавҳона тасвир меёбад. Дӯстдори шикор бояд шағол ва ё гург таваллуд шавад. Зулмкунанда ва ғоратгари либоси одамон бояд як муддат дар дӯзахи яхин ва занҷири чархи бофандагӣ истиқомат кунад: ӯро, албатта, меҷӯшонанд ва луч мекунанд. Дар баъзе лаҳзаҳо байни ахлоқи инсон ва мукофоти амал алоқаи мантиқие ба назар намерасад.

Аҳамияти матни сутра аз ҷиҳати лексикӣ ҷолиб аст. Дар он як силсила вожаҳое мавҷуданд, ки соҳаҳои гуногуни зиндагӣ: нуқсонҳо, бемориҳо ва айбҳоро акс кунонидааст. Мутарҷимони ин матнҳои суғдӣ ба хусусиятои бадеии забони онҳо чандон эъти-

бор надодаанд, бинобар ин сатҳи бадеии ин тарҷумаҳои хаттии суғдӣ хеле паст мебошад. Бо вуҷуди ин, ҳамчун ёдгории хаттии суғдӣ аҳамиятнок мебошанд.[133]

## АДАБИЁТИ ФОРСИИ МИЁНА

Адабиёти давраи форсии миёна нисбат ба дигар марҳилаҳои адабиёти пешазисломии форсу тоҷик сермаҳсул ва арзишманд буда, махсусан дар аҳди Сосониён дар асрҳои III-VII дар Эрони шарқӣ (Хуросону Балх) ва дар аҳди Ҳайтолиён (дар Осиёи Миёна) осори динӣ, илмӣ, ахлоқӣ ва адабию фарҳангии зиёде ба забонҳои портӣ, орамӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва паҳлавӣ бештар нуфуз пайдо кардааст. Тавассути овонавишту тарҷума аз забони портӣ (тарҷумаҳои осори маданию адабии давраи Ашкониён, ки забони портӣ дар истифода буд) бархе аз намунаҳои осори хаттии адабиёти форсии миёна беш аз сад матн ва китобҳои бузургу кӯчак то ба рӯзгори мо расидааст. Бунёди бештари ин навиштаҳо ба замони Сосониён мансуб мебошад.[134]

Адабиёти давраи форсии миёнаро аз ҷиҳати ташхиси бунёди ба вуҷуд омадану таърихи тарҷума ва овонавиштагон ба ду гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

1. Намунаҳои осори адабии паҳлавӣ, ки дар аҳди Сосониён аз забони портӣ (яъне дар аҳди Ашкониён таълиф ёфтаанд) тарҷума шудаанд.

2. Осори адабии паҳлавӣ.

Осори адабии паҳлавӣ, ки аз забони портӣ тарҷума шудаанд, дар бисёр сарчашмаҳо ҳамчун осори хаттии парфиянӣ муаррифӣ шудааст. Шарқшиноси хориҷӣ Эмил Бенвенист, шарқшиносони шӯравӣ И. Ҷ. Брагинский, Е. Э. Бертелс, Х. М. Мирзозода ҳангоми тарҷума ва ташхиси «Ёдгори Зарирон», «Дарахти Асурӣк» ин асарҳоро чун ёдгории хаттии парфиянӣ ба қалам додаанд. Х. М. Мирзозода менависад: «Ин асарро бори аввал

---

[133] Е. Э. Бертельс. История таджикско-персидской литературы, саҳ. 71.

[134] Додихудои Сайфиддин. Сарнавишти чанде аз дастнависҳо ва китобҳои паҳлавӣ. Адиб. 1992, № 5 саҳ. 42-45.

дар соли 1890 эроншиноси Фаранса Э. Бенвенист нашр кардааст. Вай баъд аз тадкиқоти ҷиддӣ ба хулосае омадааст, ки ин асар аввал достон буда, дар замони сулолаи Аршакидҳо (Ашкониён асрҳои III то м. ва асри III м.) эҷод шудааст, вале баъдтар ба дасти рӯйнавискунандаи бехабар аз сохти шеърии қадим ба наср гаштааст, аз ин рӯ, матн ва мисраъҳо вайрон гардида, ба он иловаҳо карда шудааст. Агар кас бо диққат он иловаҳоро берун кунад, мисраъҳои аслии шашҳиҷоии қадим боқӣ мемонад».[155] Аз рӯи гуфтаи Х. М. Мирзозода маълум мешавад, ки асар ёдгории адабӣ — хаттии парфиянӣ буда, аввал бо назм навишта шудааст, вале тарҷумони номаълум онро ба наср баргардонидааст ва хусусияти манзуми онро аз байн бурдааст.Ҳамин ақида аввал дар китоби И. С. Брагинский «Из истории таджикской народной поэзии» (1956) баён шуда буд. Андешаи Э. Бенвенист, Х. М. Мирзозода ва И. С. Брагинский роҷеъ ба бунёди портии достон бегумон воқеӣ ва пазируфтанӣ мебошад, чунки асари мазкур ҳам мисли шеърҳои «Авесто» қофия надорад, вале аз сабаби хусусияти аналитикии забони форсӣ ҷо-ҷо қофия - ҳамоҳангии калимаҳо худ аз худ пайдо мешавад. Масалан:

У пас он тахм спахпат
Так Зарёр чегон дит
Ку шах вишдак бут
Андар он андар шут

Мазмунаш:

Баъд аз он ки сипаҳбади шӯҷоъ-
Паҳлавон Зарерро дид,
Ки шоҳ девона буд,
Ба андаруни оромгоҳ шуд.

Дар мисоли боло калимаҳои охири мисраъ - дит, бут ва шут на барои қофия, балки рафти ҷумлаҳои шеър аст. Мувофиқи талаби синтаксис, мумкин аст, ҳамин тавр тақсим кардан ва ҷоба-ҷогузории калимаҳо оҳангеро ба вуҷуд меорад, ки қувваи таъсири

---

[155] Х. Мирзозода. Ҳамон асар, саҳ. 72.

маънавӣ дорад. Ба қавли Х. М. Мирзозода, шоир мумкин аст, ки ҳамин тавр сохтро, ки қофияро ба вуҷуд меорад, қасдан дохил карда бошад:

(У) абак- тан дахём,
Вас зарр (у) вас саём
У вас асп (ё) нёвак
У гах шаҳрдарих.

Мазмунаш:

Он вақт мо ба шумо медихем
Бисёр зар ва нукра,
Ва бисёр аспҳои нагз,
Ва бисёр тахтҳои подшоҳӣ.

Дар ин мисолҳо «дахём» (медиҳам) ва саём (симҳо, нуқраҳо) на тасодуфӣ, балки барои ҳамоҳангӣ, қофиянокӣ омадааст.[156] Маълум мешавад, ки то истилои араб дар назми форсии миёна кӯшишҳои қофиясозӣ мушоҳида мешавад, ки намунаи онро дар матни портии «Ёдгори Зарирон» ва «Дарахти Асурик» дида метавонем.

Дар пешгуфтори тарҷумаи «Ёдгори Зарирон» ба забони форсӣ-тоҷикӣ таъкид шудааст, ки андешаи муҳаққиқон доир ба матни портии асар, ки дар воқеъ дар шакли манзум нигошта шуда буд, дуруст аст, вале ин андеша ба матни порсии миёнаи «Ёдгори Зарирон» мавриди писанд нест. «Он пораеро, ки аз лаҳзаи нолаи Баствар дар назди мурдаи падар бо ихтисори вожаҳо чун назм арзёбӣ кардаанд, ба гумони мо, як шакли насри содда ва ҳам навои порсии миёна аст. Ҳамин лаҳзаҳоро дар шакли худсохт ё барқарорсохтаи манзум бо ғалатҳои зиёд дар овонавишту тарҷума И. С. Брагинский дар китоби хеш «Из истории персидско-таджикской литературы» (М., 1972, с. 14-142) нақл кардааст...».[157] Дар воқеъ такрори вожаҳо, оҳангнокӣ танҳо хоси назм набуда, дар насри бадеӣ, махсусан, насри мусаҷҷаъ

[156] *Ниг:* Х. М. Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. с. 72-73.

[157] Додихудоев Сайфиддин. Ёдгори Зарирон (пешгуфтор ва тарҷума) —Фарҳанг, 1993, № 4. сах. 46-47.

низ дучор меояд. «...Сабки нола содда ва оҳангдору пуркашиш ва таъсирбахш буда, дар он аз такрори пайвастаи сифатҳои хуби инсонӣ ва феълҳои марбут ба он истифода мешавад, ки он яке аз вожагиҳои суннатӣ дар маросимҳои фоҷиавӣ маҳсуб мегардад. Такрори вожаҳо ва таркибҳо дар охири ҷумлаҳои дигар сабкҳои порсии миёна, аз ҷумла ниёишҳои андарзҳо низ ҷой дорад, ки ба он як шеваи нигориши содда ва оҳангдори пуркашиши мансур аст, на манзум».[158] Корбурди ин ҳама ҳамоҳангиҳо бо таъсири назми портӣ ба тарҷумаи порсии миёна гузаштааст, ки ин ҳолро дар «Дарахти Асурик» низ мушоҳида карда метавонем. Инчунин пораҳои боқимондаи катибаҳои давраи ҳукмронии ҳахоманишинҳо, ки ба порсии қадим маҳсуб аст, аз мавҷуд будани чунин сабки наср – қофиядору ҳамоҳанг омадани ҷумлаҳо ва вожаҳо низ далолат мекунад.

Доир ба бунёди ин ҳамосаи қаҳрамонӣ-динӣ андешаҳои мухталиф низ мавуд аст: як гурӯҳ онро рӯйнависи «Яшт» - ҳои «Авесто», гурӯҳи дигар аз замони ҳахоманишҳо медонад. Лекин мавзӯи достон ва арзиши динии он далолат мекунад, ки он қабл аз Ашкониён, дар замони интишор ва нуфузи дини зардуштӣ ва баъд аз истилои Искандари Мақдунӣ ба вуҷуд омадааст. Аввал дар аҳди Ашкониён бо назм ва дар аҳди Сосониён, вақте ки дини зардуштӣ ба ҳайси дини давлатӣ пазируфта шуд, бори дигар ба худ арзиши дигар касб карда, дар як сабки таъсирбахш ва омӯзанда ба порсии миёна тарҷума гардид.

Аз сабаби он ки матни портии асар пурра ба даст наомадааст, ин ҷо асосан матни порсии миёнаи «Ёдгори Зарирон» ба асос гирифта шуд.

**Мазмун ва мундариҷаи «Ёдгори Зарирон»**

«Ёдгори Зарирон» (шакли порсии миёна «Айдгори Зарирон») як номаи кӯҳани паҳлавист, ки дар он аз ҷанги Виштосп, шоҳи Эрон ва Арҷосп, шаҳриёри хиунон (қабилаҳои туркнажод) дар пазириши дини маздойясноӣ ва ё зардуштӣ ҳикоят мешавад. Матни рисола шомили се ҳазор вожа буда, дар ду дастнавис як ҷо бо рисолаи таърихии «Корномаи Ардашери

[158] Ҳамон ҷо. саҳ. 47.

Бобакон» омадааст.[159] Дастнависи нахустин ба соли 1322-и м. аз чониби мӯбади эронӣ Меҳрубон Кайхусрав ва нусхаи дигар соли 1767-и м. тавассути Чамшед Дастур Ҷомосп Аса Фаредун аз нусхаи Меҳрубон Кайхусрав рӯйнавис шудааст. Ин ду нусха дар муқоиса соли 1897 аз чониби Дастур Ҷомоспчӣ Миночеҳрчӣ Чамасп - Асана дар Бомбай чоп гардидааст. Ин асар дар порсии дарӣ таҳти унвони «Шоҳномаи Гуштосп» ва «Шоҳномаи паҳлавӣ» низ ёд гардидааст. Матни порсии дарӣ-тоҷикии ин достон дар асоси ин ду нусха ва нусхаҳои. Ч.Ч.Моди (Бомбай, 1899), Х. С. Нюберг (Висбаден, 1964), А. Паляро (Рома, 1925) ва чанд нусхаи дигар, чунон ки дар боло тазаккур додем, аз чониби Додихудои Саймиддин анчом пазируфтааст.[160]

Оғози достони «Ёдгори Зарирон» мисли дигар достонҳои давраи классикӣ бо наъти худову расул шурӯъ шудааст: «Ба номи додор Ҳурмузд ва мурвову (фоли нек) офаринишли нек ва тандурустиву дерзивишнии (дарозумрии) ҳар некон ва росткирдорон, ба вижа он кӣ (онро) навиштааст». Пас аз ситоиши Ҳурмузд, некон, росткорон ва нависандаи китоб, бевосита нақли мазмуни достон оғоз мегардад. Гӯяндаи ин достон нақл мекунад, ки Виштосп бо писарону бародарон ва дигар шоҳзодагон дини поки зардуштиро пазируфтанд, дар ҳамин ҳангом аз тарафи подшоҳи хиунон (туркҳо) Арчосп, ки душмани Виштосп буд, огоҳӣ омад. Арчосп ду ҳазор сипоҳи баргузидаро бо сардории Видрафши чоду ба намояндагӣ ба Эроншаҳр фиристод. Ҷомоспи вазир ба назди Виштосп даромада, ӯро огоҳ мекунад, ки Видрафши чоду бо Ҳазорон-сардори ду ҳазор сипоҳ омада ва «нома ба даст доранд ва гӯянд, ки моро ба пеши Виштоспшоҳ бигзоред». Виштосп гуфт, ки онҳоро ба назди ӯ гузоранд; пас ба дарун андар шуданд, ба Виштоспшоҳ намоз бурданду нома бидоданд. Аврохими меҳтари дабирон нома бо бонги баланд бихонд. Дар нома шоҳ Арчосп таҳдид кардааст, ки агар шумо дини зардуштӣ напазиред ва бо мо ҳамкеш бошед, он гоҳ шуморо ба шаҳриёрӣ

[159] *Ниг:* Додихудои Саймиддин. Пешгуфтор ба «Ёдгори Зарирон». Фарҳанг, 1993, № 4, саҳ. 46.

[160] Ҳамон чо, саҳ . 47.

бипазирем «...ва гар ин нагзоред ва бо мо ҳамкеш набошед, он гоҳ бар шумо расем, сабз хӯрему хушк сӯзем ва чаҳорпову дупо (ро) аз шаҳр барда кунем ва шуморо ба тамом гарон ва душворӣ кор фармоем».

Виштоспшоҳ чун нома шунид, ошуфта шуд, пас паҳлавон Зарир (сипаҳбади некон) ба назди шоҳ даромад ва ба шоҳ гуфт:

«Агар шумо писандед, ман ба ин нома посух диҳам». Шоҳ фармон дод, ки номаро посух кун. Зарир номаро чунин посух кард: «...аз Виштоспшоҳ шаҳриёри Эрон ба Арҷоспи хиунон шаҳриёр дуруд. Нахуст мо ин дини пок нагузорем ва ба шумо ҳамкеш нашавем. Ва мо ин дини пок, ки аз Ҳурмузд пазируфтаем, нагузорем ва бо шумо дигар моҳ анӯш хӯрем (дар набард бошем). Ин ҷо ба ҷангали Хутус ва марги Зардуштон, ки на кӯҳи баланду на дарёи жарф ба он нест, ба он дашти ҳомун натиҷа (бо) аспони так (пайкон) аст. Шумо аз он ҷо оед, то мо аз ин ҷо оем. Шумо мо (ро) бинед, мо шумо (ро) бинем. Ба шумо бинмоем, ки чӣ гуна кушта буванд девон аз дасти Яздон»[161]

Пас нома ба Видрафши ҷоду ва Ҳазорони сипоҳ супориданд, онҳо ба назди Арҷосп шоҳи туркон бирафтанд.

Виштосп пас аз рафтани сафирон фармон дод, ки ҳамаи муғон оташи Баҳромро нигоҳбонӣ кунанд ва намоз гузоранд, аз 10-сола то 80-сола ба назди Виштоспшоҳ оянд, агар наоянд ба дор овехта мешаванд. Дар натиҷа лашкари бузурге бо филу уштуру аробаҳо ҷамъ шуданд, ғулғулаи он ба осмон мерасид. Тавсифи бузургии лашкари Виштоспшоҳ хеле муболиғаомез чунин ба қалам омада: «Ва корвони Эроншаҳр чунин биистоданд, ки бонг ба осмон шуд ва рост ба дӯзах шавад. Ба роҳ, ки шуданд, гузарҳо чунон буриданд, обҳо (чунон) ошуфтанд (аз миён бурданд), ки то як моҳ об хӯрдан нашояд. То панҷоҳ рӯз рӯшанӣ набуд, мурғ низ нишеман (ошён) наёбад, магар ба аспони шаҳриёрон ва найзаҳои тез ва ё ба сари кӯҳи баланд нишинанд. Аз гарду дуд шабу рӯз нопайдо (буд)».

Ин тасвири муболиғаомези ҳаракати лашкар, ки хеле ҷолиби диққат аст, дар «Шоҳнома» ва «Абӯмуслимнома» низ вомехӯрад. Ин ҳол инчунин дар насри ривоятии тоҷик, дар ҷангномаҳо ва

[161] Ҳамон ҷо, саҳ. 47.

қасидаҳои зиёди давраи дарӣ ҳамчунин тасвир ёфтааст. Ин фикр аз араб омадани қасидаро инкор карда, аз қадим дар адабиёти форсу тоҷик мавҷуд будани онро исбот мекунад.

Баъд аз ин тасвири тайёрии ҷанг меояд. Виштосп ба бародари худ Зарир фармон медиҳад, ки хайма кун, то эрониён низ ҳама хайма кунанд, то мо рӯзро аз шаб фарқ карда тавонем. Пас Зарир аз ароба фуромада, фармон медиҳад, ки ӯрдугоҳ созанд ва эрониён ӯрдугоҳ месозанд. Чодари подшоҳиро мезананд. Виштосп дар он тахт менишинад ва мефармояд, ки вазири ӯ Ҷомоспи хирадмандро даъват кунанд ва ба вазир мегӯяд: «Гӯяд, ки ман донам, ки ту Ҷомосп донову бино ва шинохтаӣ. Ин низ донӣ, ки чун даҳ рӯз борон ояд, чанд сиришк бар сиришк ояд. Ва ин низ донӣ, ки чун гиёҳон шукуфанд, кадом гул ба рӯз шукуфаду кадоми он ба шаб, кадоми он фардо. Ин низ донӣ, ки кадом митрак (абри борон овар) об дораду кадом надорад. Ин низ донӣ, ки фардо рӯз чӣ бувад дар он аждаҳоразми Виштоспон, аз писарону бародарони ман Кайи Виштоспшоҳ кӣ зияду кӣ мирад».

Ин суоли Виштоспшоҳ Ҷомоспи донишмандро ба ҳаяҷон меорад. Вай ба шоҳ хитоб мекунад: «...Кош ман аз модар назода будам ё чун зода будам, ба бахти хеш ба хурдӣ бимурдаме ё мурғе будаме ба дарё афтоме ё шумо шаҳриёрон ин пурсиш аз ман намепурсидед. Аммо чун пурсидед, чун рост бигӯям, нахоҳед. Агар шумо шаҳриёрон писандед, дасти рости хеш ба рӯған баред ба фарри Ҳурмузд худой (ба) дини маздиснон ва (ба) ҷони Зарири бародари (хеш) савганд хӯред, ки шамшери пӯлодину дурахшони тез то ба даста се бор бимол, ки туро назанам ва накушам ва низ туро ба хашм надорам, то гӯям, ки чӣ бувад андар он разму Виштоспон»[162]

Ҷомосп инчунин аз шоҳ хоҳиш мекунад, ки хайма ва лашкариён ба андозаи якуним тири камон дур бурда шавад; бо фармони Виштосп ӯрдугоҳи ӯ ва лашкариён ба андозаи якуним тири камон дур бурда мешавад. Пас Ҷомосп ба саволи шоҳ посух медиҳад: «Фардо рӯз чун бикӯбанд далер ба далер, гурд ба гурд,

[162] Ёдгори Заририон. Фарҳанг, 1933, № 4, саҳ. 48.

бас модар беписар (у) бас писар бепадар ва бас падар бе писару бас бародар бебародар ва бас зани шӯйманд бешӯй буванд... он Видравши ҷоду (ро), ки чун ояду разм тозад ва гуноҳ кунад ва кушад таҳм (тан) сипоҳбади Зарир (ро), ки бародари (ту) ст ва барои ӯ бибарад.... Туро аз писар то бародар 23 (тан) мурда бувад».[163]

Виштосп ин пешгӯиро шунида, аз фарохгоҳ ба замин меафтад ва ба як даст корд ва ба дасти рост шамшер ба Ҷомосп ҳамла мекунад ва аз ғояти хашм хитоб менамояд: «...Дуруст нест ин ҷо, нафратангези ҷодугар, чи модари ту ва чи падарат дуруғгӯй бувад! Он чӣ гуфтӣ, набувад! Агар ман ба фарри Ҳурмуздхудой ва дини маздиснону ҷони Зарири бародар (ам) савганд нахӯрда будам, он гоҳ ба ин ду теғ ва шамшеру корд сарат бурида, ба замин афкандам».

Ҷомосп аз Виштосп хоҳиш мекунад, ки аз замин хезаду ба рӯи тахт нишинад, вале ӯ намехезад, баъд Зарир мегӯяд, ки шоҳ аз хок бархезаду ба тахт нишинад, фардо аз ин туркон 150 ҳазорро бикушам, шоҳ намехезад. Ба назди ӯ Похусрави ардо меояд ва мегӯяд, ки агар фардо рӯз шавад, бо қувваи худ 140 ҳазор хиун (турк)-ро бикушам, шоҳ аз хок намехезед. Баъд Фрашоварди писари шоҳ ба назди ӯ меояд ва мегӯяд, ки агар шумо аз хок бархезед, фардо 130 ҳазор хуинҳоро бикушам, вале шоҳ аз ҷояш намеҷунбад. Дар охир ба назди шоҳ далери нек Спандидод (Исфандиёр) меояд ва мегӯяд, ки агар шахриёр писандад аз ин хок бихезад ва боз бар тахт нишинад, ман ба фарри Ҳурмузд худой ва ба ҷони шумо савганд мехӯрам, ки дар он разм ҳеҷ хуинро зинда нахоҳам гузошт. Пас аз ин Виштосп ба тахт менишинад ва Ҷомоспро даъват мекунад. Ҳаким боз ба саволҳои ӯ ҷавоб медиҳад. Ӯ мегӯяд, ки ба лашкари Арҷосп низ осон нест, зеро дар ин разм Зарир 150 ҳазор, Фрашварди 130 ҳазор хуинҳоро ба қатл мерасонанд. Пас аз суолу посух Виштосп осуда шуда, ба Ҷомосп мегӯяд: «...Агар ҳама писарону бародарону виспуракони ман — Кайи Виштоспшоҳ ва низ он Хутус, ки маро хоҳару зан аст, ки аз писар то духтар 30 (тан) аз ӯ зода шудааст, ҳама мурда буванд, он

[163] Ҳамон ҷо, саҳ. 48.

гоҳ ман ин дини поки маздиснон чунаш аз Ҳурмузд пазируфтаам, нагузорам».[164]

Ҷанг оғоз меёбад, аз ду ҷониб лашкари азиме ба муқобили якдигар саф мерояндд, нахуст ба майдон Зарир медарояд «...сипаҳбади нек Зарир он гуна некӯ корзор кунад, чӣ гуна, ки озаризад андар наистон уфтад ва ӯро ёр бувад. Чун даҳ шамшер фароз занад, чун боз безад, ёздаҳ хиун кушад. Чун гуруснаву ташна шавад, хунин хиун бинад, шод шавад».[165] Арҷосп мебинад, ки дар зери ҳамлаҳои Зарир лашкариёнаш нобуд шуда истодаанд, довталабона даъват мекунад, ки ҳар касе, ки Зарирро кушад, ба ӯ духтараш Зарсутун (Зарстан) ро ба занӣ диҳад. Видрафши ҷоду ба даъвати Арҷосп ҷавоб медиҳад, аммо дар разм бо Зарир рӯ ба рӯ ҷангида натавониста, аз пушташ ба каманд гирифта мекушад. Виштоспшоҳ низ, ки размн Зарирро назора мекард, кушта шудани сипоҳбади эрониро дида, ба эрониён муроҷиат мекунад, кӣ ҳаст, ки кушандаи Зарирро баста, ба назди ман орад, ё кини Зарир бихоҳад, духти хеш Ҳумойро ба занӣ диҳамаш. Аз байни лашкари эрониён танҳо писари Зарир Баствари хурдсол ба даъвати шоҳ ҷавоб медиҳад. Аммо Виштосп ба Бастварбарои ба майдони разм рафтан рухсат намедиҳад. Баствар пинҳонӣ аз подшоҳи худ ба ҷанг меравад. Ба болои ҷасади падараш хез зада баромада, гиряву зори мекунад. Дар матни паҳлавӣ манзараи ба ҷанг рафтани Баствар чунин ба қалам омада: «Пас Баствар ба он охурсолор гӯяд, ки он асп, ки барои Зарир буд, ба Баствар диҳед». Он охурсолор он асп зин фармояд кардан ва Баствар бар нишинад ва асп фароз хилад (раҳо кунад) ва душман бикушад, то ба дои ҷой расад, ки падари нек мурда бинад ва дер замон нагзарад, ки гӯяд: «Алой, дарахти ҷонафзудат кӣ барканд? Алой барози пайкари ту кӣ барканд? Алой, симурғи бораат (аспат) кӣ барканд? Чун ту чунин ҳамехостӣ, ки бо хиунон корзор кунӣ акнун ҷаро кушта ву афкандӣ рaзми мо чун мардуми беғоҳу ганҷ?... Агар аз асп (фуруд оям ва) биншинаму сари ту падар (ро) дар канор гирам ва хок аз гардани ту бигирам, пас сабук (ба осонӣ) боз ба асп нишастан

---

[164] Ҳамон ҷо, саҳ. 49.

[165] Ҳамон ҷо.

натувонам. Мабодо хиюн (он) расанду маро кушанд, чунон ки ишон туро низ куштанд. Пас хиюн (он) ду ном баранд, ки мо куштем Зарири эронсипоҳбад (ро) ва мо куштем Бастваp (ро), ки писари ӯст». Пас аз ин Бастваp бар назди Виштосп меояд ва аз ӯ рухсати ба ҷанг рафтанро мепурсад. Ҷомоспи ҳаким ба шоҳ маслиҳат медиҳад, ки ба ин ҷанговар рухсати ба ҷанг рафтанро диҳад, чунки бахт бо вай аст. Виштосп ба Бастваp иҷозат медиҳад, Бастваp ба тирҳои худ қасам ёд мекунад ва ба ҷанг медарояд. Размии Бастваp ба размии падараш Зарир шабоҳат дошт. Арҷопс корсозии Бастваppо дида, аз нав даъват мекунад, ки касе Бастваppо кушад, ба ӯ духтари худ Баҳистунро ба занӣ бидиҳам, агар ин кӯдак то шаб зинда монад, он гоҳ дер замон набувад, ки аз мо ҳеҷ зиндае боз намонад.

Ба ҷанг боз Видрафш медарояд, вале дар набард Бастваp Видрафшро мекушад, ҷангида ба назди яли некӯ — Спандидод мерасад. Спандидод лашкари Эронро ба Бастваp мегузорад, онҳо лашкари 120 ҳазорнафари Арҷоспро пеш карда, аз кӯҳ ба фароз мепартоянд. Дар охир эрониён ғалаба мекунанд, Спандидод Арҷоспро дастгир намуда: «...як дасту як пой ва як гӯши ӯро буррад ва як чашми ӯро ба оташ сӯзад ва ӯро ба харе буридадум ба шаҳри хеш фиристад ва гӯяд, ки «бишав ва бигӯй, ки ту чӣ дидӣ аз дасти ман — яли Спандидод, ки хиюнон чӣ донанд, ки чӣ бувад ба рӯзи фарвардин андар аждаҳоразми Виштоспон». Дар ҳамин ҷо хати сужети асар ба охир мерасад. Аз рӯи ин ёдгории хаттӣ маълум мешавад, ки дар замони қадим ҳам адабиёт мисли асрҳои IX-X дар шимоли шарқии Эрон, яъне Осиёи Миёна ба вуҷуд омадааст ва адибони Сосонӣ онро аз нав кор кардаанд. Дар воқеъ овонавишту аз нав тарҷумашавии ин осори адабии хаттии парфиянӣ ба гуфтаҳои боло далели мӯътамад мебошад.

Ин осори адабӣ аз бисёр ҷиҳат қиматнок аст:

1. Достонҳои қаҳрамонӣ дирӯз ба вуҷуд наомада, балки бо унсурҳои мифологиаш аз фолклори қадим сар карда, ба воситаи «Авесто» аз қаъри асрҳо давом карда омадааст ва ба адабиёти нави форсу тоҷик образу персонажҳои ин достон ва дигар достонҳои қаҳрамонӣ ҳанӯз дар «Авесто» мавриди тасвир ва ситоиш қарор гирифта буд. Масалан, Виштосп ҳам дар «Авесто» ва ҳам

дар осори паҳлавии зардуштӣ мавриди ситоиш ва парастиш қарор дошт. Инчунин образи Баствар дар «Авесто» бо номи Бастварӣ (Фарвардин Яшт, банди 103), дар «Шаҳристони Эрон» чун бунёдгузории шаҳристони Баст ёд шудааст. Зарир низ дар «Авесто» бо унвони Зарири-вари, Спандидод дар «Авесто» Спентодата ном бурда мешаванд. Яъне нахустсужети ин достони қаҳрамонӣ ҳанӯз дар «Авесто» мавҷуд будааст. Достони қаҳрамонӣ дар гузаштаи дур ва имрӯз муборизаи барои истиқлолияти ватан, озодӣ ва оину маслак бурдаи тоҷиконро акс намуда, минбаъд идома доштани онро нишон медиҳад.

2. «Ёдгори Зарирон» на танҳо оини поку неки дини зардуштӣ, инчунин муборизаи барои истиқлолияти ватан бурдаи халқҳои эрониро ба муқобили истилогарон акс намудааст ва ин мавзӯъ ва ғояи озодихоҳӣ минбаъд дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва достонҳои қаҳрамонии баъдина давом кардааст.

3. Дар ин достони қаҳрамонӣ низ ғояи подшоҳи одил, маҳкумшавии шоҳи золим таҷассум ёфтааст. Маълум мешавад, ки ғояи маърифатпарварӣ дар адабиёти давраи тараққиёти феодализм аз адабиёти қадим гузашта, минбаъд давом кардааст.

4. Дар дарбори шоҳон будани ҳакимони донишманд, ки дар образи Ҷомоспи ҳаким тасвир шудааст, ифодаи дониш, ақлу заковатманд будани халқ, чун ғояи халқии достон инъикос ёфтааст.

5. Достони мазкур инчунин дар дунёи қадим дар байни халқҳои эронӣ вуҷуд доштани адабиёти бадей, хаёлоти бадей, қувваи образэҷодкунӣ, шеър ва шеърият, шакли алоқаи хоси ба фолклор доштаашро нишон додааст. Махсусан, матни паҳлавии «Ёдгори Зарирон» ҳамчун намунаи насри бадеии аҳди сосонӣ ҷолиби диққат ва арзишманд аст.

6. Аз рӯи порчаҳои манзуми «Авесто» ва инчунин «Ёдгори Зарирон»-и забони портӣ ва матни мансури порсии миёна маълум мешавад, ки вазни шеъри тоисломии тоҷик вазни ҳиҷо будааст ва дар он протсесси аз шакли беқофиягии шеър тадриҷан ба назми қофиядор гузаштан фолклори қадим таъсир расонидаст. Дар шеъри тоисломӣ аз қофия дида нақши зада ва оҳанг бештар

будааст. Аз ҳама муҳим он аст, ки достонҳои қаҳрамонӣ заминаи миллӣ — халқӣ доранд.

**«Дарахти Асурик».** Достони «Дарахти Осурик» яке аз нодиртарин осори хаттии паҳлавист. Муаллифи ин асар низ мисли дигар ёдгориҳои хаттии қадим номаълум аст. Бунёди аслии ин достон ба асрҳои II ва III-и мелод — давраи ҳукумронии Ашкониён мувофиқ меояд. Асар нахуст бо забони портӣ, яъне паҳлавии ашконӣ, ки чун забони парфиянӣ маълум аст, дар шакли назм эҷод шудааст, сипас ба забони паҳлавӣ (порсии миёна) овонавишт ва тарҷума гардидааст. Матни ин достон имрӯз, бо истиснои баъзе вожаҳову таркибҳо, то ҳол нигоҳ дошта шудааст. Дар тарҷума ва рӯйнавису барқарор намудани матни ин достони нодир саҳми чунин бостоншиносони номӣ Ҷомосб Асоно, Эмиль Бенвенист, В. Хеннинг Мохёр Наввобӣ, Брагинский И. С., Бертелс Е. Э., Мирзоозода Х. М., Додихудои Саймиддин, Абӯсаид хеле калон аст. Аз рӯи тадқиқотҳои ин бостоншиносон маълум мешавад, ки «Дарахти Асурик» ба забонҳои франсавӣ, англисӣ, немисӣ, русӣ тарҷума гардидааст. Тарҷумаи форсӣ-тоҷикии ин матни пурарзиш бори нахуст аз нусхаи русии «Дарахти Асурик», ки ба қалами профессор И. С. Брагинский тааллуқ дорад, аз ҷониби Х. М. Мизозода барои китоби дарсии «Таърихи адабиёти тоҷик» (китоби дарсӣ барои мактабҳои олии филологӣ) сурат гирифт. Достони «Дарахти Асурик» дар варианти портӣ-парфиянӣ дар шакли манзум эҷод шуда буд, вале дар варианти паҳлавӣ-форсии миёна дар шакли мансур омада расидааст. И. С. Брагинский матнро аз рӯи варианти паҳлавии форсии миёна ба русӣ гардондааст. Х. М. Мизозода ҳамин матни русиро интихобан ба тоҷикӣ гардондааст.

Ҳоло ду нусхаи дигари тарҷумаи тоҷикии ин матн рӯи кор омадааст, яке тарҷумаи манзуми Абӯсаид (ки мо дар овардани мисолҳо ба он низ ишора кардем), дигарӣ тарҷумаи Додихудои Саймуддин. Аз рӯи матни манзум ва мансури достон маълум мегардад, ки сужет ва мундариҷаи достон ҳаётӣ буда, масъалаҳои хеле зиёдеро дар бар гирифтааст. Дигар ин, ки масъалаву проблемаҳои мавзӯи достон характери этнографӣ дошта, аз тарзи зиндагӣ, асбобҳои истеҳсолот, рӯзгор, истеҳсолоту маҳсулоти он

давра маълумот медиҳад. Достон инчунин аз ҷиҳати сабк ва тарзи баён низ ҷолиби диққат аст. Услуби асосии баёни фикр ва эҷоди образҳо муколама ва мунозира буда, он байни дарахти Асурик ва Буз сурат мегирад. Ин достон шояд аввалин асари бадеист, ки бо услуби мунозира навишта шудааст ва ин услуб то имрӯз дар адабиёти тоҷик давом дорад. Ғайр аз муколама, инчунин дар достон санъати ташхис (ба сухан даромадани дарахти Асурик ва чун инсон муҳокима рондани вай), тамсил (чун инсон гуфтугӯ намудани Буз), тавсифу муболиға, киноя низ фаровон истифода шудааст, ки барои мӯҷазу таъсирбахш тасвир ёфтани образҳои достон — Буз ва дарахти Асурик мусоидат намудаанд.

**Мазмун ва мундариҷаи «Дарахти Асурик»**

Чунон ки тазаккур додем, матни ин достон ҳам дар назм ва ҳам дар шакли мансур мавҷуд аст. Инак, оғози достон:

Растаст дарахте, хон,
Сар то сари Сурастон.
Хушк аст бунаш яксар,
Аммо сару шохаш тар.
Барғаш наю бар ангур,
Монад ба назар андар.
Аз баҳри ҳама мардум,
Ширин биёрад бар.
Бо Буз ба набард омад,
Он нахли барозанда.

Дарахти Хурмо худро аз Буз баланд гирифта, ҳавобаландона чунин мегӯяд:

Бартар зи туам, — гуфто:
Аз ҳар ҷиҳат арзанда.
Як нахл ба Хунирас (Хваринас)
Бо ман набувад ҳамто!
Чун нав бирасад борам
Худ шох хӯрад онро
Ман тахтаи киштиям
Шаҳтир манам бар он.
Ҷорӯб кунад аз ман,
Бар рӯфтани хонумон...

Ҳамин тавр, дарахти Хурмо сифатҳои худро як-як баён мекунад: «Аз ман чорӯбча месозанд, ки бо он хона ва ҳавлиро мерӯбанд. Аз ман ӯгурча карда, чав ва биринҷ мекӯбанд. Аз ман боддарои пуфкунандаи оташ месозанд. Ман пайпоқи (чӯбини) деҳқонам. Ман як ҷуфт (чӯбин) барои пойлуҷҳо мебошам. Аз ман арғамчин мебофанд, ки бо он пои туро мебанданд. Аз ман таёқ месозанд, ки гардани туро «мебӯсад». Аз ман мехи чӯбин месозанд, ки бо он туро меовезанд. Вақте ки туро дар сих бирён мекунанд, ман шохҳои хушкам. Ман дар болои сари ҳокимон сояи тобистонаам, ман қанди деҳқон, асали ҳоким, аз ман аслиҳа месозанд, ман қуттии доруи донишмандам, ки аз шаҳр ба шаҳр ва аз табиб ба табиб мебаранд. Ман лонаи паррандагонам. Ман ба коркунони мондашуда соя меандозам, зеро дар замини тоза сабзидаам, одамон қадри маро донista ба муқобили ман кори бад (гуноҳ) намекунанд. Ман орзу мекунам, ки чараёни заррин биёяд, то ки мардумоне, ки май ва нони хӯрданӣ надоранд, меваҳои маро хӯранд, ки сархояш овезон аст».

Маънӣ ва мундариҷаи хати сужет дар ҳар ду шакл риоя шудааст, танҳо дар назм низому тартиб ва хушоҳангӣ бештар ба назар мерасад. Дигар ин, ки дар ҳар ду пора сифатҳои дарахти хурмо, худтаърифкунии ӯ ба тафсил баён шудааст, ки худтаърифкунии ҳайвонотро аз «Баҳориёт»-и Сайидо ба хотир меорад ва он минбаъд давом доштани анъанаи муколама ва мунозираро дар адабиёти минбаъдаи тоҷик нишон медиҳад.

Вақте ки дарахти Осурӣ суханашро тамом кард, Буз гуфт: «Ту бо ман чӣ хел дуру дароз миновира кардӣ, ҳама шуниданд. Чӣ хел ту бо ман мусобиқа мекунӣ? Ҳамин ки мардум кардаҳои маро шуниданд, шармандагӣ барои суханҳои бемаъниат аз ту чӣ тавр меравад. (Ман суханҳоеро) мегӯям, ки чӣ тавр он шоҳи олиқадр хоҳиш карда буд. Бигзор, подшоҳӣ, ки дар замони Ҷамшед хушбахтӣ буду аз он девон ба азоб меомаданд, бардавом бошад. Эй мардумон! Дарахт хушк аст, аз он чӣ дору (бошад) ва аз заррин будани шохҳои он чӣ фоида. Ту (фақат) барои бачагон офарида шудаӣ, ту ба меваҳои заррине, ки танҳо ба бачагон мебаранд, монанд ҳастӣ. Хирадманд касест, ки шунавоиаш ҳушёр бошад. Агар (ту гӯӣ, ки) нисбат ба ту ҳосилро зиёдтар меорам,

агар ман ба ту ҷавоб диҳам, худро сахт шарманда мекунам, зеро худтаърифкунии ту ба рад кардани ман намеарзад. Маро ба иди одамони порсӣ даъват менамоянд, ки онҳо ҳам мисли ту — ниҳоли хасаканд, байни дарахтон бефоидаанд. Агар ту ҳосил медодӣ, одамони порсо туро мисли говмеш ба чарогоҳ сар медоданд. Магар ман мисли ҳаромзодагон аз худ мамнунам? Гӯш кун, Деви қадбаланди оз (ҳирс). Ман аз бозе, ки халлоқ — подшоҳи шӯҳратманди олиқадр Урмузди саховатманд ба ӯ голиб омадаам. Бе тавассути ман, ки Буз ҳастам, киҳо ба Урмузди саховатманд чӣ хизмати лоиқ мекунанд, зеро аз ман ионат мекунанд. Дар вақти ба худо ва Гошурон (эзиди чорпоён) — фариштаи ҳамаи чорпоёни тезгард саҷда кардан қувват аз ман меояд. Он бори либосе, ки ман Буз ҳастам, дар пушти худ мекашам, ғайр аз ман, ба каси дигар ғайри имкон аст. Камарбанде, ки аз ҷавоҳирот мурассаъ аст, аз ман мекунанд. Ман пойафзоли чармини амалдорҳои порсо, дастпӯшаки подшоҳон ва маҳрами онҳо мебошам. Аз ман машки об месозанд ва халтаи обӣ, дар саҳрову биёбон дар рӯзҳои гарму сӯзон об аз ман хунуку яхоб аст. Аз ман ба нақора пӯст мекашанд, бо он дилпурона ба ҷашн тайёрӣ мебинанд ва аз ман ҷашни бузургро оро медиҳанд. Мушкро ҳам аз ман месозанд, ки аз он ҳокимони порсо, идоракунандагон ва сардорони вилоят сару ришашонро муаттар мегардонанд. Онҳо бузургӣ ва хоксорӣ ба даст меоранд. Аз ман бузбанди нома, китобу дафтари рӯйхати котибон месозанд, ба рӯи ман менависанд. Аз ман шишаи чармин, ки даҳонашро мебанданд, месозанд...; ҳамчунин аз ман халтаи чармин месозанд ва аз пашми буз хубтарин либос мекунанд, ки онро амалдорон дар китфашон партофта мегарданд.... Ман ягонаам ва аз ту афзалам, эй драхти Осурӣ! Аз ман шир ва ҳам панир, ҳам бачагон ва ҳам калонсолон аз ман фалла ва зардоб мегиранд. Вақте ки чанг, ҳам гиҷак, ҳам барбат, ҳам танбӯр менавозанд, ҳамроҳи ман месароянд. Ман яккаву ягонаам, бале аз ту афзалам, эй дарахти Осурӣ! Вақте ки нархи Бузро муайян карда, ба бозор меоранд, ҳар касе, ки даҳ дирам надорад ба Буз наздик намеояд, вале туро бачагон ба ду пул мехаранд. Аммо туи руҳан азобдида ва ба ҳайяҷон афтода аз-... партофта мешавӣ. Фоида ва хайру эҳсони ман ҳамин тавр аст, бахшиш ва кори неки

ман, ки аз мани Буз бармеояд ва ҳамчунин дар он тарафи замин, ки зиндагии васеъ ҳаст. Чунин аст, суханони тиллоии ман, ки дар назди ту гуфтаам, чунон ки гарди хазина дар назди хум ё ки хуки ахта пошанд ё ки дар пеши уштури девона навозанд. Аз аввал ин тавр мекунанд, яъне аз аввали офарида шудани кӯҳ... ман ин алафи хушбӯй, тару тозаи кӯҳиро мехӯрам ва аз оби хунуки ҷуй менӯшам. Ҳар кас, ки сахт гурусна бошад, туро аз реша меканад». Буз бо ғалаба рафт».[166]

Аз мазмуни мунозираи Бузу дарахти Осурӣ бармеояд, ки дар гуфтаҳои Буз ҷо-ҷо пардаи динӣ пӯшонида шудааст ва он аз рӯи тасаввури одамони онвақта ҳатмист, аммо ин қавваи бузурги маънавӣ дорад, зеро ғалабаи аҳли меҳнат бар аристократи мутакаббиру худписанд ба амал оварда шудааст. Шакли тамсилии достон гувоҳӣ медиҳад, ки жанри тамсил дар адабиёти бадеии қадим мавқеи баланд доштааст. Образи тамсилии Буз ифодаи образи меҳнаткаши чорводорест, ки бо обу ғизо қаноатманд буда, бо маҳсулоти худ ба аҳли ҷамъият фоидаи бисёр меорад ва тануманду саломат аст. Яъне образи Буз образи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият буда, маҳз онҳо барои мардум неъматҳои моддӣ меофаранд, бинобар ин образи Буз — образи меҳнаткаши чорводор ба образи аристократияи сохти ғуломдорӣ ва феодалӣ, ки зоҳиран зебо, вале ботинан пуч ва мағруру худписанданд, муқобил гузошта мешавад. Хислату табиати синфи ҳукмрони ҷамъияти он давра пурра дар образи тамсилии дарахти осурӣ, ки соҳиби танаи хушк, решаи пӯсида буда, фақат зоҳиран сабз аст, тасвир шудааст. Дар достон боз он масъала ҷолиб аст, ки Буз дарахти Осуриро бегона ва ғайриватанӣ меҳисобад ва дар симои ӯ дев ва қувваҳои баду аҳриманиро дидааст. Ин маънӣ нафрати оммаҳои меҳнаткашро ба аҷнабиён, истисморгарон ва бегонагон ифода кардааст.

Агар парда аз мунозираи Буз бо дарахти Осурӣ гирем ва дар амалиёти онҳо одамонро қарор диҳем, мебинем, ки ҳанӯз дар замонҳои қадим одамон барои идеалҳои худ, манфиатҳои синфу табақаҳои худ байни ҳамдигар дар талошу мубориза будаанд.

---

[166] Х. М. Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. к. 1, саҳ. 78-80

Аз ин ҷиҳат дар достон шакли муборизаи ду гурӯҳ — мунозира хеле фаъол ва зинда истифода шудааст. Ҳар кадоме барои исботи даъвои худ аз зиндагии ҳаррӯзаи мардум ва талаботҳои он далелҳо меоранд, ки факту далелҳо асоси воқеӣ доранд. Вале бузро дар ин мунозира ғолиб баровардани муаллифи достон ҳусни тавоҷҷӯҳи ба оммаҳои меҳнатии мардум доштаи ӯро ифода кардааст. Ин ҳусни таваҷҷӯҳи ӯ дар суханони истеҳзоомезу тамасхурҳои Буз дар борaи дарахти осурӣ барҷаста баён шудааст. Масалан: «Агар ту ҳосил медодӣ, одамони порсо туро мисли говмеш ба чарогоҳ сар медоданд», «Магар ман мисли ҳаромзодагон аз худ мамнунам!», «Чунин аст суханони тиллоии ман, ки дар назди ту гуфтаам, мисли он ки чанги хазинаро ба назди хум ва ё хуки ахта пошида бошанд, ё ки дар пеши уштури девона чанг навохта бошанд» ва г.

Ҳамин тавр, ифтихормандии қувваҳои аҳли меҳнат дар назди онҳое, ки зиндагии муфтхӯрона ва худписандона доранд, дар гуфтаҳои буз ифода ёфтааст.

Инчунин дар достон ифодаҳои маҷозӣ, киноявӣ, тавсифӣ ва зоҳиран ҳазлу шӯхӣ ба мушоҳида мерасад, ки оҳангу ҳиссиёти халқиро ифода мекунад. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки дар достон тасвири реалистонаи зиндагӣ мавқеи калон дорад ва тасвир аз ҳаёту зиндагии халқ гирифта шудааст.

Дар боло тазаккур додем, ки достони «Дарахти Асурик» дар аҳди Ашкониён бо назм навишта шуда буд, пораҳои манзуми достон далолат мекунанд, ки он дар вазни ҳиҷо иншо шуда, вале баробарии ҳиҷоҳо дар мисраъҳо доимо риоя намешудааст. Дар бораи вазни «Дарахти Асурик» И. С. Брагинский ба андешаҳои бостоншинос В. Хеннинг такя намуда, дар достон мавҷуд будани вазни 10, 11, 12, 13, ҳатто 14-ҳиҷоиро таъкид намудааст:

Чоп хач ман карёнд
Ке то гартан мачёнд.
Расан хаҷ ман карёнд
Ке то пад баннёнд.

ё ин ки: дар забони форсии миёна:

Дарахт ё в руст ҳаст
Бунаш хушк аст
Решак над монёт
Ширин бар абарёт
Тар о шаҳр сурик,
Сараш ҳаст тар
Бараш монёт ангур
Мартоман васнёд.[167]

Ин пораҳои достон дар вазнҳои 11-ҳиҷоӣ, 8-ҳиҷоӣ ва 10-ҳиҷоӣ буда, инчунин қофиябандии нисбатан озод (монёт, абарёт) ва радиф (ҳаст-ҳаст) низ дучор меояд.

**Адабиёт ба забони паҳлавӣ**

Намунаҳои осори хаттии паҳлавӣ нисбати осори хаттии парфиянӣ бештар ба мо омада расидааст, ки аз афкори бои илмӣ, адабӣ ва фалсафии ин давр гувоҳӣ медиҳад. Бештарин асарҳои дар натиҷаи рӯйнависү тарҷума дастрасгардидаи паҳлавӣ мундариҷаи динӣ доранд, вале олами бои маънавии халқ ва нависандагони он замонро акс кунонидааст. Номи муаллифони китобҳо маълум нест. Осори адабии давраи форсии миёнаро аз ҷиҳати мавзӯъ ва моҳият ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудан мумкин аст:

1. Китобҳои динӣ ва мазҳабӣ: Тарҷума ва шарҳи «Авесто» ба забони паҳлавӣ — «Хурд-Авесто», «Артак Виразномак», «Динкард», «Минуги хирад», «Бунда ҳишн», «Деснад» ва ғ.

2. Андарзномак ё худ пандномаҳои паҳлавӣ: «Пандномa»-и Бузургмеҳр, «Пандномаи Заратуҳшт», «Андарзи Атурпати Меҳраспандон», «Авёткори Ҷомоспак», «Вахуман яшт», «Андарзи доноён ба маздиснон», «Андарзи Хусрави Каводон», «Андарзи пешиниён».

3. Китобҳо оид ба таърих ва саргузашти подшоҳон: «Корномаи Ардашери Бобакон», «Маздакнома», «Худойнома», «Вахрам чопениомак» ва ғ.

4. Сиёсатномаҳои аҳди сосонӣ: «Тоҷномак», «Оинномак», «Гоҳномак», «Чатранномак», «Ганҷи шойгон», «Васиятнома»-и Ардашер, «Пешиннаконномак», «Шаҳристонҳои Эрон»... ва ғ.

---

[167] *Ниг:* **И. С. Брагинский**. Из истории таджикской народной поэзии, стр. 226-227.

5. Китобҳо доир ба ҳуқуқ ва додситонӣ: «Матигдани ҳазар датестан».

6. Китобҳо доир ба илмҳои филологӣ: «Фарҳанги оим», «Фарҳанги паҳлавӣ».

Чунин тарзи тақсимот, комил набошад ҳам, имкон медиҳад, ки мавзӯъ, ғоя, проблемаҳои асосии адабиёт, масъалаҳои динӣ, мазҳабӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ ва дараҷаи ташаккаулёбии тафаккури маънавии ниёгонамонро то истилои араб дар замони ҳукмронии Сосониён (қарнҳои III—VII) зина ба зина мавриди омӯзиш қарор диҳем. Бештари осори хаттии паҳлавӣ мазмун ва мундариҷаи динӣ доранд, вале дар баробари масъалаҳои динӣ афкори илмиву фалсафӣ ва ахлоқӣ низ мавриди тасвир қарор гирифтааст.

**«Минуи хирад»**

«Додистони минуи хирад» (ё аҳком ва қазовати «минуи хирад») яке аз навиштаҳои маъруф ва ҷолиби паҳлавӣ буда, дар он масъалаҳои мухталифи рӯҳонӣ ва дунёвӣ аз нигоҳи «минуи хирад» (рӯҳи ақл) – ин падидаи беҳтарин ва болотарини яздонӣ баррасӣ шудааст. Китоб дорои пешгуфтор ва 62 пурсишу посух аст. Матни он шомили 11 ҳазор вожа мебошад. Бунёди матни китоб дар замони ҳукмронии Хусрави I Сосонӣ (531-579 м.) танзим шудааст, вале баъд ҳангоми рӯнавису тарҷума ба он иловаҳо ворид гардидааст. Асли матни паҳлавии ин китоб дар Ҳинд аз байн рафта ва як нусхаи рӯйнависи он дар асри XI ба Эрон фиристода шудааст.[168] Аз рӯи маълумоти донишманди порсӣ Ҷаҳонгир Тавадиа «матни позанди асар аз асли кунунии он комилтар аст». Тарҷумаи Додихудои Саймиддин дар асоси муқоисаи матни позанд ва матни асли паҳлавӣ сурат гирифтааст.[169]

Китоби «Минуи хирад» саршори андарзҳо ва гуфторҳову пиндорҳои писандидаву арзишманд мебошад, бо вуҷуди он онро ба куллӣ андарзнома ҳисобидан мумкин нест. Чунки мояи асосии китобро мавзӯъоти динӣ, ситоиши рӯҳи ақл, Яздон ташкил медиҳад; андарзҳо дар омехтагӣ бо мавзӯъҳои динӣ оварда

---

[168] Андарозҳои «Минӯи хирад». (Пешгуфтор ва тарҷумаи Додихудои Саймиддин). Садои Шарқ. 1993, № 3-4, с. 72-76.

[169] *Ниг*: Ҳамон ҷо, саҳ. 75.

шудаанд. Вале дар бахшҳои 1, 2, 3, 38, 39, 40, 51 махсус андарзҳо гирдоварӣ шудаанд. Дар ин бахшҳо низ андарзҳо аз мавзӯъҳои динӣ ба тамом ҷудо нестанд. Мазмун ва моҳияти динӣ доранд, ҳарчанд ҷамбаи ахлоқӣ, дидактикӣ дар ин андарзҳо хеле пурқувват аст.

Нависанда дар пешгуфтори китоб худро ҳамчун шахси сеюм намудор сохта ва ҳамин шахс бо номи «Доно» аз «Минуи хирад» пурсишҳо карда ва посухҳо гирифтааст, ки сабки нигориши он чунин аст: «Пурсид Доно аз Минуи хирад, ки...», «Минуи хирад посух дод, ки...» ва г.

Муаллифи китоб Доно дар пешгуфтор матолиби мавзӯи онро чунин ба қалам овардааст: «Ҳамчунин пайдост, ки доное буд, ки гуфт, ки агар ин ошност (рӯшан аст), ки дини Яздон ростӣ ва додистон шон (қонуншон) хубист бар офариниши некному бахшоянда, (пас) ҷаро бештари мардумон дорои кешҳову гаравишҳо ва равиши бисёранд ва бештари он кешҳову додситонҳо ва гаравишҳо ба чизи Яздон газандрасон ва хуб нестанд. Ва инро низ андешид, ки барои ин чиз бояд ранҷ бурд ва ба ин чиз огоҳ бояд буд, ки ба фарҷом кори тан ба хок омехта бувад ва такя ба равон бувад ва ҳар кас барои равон ранҷ барад ва аз кори нек огоҳ бувад».

Инак, намунае чанд аз андарзҳои «Минуи хирад», ки судманд ва муфиданд. Аз бахши 1:

«Бадгӯӣ накун, то бадномӣ ва бадкорӣ нарасадат. Рашки зишт мадор, то ки зиндагит бемаза набувад. Худоёнро ягона ва фармонбардору ростгуфтор бош. Ва дар пешрафти кор кӯшиш беҳ. Аз марди бадгуҳар вом (қарз) маситон. Ба дӯст ба писанди дӯстӣ рафтор кун» ва г.

Аз бахши 2: «Барои равон родӣ (бахшандагӣ) ва ба ҳама ҷаҳон ростӣ ва барои Яздон сипосдорӣ ва дар тани мард хирад ва дар ҳама кор комиландешӣ ва барои осоиши тану равон (рӯҳ)ва задани Аҳримону девон хурсандӣ беҳ»...

Аз бахши 40: «Дар парастиши Яздон он беҳ, ки ба ин беҳдини поки маздиснон кунанд ва бунёди некиву ростӣ бегумонӣ ба Яздон аст»...

**«Артак Вирознома»**

Яке аз асарҳои насри динии ин давр «Артак Виразнома» аст. Муаллифи ин китоб мааълум нест, тахмин меравад, ки ӯ яке аз мӯбадони дини зардуштист ва аҳкоми шариати он дар ҷои аввал гузошта шудааст ва аз муборизаи пуршиддати дини зардуштӣ бо дини зарвон, месеҳӣ, буддо ва ҷодуӣ дарак медиҳад.

Муаллиф тавассути нишон додани саёҳати образи марказии асар Артак Вираз ба он дунё — осмон масоили хеле зиёди динӣ, ахлоқӣ, ҳаётӣ, ҳуқуқӣ-динии пайравони оини зардуштиро акс кунонидааст. Нишон додани корҳои бад ва нек, мукофоти он дар он дунё — дӯзаху биҳишт, мукофоти амал, аҳволи бандагон дар он дунё ва хулосаҳо аз он риштаи асосии ғоявии асарро ташкил додааст.

Нақл карда мешавад, ки Артак Вираз аз ҷониби муғони зардуштӣ ба сифати вакил интихоб мешавад, вай бояд ҳамчун вакили арвоҳҳо ба «он дунё» равад ва аз он ҷо барои пайравони оташкадаи зардуштӣ пандҳои маздоӣ биёрад, зеро дар замони ӯ давраи таназзули дини зардуштӣ оғоз шуда буд ва мардумон кам ба он эътиқод доштанд ва дар зери таъсири дигар мазҳабҳо ва парастишҳо, аз ҷумла бидъатҳои оини зардуштӣ бештар гуноҳ зоҳир мекардаанд. Ин ақида ба шароити таърихии асрҳои III-VII мувофиқат мекунад, чунки дар ин давра ҳақиқатан дини маздоӣ дар зери таъсири қувваҳои оппозитсионии зарвония, монӣ, маздакия, христианӣ ва вазъияти иқтисодию сиёсии замон, махсусан, ҳангоми ҷангҳои дохилӣ ва хориҷӣ бо мамлакати Рум, ҳайтолиён суст гардида буд. Аз ҳамин сабаб муаллифи китоб, ки яқин мӯбади оини зардуштист, кӯшиш кардааст, ки то андозае мавқеи ин динро мустаҳкам намояд.

Артак Вираз дар иҳотаи муғон ва аскарон дар «тахти валигӣ» нишаста шарбати банг (мумкин шарбате, ки аз гиёҳи муқаддаси Хаума ва Саума тайёр карда шуда бошад) хӯрда, ба хоб меравад, дар ин ҳолат рӯҳи ӯ ба «он дунё» рафта мебинад, ки ба мурдагон чӣ тавр мукофот медиҳанд. Рӯҳи Вираз баъд аз ҳафт рӯз аз «он дунё» ба замин бармегардад. Пас Вираз аз хоб бедор шуда, ба котиб мефармояд, ки мӯъҷизаву аҷоиботи дидаи ӯро нависад. Дар китоб ҷазоҳои мудҳиши рӯзи қиёмат ба тафсил

навишта шудааст ва ба ҳар гуноҳ ва ҷазои он фасли алоҳида муайян гардидааст, ки оғозу анҷоми онҳо якхела мебошад.

Дар сафар ба «он дунё» бо рӯҳи Вираз фариштаи хабарҳо Суруш ва рӯҳи оташи муқаддас Артур ҳамроҳӣ кардаанд. Онҳо дар «он дунё» гуноҳи ҳар як одамро шарҳ дода, ҷазодиҳиро тавассути амалиёти шайтонҳо бо сахтгирии аҳриманӣ акс кунонидаанд, ки моҳиятан системаи ҷазодиҳии замони Сосониёнро ба хотир меоварад. Мо инро дар муносибати рӯҳониёни мутаассиби оини маздоӣ ба насрониҳои Вавилония, Маздак ва Монӣ мушоҳида карда будем, ки онҳо ба ҷазоҳои мудҳиштарин маҳкум шуда буданд.

Бо мақсади тарсонидани гунаҳкорон аз азоби гӯр дар «он дунё» дӯзахи даҳшатангезро чунин тасвир намудааст: «Ман ҷоғи болои ҳориси дӯзахро дидам, ки ба чуқурии мудҳише монанд аст. Касро ба ҷои бисёр танги бадвоҳима, торикии даҳшатноке, ки дастро дароз карда, роҳро палмосида ёфтан мумкин аст, мебарад. Он ҷой чунон бадбӯй аст, ки ҳар шахси аз он ҳаво нафасгиранда зуд ба қафо гаштан мехоҳад. Дилаш беҳузур мешавад, меафтад. Аз сабаби гармӣ ва тангии нафасгир кас он ҷо истода наметавонад».

Дар «Артак Виразномак» инчунин ақидаи муғони зардуштӣ, ки дар қатори ҷазои ҷисмонӣ дар «он дунё», яъне азоби дӯзах мукофоти амали нек ва адолатхоҳиро низ талқин менамуд, барои гунаҳгорро аз бегуноҳ фарқ намудан роҳати рӯзи қиёматро низ ваъда мекард (ин маънӣ дар таълимоти динҳои дигар низ мавҷуд аст). Масалан, мардеро, ки ба зани ҳамидаи худ хиёнат кардааст, ҷазо медоданд. Ҷазо ба ҳамаи аъзои бадани ӯ паҳн мешуд, вале ба пояш не, зеро ӯ вақти ба хонаи ин зан омадан ҳайвони зарарнокеро зеру маҷақ карда буд, бинобар пои ӯ аз гуноҳ ва ҷазо озод аст. Ё ин ки пои гунаҳгори дигар низ аз ҷазо озод карда шуд, чунки ӯ бо ин ба барзагови ахта алаф додааст. Ин масъалаҳо чунин маънӣ доранд, ки ҳар амали баду неки инсон дар замин ба ҳисоб гирифта мешавад ва худованд ба воситаи фариштагони худ ҳақро ба ҳақдор мерасонад. Дар «Артак Виразномак» бар хилофи дӯзах, ки хеле мудҳиш ва воҳиманок аст, биҳишт (ҳуварита) ҷои

покӣ, осудагӣ, нуронӣ, сабзу хуррам, хушбӯй тасвир шудааст: «Вақте ки ман ба ҷаннат қадами сеюм гузоштам, мо ба он ҷое омадем, ки сокинони ҳуварита буданд. Онро олитарин нур номидаанд. Ман дар болои тахт ва қолин рӯҳи порсоёнро дидам ва дар он ҷо касонеро дидам, ки нури онҳо мисли нури офтоб буд ва ман аз Суруши муқаддас ва арвоҳи Артура пурсидам, ки ин ҷо чӣ гуна ҷой аст ва инҳо кадом арвоҳҳоянд? Суруши муқаддас ва арвоҳи Артура ҷавоб доданд: «Ин ҷо роҳи офтоб аст. Ин арвоҳи одамоне, ки дар ин ҷо ҳастанд, онҳо ҳамон касонеанд, ки дар дунё нағз ҳукмронӣ ва идораи корҳоро кардаанд».

Мазмун ва мавзӯъ, ғояи асосии «Виразномак» («Артак Виразнома») аз ҷанд ҷиҳат «Энеида»-и Вергилийро ба хотир меорад. Дар асари Вергилий Эней, ки бунёдкунандаи Рим дониста мешавад, рӯҳаш ба «он дунё» сафар карда, дар бораи дӯзаху биҳишт хабар медиҳад. Танҳо тарзи тасвир дар ин ду асар гуногун аст. «Виразнома» ба сужети «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте низ шабеҳие дорад. Дар асари Данте рӯҳи Вергилий тасвир шудааст ва аз ҷиҳати шакли бадеӣ, сужет, бузургии ҳаҷм ва вазифаҳое, ки Данте дар пеш гузоштааст, ин асарҳоро муқоиса намудан душвор аст. Вале мавзӯъ ва ғояи «Артак Виразнома» минбаъд дар адабиёти китобатии форсу тоҷик дучор меояд, ба гумони мо Мирзо Содиқи Муншӣ дар «Дахмаи шоҳон» (XVIII), Мирзо Азими Сомӣ дар «Анҷумани арвоҳ» (XIX) ва Сиддиқии Аҷзӣ дар «Анҷумани арвоҳ» (ибтидои асри XX) мумкин аст аз ҳамин тарзи баён ва тасвир, ки дар «Виразномак» дидем, истифода бурда бошанд. Ва ин аз минбаъд давом намудани анъанаи «Артак Виразномак» дар таърихи адабиёти тоҷик хабар медиҳад.

**Андарзномак (пандномаҳо)-и паҳлавӣ**

Адабиёти давраи форсии миёна пур аз асарҳои панду ҳикмат аст, ки онро «ҳандара» ё ки «пандномак» меномиданд. Вожаи андарз дар шакли «ҳандарз» мутобиқ ба савтиёти порсии миёна ва портӣ бори нахуст дар осори аҳди сосонӣ (III-VII м.) ба кор рафтааст... Ин вожа ба маънои «дастур» ва ҳамчунин «аҳком» низ омадааст». Инчунин шакли феълии он «ҳандарзонидан» ба маънои «андарз гуфтан»,

«дастур додан», «раҳнамоӣ кардан» дар осори паҳлавии китобӣ мавриди истифода қарор дорад.[170]

Дар адабиёти паҳлавӣ андарз дар муқобили панд таърихи истифодаи қадимтар ва корбурди бештар дорад. Андарзномаҳои паҳлавӣ як бахши ҷудогонаи адабиёти аҳди сосониро ташкил дода, дар мавзӯъоти мухталифи аҳлоқӣ ва зиндагии ҷаҳониву рӯҳонӣ иншо гардидаанд. «Бархе аз ин андарзҳо бар пояи суннати писандидаи оини Эрони бостон ва гуфтору кирдору пиндори беҳину волои ниёгону доноён ва бузургони пешин ва бархи дигар аз ҷониби дастурону шоҳон ва сухандонону суханшиносони замони Сосониён оварда шудаанд».[171] Андарз дар адабиёти паҳлавӣ ба ҳайси як жанри мустақил дар сабку шеваи хоси нигориш ташаккул намуда, минбаъд адр адабиёти аҳли исломии порс тавсиъаи бештар пайдо кардааст. Яъне бештари андарзномаҳои паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шуда, баъд матни аслии ин андрзномаҳо аз байн бурда шудаанд.

Аз рӯи нақлҳо мӯбади зардуштӣ Атурпат писари Маҳраспандонро муаллифи китоби «Андарзи Атурпати Маҳраспандон» мешуморанд, ки ба писари ӯ Заратуҳшт бахшида шудааст. Инчунин китоби «Пандномa»-и Заратушт»-ро ба ӯ нисбат медиханд, ки номи дигари он «Читак андарзи Заратуҳшт» аст ва онро ҳамчун маҷмӯаи андарзҳои муаллимони аввалини дин низ ба қалам додаанд, зеро дар асар, дар баробари таълимоти асосии динӣ, пандҳои ахлоқӣ, тарбиявӣ низ дода шудааст.

Асари дигаре, ки низ ба Атурпат нисбат медиҳанд, китоби «Воҷак ё чанди Атурпата Махраспандон» (якчанд сухани Атурпат писари Маҳраспандон) мебошад. Дар ин бора мӯбади машҳури замони Хусрави I (531-579) Бахтофарид, ки бо Атурфанбағ китоби ҳадисҳои Зардуштро тартиб додаанд, маълмот медиҳад. Инчунин аз номи Хусрави I бо номи «Андарзи Хусрави Каводон» панднномае тартиб додаанд, ки ин панднома ва панднномаҳои «Андарзи доноён ва маздиснон», «Андарзҳои пешиниён»-ро аз

---

[170] Додихудои Саймиддин. Пешгуфтор ба чанд андарзномаи паҳлавӣ. – Фарҳанг. 1992. №1-2. с. 52.

[171] Ҳамон ҷо.

рӯи «Матнҳои паҳлавӣ»-и чопи Ҷамшедчи Дастур Манучеҳри Ҷамасп — Асана тарҷума ва таҳия кардаанд.[172]

Дар «Андарзи Ҳусрави Каводон» омадааст, ки Хусрави 1 пеш аз марг, пеш аз он ки ҷонаш зи тан ҷудо шавад, ба андарз ба ҷаҳониён гуфт, ки: «чун ин ҷон аз тани ман ҷудо шудӣ, ин тахти ман бардоред ва ба дахма бареду ба дахма ниҳед ва ба сари ҷаҳониён бонг кунед, ки мардумон аз гуноҳ кардан бипарҳезанд ва ба накӯкорӣ бикӯшед ва моли гетӣ хор доред, ки ин он тан аст, ки дирӯз ин тан будӣ, ки ин мардум ба се гом наздиктар ба-дон будӣ ва ба ҳар гоҳу замон росткирдорӣ ва моли гетӣ биафзудӣ, ки имрӯз баҳри нопокиш ҳар кӣ даст ба он ниҳад, ба баршнум бояд шустан, вагарна ба парастиши Яздону ҳампурсии (машвараи) беҳон (некон) нагузоранд. Дирӯз шукӯҳи шоҳиро даст ба касе надод, ки имрӯз баҳри нопокии касе бар он наниҳад».[173] Пӯшида нест, ки Хусрав васият намудааст, ки дар кори ҷаҳон аз некию ростӣ кори арзишманду судмандтаре нест. Бинобар таъкид намудааст, ки: «Эй мардумони ҷаҳон, сиҳатманд бошед! Биравед, амал кунед ба пойдории росту кори барзгарӣ. Ба кори ҷаҳониён кушо ва ҳушёр бошед. Ойину паймон ба кор доред ва дар кору додситон (қазоват) бузургманишу росту бо ростон ҳамсухан бошед».[174]

Ҳамаи пандномаҳо ба наъти Худову офаридагони олам шурӯъ мешаванд, масалан, дар андарзи «Андарзи доноён ва маздиснон» аввал таъкид мешавад, ки мардумони маздой беҳтарин мардумонанд ва онҳо бояд ба сухани доноён ва андарзи Ҳурмузу Амаҳраспандон гӯш диҳанд, зеро Ҳурмузд ҳаёти ҷаҳонро пойдор медорад. Пас аз номи Ҳурмузд панд дода мешавад, ки: «Ба ҳангоми бомдод бархезед, (эй) мардумони маргманд, аз (рӯи) дод (адл) дастурӯй ба пешоби гӯсфандон бишӯед ва бо оби пок бишӯед ва аз рӯи дод ҷомаи пок бипӯшед ва ба нееранги (афсун, сеҳр) дини маздиснон кушти (камарбанди) зардуштиён бандед

---

[172] **Додихудои Саймиддин**. Пешгуфтор ба чанд андарзномаи паҳлавӣ. — Фарҳанг 1992, №1-2, саҳ. 52-53.

[173] Ҳамон ҷо.

[174] Ҳамон ҷо, саҳ 53-54.

ба пиндору гуфтору кирдори нек. (Аз рӯи) пиндор ба рувон кору кирдори нек кунед ва парастори кирдори нек бошед».[175] Дар ин андарзнома ба оини зардуштӣ гаравидан ва аз рӯи пиндори неку гуфтори неку рафтори нек зистан талқин карда мешавад. Дар банди дигар колбуди мардумон ба дарахте монанд карда мешавад, ки «коранд, бирӯяд ва афзояду рушд кунад, шиканаду бибуранд ва барчинанду бар оташ ниҳанд, яъне одамон низ чун бикошт ё бидид, надонад, ки хештан буд ё на».[176] Аз ин хотир ҳамеша бояд барои кору кирдори нек ҷаҳд намудан зарур аст. Дар дигар бандҳои ин андарзномак ҳамин ғоя ва маънӣ таъкиду танзим шудааст, инчунин дар бандҳои 15, 16, 17, 18 пораҳои манзум оварда мешавад, чунончи дар банди 15.

Дорам андарзе аз доноён,
Аз гуфти пешиниён.
Ба шумо бигузорам,
Ба ростӣ андар ҷаҳон.

Ё дар банди 17:

Мардумоне чанд дидам,
Бас орзу андар ҷаҳон.
Худоёне чанд дидам,
Миҳ сардор бар мардумон.
Ишон ба беш пиндорҳо,
Бирафтанд андар ҷаҳон.
Ишон бероҳ шуданд,
Бо дард бирафтанд, бе сомон.

Сабк ва тарзи баёну нигориши «Андарзи пешиниён» ба «Андарзи Хусрави Каводон» ва «Андарзи доноён ва маздиснон» монанд аст. Ин андарзнома низ ба шукри Яздону офаридагор оғоз мешавад. Тарзи баён хеле содда буда, аз ҷиҳати ҳаҷм нисбат ба дуи дигар хурдтар аст. Дар матни тарҷума чор банди ин андарзнома омадааст, ки ҳар яке «бо номи Яздон» сар мешавад.

[175] Ҳамон ҷо, саҳ. 53
[176] Ҳамон ҷо, саҳ. 52

Банди аввал 9, банди сеюм 6 ва банди чаҳорум 2 ҳикмати пешиниёнро фаро гирифтааст. Дар банди аввал омада: «1. Мол ба тандурустӣ беҳ. 2. Фарзанди порсо беҳ. 3. Бародари некном беҳ. 4. Пуштибони вазифа беҳ. 5. Дар анбоз (ҳамроҳӣ, муоширaт) зани некӯ беҳ. 6. Кори неки бекарон беҳ. 7. Дӯсти соҳибравон беҳ (он ки) фармонравои замонҳост. 8. Дар ҳама кору додситонӣ (қазоват) ростиву андешаи комил беҳ. 9. Дар ҳар ду ҷаҳон бебимӣ беҳ».[177] Чунон ки мебинем, дар ин гуфтаҳо фишурдаи ҳикмати ниёгон, ки аз таҷрибаи зиндагию рӯзгор борҳо санҷида шудаву сайқал дидааст ва ҳар яке як ҷаҳон бори маънавӣ дорад, ниҳон аст ва имони комил дорем, ки имрӯз низ дастури кору зиндагӣ қарор хоҳанд гирифт.

Дар банди 2 омадааст: «1. Ба адлу дин рафтан. Падару модар наозурдан. 3. Майл бо бародарону дӯстон ва хешону наздикон пайванд кардан, нигаҳбони занон будан. 4. Ба кирдори нек дар кӯшиш будан. 5. Ҳар рӯз ба хештан шумор бикардан, ки имрӯзам чӣ суду чӣ зиён, чӣ кори некӯ, чӣ гуноҳ ва чанд роҳи нек кардастам ва чанд роҳи бад, чунки гетӣ сипанҷи якрӯзаро монад. 6. Ба кирдори нек ва гуноҳ дар шумор бошед. 7. Чунки ҳар киро кирдори нек беш аз гуноҳ бувад. Суруши росткор дасташ бигирад ва ба биҳишт кашад. 8. Он киро, ки гуноҳ беш аз кирдори нек бувад, Визаршдев бигирад ва ба дӯзах кашад. Чун бигиряд, набахшандаш ва чун бонг кунад, нашнаванд. 9. Вопасин ин умеди ту кирдори туст.[178]

Дар ин банд, ба истиснои чанд ҳикмат (6, 7, 8), дигар пораҳо мазмун ва мундариҷаи дунявию ҳаётӣ доранд, инсонро чи дар гузашта ва чи имрӯз барои кори неку пиндори неку гуфтори нек раҳнамун месозанд. Масалан, дар ҳикмати 5 гуфта шудааст: «Ҳар рӯз бо хештан шумор бикардан, ки имрӯзам чӣ суду чӣ зиён, чӣ кори неку чӣ гуноҳ ва чанд роҳи нек кардастам ва чанд роҳи бад, чунки гетӣ сипанҷи якрӯзаро монад». Магар барои инсони имрӯза судманд нест, оё инсонро ба меҳнати ҳалол, ростиву дӯстӣ, ҳусни тафоҳум, андешаи имрӯзу фардо кардан, аз кирдори баду неки

[177] Ҳамон ҷо, саҳ. 52.

[178] Ҳамон ҷо, саҳ. 54.

худ ба худ ҳисобот додан, ба нафъи мардум некӣ кардан раҳнамун намесозад. Ин маънӣ дар байти машҳури Лоҳутӣ чунин ба қалам омада, ки чун ҳикмати халқ маъруф аст:

Ҳар рӯз-зи худат бипурс, агар ту мардӣ,
К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ?

Асари дигаре, ки дар равияи панду ҳикмат таълиф ёфтааст, **«Авёткори Ҷомоспик»** мебошад, ки ба асри IV мутааллиқ аст. Ин асар низ бо услуби маъмули адабиёти форсии миёна — суолу посух ва муколама навишта шудааст. Дар ин асар Виштоспшоҳ савол медиҳад ва Ҷомоспи ҳаким ба суолҳои ӯ посух медиҳад. Ҷавобҳои Ҷомоспи ҳаким пешгӯёна аст. Шоҳ дар бораи тақдириояндаи Эрон, давлат ва дини он суол мекунад. Ҷавобҳои Ҷомосп на фақат ҳикматомез ва пешгӯёнаанд, балки аз ҷиҳати таърихӣ этнографӣ, ҷуғрофӣ низ ҷолибанд, зеро ӯ дар бораи таърихи халқҳои мавҷудаи ҳиндуҳо, хитоиҳо, арабҳо, туркҳо (хиун), барбариҳо, инчунин дар бораи халқҳои фантастикии гӯшу чашмонаш дар сари синаашон, почакач, сагкаллаҳо маълумотҳо медиҳад. Ҷомосп инчунин дар бораи Гангдиж ва Сиёвахшгирд, ки Сиёвуш дар Тӯрон сохта буд, дар бораи қасри зеризаминии Ҷамшед (Йима) дар Эрон — вача низ маълумот додааст. Ғайр аз ин, Ҷомосп дар бораи подшоҳони сосонӣ ва пайғамбари охирзамон Зардушт ва писарони вай, рӯзи қиёмат низ сухан меронад.

**Асари дигари равияи панду ҳикмат «Ёдгори Бузургмеҳр»** (форсии миёна «Айдагари Бузургмеҳр») буда, ба Бузургмеҳри Бухтагон — вазири шоҳи сосонӣ — Хусрави I маъруф ба Хусрави Анӯшервон (дар адабиёти паҳлавӣ Анӯшакрувон ба маънои «равонаш бемарг» ва ё «ҷовидон») мансуб дониста шудааст.

Дар бораи ин донишманди варзида гуфтаҳои зиёде мавҷуданд, вале то ҳол чеҳраи ин шахси мӯътабар рӯшан нашудааст, зеро бархе аз олимон ӯро шахси таърихӣ, гурӯҳи дигар афсонавӣ ба қалам додаанд. Масалан, эроншиноси варзида Артур Кристенсен зимни таҳқиқи манобеъи арабию форсӣ Бузургмеҳрро тахайюлӣ ва сохта пидошта, ӯро бо табиби хосаи Хусрав — Барзӯя як шахс мешуморад. Гурӯҳи дигари донишмандон номи Бузургмеҳрро аз унвони паҳлавии нахуствазир ё вазири кабир

пиндоштаанд, ки дар забони паҳлавӣ онро «бузург-фрамадар» мегуфтанд. Муаллифи пешгуфтори матни форсӣ-тоҷикии «Ёдгори Бузургмеҳр» зимни ин матлаб навиштааст: «Чунон ки дар китоби «Эрон дар аҳди бостон» (дар торихи ақвом ва подшоҳони пеш аз ислом) толифи Муҳаммад Ҷаводи Машкур тазаккур меравад, «ин бузургфармадори Анӯшервонро писари Сухро-Зармиҳр донистаанд ва чун Сухро мӯлаққаб ба Бухтагон буд, аз ин ҷиҳат Бузургмеҳрро низ писари Бухтагон навиштаанд». Мутобиқ ба маълумоти бархе аз муаллифони давраи исломӣ Бузургмеҳр бо фармони Хусрави Парвиз (590-628) — кушта шудааст».[179] Бино ба ривояти «Шоҳнома» Бузургмеҳр дар овони кӯдакӣ аз Марв ба дарбори Хусрави Анӯшервон оварда шуда ва ҳамзамон номаш дар паҳлӯи мӯбадони раҳнамову ҳамогоҳи девони шоҳ навишта шудааст.[180] Ғайр аз ин, дар матни «Чатранг-намаг» («Шатранҷнома») номи Бузургмеҳр ҳамчун донишманди воломақом, соҳиби нирӯи донишу хирад, шахсе, ки муаммои шатранҷро дарёфта, бозии нави нард ихтироъ кардааст, сухан меравад.

Бо вуҷуди он ки чеҳраи Бузургмеҳр то ҳол рӯшан нашудааст, вале офаридаҳои ӯ ва номи ӯ ҳазорсолаҳост, ки вирди забони мардум қарор гирифтааст. Донишмандон дар мавриди бунёди «Ёдгори Бузургмеҳр» низ изҳори ақида намудаанд. Иддае аз муҳаққиқон «Ёдгори Бузургмеҳр» ва «Ҷовидон хирад»-ро бунёди шакли арабии достони «Билаухару Будасф» меҳисобанд. Аз натиҷагирии муҳаққиқон бармеояд, ки достони «Билаухару Будасф» дар замони Сосониён аз сурёнӣ ба паҳлавӣ тарҷума шуда будааст гумон меравад, ки ин достон (тарҷумааш) бунёди комили «Ёдгори Бузургмеҳр» ё худ «Пандномаи Бузургмеҳр» гардидааст.

Шакли пурраи андарзҳои Бузургмеҳр дар китоби «Ал-ҳикматул — халида» таълифи Ибн Мискавйеҳ, ки тарҷумаи но-

[179] **Додихудои Саймиддин**. Пешгуфтор ба «Ёдгори Бузургмеҳр». Садои Шарқ. 1993 №7-8, саҳ. 136.

[180] Ҳамон ҷо, саҳ. 136-137.

маи паҳлавии «Ҷовидон хирад» маҳсуб мегардад, гирдоварӣ шудааст.[181]

Асли матни паҳлавии «Ҷовидон хирад» аз байн рафта, танҳо тарҷумаи арабии он боқӣ мондааст. Бештар андарзҳои Бузургмеҳр бетағйир ё бо каме тағйирот дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Қобуснома»-и Кайковус, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Бӯстон» ва «Гулистони»-и Саъдӣ, «Пандномa» ё худ «Пирӯзнома»-и Абӯалӣ ибни Сино (дар «Пирӯзнома» аглаби андарзҳо ба тариқи «Бузургмеҳр мегӯяд» ё «Бузургмеҳр фармудааст» оғоз мегардад) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

«Ёдгори Бузургмеҳр» низ мисли дигар асарҳои равияи панду ҳикмат дар шакли пурсишу посух нигошта шудааст. Бахши нахустини андарзнома иборат аз пешгуфторест дар чаҳор банд, ки дар он сухан дар бораи мақом ва мартабаи Бузургмеҳр дар дарбори шоҳ Хусрав меравад. Ин бахш ва бахшҳои дигар аз номи нависанда Бузургмеҳр баён гардидааст. Ӯ инчунин дар бахши аввал навиштааст, ки пандномa бо фармони шоҳ Хусрав навишта шуда, дар «ганҷи шойгон» гузошта шудааст. Муаллифи пешгуфтор ва мутарҷими матн таъкид мекунад, ки «забону сабки чаҳор банди оғози матн аз нигоҳи вежагиҳои забонӣ ва сохтори ҷумлаоту истифодаи тартиби калимот хеле мушкил ва печида буда, аз бандҳои бахши дигар ба куллӣ тафовут дорад».[182] Бахшҳои дигари «Ёдгори Бузургмеҳр» дар шакли пурсиш ва посух сурат гирифта, хеле кӯтоҳу дақиқ ва ба хонандаи имрӯза фаҳмо мебошанд. Инак, намунае чанд аз андарзҳои Бузургмеҳр ба таваҷҷӯҳи хонанда пешкаш мешавад.

Аз бахши нахустин, банди 1. «Ман Бузургмеҳри Бухтагон, сарпарасти шабистони (ҳарами) шаҳриёрии нерӯманди Хусрав ва сарвари дарбор ин ёдгорро бо ёрии нерӯи Яздон ва дигар ҳамин гуна менӯи (рӯҳи) беҳин ва аз фармоне, ки шоҳаншоҳ Хусрав бидод, навиштам, то он шояд фарҳанги хубе буда бошад барои онон, ки дар пазириши кошона ва доройӣ офарида шудаанд. Ва онро дар ганҷи шойгон гузоштам».

[181] Ҳамон ҷо, саҳ. 137.

[182] Ҳамон ҷо, саҳ. 138

Пас аз чор банди бахши аввал, бахши асосии пандномa меояд, ки дар шакли пурсишу посух буда, аз 264 банд иборат мебошад. Доираи мавзӯоти бандҳои бахши асосӣ серпаҳлӯ ва пурдомана буда, тамоми масоили рӯзгору зиндагӣ, додгустарӣ, дониишу хирад, ахлоқ, фалсафа, аркони динӣ, масъалаҳои рӯҳшиносӣ, равоншиносӣ ва амсоли инҳоро фаро гирифтааст.

Аз бахши асосӣ бандҳои 11-12: «Некӣ чисту бадӣ чист? Некӣ пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек ва бадӣ пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад».

«Ба некӣ кӣ комилтар? — Он, ки донотар аст» (банди 23-24): «Кӣ донотар? — он, ки фарҷоми тан донад ва душмани равон бишояд ва бим надоштанро бартар донад» (банди 25-26);

«Аз ин чанд мену кадом ба тани мардумон нерӯмандтар? Хирад ҳушмандтар, андеша ҳасостар ва ҳуш пойдотар. Хислати хуб шукӯҳтар ва гуворотар» (банди 52-53);

«Барои мардумон фарҳанг беҳ ё дониш? Хирад барои шинохтани кор ва дониш барои писандидани кор» (банди 61-62);

«Ба мардумон фарҳанг беҳ ё гуҳару хирад? Афзоиши тан аз фарҳанг ва оини меҳмондорӣ аз гуҳар, шахсият ва ҳуқуқ хӯ ва нигаҳбони тану ҷон аз хирад» (банди 83-84)

«Кӣ номдортар?» — Он, ки ба мардумон некӣ карданро аз рӯи дод дорад» (бандҳои 141-142);

«Кӣ номитар? — Он, ки меҳтару пирӯзмандтар» (бандҳои 143-144);

«Кадом дӯст беҳ? — Он, ки меҳрубонтар ва дар шигифтӣ ёртар (бандҳои 189-190).

«Киро дӯст бештар? — Онро, ки фурӯтану бурдбортар ва чарбзабонтар» (бандҳои 191-192);

«Чӣ бадтар? — Нобоварӣ ва фиреб дар андеша» (бандҳои 260).[183]

**Китобҳо оиди таърих ва саргузашти подшоҳон**

Яке аз чунин китобҳо «Ваҳуман яшт» ном дорад. Дар ин китоб ваҳйе, ки Аҳура Маздо дар бораи ояндаи Эрон, подшоҳии Эрон ва дини он ба Зардушт гуфтааст, ҷолиби

---

[183] Ҳамон ҷо. саҳ. 139-141.

диққат мебошад. Масъалаи муҳим ва пураҳамият дар ин асар он аст, ки давраҳои ҷудогонаи таърихи дини Маздо Ясно бо шохаҳои дарахт монанд карда мешавад, вале ин монандкунӣ хусусияти рамзӣ дорад ва дар он зинаҳо ва давраҳои ташаккулу таназзули давлати Эрон баён мегардад. Масалан, шохи тиллоӣ — давраи аввалини маздиснон — замони подшоҳии Виштосп, шохи нуқрагин — замони набераи вай Артахшери Кайшоҳ, шохи пӯлодин давраи Хусрави 1, шохи оҳанин давраи ҳукумронии девҳо, ки аз насли Оша мебошанд. Мумкин аст, муаллиф дар зери давраи охир истилои арабро дар назар дошта бошад. Дар «Ваҳуман яшт» инчунин дар бораи ҳафт шоҳ, дар Эрони қадим мавҷуд будани чунин зинаҳои ҷамъияти инсонӣ — давраи тилло, нуқра ва оҳан маълумот медиҳад, ки аз аҳамият барӣ нест.

Дар байни китобҳои оид ба таърих ва саргузашти подшоҳони давраи сосонӣ, махсусан, «Корномаи Ардашери Бобакон» мавқеи муҳим дорад. Ин китоб дар бораи асосгузори давлати Сосониён Арташер бинни Бобак маълумот медиҳад ва дар соли 600-и м. навишта шудааст. Дар бораи ба подшоҳӣ омадани Ардашери Бобакон, оғози давраи сеюми таърихи подшоҳии Эрон Монӣ дар «Шопургон» низ маълумот додааст, вале «Корномаи Ардашери Бобакон» ягона асарест, ки дорои моҳияти адабӣ, бадеӣ, таърихӣ ва этнографӣ буда, ҷолибтарин навиштаҳои адабиёти паҳлавист. Маълумотҳое, ки дар бораи Ардашери Бобакон Абӯалии Балъамӣ, Ибн-ал-Балхӣ ва асарҳои таърихию адабии баъдина додаанд, аз манобеъи аслии матни «Корнома»-и аҳди Сосониён то андозае дур рафтаанд».[184] Қадимтарин матни нусхаи «Корнома» ба соли 1322-и мелод рост меояд, ки онро Миҳрубон Кайхусрав аз рӯи дастнависи соли 1255-и мелод рӯйнавис шудаи Рустам Миҳрубон китобат намудааст. «Корномаи Ардашери Бобакон»-ро аввал зардуштиёни Ҳинд ба забони гуҷаротӣ соли 1853 тарҷума карда, ба нашр расониданд, минбаъд тарҷумаҳои он ба забонҳои англисӣ, франсавӣ, итолиявӣ, арманӣ ва русӣ ба вуҷуд омадааст. Нусхаи тоҷикии матни «Корнома» низ чоп

[184] *Ниг*: **Абӯалии Балъамӣ**. Таърихи Табарӣ, саҳ. 465-470; **Ибн-ал-Балхӣ**. Форснома. Саҳ. 63-64, **Берунӣ**. Осор-ул-бокия саҳ. 140-141.

шудааст, ки дар натиҷаи тадқиқу муқоисаи матнҳои дигари то ҳол вуҷуддоштаи «Корнома» таълиф ёфтааст. Додихудои Саймуддин дар «Пешгуфтор»-и тарҷумаи «Корномаи Ардашери Бобакон» оиди бунёди сарнавишти «Корнома» ва иқдоми бостоншиносон дар овонавишту тарҷумаи он ба забонҳои дигари ҷаҳон мушаххас муҳокима ронда, махсусан ҳиссаи Т. Нёлдеке, А. Кристенсен, Миҳрубон Кайхусрав, Рустам Миҳробон ва дигаронро таъкид кардааст.[185]

Воқеан як гурӯҳ муҳаққиқон ин навиштаи аҳди сосониро ба асри VI, иддаи дигар ба асри V-и мелод мувофиқ мешуморанд. Инчунин ақидае мавҷуд аст, ки то рӯй бор омадани «Корнома»-и сосонӣ «Корнома»-и дигар низ мавҷуд будааст. Инчунин маълумотҳо дар бораи ному насаб ва шахсияти Ардашери Бобакон низ дар сарчашмаҳои таърихӣ тафовути зиёде доранд. Масалан, дар байни маълумотҳои Балъамӣ, Табарӣ, Наршахӣ ва ишораҳои Ҳамзаи Исфаҳонӣ ва Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» фарқ ба назар мерасад. Ва донишмандон «Корнома»-ро ба нақли Фирдавсӣ бештар наздиктар мешуморанд. Вале байни маълумотномаи муаррихони араб, ки манбаи ишон тарҷумаи «Худойнома»-и паҳлавӣ мебошад ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва асарҳои таърихи асрҳои миёна оиди насаби Ардашер тафовути назаррас мавҷуд аст. «Он чӣ муаррихини араб дар мавриди падари Ардашер ва шаҷараи вай овардаанд, бидуни шубҳа таърихӣ буда, ба маълумоти катибаҳои давраи аввали худи Ардашери Бобакон ва писараш дар Каъбаи Зардушт мутобиқати комил дорад».[186]

Аз рӯи тадқиқотҳои А. Кристенсен, Ч. Тавадиа, Забеҳуллоҳ Сафо, Додихудои Саймиддин ба хулосае омадан мумкин аст, ки то замони ба миён омадани «Корнома»-и мазкур «Корнома»-и дигари комиле ба забони форсии миёна бо расмулхати паҳлавӣ нигошта шудааст. Мо ин маъниро аз нақли ҷумлаи аввали «Корномаи Ардашери Бобакон» дарёфта метавонем, ки омадааст: «Ба Корномаи Ардашери Бобакон эдун навишта шудааст». Ин

---

[185] **Додихудои Саймиддин.** Корномаи Ардашери Бобакон (Пешгуфтор ва тарҷума) — Фарҳанг, 1991, № 6, сах 46-47.

[186] Ҳамон ҷо, сах. 46.

ишора ба мавҷуд будани «Корнома»-и дигар аст. Мумкин аст, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» аз ҳамон нусхаи дигар «Корнома», ки дар «Худойнома» мавҷуданд, истифода кардааст.

**Мазмун ва мундариҷаи «Корномаи Ардашери Бобакон»**

«Корнома» ҳамчун навиштаи таърихӣ ва саргузашти нахустин шоҳи сосонӣ Ардашери Бобакон I (224-241-и м.) ва ғалабаи вай ба Ардавони V (213-224-и мелод), ки охирин шоҳи Ашкониён аст, инчунин дар бораи дигар шаҳриёрони Эроншаҳр, ҳамчун гирдоварандаи кишвари бузурги Сосониён баҳс мекунад. «Корнома» ба номи Яздон «Ба номи неру ва ёрии офаридагон Хурмузди рӯйманду фараҳманд. Тандурустӣ ва дарозумрии ҳама некону росткорон, ба хусус он ки барояш навишта мешавад» оғоз шуда, сипас қисми асосӣ иборат аз XVIII фасл меояд. Нахустфасли «Корнома» «Дар дидани Бобак Сосонро ба хоб ва додани духтари хеш бад-ӯ» ном дошта, дар бораи падар ва модар ва аҳлу насаби Ардашер маълумот медиҳад.

Дар фасли аввали «Корнома» омадааст, ки падари Ардашер — Сосон шубони Бобак — марзбону шаҳриёри Форс ва гумоштаи Ардавони ашконӣ буда, аҳлу насаби худро пинҳон медоштааст. «Сосон шубони Бобак буд ва ҳамвора бо гӯсфандон ва аз нажоди Дорои Дороён. Ва дар фармонравоии Искандар ба гурезу ниҳоншавӣ буду бо шӯбонони курд бирафт. Бобак надонист, ки Сосон аз нажоди Дорои Дороён будааст».[187] Дар «Корнома» нақл карда мешавад, ки Бобакро ҳеҷ фарзанди номбардор набуд. Ӯ шабе хоб мебинад, ки хуршед дар сарои Сосон нурафшонӣ намуда, ҳама ҷоро равшан менамояд. Шаби дигар хоб дид, ки Сосон бар фили сафеде нишаста, дигарҳо бад-ӯ намоз мебаранд ва ситоишу офаринишаш мекунанд. Инчунин шаби сеюм хоб дид, ки оташи муқаддаси Фарнбай ва Гуштҳаспу Бурзен ва Миҳр дар хонаи Сосон фурӯзон гардидаву тамоми ҷаҳонро рӯшан карда истодааст. Бобак натиҷаи хобашро аз доноён хобгузорон пурсон шуд ва ҳар се хобе, ки дида буд, пеши эшон боз гуфт. Хобгузорон чунин натиҷагирӣ намуданд, ки ӯ ё аз фарзандони он мард касе

---

[187] Ҳамон ҷо, саҳ. 47.

ба подшоҳии ҷаҳон бирасад, хуршеду фили сафед пирӯзиву тавоной ва нури оташи муқаддаси Фарнбай, Оташи Гуштҳасп, оташи Бурден ва Миҳр подшоҳии ҷаҳонро ба ин мард таслим намудаанд. Бобак пас аз посухи хобгузорон Сосонро даъват кард, аз ӯ пурсон шуд, ки «аз кадом гуҳару нажодӣ». Сосон зинҳор хост ва сипас чунон ки буд, пеши Бобак боз гуфт. Бобак ӯро гиромӣ дошт, ба гармоба фиристод, либосҳои шоҳона бипӯшондаш ва духтари хешро ба ӯ ба занӣ дод.

Фасли дуюм «Дар зода шудани Ардашери Бобакон ва чигунагии ӯ бо Ардавон дар нахчиргоҳ» ном дорад. Аз мундариҷаи ин фасл бармеояд, ки чун Ардашер ба дунё омад, аз хурдӣ дар ӯ фарри шоҳӣ ҳувайдо буд, ин тифли навзод ба Бобак хеле хуш омад. Бинобар ӯро азизу гиромӣ доштӣ. Бо саъю кӯшиши Бобак Ардашер то синни понздаҳсолагӣ дабирӣ, аспсаворӣ ва дигар навъи ҳунарҳоро фаро гирифт, ки дар Форс назираш набуд. Пас Бобак Ардашерро ба назди Ардавон фиристод. Дар дарбори Ардавон Ардашер чанд муддати дигар парвариш ёфт, вале рӯзе ҳангоми шикори нахчир Ардашер бо писари Ардавон аз паси гӯре рафтанд, бо ҳунармандӣ Ардашер гӯрро бо тир чунон зад, ки «тир то пар ба ишками гӯр расид ва аз сӯи дигар бигзашту гӯр бар ҷой бимурд» ва дар ин ҳангом саворон бо Ардавон расиданд ва чун ин зарб бидиданд, тааҷҷуб карданд, пурсон шуданд, ки инро кӣ кард? Ардашер гуфт, ки ман кардам, вале писари Ардавон гуфт, ки ман кардам. Пас аз ин Ардавон ба Ардашер хашм гирифт, ба ӯ таъна зад, ки ӯро ба охури сутурон фиристанд. Ардашер ба Бобак нома навишт, Бобак чун нома гирифт, андӯҳгин шуд ва дар номаи ҷавобӣ хоҳиш кард, ки Ардашер ба шоҳ дуруштӣ накунад, зеро ӯ подшоҳи мулк аст, «фармонбардорӣ кун ва шукӯҳи хеш ба нобудӣ маспор».[188]

Дар фасли сеюм «Дар фирефта шудани канизаки Ардавон бар Ардашер ва гурехтани Ардашер бо он канизак ба сӯи Порс» сухан аз огози фаъолияти Ардашер барои аз байн бурдани мулки Ардавон ва талоши ӯ барои барқарор кардани давлати Сосониён рафтааст. Дар ин фасл низ мисли фасли аввал нависандаи «Кор-

[188] Ҳамон ҷо, саҳ. 42.

нома» аз усули хоббинӣ истифода намуда, тавассути хоб ва посухи доноёну хобгузорон ояндаи тақдири Форс ва ҳукмрони ояндаи онро пешгӯӣ намудааст. Аз ҷумла омадааст, ки Ардавон Ардадухт ном канизаке дошт, ин канизак маҳрами Ардавон буд ва дар ниҳояти ҳусну ҷамол. Ардадухт шефтаи Ардашер мегардад ва бо Ардашер дӯстӣ ва хушӣ дошт ва то бомдод бо Ардашер мебуд ва пас аз он ба пеши Ардавон меомад. Рӯзе Ардавон доноён ва мунаҷҷимонро гирд овард ва аз онҳо ояндаи давлатдории худ ва кишварро пурсон шуд. Мунаҷҷимон дар асоси ҳаракати сайёраву ситораҳо пешгӯӣ намуданд, ки подшоҳе ба сари кор меояд ва ҷаҳон ба шоҳии мутлақ медарорад. Мунаҷҷиме инчунин иброз дошт, ки «чунин пайдост, ки ҳар марди ғуломе, ки аз имрӯз то се рӯз аз назди соҳиби хеш бигрезад ба бузургиву подшоҳӣ расад ва бар соҳиби хеш комрону пирӯзгар бувад».[189] Ҳарчи мунаҷҷимон ба Ардавон гуфтанд, Ардадухт ба Ардашер нақл намуд. Пас ҳар ду қарор доданд, якҷоя аз дарбори Ардавон бигрезанд. «Шаб чун Ардавон хуфта буд Ардадухт аз ганҷи Ардавон шамшери ҳиндиву зини заррин ва камарбанде ба нишони сари меш ва кулоҳи зарриву ҷомаи заррин бо басе гуҳару дираму динор ва басе чизҳои дигар бигрифту ба пеши Ардашер овард.[190] Ҳарду дар ду аспи бодпо ба суи Форс бигрехтанд. Дар роҳ ба ду зане дучор омаданд, гуфтанд: «ки матарс Ардашери кайи Бобакон аз нажоди Сосону пайванди Дорошоҳ. Чунки аз ҳар бад бирастӣ ва касе туро натвонад гирифтан ва туро подшоҳи Ироншаҳр бисёр сол бояд кардан. Биштоб ба дарё ва чун дарё ба чашм бубинед, ҳеҷ мапоед. Чун чашмат ба дарё уфтад, аз душманон бебим бошӣ». Баъд аз ин Ардашер хушдил шуд ва аз он манзил бошитоб бирафт. Дар фаслҳои IV-V-и «Корнома» — Огоҳшавии Ардавон аз гурехтани Ардашер бо канизак ва чораҳо андешидани ӯ асосан сухан меравад. Рӯзи дигар Ардавон канизакро ҷӯё шуд, вале ӯро пайдо карда натавонист, сутурбон ба ӯ хабар дод, ки Ардашеру канизак бо ду аспи бодпои шумо дар ҷой нест. Шоҳ бовар кард, ки он чӣ мунаҷҷимон пешгӯӣ карда буданд, рост баромад. Пас

[189] Ҳамон асар. с. 49.

[190] Ҳамон ҷо, саҳ. 49.

аз ахтаршиносон чора пурсид, посух доданд, ки агар дар зарфи се рӯз онҳоро пайдо карда натавонӣ, яқин Ардашер шоҳи мулки Форс мешавад ва ӯро дигар гирифтан мумкин нест. Ардавон барои таъқиб кардани Ардашеру канизак сипоҳи чорҳазорнафара биорост, роҳи вилояти Форсро пеш гирифт ва дар роҳ аз мардум пурсид, ки онҳо ду саввореро надидаанд. Ба ӯ посух доданд, ки бале дидем, бомдод чун хуршед тег баровардa буд, чун боди бузург бигзаштанд ва аз паси онҳо баррае заррин низ давида мерафт. Ардавон таъқиб кард, вале онҳоро дастгир карда натавонист. Аз ахтаршиносон суол кард, ки ду саворе, ки мардум дидаанд, маълум, ки Ардашеру он канизак аст, вале он баррае, ки аз дунболи эшон ҳамвора мерафт, чӣ бошад? Ба ӯ гуфтанд, ки он барраи заррин фарри подшоҳист ва ҳоло ба ӯ нарасида. Ардавон мутаҳайир шуд, вале рӯзи дигар пас аз 70 фарсанг роҳ ба ӯ хабар оварданд, ки он барраи заррин бо ӯ буд».

Чунон ки дидем, дар ин фасл ва аз ҷумла дар фаслҳои дигар, баробари нақл ва маълумотҳои таърихӣ-хронологӣ, ҷо-ҷо тасвирҳои бадеӣ, ифодаҳои образнок, усулҳои гуногуни тасвир, рамз ва услуби фантастикии тасвир истифода шудааст. Ин мавридҳо барои пуртаъсир шудани хатти сужети асар, робитаи банду басти композитсионии он мусоидат намудааст. Ҳаждаҳ фасли «Корнома» аз ҷиҳати мавзӯъ ва тартиби хронологӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд, вале дар баробари ин ҳар фасл дар алоҳидагӣ низ дорои сужети мустақил аст, яъне «Корнома» бо усули ҳикоят андар ҳикоят корбаст шудааст ва ин усули тасвир эҳтимол барои ба миён омадани «Шоҳнома» барин асари пурарзиш мусоидат карда бошад. Зеро дар «Шоҳнома» низ ҳамин усули достон андар достон ба кор рафта, ҳар қисмати он аз силсилаи достонҳои қаҳрамонию мифологӣ ва таърихӣ иборат мебошад. Ва беҳуда нест, ки «Корнома»-ро «Шоҳномаи паҳлавӣ» низ меноманд.

Чунон ки тазаккур додем, фаслҳои VII, VIII, IX, X, XI, XII, XIII, XIV, XV, XVI-и «Корнома» аз силсилаи ҳикоятҳои мустақил иборат мебошанд ва дар ҳамаи ин ҳикоятҳо образи марказӣ Ардашери Бобакон аст Корномаҳои нишондодаи вай барои муттаҳид намудани мулки Форс ва давлати Сосониён

тасвир шудааст, ки аз ҷиҳати ғоя фаслҳои алоҳидаи «Корнома»-ро ба ҳам мепайванданд. Масалан, дар фасли VI «Дар ёрӣ додани Буноғ ба Ардашер» сухан аз он хусус рафтааст, ки Буноғ ном ҷавонмарди бузургманиш ба Ардашер намоз бурдааст ва бо шаш писараш ихтиёрӣ бо ӯ шудааст. Ардашер дар соҳили дарё деҳаи Ром — Ардашер ва Бухт-Ардашер бино кардааст, мардуми Форс ӯро ҳамчун подшоҳ пазируфтаанд. Дар фасли VII «Дар корзори Ардашер бо Ардавон ва ба занӣ гирифтани духтари Ардавон», фасли VIII «Дар корзори Ардашер бо курдон ва табоҳ шудани ӯ», фасли IX «Дар шабохун кардани ӯ бар сари курдон ва сутӯҳидани ишон», фасли X «Дар разми Ардашер бо ҳафтонвод ва сутӯҳии Ардашер» ва дар фаслҳои дигар низ ҷангҳои Ардашер тасвир шудааст.

Мухтасари мазмуни ин фаслҳо ба тариқи зайл аст. Ардашер пас Истахрро макони худ қарор дод, сипоҳи Ардавонро пароканда кард, худи Ардавонро бикушт ва духтари ӯро ба занӣ гирифт. Аз тамоми кишвар лашкари азиме гирд овард, ба корзори Модигшоҳи курдон рафт, вале аввал шикаст хӯрд, рӯ ба биёбон шуд ва баъд аз чанд муддат бо лашкари чорҳазорнафара ба онҳо тохтан кард ва ганҷу доронии зиёде ба мулки Форс фиристод. Дар ҷанг ба муқобили сипоҳи Ҳафтонвод Ардашер шикаст хӯрд, вале бо ёрии бародарон Бурзу ва Бурзодур худованди Ҳафтонводро қаҳр кард. Ҳангоми ба даргоҳи Кирм (худованди Ҳафтонвод) гирифтор шудани Ардашер вазири ӯ Меҳраки Анӯшакзодон доронии Ардашерро ба яғмо бибурд. Ардашер аз паймоншикании ӯ огаҳӣ ёфт ва аз пайи набарду корзори Меҳрак шуд ва фармон дод, ки тамоми аҳлу авлоди ӯро ҳалок бинмуданд, танҳо духтари сесолаи Меҳрак тасодуфан ба дасти рустоие зинда монд.

Дар фасли XIV «Дар чигунагии Ардашер бо духтари Ардавон ва заҳр додани ӯ ба Ардашер» сухан аз боби он рафтааст, ки Ардашер духтари Ардавонро ба занӣ гирифта буд. Ардашер бародарони ӯро ба зиндон кард, як нафари онҳо дар назди шоҳи Кобул буд. Рӯзе ӯ ба хоҳари худ мактуб навишт, ки ту чӣ гуна бо шахсе, ки падаратро кушта, бародаронатро дар зиндон кардааст, ҳаёт ба сар мебарӣ, агар туро каме меҳри мо бувад, чораи мо бихоҳ ва кини падару хешовандон ва гуҳари хеш фаро-

мӯш макун. Духтари Ардавон чун он номаи бародар бихонд нисбат ба Ардашер кин парварид ва рӯзе аз шикори нахчир гуруснаву ташна баргаштани Ардашер он заҳрро бо талқону шир биомехт ва ба Ардашер дод, то ки хӯрад. Чун Ардашер хост хӯрад «Чунин гӯянд, ки оташи нирӯманди Фарнбайи пирӯзгар чун хурӯси сурх париду пар ба пист зад ва он ҷом бо пист аз дасти Ардашер ба замин уфтод. Ардашер ва он зан чун ин бидиданд, мот бимонданд. Гурбаву саг, ки дар хона буданд, он хӯрок хурданд, барҷой бимурданд. Пас Ардашер ба мӯбади мӯбадон фармон дод, то ки занро ба қатл расонад. Ардавондухт ба мӯбад изҳор кард, ки ӯ обистан аст, аз куштани ӯ даст кашад, ба хонаи худ бурд ва ба занаш бифармуд, ки гиромӣ дорадаш. Мӯбади мӯбадон донист,ки Ардашер хашмгин аст, бинобар пас аз ба худ омадан пушаймон хоҳад шуд. Бинобар ин сирро пӯшида медошт. Иттифоқо, ин зан писар таваллуд кард, ба ӯ Шопур ном ниҳоданд. Нависандаи китоб дар боби XV «Дар зода шудани Шопур аз духтари Ардавон ва огоҳ шудани Ардашер пас аз ҳафт сол ва ӯро шинохтани вай» як лаҳзаи пандомези ҷолиберо нақл кардааст: Ардашер рӯзе ба шикори нахчир рафт ва чун асп ба сӯи гӯри мода ронд, гӯри нар ба теғи Ардашер омад ва гӯри модаро раҳо карду хештан ба марг биспурд. Гӯри мода чун дид, ки савор асп ба тарафи бача афганд, омаду бачаро раҳо кард ва хештан ба марг биспурд. Ардашер чун ин ҳол бидид, дилаш бисӯх ва бо худ андешид, ки вой бар мардумон бод! Ин чорпои гунг хешро барои зану фарзанд фидо намуданд, дар ин ҳангом он зану бачаи худро ба ёд овард ва гирист. Аҳли дарбор пас аз ин Ардашерро парешонхотиру ғамгин ёфтанд, аз ӯ суол карданд, Ардашер ҳар чӣ имрӯз бо ӯ рух дода буд, нақл кард. Мӯъбади мӯбадон фаҳмид, ки Ардашер пӯшаймон шудааст, ба ӯ қиссаи хеш бозгуфт. Ҳамон замон Шопурро оварданд ва Ардашер ба номи Яздон дуо бурд.

Аз бобҳои ҷолиби «Корнома» инчунин бобҳои XVII ва XVIII аст. Дар ин фаслҳо сухан дар бораи аз духтари Меҳрак таваллуд ёфтани Ҳурмузди Шопурон рафтааст. Чунон ки дар фаслҳои боло тазаккур додем, баъд аз кушта шудани Меҳраку аҳли авлоди ӯ духтараки сесолааш зинда монда буд. Шопур ҳангоми шикор дар деҳае бо ӯ дучор омад ва ӯро ба занӣ гирифт, аз

ин духтар Ҳурмузди Шопурон таваллуд ёфт, ки мисли Ардашер дар муттаҳид намудани кишвари Сосониён саҳми зиёд дорад. «Корнома» низ ба ҳамин маънӣ ба поён расидааст, ки «Пас аз он ки Ҳурмузд ба подшоҳӣ расид, ҳамоно Ироншаҳрро боз ба шоҳии ягона тавонист овардан. Ҳурмузд фармонравоёни атрофро ба фармонбардории хеш овард... Ҷовидон бодо, Ардашери шоҳаншоҳи Бобакон ва Шопури шоҳаншоҳи Ардашерону Ҳурмузди шаҳаншоҳ Шопурон! Эдун бод, эдунтар бод!».[191]

«Корномаи Ардашери Бобакон» ҳамчун достони қаҳрамонӣ вижагиҳои зиёде дорад, ки доир ба баъзе аз он сухан рондем, боз ҳаминро илова бояд намуд, ки асар бо сабку услуби содда навишта шудааст, ба замми қиссаву саргузашти шоҳони таърихӣ, лаҳзаҳои пандомӯзи зиёд дорад.

**Сиёсатномаҳои адабиёти паҳлавӣ дар аҳди Сосониён**

Адабиёти қадими тоҷик аз навиштаву катибаҳо ва китобу дастурҳо оиди тарзу усули давлатдорӣ ва тарз, тартиб, қоида ва қонунҳои асосии он холӣ нест. Дар ин хусус навиштаҳои давраи Пешдодиён, Каёниён, Ашкониён ва махсусан аҳди давлатдории Сосониён маълумоти кофӣ медиҳанд. Ҳанӯз дар «Авесто» роҷеъ ба табақаҳои аҳолии Осиёи Миёна ва мавқеи подшоҳ дар он, тарзу усули ҳукумати марказӣ ишораҳо ба назар мерасад. Дар таълимоти Зардушт, ки яккаподшоҳиро воҷиб гардонид, ҳукумат дар вуҷуди шоҳ мутамарказ мегардид ва дар вуҷуди ӯ хулоса мешуд. Аз аҳди Ҳахоманишиён сар карда ҳама иқтидорот ва идораи умури мамлакат ва аслу насаби ҳукком ва қузот ва ҷангу сулҳ ва назорати олия бар хазоини давлатӣ ва маҳокими қазоӣ ва пеш бурдани умури иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва лашкарӣ ва кишварӣ куллан ба шоҳ буд. Барои тартибу низоми ҳукумат аз порсиҳои доно Қузоти шоҳӣ интихоб карда мешуд.[192] Оиди тарзи давлатдории подшоҳҳои ҳахоманишӣ инчунин дар навиштаҳои Дориюши Бузург, ки аз катибаи Накши Рустам ба даст омадааст, маълумот ҳосил мекунем. Роҷеъ ба ин масъала

---

[191] Ҳамон асар, с. 53.

[192] *Ниг:* Муҳаммади Рашшод. Фалсафа аз огози таърих, саҳ. 105.

асотирҳои давраи қадим — мифи Каюмарс, мифи Ҷамшед, мифи Таҳмураси девбанд, достонҳои қаҳрамонии қадим ва беш аз ҳама ёдгориҳои адабию мадании гузашта хабару маълумотҳо маҳфуз мондаанд. Ҳамчун анъана дар замони Сосониён низ адабнёте, ки ба ҳокимон ва шоҳон дар бораи чӣ тавр идора кардани давлат маълумот диҳанд, хеле зиёд аст. Агар дар бораи замони то Сосониён танҳо тавассути асотиру ривоятҳо, ахбороту нақли таърихнависони Юнону Чин тасаввурот ҳосил шавад, вале доир ба аҳди Сосониён номи адабиётҳои зиёде дар феҳрастҳои арабӣ зикр ёфтааст ва бархе аз ин асарҳо тавассути овонавишту тарҷума боқӣ мондаанд.

Ба аҳди Сосониён аз ҷумла «Тоҷномак», «Оинномак», «Чатранномак» (тарҷумаи Ибни Муқаффаъ ба забони арабӣ), «Гоҳномак», «Ёдгории Бузургмеҳр», «Ганҷи шойгон»-и Бузургмеҳр, «Васиятномаи Ардашер», «Достони Йуишти Фриён» (маҷмӯаи андарзу чистонҳо), «Пешинаконномак», «Шаҳристони Эрон», «Авдихау Сахикиха Сакастан» ва ғайра мансубанд, ки роҷеъ ба бархе аз онҳо ба ҷузъ ном ва ишораҳои ҷудогона дар осори адабии ниёгон маълумоте надорем. Бо вуҷуди ин, аз рӯи иддаи дигари ин осори адабию маданӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар гузашта оид ба тарзи давлатдории гузаштагонамон сиёсатномаҳо таълиф ёфта будаанд. Низомулмулк дар «Сиёсатнома»-аш дар бобҳои ҷудогона аз китобҳои ниёгон нақлу ривоятҳои зиёде нақл кардааст. Ӯ доир ба давлатдории Баҳроми Гӯр, Кайқубод, Анӯшервон, Султон Маҳмуд ва дигар подшоҳони аҳди гузашта нақлу ривоятҳои фаровоне гирд овардааст. Аз рӯи нақли ӯ маълум мешавад, ки дар муҳити дарбор қиссае эҷод шудааст, ки «Хусрави Казатану ретаке» (маҳрам) ном дорад. Дар ин қисса нақл карда шудааст, ки ҷавоне аз рӯи илм, дин, мусиқӣ, бозиҳо, санъати саворӣ, шикор ва хаттотӣ тарбия ёфта, аз подшоҳон талаб мекунад, ки ӯро имтиҳон кунанд. Баъди саргузаштҳои романтикӣ, ки ӯ дар давоми он ду шерро доштааст, ҳокими вилоят таъин мешавад. Чи тавре ки мебинем, дар ин повести дилхушкунанда намунаи пурраи рыцарӣ, ки то охири умр ба ҳокими худ бовафо будан аст, мисли Зарир ва писари ӯ Баствар, ки ба дараҷаи талаботи кодекси (ахлоқӣ) рытсарӣ ва санъати дарбор расидааст

ва мисли Ардашер дорои қувват ва ҷӯшу хурӯш аст, ҳамчунин монанди маҳрам ба хоҷаи худ содиқ мебошад тасвир ёфтааст.[193] Ҳамин талабот дар тарбияи подшоҳони оянда ҷиддӣ риоя мешуд. Ардашери Бобакон ба писараш Шопури аввал чунин васият кард: «Бидон, эй писар, ки мулк ва дин ҷуфт ва ҳамзоди якдигар ҳастанд ва ҳар якро бояд нигаҳбони дигаре донист»,[194] инчунин афзудааст, ки шоҳзода соҳиби ҳунари асптозӣ, шамшерзанӣ, ҷавонмардию далерӣ, раиятпарварӣ биомӯзад. Аз рӯи маълумоти Серперс Сойкс, Ардашери Бобакон инчунин дар оғози салтанати хеш маҷлисе аз муғон ташкил дод, аз миёни эшон ҳафт нафар, ки соҳиби дониши волову ахлоқи ҳамида буданд, интихоб намуд ва як нафар мӯбади ҷавонеро бо номи Ардавираф, ки дар порсой ва дониш шӯҳрати баланд дошт, намояндаи худ таъин кард ва дар давлатдорӣ мувофиқи раъйи ӯ амал мекард.[195]

Дар ин давра мактубот низ мавҷуд будааст. Масалан, рисола-мактуби Мӯбади Тансар, мактуб-рисолаи ӯ ба подшоҳи Табаристон — Гуштосп дорои аҳамияти сиёсӣ-динӣ буда, қимати таърихӣ дорад ва тахминан дар соли 570 навишта шудааст. Муҳим он аст, ки дар ин мактуб таҷрибаи сиёсию динии идора кардани давлат, ба муқобили саркашҳо чӣ тавр, бурдан, меросӣ будани тоҷу тахт, муносибати подшоҳи подшоҳон ба хонадонҳои авлодӣ ва олирутба ва ғайраро акс кунонидааст. Дар мактубот аз ҷумла дар бораи табақоти мардум, мавқею ҷои онҳо дар дарбор Мӯбад Тансар чунин навиштааст: «Бидон, ки оини Маздоясно мардумро ба чаҳор табақа тақсим намуда ва он табақот монанди чаҳор сутуни бадан ҳастанд, ки сари он подшоҳ аст ва аввалин узв рӯҳониён ҳастанд ва онҳо иборатанд аз муғон ва қузот ва нуззор ва муаллимин. Узви дуввум ҷанговарон мебошанд ва онҳо иборатанд аз саворон ва пиёдагон. Узви саввум дабиронанд ва иборатанд аз нависандагон ва муҳосибон ва нигорандагони аҳкому тасдиқномаҳо ва уқуду тазкираҳо ва атибаву шуарову мунаҷҷимин. Узви чаҳорум аҳли ҳарифаанд ва иборатанд аз пешоварон

---

[193] *Ниг*: Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. к. 1, к. 1, сах. 86.

[194] Муҳаммади Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. сах. 98.

[195] *Ниг*: Серперс Сояк. Таърихи Эрон. сах. 542.

ва кишоварзон ва ин тақсим барои абад зомини назму осоиш аст»[196]

Асари дигаре, ки мазмун ва мундариҷаи муҳими тарбиявию ахлоқӣ дорад ва барои асилзодагону подшоҳон сармашқи кору фаъолият аст, **«Достони Йуишти Фриён»** аст. Ин асар яке аз навиштаҳои кӯҳани адабиёти паҳлавист, ки бунёди он аз «Авесто» оғоз мегардад. Дар ду Яшти Авесто (Ардвисур — Яшт) бандҳои 81-83 ва фарвандии Яшт, банди 120 аз Йуишти Фриён ба некӣ ёд рафтааст. Дар Ардвисур-Яшт омада, ки Йуишти Фриён дар назди руҳи фарохи Ранха барои Ардвисура Аноҳита сад аспи нар, ҳазор гов ва даҳ ҳазор гӯсфанд қурбонӣ дода, аз ӯ ёрӣ хостааст, то бар Ахти дужҳиму табоҳкор пирӯз шавад ва ба наваду нӯҳ пурсиши Ахт, ки аз ӯ хоҳад пурсид, тавонад посух диҳад. Ардвисура Аноҳита хоҳиши ӯро пазируфта, бад-ӯ чунин хушӣ бахшидааст. Матни «Достони Йуишти Фриён» дар дастнависҳо пас аз «Ардо-Вираз-номаг» китобатшуда дар чандин дастнавис маҳфуз аст».[197] Дастнависҳои ин достон дар китобхонаҳои Мюнхен, Венрех, Копенҳаген, Лондон, Порис, Бомбай, Наворӣ нигаҳдорӣ мешаванд.

«Достони Йуишти Фриён» ба забонҳои англисӣ, франсавӣ, арманӣ, олмонӣ ва форсии нав тарҷума ва овонавишт шудааст; охирин тарҷумаи он ба забони олмонӣ соли 1992 ба табъ расидааст. Бо вуҷуди маъниҳои печидаву рамзӣ доштани пурсишҳою посухҳои он, ин асар аз ҷиҳати мавзӯъ ва жанр ҷолиби диққат аст. Дар адабиёти паҳлавӣ бештари асарҳои бадеӣ бо усули пурсишу посух таълиф ёфтаанд ва бештари онҳо ба масоили динӣ бахшида шудаанд, вале дар баробари он, масоили иҷтимоӣ, ахлоқию фалсафӣ низ мушоҳида мешавад, ки бештари онҳо ба замоии мушкилоти оини зардуштӣ ва парешонии зардуштиён маисубанд. Ин достон, чун дигар достонҳои паҳлавӣ, аз ҷумла «Хусрави Каводон уд резаг» («Хусрави Каводон ва ҷавоне»,

---

[196] *Ниг:* Додихудоев Сайфиддин. Пешгуфтор ба «Достони Йуишти Фриён». Садои Шарқ. 1994, саҳ. 86.

[197] Ҳамон ҷо, саҳ. 136.

«Чатрангномаг») «Шатранчнома», «Ушнари доног» («Ушнари доно») дар охирҳои салтанати Сосониён китобат шудаанд.

Дар «Ардвисур-Яшт» теъдоди пурсишҳо аз матни достон тафовут дорад. Дар «Ардвисур-Яшт» миқдори пурсишҳои Ахти ҷодугарро Йуишти Фриён 99-то гуфтааст, вале дар матни паҳлавии достон миқдори пурсишҳои Ахти ҷодугар 33-то мебошад. Дар достон таъкид шудааст, ки огоҳӣ ва оини Йуишти Фриён аз 15 сол зиёд набудааст, вале дараҷаи донишу заковати ӯ ба донишу заковати Бузургмеҳр монандӣ доштааст. Дар ин бобат ривояти «Шоҳнома» ва матни паҳлавии «Хусрави Каводон уд резаг» дар бораи ҷавоне бо номи Васпухр маълумот медиҳад, ки донишу заковат ва огоҳии ӯ аз ҷиҳати синну сол ба Йуишти Фриён баробар будааст.[198]

Достон махсусан аз ҷиҳати жанр, тарзи тасвир, забону услуб пурарзиш мебошад ва ҳанӯз дар гузашта аз мавҷуд будани чистон, муаммогӯию муаммокушоӣ маълумот медиҳад. Яке аз ҷолибтарин пурсишҳо чистонҳои ададӣ (математикӣ) буда, ки рамзи онҳо дар матнҳои паҳлавии «Ушнари доно» ва «Шатранчнома» низ ташреҳ гардидааст.[199] Дар шарҳи рамзи ададҳо дар ин се достон на ҳамеша мутобиқат ҷой дорад. Дар матни «Ушнари доно» омада, ки ҷавоне аз Ушнари доно пурсид: «Аз як то ҳазор барои ҳар шумор сухане барои омӯзиши ман бигӯй». Посухҳо чунин аст: шумори як чунину чунон, шумори ду чунину чунон, ҳамин гуна то шумори шаш. Ҳамчунин Бузургмеҳр дар «Шатранчнома» рамзи нуқтаҳои гардонии (мӯҳраи) нардро тавзеҳ дода, ки танҳо дутои он ба посухи Йуишти Фриён ба пурсиши 13-уми Ахти ҷодугар яксон аст. Ба таври мисол дар матни «Шатранчнома»: се-ҳумат, хухт ва хваришт. Шаш-шаш гоҳи гоҳанбор. Посух ба пурсиши нӯҳум дар мавриди замони зоиши ҳайвонот дар китоби «Бундаҳишн» низ ёд шудааст.[200] Чунон ки тазаккур дода шуд, сабки достон хеле содда буда, посух ва пурсишҳо аз ҷумлаҳои

---

[198] *Ниг*: **Додихудои Саймиддин**. Достони Йуишти Фриён. — Садои Шарқ. 1994. № 1, саҳ. 138-139.

[199] Ҳамон ҷо.

[200] Ҳамон ҷо, саҳ. 138-139.

дарозу печида озод аст. Танҳо дар ҳамаи пурсишҳо пеш аз посух таъбири «Йуишти Фриён гуфт, ки зиндагон дар шукӯх буванд, палиди дурӯғпешаи ситамкори мурдагон ба дӯзах афтад» такрор шуда меояд. Посухҳо масоили зиёди динӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ, математикӣ ва ахлоқиро фаро гирифтааст.

Оғози достон ба тарики зайл аст. Ахти ҷодугар бо ҳафт ҳазор сипоҳ ба шаҳри посухгузорон (муаммогӯён) меояд, мехоҳад, ки шаҳри муаммогӯёнро ба хок яксон кунад. Чун ба шаҳр омад, мардуме, ки беш аз 15 сол надоштанд, даъват кард ва аз онон пурсиш кард. Касе, ки ба пурсиши ӯ посух надод, ӯро бигрифт ва бикушт. Дар он шаҳри муаммогӯён марде буд Мораспанд ном, ӯ ба Ахти ҷодугар гуфт: «Шаҳри пурсишгузорон ба хок яксон макун, мардуми бегуноҳ макуш, ки дар шаҳри пурсишгузорон мардест Йуишти Фриён ном, ки синни ӯ аз 15 беш нест ва ҳар пурсише, ки ту аз ӯ талаб бикунӣ, ӯ таъбир кунад». Ахти ҷодугар ба назди Йуишти Фриён кас фиристод ва ӯро талаб кард. Йуишти Фриён омад. Ахти ҷодугар ба ӯ гуфт: «Ман аз ту 33 пурсиш кунам, агар посух натавонӣ, фавран туро бикушам. Йуишти Фриён аз Ахти ҷодугар талаб кард, ки барои ӯ бистару болини покиза оранд, барои ӯ бо фармони Ахти ҷодугар бистару болини тоза оварданд. Йуишти Фриён ба бистару болини нав нишаст, ба худои бузург Ҳурмузд намоз бурд. Пас аз ин Йуишти Фриён ба 33 пурсиши Ахти ҷодуғар посух дод ва ин аст он посухҳо, ки ҳама арзишманданд.

Пурсиши аввал. Ахти ҷодугар аз Йуишти Фриён ин пурсид, **ки биҳишти ба гетӣ беҳ ё они ба мену?** Йуишти Фриён гуфт, ки зиндагон дар шукӯҳ буванд, палиди дурӯғпешаи ситамкори мурдагон ба дӯзах афтад (минбаъд ин таъбир оварда намешавад — С. С)... хар кӣ ба гетӣ кори нек накунад, он ҷо ба фарёди ӯ нарасанд. Ва туро нишони дигар ин, ки агар ба гетӣ чизи нек накунӣ, он гоҳ ба биҳишти нек нарасӣ.

Пурсиши дуввум, ин пурсид, ки **чист он чиз** аз офариниши Ҳурмузд, ки **ба кун нишинад баландтар, ки ба пой истад?** Йуишти Фриён гуфт... **«Он саг аст»**.

Пурсиши севум, ин пурсид, ки чист аз офариниши Ҳурмузд, ки равад, гом нанихад? Йуишти Фриён гуфт...: **«Он гунҷишк аст, ки раваду гом нанихад»**

Пурсиши чаҳорум, ин пурсид, ки чист он чиз аз офариниши Ҳурмузд, ки дандон чун шох ва шох гӯштин? Йуишти Фриён гуфт, ки.... Чӣ онро хурӯс хонанд — мурғаки Суруши росткирдор, ки бонг кунад, Аҳриманро аз офариниши Ҳурмузд боз дорад...

Пурсиши шашум, ин пурсид, ки чӣ пуру нимпур ва чист он чӣ, ки ҳаргиз пур набувад? Йуишти Фриён гуфт, ки... он чӣ пур (аст), фаровонии шоиста он ҷост, чун бигзарад, равон паҳрезкор (бувад). Он чӣ нимпур (аст), бечорагии дарвеши бадзист, ки чун бимирад, равон парҳезкор (бувад). Они тиҳӣ, ҳаргиз пур набувад, он бечораи бадзист, ки бимирад, равони ӯ падид (бувад).

Пурсиши ҳафтум, ин пурсид, ки чист он чиз, ки мардумон пинҳон кардан хоҳанд, аммо онро пинҳон кардан нашояд? Йуишти Фриён гуфт, ки... он зурвон аст, ки кас пинҳон кардан натавонад. Чӣ зурвон худ пайдо набувад...

Пурсиши нӯҳум, ин пурсид, ки пилу аспу шутуру хару гову гӯсфанду занону сагу хугу гурба ба чанд моҳ зоянд? Йуишти Фриён гуфт, ки... пил ба се сол, аспу уштуру хар ба дувоздаҳ моҳ зоянд ва гову зан ба нӯҳ моҳ зоянд ва гӯсфанд ба панҷ моҳ зояд, сагу хуг ба чор моҳ зоянд ва гурба ба чиҳил рӯз зояд.

Пурсиши даҳум, ин пурсид, ки кадом мардум оромтару осонтар бизиянд? Йуишти Фриён гуфт, ки... он мардум оромтару осонтар бизиянд, ки бебимтару хурсанду доротаранд....

Пурсиши дувоздаҳум, ин пурсид, ки кадом хӯриш хуштару бомаззатар? Йуишти Фриён гуфт, ки... он хӯриш бомаззатару хуштар, ки аз дари кӯшиши некӯӣ андӯхта шудааст ва аз ӯ боз кори нек хӯраду дорад.

Пурсиши сездаҳум, ин пурсид, ки як чист, ду чист, се чист, чаҳор чист, панҷ чист, шаш чист, хафт чист, хашт чист, нӯҳ чист, ва даҳ чист? Йуишти Фриён гуфт, ки... Як- хуршеди нек, ки ҳама ҷаҳон рӯшан дорад. Ду — омадану рафтани нафас. Се — пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек (ҳумату хухту хваршт). Чаҳор — обу замину растаниву сутур (чаҳорпоён). Панҷ — панҷан нек. Шаш — шаш гоҳи гоҳанбор (ҷашнҳои шашгонаи сол). Ҳафт — ҳафт амасраспандоу (фариштаҳои нек). Ҳашт — оштӣ ва нишасти нек. Нӯҳ — нӯҳ сӯрохӣ дар тани мардумон ва даҳ — даҳ ангушт ба дасти мардумон....

Пурсиши бисту панҷум, ин пурсид, ки чун фурӯ равад, чӣ беҳ ва чун сард шавад, чӣ беҳ ва чун бимирад, чӣ беҳ? Йуишти Фриён гуфт, ки... чун фурӯ шавад, об беҳ ва чун сард шавад, оташ беҳ ва чун бимирад, палиди дурӯғпеша чун ту беҳ.

Пурсиши бисту шашум, ин пурсид, ки аз кӯҳ чӣ гаронтар аз корди пӯлодин чӣ тезтар ва аз ангубин чӣ ширинтар ва аз думбаи меш чӣ чарбтар ва аз родон кӣ родтар ва аз ростон кӣ росттар? Йуишти Фриён гуфт, ки... аз кӯҳ дурӯғ гаронтар ва аз корди пӯлодин забони мардумон тезтар ва аз ангубин падару модарро фарзанди рӯзбеҳ ширинтар ва аз думбаи меш Спандармад замин ва борон чарбтар ва аз родон Тиштар йазад родтар ва аз ростон Рашни нек росттар, ки ҳеҷ касро аз ӯ газанд набувад ва пора наситонад ва шоҳу бандаро бо ҳадмдигар рост дорад.

Пурсиши бисту ҳаштум, ин пурсид, ки занон аз чӣ дар оромиши бузурганд? Йуиштн Фриён гуфт, ки... занонро оромиши бузург аз будан бо шӯи хеш аст.

Пурсиши бисту нӯҳум, ин пурсид, ки чист он, ки ӯро даҳ пой, се сар, шаш чашм, шаш гӯш, ду думб, се тухм, ду даст, се бинӣ, чаҳор шох, се пушт аст ва ҳама ҷаҳонро зиндагиву доройӣ аз ӯст? Йуишти Фриён гуфт, ки ин говест ҷуфт бо марде, ки кори барзгарӣ кунад.

Пурсиши сиву дуюм, ин пурсид, ки кадом подшоҳ нектар? Йуишти Фриён гуфт, ки... он подшоҳ, ки меҳрубонтар ва дар хираду дониш некӯ ва ӯро ёрии офариниш бувад.

Пурсиши сиву сеюм, ин пурсид, ки ту Йуишти Фриёнро дорой чанд аст? Йуишти Фриён гуфт, ки... Маро се доронст. Яке он, ки хӯрам, яке он, ки пӯшам ва яке он, ки ба дарвешону шоистагон диҳам.

Ҳамин тавр, Йуишти Фриён ба сиву сеюм суоли Ахти ҷодугар ҷавоб дода, гуфт, ки ту сиву се савол аз ман пурсидӣ ман ба ту ҳама ба ростӣ посух додам. Акнун ман аз ту се пурсиш мепурсам. Агар посух додан натавонӣ, ман туро ҳамон замон бикушам. Йуишти Фриён гуфт: «Арзиши як мушт тухм бар замин чанд аст?» Дуюм пурсид, ки гови барзаро арзиш чанд аст? Сеюм пурсид, ки дар хведуда (никоҳ бо наздикон) арзиши кори нек чанд аст? Ахти ҷодугар мулзам бимонд, ба назди Аҳриман рафт,

вале Аҳриман ба ӯ кӯмак расонидан нахост ва Йуишти Фриён ӯро ҳамон замон ба қатл расонид.[201]

Асоси ғоявии ин асарро муборизаи қувваи неку бад, ғалабаи ақлу заковат, донишу фурӯғ бар дурӯғу зиштӣ, мояи асосии зиндагии инсон, яъне талқини пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек ташкил дода, тавассути пурсишу посух, яъне ҷавобҳои оқилонаи Йуишти Фриён қувваҳои аҳриманӣ ба марг маҳкум шудааст.

Дар байни асарҳои мансури ба ҳаёти дунявӣ бахшидашуда боз ду асари дигарро ном бурдан кифоя аст, ки дар бораи шаҳрҳои бинокардаи Сосониён, нақлу ривоятҳои давраи аввали оини зардуштӣ, дар бораи пайғамбару фариштаҳо, мӯъҷизаҳои гуногун, инчунин масоили зиёди ҷуғофӣ маълумот медиҳанд. Ба ин гурӯҳ асарҳо «Шаҳристони Эрон» ва «Авдихау Сахикиха Сакастан» (Аҷоибот ва мӯъҷизаҳои Сиистон»)-ро[2] дохил кардан мумкин аст. Дар «Шаҳристони Эрон» омадааст, ки аксарияти шаҳрҳоро дар Эрон асосан Сосониён бино кардаанд. Охирин шаҳре, ки бино кардаанд, Бағдод номида шудааст, ки ба номи халифаи Аббосӣ — Ҷаъфар-ал Мансур мансуб аст. Дар «Аҷоибот ва мӯъҷизаҳои Сиистон» сухан дар бораи сарзамини афсонавию зебоманзараи саккоиҳо рафтааст, ки ҳанӯз дар асрҳои III ва II пеш аз мелод дар ин сарзамин мезистаанд, вале аслан аз Осиёи Миёна будаанд. Тамаддуни саккоиҳо 15-9 аср пеш аз мелод ба вуҷуд омада, аз қавмҳои соҳибтамаддуни эрониасл ба шумор мерафтаанд.

Дар китоби «Чатрангномак» сухан дар бораи робитаҳои илмӣ, маданӣ ва адабии халкҳои эронӣ бо кишвари Ҳинд рафтааст. Дар ин китоб нақл карда мешавад, ки бозии шоҳмот аз Ҳиндустон ба Эрон оварда шуда, дар ин сарзамин аз нав эҳё шуда, яъне умри дубора пайдо кардааст. Дар зери таъсири ин бозӣ навъи дигари бозӣ – нард ихтироъ карда шуда, ба Ҳиндустон фиристода мешавад. Подшоҳи Ҳиндустон Девасарм ба шоҳи сосонӣ Хусрави Анӯшервон донаҳои бозии шоҳмотро фиристода,

---

[201] Ҳамон ҷо.

[2] Эраҷ Афшори Сиистонӣ. Сиистоннома, ч. 1, Теҳрон, 1969. с. 13.

таъкид мекунад, ки моҳияти бозии шоҳмотро шарҳ диҳад, агар аз ӯҳдаи ҳалли он набарояд, ба шоҳи Ҳинд хироҷи бисёре диҳад. Вазири Анӯшервон Бузургмеҳр дар давоми се рӯз на танҳо моҳияти бозии шоҳмотро пай бурд, балки бозии нардро ихтироъ намуда, ба Ҳиндустон бурд ва дар назди шоҳи Ҳинд айнан чунин талаб гузошт. Азбаски Девасарм мисли ӯ вазири донишманд надошт, бозии нардро посух дода натавонист ва маҷбур шуд, ки ба шоҳи Сосониён боҷу хироҷи фаровоне фиристад. Китоби мазкур на танҳо дар бораи алоқаҳои маданию адабӣ бо Ҳинд, инчунин дар бораи огоҳӣ доштани ниёгони мо аз тарзу усулҳои дипломатия бо кишварҳои дигар хабар медиҳад. Ва дар ин бобат ба подшоҳон мӯъбади мӯбадон, вазирони бодонишу фарҳанги сосонӣ мисли Бузургмеҳр ҳисса гузоштаанд.

Дар сарчашмаҳои таърихии адабӣ ҳикоят мекунанд, ки ҳукмрони сулолаи Сосониён Хусрави Анӯшервон шунидааст, ки дар кӯҳҳои Ҳинд гиёҳе мерӯидааст, ки агар онро ба мурда диҳанд, зинда мешудааст. Анӯшервон Барзӯя (мумкин Бузургмеҳр бошад, зеро ӯ мувофиқи ривояти «Чатрангнома»-и паҳлавӣ ба Ҳиндустон сафар кардааст ва ӯро Бузургмеҳри Бухтагон низ мегӯянд) ном ҳакими худро ба Ҳинд мефиристад, ки он гиёҳро ба даст орад. Барзӯя ба Ҳиндустон меравад ва ҳарчанд ҷустуҷӯй мекунад, аммо аз ин гиёҳ асаре пайдо намешавад. Аз донишмандони куҳансоли Ҳинд сирри ин «гиёҳи ҷонбахш»-ро мефаҳмад: гиёҳи ҷонбахш китоби «Калила ва Димна» будааст, ки онро донишмандони Ҳинд таълиф намудаанд. Суханҳои хирадмандона ва пандомӯзи ин китоб нодону бедонишонро, ки чун мурдаанд, донову бино мекардааст. Барзӯя ин асарро пайдо мекунад ва нусхае аз он бардошта ба Эрон, назди Анӯшервон меорад.[202] Ин ҳикоят дар баробари ранги афсонавӣ доштан аз ҳақиқат низ холӣ нест. Ҳақиқат он аст, ки ин китоб дар замони Хусрави Анӯшервони сосонӣ аз ҳиндӣ ба забони паҳлавӣ тарҷума шудааст.

Аз рӯи боби аввал ва боби «Тарҷумаи ҳоли Барзӯяи табиб» маълум мешавад, ки ин бобҳо бо қалами Бузургмеҳри ҳаким навишта шуда будаанд, ки дар бораи аҳамияти ахлоқӣ ва

---

[202] Ҳодизода Р. Ҳикояти «Калила ва Димна». Сарсухан ба нашри нави «Калила ва Димна». Душанбе: Маориф, 1979, сах. 6.

тарҷумаи ҳоли Барзӯя баҳс менамудаанд. Дар тарҷумаҳои минбаъдаи асар — тарҷумаи Ибни Муқаффаъ, Абулмаолӣ Насрулло, Муҳаммади Тусӣ (Конеъӣ), Ҳусайн Воизи Кошифӣ ин бобҳо партофта шудаанд.

**Додситонӣ ва додгустарӣ дар аҳди Сосониён. «Матагдани ҳазар датестан»**

Аз рӯи маълумоти «Таърихи муфассали Эрон»-и Серперс Соякс (тарҷумаи Фахри Дой), «Фалсафа аз оғози таърих»-и Муҳаммади Рашшод, «Таърихи тамаддуни Эрон» ва бархе дигар китобҳои таърихии оид ба тамаддуни Эрон таълифёфта маълум мешавад, ки дар давраи форсии миёна ниёгони мо аз корҳои ҳуқуқ ва суд бохабар буда, онро дар китоби махсус қайд кардаанд ва дар он муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатии замон инъикос ёфтааст. Ва аксари муаррихон ба сифати маводи асосӣ ба «Матагдани ҳазар датестан» бештар иктифоъ намудаанд. Масалан, аз порчаҳои ин китоб мо дар бораи аҳволи табақаи хизматчиён, ҳуқуқ ва муносибати байниҳамдигарии онҳо, даромади занон, бунакгузорӣ ва пулдиҳӣ, васият ба бачагон, вазифаи амалдорон ва ғайра маълумот мегирем.

Соҳиби китоби «Таърихи муфассали Эрон» навиштааст: «Шахси шоҳ, назар ба ин ки раиси тамоми табақот маҳсуб мегашт, ҳаққи қазоват (ҳуқуқи) дар қуллияи умури азм аз маданӣ ва ҷазоӣ ва ҳатто мазҳабиро дошта ва дар ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон дар ҷаласоти алаӣ додрасӣ мекардааст, вале мурочиат ба подшоҳ аз умури оддӣ набуда ва барои ин мақсуд қузоти махсус муайян шуда буд. Ба назар меояд, барои расидагӣ ба қазои сиёсӣ ва низомӣ ва ҳатто барои таҳқиқ дар баъзе аз масоили ҷазоӣ қузоти салоҳиятдор аз табақаи ғайрирӯҳониюн интихоб мегашт, аз он ҷумла аст шаҳрдовар (қозии шаҳр), родэрон (қозии Эрон), сипоҳдовар (қозии аскар). Вале мурочиаи оддии афрод махсусан дар масоили маданӣ ва мазҳабӣ дар назди қузоти рӯҳонӣ ба амал меомад. Фақат рӯҳониёне, ки расман ин самтро доштанд, дастаи махсусе дар ҳайъати иҷтимоъ буданд. Ва ҳар рӯҳонӣ ин вазифаро ӯҳдадор набуда ва агар ҳам қазоват мекардааст, мебоист муроотн ташрифоти махсусеро намояд ва ҳукмаш ба эътибори қузоти расмӣ набудааст».[203] Дар ин гузориши Абдуллоҳи Розӣ тартиб ва

вижагиҳои асоси қузот ва додгустарӣ дар Эрони бостон шарҳ ва тафсил ёфтааст, ки дар дигар маводи илмию таърихӣ ҳамин ақида ҷонибдорӣ шудааст.

Аз «Матагдани ҳазар датестан» маълум аст, ки маҳоким дар Эрони бостон ба ду навъ будаанд: маҳокими урфӣ ва маҳокими шаръӣ. «Расидагӣ ба куллияи ҷароими мазҳабӣ, аз қабили иҳонат ба муқаддасоти динӣ ва хайфу майли амволи маобид ва амсоли он ба рӯҳониён буда ва рӯҳониён зимнан ба корҳои дигари мардум, аз қабили талоқ, ирс, васият ва ихтилофот роҷеъ ба бандагон низ расидагӣ менамуданд.[304] Аз ин бармеояд, ки рӯҳониён дар ҳақиқат кулли вазифаҳои сардафтари имрӯзаро анҷом медодаанд. Инчунин дар баъзе маврид маҳокими урфӣ ва маҳокими шаръӣ ҳамкорӣ низ менамуданд. Ҳукми онҳоро танҳо родэрон тағйир дода метавонист.

Дар сарчашмаҳо инчунин нақл аст, ки дар аҳди Ҳахоманишиён дар назди подшоҳ шӯрои мураккаб аз ҳафт нафар наҷибзодагони порсӣ ва мод ташкил меёфт ва онҳоро хирадмандони ҳафтанома меноманд. Вале фаъолияти додгустарии онҳоро шоҳ тағйир дода, ё қатъ карда метавонистааст. Ғайр аз ин, шоҳ метавонистааст, ки дар қонунгузорӣ иловаҳо дарорад. Аз рӯи нақли Ҳередот. Дориюш як қузоте, ки ҳангоми додгустарӣ пул гирифтааст, пӯст канда, ба ҷои ӯ писари вайро ба он маснад ба қазоват гузошт. Мурод аз ин амал он буд, ки дар додгустарӣ ҳамвора ин маснадро дар хотир дошта бошад.

Тарзу усулҳои ҷазодиҳӣ мувофиқи дараҷаи гуноҳ муайян карда мешуд. Ҳарчанд дар ин хусус маълумоти расмӣ хеле кам дар даст дорем, вале аз рӯи нақлу ривоятҳои қадима «долоили исботи даъво дар назди қузоти Эрони бостон василаи исботи даъво яке санади катбӣ буд, ки рӯи пӯст навишта мешуд ва дигаре шаҳодати шуҳуд буд ва он дар серате эътибор дошт, ки иддаи онҳо ба ҳадди нисоб бирасад».[305] Масалан, барои рӯшан намудани бегуноҳии афроди гунаҳгор чунин шаклҳои ҷазодиҳӣ аз имтиҳони гарм ва имтиҳони сард гузаштан истифода мешуд. «Важи гарм иборат

---

[303] Абдуллоҳи Розӣ. Таърихи муфассали Эрон, с. 144.

[304] Муҳаммади Рашнод. Фалсафа аз огози таърих, сах. 108.

буд аз роҳ рафтан дар миёни оташ, фурӯ кардани даст дар оби ҷӯш ё равғани доғ ва рехтани филиззи музоб ба рӯи як самт аз бадан. Ва важи сард иборат буд аз хӯрдани миқдори бисёр зиёди ғизо ё буридани қисмате аз бадан ё нӯшидани моеъи махсус, ки ба ҳамин манзур таҳия мешуд.[206]

Бояд тазаккур дод, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чанд намунаи ин навъ қазоватҳо (додгустарӣ) зикр шуда, аз ҷумла муҳокимаи Сиёвуш аст, ки муттаҳам ба доштани иртиботи ишқӣ бо зани падараш — Судоба гардид. Ва падараш Кайковус ӯро ба тариқи фавқ муҳокама намуд, яъне дастур дод дар васати биёбон оташ биафрӯхтанд. Ва Сиёвуш, ки муддаии бегуноҳӣ буд, аз миёни оташ бигзашт ва чун осебе надид, пас бегуноҳияш мусаллам гардид. Фирдавсӣ дар фасли «Гузаштани Сиёвуш бар оташ» ин маъниро ин тавр ба қалам овардааст:

Пурандеша шуд ҷони Ковус-Кай
Зи фарзанду Судобаи шумпай.
Аз ин ду яке гар шавад нобакор.
Аз ин пас кӣ хонад маро шаҳриёр?
Чу фарзанду зан бошадам хуну мағз,
Киро пеш берун шавад кор нағз.
Ҳамон беҳ к-аз ин зишт андеша дил,
Бишӯям. кунам чораи дилгусил.
Чӣ гуфт он сипаҳдори некӯсухун,
Ки бо баддилӣ шаҳриёрӣ макун.
Ба дастур фармуд то сорвон,
Ҳаюн орад аз дашт сад корвон.
Ҳаюнон ба ҳезум кашидан шуданд,
Ҳама шаҳри Эрон ба дилаи шуданд.
Ба сад корвон уштури сурхмӯй,
Ҳаме ҳезум овард пархошҷӯй.
Ниҳоданд ҳезум ду кӯҳи баланд,
Шумораш гузар кард бар чуну чанд.
Ба дур аз ду фарсанг ҳар кас бидид,

[205] Ҳамон асар, саҳ. 110.

[206] Муҳаммади Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих, саҳ. 111.

Ҳаме гуфт, к-ин аст бадро калид.
Ниҳоданд бар дашт ҳезум ду кӯҳ,
Ҷаҳоне назора шуда ҳамгурӯх.
Пас он гоҳ фармуд пурмоя шоҳ,
Ки бар чӯб резанд нафти сиёх.
Баромад дусад марди оташфурӯз,
Дамиданд гуфтӣ, шаб омад ба рӯз.
Замин гашт равшантар аз осмон,
Ҷаҳоне хурӯшону оташ дамон.
Саросар ҳама дашт бирён шуданд,
Ба-д-он чеҳраи хандон-ш гирён шуданд.
Сиёвуш ба-д-ӯ гуфт: «Андӯх мадор,
К-аз ин сон бувад гардиши рӯзгор.
Саре пур зи шарму табоҳӣ мseparator
Агар бегуноҳам, раҳоӣ марост.
В-ар эдун, ки з-ин кор ҳастам гуноҳ,
Ҷаҳонофаринам надорад нигоҳ».
Зи оташ бурун омад озод мард,
Лабон пур зи хандаву рух ҳамчу дард.
Чу ӯро бididанд бархост ғав,
Ки омад зи оташ бурун шоҳи нав...
Ҳаме дод мужда яке додгар,
Ки бахшуд бар бегунаҳ додгар.[207]

Ағлаби қонунҳои додгустарие, ки дар Эрони бостон ичро мегардид, бештарини онҳо аз «Авесто» гирифта шуда буданд. Воқеан дар «Авесто» доир ба масоили ҳуқуқӣ дар **Дотик** маълумот дода шудааст. Дотик аз вожаи дота аст, ки маънои адлу додро ифода мекунад, вай аз чанд кисмат иборат аст, мисли Никотам, Вандидод, Ҳавас, Солотам, ки дар зимни онҳо анвоъи даовӣ ва таҳқиқоти қазоӣ — аҳкоми шаҳодат ва ҷароими мухталиф ичро карда мешудаанд.

Маъхазҳои дигари ҳуқуқи Эрони бостон китобҳоеанд ба забони паҳлавӣ, ки аз тарафи рӯҳониёни дини зардуштӣ навишта

[207] **Абдулқосим Фирдавсӣ**. Достонҳо аз «Шоҳнома». қисми 2. Сталинобод. 1955. саҳ. 33-34.

шудаанд, монанди «Модиғони ҳазор модистан», «Динкарт», «Додситони диник», «Бунда хишн», «Артавирафномак», «Худойномак» ва ғ.

Коркунони қозихонаи (суди) давраи сосонӣ дар бораи муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳуқуқи зану шавҳар, ҳолати ғуломон ва ғайра маълумоти ҷолиби диққат медиҳанд ва аз ҷумла роҷеъ ба издивоҷу талоқ, оила ва муносибатҳои оилавӣ, муносибати занон ба молу мулк, падару модар низ сухан рафтааст. Масалан, ҳар духтар ва писаре, ки ба синни муайяне мерасиданд, ба василаи волидайн ва гоҳе бидуни иҷозаи онҳо ба никоҳи якдигар дармеомаданд. Аз рӯи маълумотҳои аснод ва фактҳои мавҷуд, никоҳ характери иҷборӣ дошт, ҳатто дар аҳди Анӯшервон издивоҷ иҷборӣ будааст. Қарор шудааст, ки ба тиҳидастон, ки имконияти издивоҷ надоранд, аз ҳисоби хазинаи давлат кӯмак расонида шавад. Мурод аз издивоҷ ба вуҷуд овардани авлод буд, ки рӯзи қиёмат гузаштан аз пули чинвот (пули сирот) осонтар шавад. Чунин тасаввуроте ҳукмрон буд, ки мардуми беавлод дар он дунё саргардон ва буридапул мемонанд. Ин тасаввурот дар аҳди Ҳахоманишиён низ ҳуқуқи қонунӣ пайдо карда буд.

Зардушт никоҳро сабаби афзунии ризқу фаровонии неъмат медонист, итминон дошт, ки чун зану мард бо ҳам ширкат кунанд, беҳтар метавонанд заминро зироат ва дарахтонро борвар ва сарватҳоро фузунтар созанд ва Аҳурамаздо низ ашхоси ғанӣ ва сарватмандро дӯст медорад. Дар мавриди синни никоҳ барои духтарон 9 сол ва барои писарон 12 сол муқаррар шуда буд, дар баъзе ривоятҳо синни издивоҷро барои ҳар ду ҷинс 14 сол қарор додаанд.

Тазаккур рафт, ки никоҳ дар оила бо розигии волидайн асосан сурат мегирифт, агар духтар берун аз раъйи падар ба ҷавони дигар издивоҷ мекард, ба худсарзан маҳсуб мешуд ва аз ирс маҳрум мегардид ва ҳеҷ гоҳ дар хонавода ба сифати подшоҳзан эътибор пайдо намекард.

Дигар ин, ки дар гузашта — аз аҳди Ҳахоманишиён сар карда, то аҳди Сосониён никоҳи маҳорим низ ҷорӣ буд, ҳарчанд дар оини зардуштӣ дар ин бора сухан нарафтааст. Доир ба масъалаи ваҳдат ва ё таадуди завҷот низ дар матнҳои зардуштӣ сухан

нарафтааст, вале эрониён метавонистанд беш аз як зан дошта бошанд. Масалан, Куруши Сеюм ва Камбучаи Сеюм се зан, Дороюши Аввал ҳафт зан, Ардашери Саввум сесаду шаст зан ва Хусрави Парвиз дувоздаҳ ҳазор зан доштааст, аз ин миқдор занҳо танҳо яке ақдӣ, дигарҳо ҳама ғайришаръӣ будаанд. Зани ақдиро **кязокбонук** ва занони ғайришаръиро **чокарон** меномиданд. Занонро аз рӯи характери издивоҷашон ба **подшоҳзан** — духтаре, ки бо хоҳиши хонавода ба хонаи шавҳар рафтааст, **худсарзан** — духтаре, ки бидуни иҷозаи хонавода ба хонаи шавҳар рафта буд, **чокарзан** — зани бевае, ки пас аз марги шавҳар ба хонаи шавҳари дуюм рафтааст, **аввокин** — духтаре, ки ба хонаи шавҳар рафтаасту фарзанди аввалаашро бояд ба падари бузургаш бидиҳад, то ки ҷоиӯро дар хонаи волидайни модараш пур кунад, **сатарзан** — духтаре, ки шавҳари ӯ ҷавон мурдааст ва ба никоҳи ҷавони дигар медароияд тақсим намудаанд.

Дар боби 53-и ояти 5-и «Готҳо» чунин омадааст: «Ба шумо мегӯям, эй мардони домодшуда ва эй занони арӯсшуда! Ҳамеша ҷуфти худро дар хотир дошта бошед ва бо якдилӣ ва якҷиҳатӣ тариқаи поки оинро раҳпаймо шуда, ба дасти иттиҳод ва иттифоқ хешро муллабас бо либоси ростӣ ва ошӯӣ намоед, зеро ба яқин зиндагии саҳеҳ ва орзуи шодмонӣ хоҳед дошт».[208]

Мард, ҳар гоҳ ҳамсараш мемурд, метавонист зани дигар бигирад, вале зан, ҳар гоҳ шавҳараш мемурд, наметавонист дубора издивоҷ кунад. Агар издивоҷ мекард, дар хона чокарзан мешуд.[209]

Дар дастуру мамодҳои ҳуқуқии гузашта ва аз он ҷумла дар «Матагдани ҳазар датестан» оиди масоили ҳуқуқи ғуломон, таълиму тарбия низ сухан меравад. Аслан дар Эрони бостон бардагон (ғуломон) набуданд, вале пас аз ҷангҳо бо кишварҳои дигар бардагони ин кишварҳоро ба ғанимат оварданд ва дар хонаводаҳои худ ба хизмат гумоштанд. Хонавода ба бардаҳо ҳуқуқи моликона дошт, мардҳо кор мекарданд, аз занҳо ком мегирифтанд ва авлод пас меандохтанд. Дар аввал бачаҳои

[208] Зардушт. Готҳо. (Тарҷума ва тафсири Ҳошими Разӣ). — Адаб, 1992, №3, с.11.
[209] *Ниг*: Муҳаммади Рашшод. Фалсафа аз огози таърих, саҳ. 116-119.

дурагае, ки аз чунин комгириҳо ба миён меомаданд, тобеъи падар буданд, вале баъдтар, дар аҳди Баҳроми Панҷум (420-439 м.) муқаррар шуд, ки ин бачаҳо тобеъи модар шаванд, чунки модари онҳо барда аст ва чун барда то охири умр мемонанд. Бардаҳо ба замин вобаста буданд, хӯҷаин метавонист заминро бо бардаҳо бифрушад ва ё харад. Дигар ин, ки дар Эрони бостон бардаҳо дар даҳ рӯз як рӯз озод буданд, инчунин аз даҳ як нафари фарзандони онҳо низ аз бардагӣ озод карда мешуд. Дар ин бобат дар «Матагдани ҳазар датестан» нақл карда мешавад, ки «барда дар Эрони бостон ҳақи моликият дошта, вагарна рафъи масъулияти молӣ аз ӯ маъно пайдо намекард». Инчунин аз матни навиштаҳои ин китоб зоҳир мешавад, ки «барда метавонист аз амволе, ки шахсан таҳсил карда ва ҳадоёсе аз арбоби хеш ё касони дигар гирифтааст, сармоя фароҳам оварад ва бо он сармоя худро бозхарид кунад». Дар ҷои дигари ин китоб омада, ки «Ҳар гоҳ барда шуури худро аз даст дод, амволи ӯ ба арбобаш тааллуқ мегирад ва ин матлаб низ муайидӣ доштани ҳаққи моликияти барда аст».[210]

Масъалаи таълим ва тарбия низ аз масоили муҳими ҳар давру замон аст, бинобар ин дар асноди ҳуқуқии Эрони бостон ба ин масъала эътибори ҷиддӣ дода мешуд. «Тифл то панҷ ё ҳафтсолагӣ дар ҳаҷри модар парвариш меёфт ва камтар назди падар мерафт ва чун ҳафтсола мешуд, ӯро дар миёни маросими хоссе ҷомаи муқаддас, ки ситра номида мешуд, мепӯшониданд ва миёнашро бо камарбанде, ки кастӣ ном дошт, маҳкам мекарданд, аз он ва баъд вай тифли мукаллаф ба ҳисоб меомад ва ба адои фароизи динӣ оғоз менамуд». Баъд аз ин ҳама ӯ тирандозӣ, шамшербозӣ, аспсаворӣ, найзапартоӣ, зубинзанӣ меомӯхт. Ин масоилро ба ҷавон устодони донишманд ва ҷангдида таълим медоданд. Чун ба синни ҷавонӣ мерасид, саворкори тезҷанг ва ҷанговари моҳир мешуд. Вале дар асноду китобҳо дар бораи

---

[210] Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих саҳ. 122. (Матнҳо аз муқаддимаи «Матагдани хазар дагестан» навиштаи Баласорои англисӣ, тарҷумаи доктор Санеӣ — устоди донишгоҳ ва мақолаи доктор Котибӣ таҳти унвони «Ҳуқуқи татбиқи Юнон ва Рум» мунташира дар шумораи 10, маҷаллаи «Ҳуқуқи мардум», чопи Теҳрон) истифода шудааст, ки мо низ ба он иктифоъ намудем.

омӯзиши илмӣ ва таълими хатту савод маълумот дода нашудааст. Мумкин ин аз он сабаб бошад, ки тарзи табақоти ҷамъияти онвақта ҳаминро талаб мекард ва омӯзишҳои илмӣ ба хонаводаҳои мумтоз маҳсуб буда, дигар гурӯҳҳо фақат илмҳову донишҳои ҷангӣ меомӯхтанд. Аз рӯи «Васиятнома»-и Ардашер, «Достони Йушти Фриён», «Ушнари доног» маълум мешавад, ки омӯзишҳои илмӣ дар ин аҳд низ эътибори баланд доштаанд ва додгустарӣ, адлу инсоф бе дониши жарфбин, беогаҳӣ аз илмҳои динию дунявӣ корбаст намешуд.

**Фарҳангҳои паҳлавӣ**

Илми луғатшиносии форсу тоҷик таърихи сарватманди дерине дорад. Танҳо миқдори фарҳангҳои тафсирие, ки то имрӯз омада расидаанд, хеле зиёд буда, қадимтарин луғати тафсирӣ, ки то замони мо маҳфуз мондааст «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ (асри XI) мебошад. Пас аз «Луғати фурс» дар адабиёти тоҷик силсилаи зиёди фаҳангҳои тафсирӣ таълиф ёфтаанд, ки маъмултаринашон «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷӯ (XVII), «Бурҳони қотеъ»- Муҳаммадҳусайни Табрезӣ (XVII), «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин (асри XVIII), «Баҳори Аҷам»-и Баҳор (XVIII). Фарҳанги забони форсӣ»-и доктор Маҳшид Машидӣ (XX) ба шумор меравандю вале бояд таъкид намуд, ки оғози тартиб додани (луғат) фарҳангҳои тафсирӣ ба давраҳои қадимтар мансубият дорад. Бо вуҷуди он ки дар фарҳангҳои номбурда доир ба луғатҳои тоисломии форсу тоҷик маълумоти муфассале дода нашудааст, дар бархе аз ин фарҳангҳо, махсусан, «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ доир ба вожаҳои давраи сосонӣ, забони паҳлавӣ ишораҳо карда шудааст. Мусаннифи «Фарҳанги низом» Саид Муҳаммадалии Доъиюлислом таъкид мекунад, ки Муҳаммадҳусайни Баҳром дар «Бурҳони қотеъ»... аз луғоти авестоӣ ва паҳлавӣ ва луғоти китоби маҷҳулул «Дасотир» ва «Дабистони мазоҳиб»-ро ҳам дар таълифи худ ғунҷоиш додааст».[211]

Аз ин фитра чунин хулоса бармеояд, ки мусаннифони баъдазисломӣ аз мавҷуд будани луғатномаҳои авестоию паҳлавӣ

[211] *Ниг:* **Амон Нуров.** Пешгуфтор ба китоби Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон, Бурҳони Қотеъ ҷилди II. Душанбе, «Адиб» 1993, саҳ. 4

огаҳӣ доштаанд ва Асадии Тӯсӣ дар «Луғати фурс» бешубҳа аз вожаҳои паҳлавию бархе калимаҳоро дар таснифоти худ ворид карда будааст. Аз ин маълум мешавад, ки дар аҳди Сосониён донишҳои филологии ноёгони мо густариш ёфта, мувофиқи талаботи зиндагӣ, зарурияти омӯхтани забон, тарҷума ва таснифи луғатномаҳо ба миён омада будааст. Аз фарҳангҳои ин давра «Фарҳанги оим» ва «Фарҳанги паҳлавӣ» боқӣ мондааст. Ғайр аз ин, аз харобаҳои шаҳри қадимаи Тӯрфон порчаи фарҳанге ёфт шудааст.

Зарурияти таълифи «Фарҳанги оим» ба он вобаста аст, ки дар асрҳои III-VII м. лексикаи «Авесто» барои мардум кӯҳнаву номафҳум шуда буд. Аз ҳамин сабаб дар забони паҳлавӣ луғати он тартиб дода шудааст, то ки ҳаводорони ин китоби муқаддас ба моҳияти «Авесто» ошноӣ пайдо кунанд. Яке аз сабабҳои интишорёбни «Хурд-Авесто» («Занд-Авесто») ҳам ба ҳамин вобастагӣ дорад. Ин аз дараҷаи тафаккури илмию фарҳангии донишмандони тоисломии форсу тоҷик дарак медиҳад.

«Фарҳанги паҳлавӣ», чи тавре ки аз номаш маълум аст, луғати забони паҳлавӣ, порсии миёна мебошад. Сохти фарҳанги мазкур ба тариқи зайл аст, вожаҳо аз ҷиҳати хусусиятҳои лексикии забон ба қисмҳои баробар ҷудо шудаанд. Дар баъзе қисмҳои ин луғат вазифаи луғати тафсирӣ низ бор карда шудааст. Масалан, шарҳи баъзе ҳодисаҳои табиат, замин, қабатҳои он, обҳо, меваҳо, таомҳо, сабзавот, ҳайвонот, паррандаҳо, ҳайвоноти даррандa, қисмҳои аъзои бадан, мансабҳо, касбҳо, аслиҳа, санъати котибӣ, номи маъданҳо, истилоҳи хешу таборӣ, қисмҳои нутқ, муайянкунандаи вақт, моҳҳо ва рӯзҳо. Чунон ки мебинем, фарҳангҳои нахустини тоҷикӣ аз баъзе ҷиҳатҳо хусусияти энсиклопедӣ доштаанд. Дар онҳо нафақат инкишофи таърихии лексикаи забони форсии тоҷикӣ инъикос ёфтаанд, балки масоили зиёди зиндагӣ — воқеаҳои таърихӣ, адабӣ, ҷуғрофӣ, тиб, ситорашиносӣ, табиатшиносӣ, маъданшиносӣ, тақвим ва ғайра ҷалб карда шудаанд. Фарҳангҳои қадимаи тоҷикиро инчунин ҳамчун сарчашмаи адабӣ низ истифода кардан мумкин аст. Воқеан фарҳангҳо ба тақозои инкишофи назму наср ба вуҷуд меоянд ва эҳтиёҷоти тафсири унсурҳои луғавии осори манзуму адибони

замон, асарҳои диниву илмӣ пайдо мегардад. Аз рӯи тарҷумаву овонавишти осори адабию мадании Сосониён маълум мегардад, ки дар ин давра садҳо китобҳои мансуру манзуми динию фалсафӣ, адабӣ, пандномаҳо, сиёсатномаҳо таълиф ёфта буданд. Як миқдори онҳо аввал ба забони портӣ навишта шуда, пас ба паҳлавӣ баргардонда шудаанд. Худи ҳамин боиси тартиб додану навиштани луғатҳои тафсирӣ шудааст.

Солҳои охир таваҷҷӯҳ ба осори адабию мадании тоисломии тоҷик афзуд, тарҷумаву овонавишти матни ёдгориҳои хаттии забони портӣ ва паҳлавӣ ва ба забони форсии нав — форсӣ-тоҷикӣ интишоршавии намунаҳои арзишманди адабиёти бадеии қадим боз ҳам густариш ёфт. Интишорёбии ёдгориҳои хаттии паҳлавӣ: «Драхти Осурик», «Ёдгории Зарирон», «Ёдгории Бузургмеҳр», «Минуги хирад», «Готҳо»-и Зардушт, силсилаи «Андарзҳои паҳлавӣ», «Артаквиразномак», «Андарзи Хусрави Каводон» ва ғайра на танҳо доир ба осори адабию мадании тоисломии тоҷикон тозагӯиҳо ворид кард, инчунин боиси рӯи бор омадани асарҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таснифи вожаномаҳои алоҳида гардид, ки намунаи беҳтарини он фарҳанги «Вожаномаи феълҳои паҳлавӣ»-и Додихудои Саймиддин аст. Дар пешгуфтори ин «Вожанома» навишта шудааст: «Маводи вожанома аз осори паҳлавӣ ва луғатномаҳои матнҳову китобҳои паҳлавӣ, ҳамчунин чанд фарҳангномаҳои мухтасари паҳлавӣ, ки дар феҳристи манобеъ ва осори мавриди истифода зикр гардидаанд, гирдовардӣ шудааст».[212] Ин андешаи муҳаққиқи осори хатти паҳлавӣ моро ба густариши минбаъдаи ин соҳаи илми филология умед мебахшад.

**Назми форсии миёна, лирика ва мусиқӣ**

Як гурӯҳ муҳаққиқон дар бораи дар адабиёти қадими тоҷик мавҷуд будани асарҳои бадеӣ, пеш аз ҳама, шоирони давраи нави адабиёти форсии дарӣ шубҳа доштанд, зеро адабиёти бадеии дарӣ бо шакли баланди техникӣ, бадеӣ ва санъатҳои шеърии худ дар пояи баланди назм меистод, ки дар он таъсири шаклу бадеияти назми араб кам набуд ва ин назм ба вазни арӯз,

[212] Додихудои Саймиддин. Вотаномаи феълҳои паҳлавӣ. Душанбе, Дониш, 1992, саҳ. 3.

ки пеш аз ҳама, дарозию кӯтоҳии овозҳоро ба ҳисоб мегирад, эҷод шудааст.[213] Албатта, назми қадим ва давраи форсии миёна ба талаботи технимизму бадеии назми дарӣ, ки бо таъсири назми араб минбаъд густариш ёфтааст, ҷавоб дода наметавонад, аммо ин фикр маънои онро надорад, ки назм дар адабиёти қадим вуҷуд надошта бошад. Аз мисолҳои боло дида шуд, ин ҳарчанд мунтазам набошад ҳам, назм мавҷуд буд, қофия ҳам дошт, бештар роли онро оҳангнокӣ ва шеърҳои нимқофиядор (ассонанс) адо менамуд. С. Давронов дар ин бобат навиштааст, ки «Дар зери калимаи вазн дар ибтидо эҳтимол як навъ оҳангнокии суханро дар назар доштанд, ки тадриҷан ба вазн табдил ёфт ва сухани вазндор, яъне ба маънои имрӯзиаш мавзун минбаъд назм ном гирифта, баъдтар ба лафзи шеър иваз шудааст. Ҳоло аҳли тадқиқ дар бораи пайдоиши шеър ба ягон фикри муайяне наомадаанд, вале дар асоси як қатор ёдгориҳои бостоние, ки то замони мо омада расидаанд, ба баъзе хулосаҳои эҳтимолӣ омадан мумкин аст».[214]

Дар фасли «Авесто» мазмун ва мундариҷаи он» таъкид шуд, ки як қисми китоби муқаддаси зардуштиён — «Авесто» ва махсусан, «Готҳо»-и Зардушт пурра аз мисраъҳои гуногунҳиҷо (аз 11 то 19 ҳиҷо) фароҳам омадааст. Ғайр аз ин, навъҳои гуногуни вазни ҳиҷо дар қисмҳои дигари китоби мазкур низ ба назар мерасад. Агар сухан дар бораи назми қадимаи тоҷикӣ равад, эҳтимол пайдоиши сухани мавзун, ки имрӯз шеър ном гирифтааст, аз ҳамин «Готҳо»-и Зардушт ибтидо гирифта бошад. «Дар ин навъ порчаҳои шеърмонанди авестоӣ ҳанӯз қофия дида намешуд, ҳамчунин дар онҳо истифодаи воситаҳои баёну тасвир, ки боиси хушобурангӣ ва таъсирбахшии сухан мегардад, низ камтар ба назар мерасид. Дар ин қабил порчаҳои манзум танҳо баробар омадани миқдори ҳиҷоҳо дар ҳар мисраъ ба сухани гӯянда як навъ мавзунияту хушоҳангӣ мебахшиду бас».[215] Масалан, дар пор-

[213] Мирзозода Х. М. Таърихи адабиёти тоҷик. к. 1, ч. 1, саҳ. 88

[214] Давронов С. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ, саҳ. 7.

чаи зерин, ки сухан аз бузургии Худо (язатэзид) рафтааст, сатрҳои ҳаштҳиҷоиро мушоҳида мекунем:

Тем амавантем йазатем,
Сурем дамоху севиштем.
Митрем йазай заотрабйо.

Дар ин порча на танҳо миқдори муайяни ҳиҷоҳо риоя шудааст, инчунин ҳамоҳангии ду мисраи аввал низ ба назар мерасад, ки ибтидои пайдоиши унсурҳои қофияманди шеър номидан мумкин аст. Ин ҳолат минбаъд дар достони «Ёдгори Зарирон», «Дарахти Осурик» боз ҳам такмил мeёбад, мавқеи қофия устувортар мегардад; чунончи, дар мисоли зайл на танҳо мисраъҳои шашҳиҷоӣ риоя мешавад, инчунин ҳамоҳангии онҳо пурқувваттар аст:

У нас он тахм сахнат,
Тан Зарер чеган дит.
Ку шах вишадак бут,
Андарон андар шут.

Дар шеъри қадима вазн дар асоси миқдори ҳиҷоҳо эҷод мешуд, вале миқдори ҳиҷоҳои мисраъҳо як хел нест — аз 5 то 11 ҳиҷо. Ҳатто дар як шеър ҳиҷои мисраъҳо, махсусан, назми вазндори монигӣ як хел набуд. Донишмандони адабиёти қадим дар китоби «Бунда ҳишн» дар яке аз матнҳо,гимне, ки ба Зарвон бахшида шудааст, ин хусусиятро мушоҳида намудаанд. Инчунин исбот шудааст, ки дар гимнҳои монигӣ шеър мавҷуд аст ва худи Монӣ ҳам шеър мегуфтааст. Аз гимнҳои ба Зарвон бахшидашуда чор банд мавҷуд аст. Ду банди аввал думисраӣ, боқимондааш — чормисраӣ мебошад. Дар ду банди аввал ҳар мисраъ 11 ҳиҷо дорад, банди сеюм 9 ҳиҷо, дар банди охирин 8 ҳиҷо. Ҳар мисраи бандҳо кофия доранд. Чунон ки мушоҳида шуд, дар шеъри аҷдодони мо аз охири ҳазораи дуюм пеш аз мелод сар карда то ибтидои истилои арабҳо, яъне дар давоми тақрибан 2800 сол

[215] Давронов С. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ, саҳ. 7.

навъҳои гуногуни вазни ҳиҷо маълум будааст. «Албатта, дар ин муддати тӯлонӣ вазни ҳиҷо ҳамеша дар як зина набудааст ва ҳамвора бо мурури замон сайқал ёфта, кор хӯрда, пеш рафтааст, вале принсипи асосии он, ки риояи миқдори муайяни ҳиҷост, қариб бетағйир мондааст ва чизи наве, ки дар ин муддат ба шеъри гузаштагони мо ҳамроҳ шуда, ҳамчун унсури махсуси шеър шинохта шуда ва минбаъд хеле пеш рафтааст, ҳамоно қофия будаасту бас».[216] Ҳиҷоӣ будани шеъри тоисломии тоҷикро донишмандон Э. Е. Бертелс, Баҳром Сирус, Муҳаммад Мӯин низ тадқиқ карда, ба хулоса омадаанд, ки аксари шеърҳои авестоӣ ва паҳлавӣ беқофия буда, шеърҳои қофиядор дар фолклори тоисломии тоҷик нисбат ба адабиёти китобатӣ пурқувваттар будааст. Вале сурудҳои халқии қадима дар давраи ҳуҷуми арабҳо дар як муддат аз ривоҷ боз монда ва пас аз суст шудани нуфузи арабҳо ва ба вуҷуд омадани давлати миллии тоҷикон дубора ривоҷ ёфта, ба адабиёти китобатӣ гузаштаанд.[217] Ҳақ ба ҷониби С. Давронов аст, ки ин ақидаро, ки асноди амиқ надорад, андешаи эҳтимолӣ номидааст. Вазни ҳиҷо пеш аз истилои арабҳо дар назми қадимаи тоҷик ҳамчун вазни ягонаву асосӣ ҳисоб мерафт. Вале пас аз кушта шудани охирин намояндаи сулолаи Сосониён Яздигурди III (632-651) дини ислом тамоми соҳаҳои ҳаёти мардуми форсизабонро фаро гирифт ва ин боиси аз байн рафтани ҳиҷо ва шеърҳои тоҷикӣ гардид. Вазни ҳиҷо танҳо вазни хоси асарҳои фолклорӣ (солҳои охир), ҳамчун назми бачагона боқӣ монд.

Дар адабиёти дарӣ расм шуда буд, ки ибтидои назмро аз Баҳроми Гӯр (420-438) донанд, ки гӯё байти аввали назми форсии навро ӯ сурудааст. Муҳаммад Авфӣ дар тазкираи «Лубоб-ул албоб» қайд кардааст, ки дар шаҳри Бухоро девони шеърҳои Баҳроми Гӯрро дидааст ва хондааст. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» (XV) пайдоиши шеъри форсиро ба давраи ҳукмронии Хусрави II нисбат додааст. Чунон ки мебинем, ақидаи адабиётшиносон дар бораи шеъри аввалини форсу тоҷик

[216] С. Давронов. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ. саҳ. 23.

[217] *Ниг*: Б. Сирус. Қофия дар назми тоҷик. Сталинобод. 1955. саҳ. 12.

яксон нест. Иддае пайдоиши шеърро ба шоири асри VII точик Ҳаким Абӯхафси Суғдии Самарқандӣ нисбат дода, ҳамин як байти аз ӯ бокимондаро аввалин намунаи шеъри тоҷикӣ ба қалам медиҳанд:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо.

Иддаи дигар бар он ақидаанд, ки аввалин шахси гӯяндаи шеър Баҳроми Гӯр (420-438) мебошад ва байте, ки ба ӯ нисбат медиҳанд, ин аст:

Манам он пили дамону манам он шери яла,
Ном Баҳром марову падарам Бӯчабала.

Ба ақидаи Муҳаммад Авфии Бухороӣ, байти мазкур, вақте ки шоҳ Баҳром аз шикоргоҳ бо шери зиндаи дастгиркардааш ба боргоҳи худ баргашт, ҷавобан ба пурсиши як нафар канизакаш, ки дастгиркунандаи шерро мехост бифаҳмад, бадоҳатан гуфта шудааст. Аммо ҳамаи ин муаллифҳо ва дигарон аз назми форсии қадим бештар назми дариро дар назар доштанд ва онро аз ҷиҳати қадимӣ будан ба назми араб зид мегузоштанд, вале дар бораи назми ҳақиқии даврaи форсии қадим ва миёна маълумоти ҷиддии таърихӣ надоштаанд, гуфтаҳои онҳо бештар хислати наклу ривоятӣ дошт.

Роҷеъ ба байти Абӯҳафси Суғдӣ ҳаминро бояд таъкид намуд, ки дар он як навъ «оҳангнокии назаррасе ҳис мешавад, ки бештар ба шеърҳои ба вазни арӯз навишташуда хос аст».[218] С. Давронов дар табиати ин байт эволютсияи гузаришро аз вазни ҳиҷо ба арӯз мушоҳида намуда навиштааст, ки: ин байт аз рӯи моҳияти худ ва баъзе хислатҳояш ба талаботи моҳияти адабии асри 8-9, ки қабули вазни арӯзро тақозо мекард, пурра мувофиқат мекунад».[219] Вале шеъре, ки ба Баҳроми Гӯр (асри V м.) нисбат дода шудааст, ба талаботи назми он давра мувофиқ набуда, дар

[218] С. Давронов. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ, саҳ. 10.
[219] С. Давронов. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ, саҳ. 10.

баҳри рамал гуфта шудааст, пас онро шеъре аввалини форсии қадим ба қалам додан ақидаи заиф ва хатост.

Мавҷудияти назми қадимро илми нави шарқшиносии Аврупо аввалин шуда исбот кард. Назм на танҳо аз давраи Сосониён, аз замони Зардушт, балки аз фолклори қадим оғоз ёфтааст. Муҳаммади Рашшод дар «Фалсафа аз оғози таърих» таъкид мекунад, ки дар замони Ҳохоманишиҳо дар мактаб хондани достонҳои қаҳрамониро таърихнависони Юнони қадим қайд кардаанд. Назмӣ будани достонҳои давраи парфияниву паҳлавӣ — «Ёдгори Зарирон» ва «Дарахти Осурӣ»-ро бори аввал эроншиноси франсавӣ Э. Бенвенист қайд кардааст ва минбаъд аз рӯи тарҷумаву овонавишти матни паҳлавии ин достонҳо назмӣ будани онҳо исбот гардидааст.[220] Инчунин олимон даъво доранд, ки назми парфиёнӣ ба адабиёти Арманистони қадим таъсир расонидааст. Таърихнависи қадими арманӣ Мовсес Хоронас дар бораи мавҷудияти гимн оид ба Андраро, ки арманҳо ӯро эҳтиром мекардаанд, нақл кардааст. Ин гимн аз ҷиҳати боигарии образҳо матнҳои муқаддаси ҳиндии қадимро, ки он аз хаёлоти бадеӣ бой будааст, ба хотир меорад. Дабири Шопури II Хвархбуд дар асри IV мелод бо фармони шоҳ таърихномаеро таҳти номи «Ростсухан» аз юнонӣ ба форсии миёна тарҷума кардааст. Муаллифи ин асар Абарсам ҳамзамони Хварҳбуд буда, шахсияташ маълум нест. Таърихнависи арманӣ Майсес Хоренос лаҳзаеро чанд аз китоб иктибос намуда, ки мазмуни он ба мундариҷаи чанд бахши китоби паҳлавии «Корномаи Ардашери Бобакон» ҳамоҳанг аст.[221] Андешае меравад, ки дар аҳди Ашкониён бо номи «Ростсухун» ё «номаи ростон» низ достоне таълиф ёфта будааст. Масалан, Фирдавсӣ дар боби подшоҳии Ашкониён ибораи «номаи ростон»-ро истофода бурдааст, ки мумкин аст унвони дигари «Рост-сухан» билиндорем:

Кунун эй сароянда фартутмард,
Сӯи гоҳи Ашкониён Бозгард.

---

[220] *Ниг:* Брагинский И. С. Из истории таджиксой народной поэзии. 200.

[221] *Ниг*: В. Луконин. Искусство древнего Ирана. М., 1977, стр. 211; Додихудои Саймуддин. Сарнавишти чанде аз дастнависҳо ва китобҳои паҳлавӣ. — Адиб. 1992. № 5. сах, 42.

Чу гуфт андарон «Номаи ростон»,
Ки гӯянда ёд орад аз бостон.[222]

Ҳатто далели дар замони Ашкониён эҷод шудани достони «Вис ва Ромин» ва аз нисбатан хеле соддалавҳона эҷод шудан ва баланд набудани бадеияти нусхаи паҳлавии он шикоят бурдани Фахриддини Гургонӣ боз як гувоҳи мавҷудияти назм дар дуиёи қадим аст. Адабиётшиноси муосири Эрон Забеҳулло Сафо мӯътақид аст, ки достон дар охири аҳди Ашкониён (III) ба вуҷуд омадааст, зеро ба фикри ӯ, «осори тамаддуни давраи ашконӣ ва мулукуттавоифи он аср дар он ошкор аст.[223] Фахриддини Гургонӣ низ дар қисми сабаби назми достон чунин ишора кардааст:

Бигуфтам, к-«он ҳадиси сахт зебост,
Зи гирдовардаи шаш марди доност.
Надидам з-он накӯтар достоне,
Намонад ҷуз бу хуррам бӯстоне.
Валекин паҳлавӣ бошад забонаш,
Надонад, ҳар кӣ бархонад баёнаш».
Дар ин иқлим он дафтар бихонанд,
Бидон, то паҳлавӣ аз вай бидонанд...
Фасона гарчи бошад нағзу ширин,
Ба вазну қофия гардад навоин.
Кунун ин достони «Вису Ромин»,
Бигуфтанд он сухандонони пешин.
Ҳунар дар форсӣ гуфтан намуданд.
Куҷо дар форсӣ устод буданд?!
Бипайвастанд аз ин сои достоне,
Дар ӯ лафзи ғариб аз ҳар забоне.[224]

Дар бораи мавҷудияти назми лирикӣ, ки бо оҳанги мусиқӣ чи дар доираҳои васеи халқ ва чи дарбори подшоҳон бо оҳанг хонда ва навохта мешуд, ҷои шубҳа нест. Ҳайкали сангии се мутриби давраи Кӯшонӣ ҳам ин маъноро тасдиқ менамояд. Су-

[222] **Фирдавсӣ**, Шоҳномаи, ч. VIII, саҳ. 115.

[223] **Забеҳулло Сафо**. Таърихи адабиёти Эрон. Теҳрон, 1956, саҳ. 364.

[224] Ҳамон асар, саҳ. 364.

руд ва мусиқӣ дар замони қадим ҳам аз пешаҳои дӯстдоштаи халқҳои эронӣ буд. Ин маънӣ чи аз фолклори қадим ва чи аз гимнҳои готҳои «Авесто» маълум аст. Аз рӯи нақли «Корномаи Ардашери Бобакон» Ардашери I сурудро ба мусиқӣ ҳамоҳанг карда месурудааст «...Чун рӯзе Ардашер ба сутургоҳ нишаста танбур мезад ва сурудхониву хуррамӣ мекард, ӯ (канизаки Ардавон).Ардашерро диду шефта гашт».[225] Монӣ ба суруд ба-ҳои баланд медодааст ва ба ибодатхонаҳои худ навохтани мусиқиро ҷиддан тарғиб мекардааст, зеро ба оламӣ ҳиссиёти инсонӣ таъсири амике дорад. Дар замони подшоҳии Хусрави II (591-628) назм ва мусиқӣ ба пояи баланди худ расид. Дар ин бора китобҳои арабӣ ва давраи форсии нав маълумот медиҳанд. Дар ин бобат гуфтаҳои муаррихону шуарои араб ва аҷамӣ дар китоби «Борбади ромишгар». (Душанбе, 1989) муфассал баён гардидааст. Мувофиқи ин ва сар чашмаҳои дигари таърихиву адабӣ, базму айши дарбориён бо сурудхонӣ, рақс ва мусиқӣ мегузашт, ки «Сроти Хусравоник» ном доштааст. Дар шеърҳо дабдабаи шоҳӣ, худи шоҳ, зани шоҳ ва маҳбубаи ӯ Ширин асби сиёҳранги ӯ Шабдез, сипоиёни шоҳ, байрақи шоҳии ковёнӣ, ки бо сангҳои қиматбаҳо зиннат дода шуда буд, фили сафеди подшоҳ, тахт ва боғу қасрҳои шоҳӣ ва «хазинаи говмешӣ»-и ӯ васф карда мешуданд.

Дар замони Хусрав се мутриби номӣ будаанд: Нигиса, Борбад ва Саркаш. Бештари сарчашмаҳо Борбади Марвазиро нахустин бастакори «сурудхонии хусравонӣ» ба қалам додаанд. Ҳар се мутрибони дарбор будаанд. Борбади Марвазӣ аз дуи дигар ҷавон ва боистеъдодтар буд, бинобар сардори мутрибони дарбор Саркаш кӯшиш мекард, ки ӯро барои ба дарбор наздик шудан имкон надиҳад. Мувофиқи ривоятҳо, Борбад дар рӯзе, ки подшоҳ бояд дар боғи худ базм ташкил диҳад, дили боғбонро ёфта, либоси сабз пӯшида, ба зери гулбунҳо пинҳон шуд. Вақте ки шоҳ қадаҳи якумро нӯшид, Борбад суруди «Яздон офарид» («Яздон африд»)-ро хонд, вақте ки қадаҳи дуюмро нӯшид, суруди «Партови Пархар», ҳангоме ки қадаҳи сеюмро нӯшид.

---

[225] Корномаи Ардашери Бобакон. Фарҳанг, 1991, № 6, саҳ. 48

суруди «Сабз андар сабз»-ро хонд. Подшоҳ, ки аз зебоии овоз ва суруди хонанда ба ваҷд омада буд, фармон дод, ки сурудхонро ёбанд. Борбад баъд аз тамом кардани хониши худ аз зери гулҳо баромада, ба шоҳ таъзим кард. Баъд аз ин ӯ сурудхон ва шоири дарбор шуд.

Аз рӯи нақлҳо, ҳафт силсилаи суруди хусравонӣ, «сӣ лаҳн» 360 суруд будааст, ки ҳар яке дар як рӯзи сол (рӯзи базм) хонда мешудааст ва онҳо чорсад сол давом кардаанд. Миқдори сурудҳои ӯ ба миқдори рӯзҳои ҳафтаҳои моҳ ва моҳҳои сол мувофиқ ва баробар будааст. Дар баршумории сӣ лаҳни Борбад, ки дар «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ омадааст, лаҳни «Ганҷи бодоворд» аз рӯи тартиб мақоми аввалро дорад. Мусаннифи «Бурҳони қотеъ» низ мӯътақид бар он аст, ки лаҳни «Ганҷи бодоворд» лаҳни нахустини Борбад аст. Тазкираву сарчашмаҳои дигар ин маъниро таъкид намудаанд. Бояд тазаккур дод, ки лаҳнҳои Борбад характери муносибатӣ доранд ва ба муносибате эҷод шудаанд. Ва эҷоди аглаби лаҳнҳои ӯ дар замони подшоҳии Хусрави Парвиз рух додаанд. Чунончи, лаҳнҳои «Ганҷи бодоворд», «Шабдиз», «Нахчиргон» ва «Боғи Ширин» аз ҳамин ҷумлаанд. Номи бахше аз лаҳнҳои Борбадро Фирдавсӣ дар «Достони Борбади ромишгар», Низомӣ дар достони «Хусрав ва Ширин» ёд кардаанд, ки онҳо мазмуни ҳаётӣ доранд. Масалан: «Пайкори гурд», «Кини Сиёвуш», «Кини Эраҷ», «Боғи шаҳриёр», «Аврангик», «Ҳафт ганҷ», «Наврӯзи Бузург», «Сарвистон», «Арвайишини хваршет» (зебоии хуршед); «Нӯшлабинон», «Моҳ андар кофан» (моҳ дар болои кӯҳ) ва ғ. Ин сурудҳо аз ҷиҳати мавзӯъ сердомана буда, мавзӯъҳои динӣ, ҳаётӣ, ишқ, тавсифи табиат, дабдабаи шоҳӣ, мавсими сол, ид, ҷашни Наврӯз, паҳлавонӣ, мотам ва ҳиссиёти олами ботинии инсонро фаро гирифтаанд.

Дар феҳрастҳои арабӣ номи хеле зиёди китобҳо, ки ба жанрҳои дигари адабиёти форсии миёна дахл доранд, зикр шудаанд, чунки як теъдод китобҳову таърихномаҳо ва осори адабию солномаҳои замони Сосониён баъд аз таназзули он, ки дар қарнҳои аввали ислом ба арабӣ тарҷума гардидаанд, ба куллӣ аз байн рафта ва аз матни аслии онҳо нишоне ҳам боқӣ намондааст. Вале муаррихони араб мисли Ал-Масъудӣ ва Ан-Надим дар бораи

як силсилаи осори форсии миёна ишораҳо намудаанд. Масалан, Ал-Масъудӣ дар бораи «Саки саран» (шояд сокисароён бошад), достони «Ҷанги Рустам бо Исфандиёр», китоби «Ҳазор афсона», «Фарза ва Симас» маълумот медиҳад. Ҳамзаи Исфаҳонӣ «Фарз ва Симас»-ро ба гурӯҳи 70 асари Ашкониён, ки гӯё тарҷума будаанд, мансуб карда инчунин «Синбоднома»-ро ба ин гурӯҳ дохил намудааст. Ан-Надим номгӯи чунин киссаву китобҳои паҳлавиро дар феҳрасти худ ном бурдааст; қиссаи «Дар бораи Доро ва бути тилло», «Дар бораи Рӯзбеҳи ятим», «Дар бораи хирс ва рӯбоҳ», «Дар бораи Намруд — подшоҳи Бобул» аз он ҷумлаанд.

Адабиёти давраи паҳлавии аҳди Сосониён дорои достонҳои эпикии қаҳрамонӣ, чун «Ёдгори Зарирон», «Корномаи Бобакон», асарҳои дидактикӣ-ахлоқӣ — «Ёдгори Бузургмеҳр», «Минуги хирад», «Андарзи Хусрави Кавоdон», «Достони Йиушти Фриён», сиёсатномаҳо ва асарҳои динӣ, фалсафӣ, китобҳо оид ба тиб ва ҳуқуқ (дар фаслҳои боло муфассал сухан рафт) низ мебошад.

Аз рӯи маълумоти таърихнависи юнонӣ Агафий (асри IV м.) дар китобонаҳо шоҳии сулолаи Сосониҳо китобҳои таърихиву солномаҳои зиёде маҳфуз будаанд. Аксари солномаҳо ва китобҳои таърихӣ бо фармони шоҳони Сосонӣ гирдоварӣ ва овонавишт мешудаанд. Аз рӯи нақлҳо, Хусрави I фармон додааст, ки манбаъҳо ва ҳикоятҳо, ки дар бораи подшоҳони Эрон аст, ҷамъ кунанд ва ба шакли китоби подшоҳон дароранд. Такмили ниҳоии ин таърихномаҳо дар замони салтанати охирин подшоҳи Сосони Яздигурди III (623-651) анҷом пазируфта, ки маҷмӯи он таҳти номи «Хвадой-номаг» («Худойнома») маъруф аст. Ин китобро Ибн-ал-Муқаффаъ (721-757) аз забони форсии миёна ба арабӣ тарҷума намуд, вале баъдан ҳам матни асл ва ҳам тарҷумаи он аз байн рафтааст. Минбаъд ин асарро дар асри X ба забони форсии нав тарҷума карда бошанд ҳам, нусхаи аслӣ ва тарҷумаи аввалини ин асар дар тарҷумаҳо пурра нигоҳ дошта нашудааст. Бо вуҷуди ин, «Худойнома» сарчашмаи муҳимтарини адабиёту фарҳанги давраи тоисломии адабиёти тоҷик ба шумор меравад.

Ба гурӯҳи асарҳои мазҳабии ба забони паҳлавӣ навишташуда китоби Маздак «Деснад»-ро ном бурдан мумкин аст. Дар ин китоб таълимот ва ақидаи мазҳабии Маздак баён гадидааст, вале

пас аз бераҳмона кушта шудани Маздак ва маздакиён ин китоб сӯзонида шудааст. Дар забони арабӣ «Китоби Маздак» ном асаре ҳаст, ки аз ҷиҳати мундариҷа ба нусхаи «Маздакнома»-и форсии миёна монандӣ дорад. Дар бораи мазмун ва мундариҷаи «Маздакнома» аз рӯи «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ва «Форснома»-и Ибн-ал-Балхӣ, ки мундариҷаи мухтасари ин китобро шарҳ додаанд, маълумот пайдо кардан мумкин аст.[226] Аз рӯи ин китоб ва маълумоти Ибн-ал-Балхӣ дар «Форснома» (саҳ. 89-94) Маздак мугест, ки бо роҳи тафсири ҳаққонии «Авесто» гӯё одамонро ба гумроҳӣ бурда, дурӯггӯӣ кардааст, то ки боварии Қубод ва табақаи болоро ба даст орад. Вай бовар мекунонидааст, ки ӯ метавонад бо рӯҳи оташи муқаддас сӯҳбат кунад ва аз ӯ маслиҳат гирад ва рӯҳ бо ӯ бо овози инсонӣ гап мезанад. Вай дар оташкадаи худ яке аз наздиконашро пинҳон кардааст, то ки бо вай гуфтугӯ кунад ва фармоишҳои худро иҷро намояд. Ба Маздак муяссар шуд, ки Қубодро ба гап дарорад, вале шоҳзодаи ҷавон — Анӯшервон бо роҳи фиреб ва сӯиқасд ӯ ва дӯстонашро ба банд гирифта, қир мекунад. Ин гуфтаҳо ба таълимоти Маздак ва ҷаҳонбинии ӯ мухолиф аст ва таълифоти Ибн-ал-Балхӣ ва Низомулмулк дар рӯҳи подшоҳпарастӣ ва идеализатсияи синфи ҳоким навишта шудаанд.Ибн-ал-Балхӣ андешаи Анӯшервонро дар бораи Маздак чунин ба қалам додааст: «Бидонед, ки ин Маздак мулк металабад ва падарам аз кори ӯ ғофил буд ва мисли ӯ ҳамон Монии зиндиқ аст, ки ҷадди мо Баҳром бинни Ҳурмузд ӯро бикушт, то фитнаи ӯ аз олам фурӯ нишаст. Акнун тадбири ин мард мебояд кард».[227] Ибн-ал-Мукаффаъ «Маздакнома»-ро аз форсии миёна ба арабӣ тарҷума кард ва Абан-ал-Лаҳиқӣ онро ба таври бадеӣ аз нав кор кардааст.

Асари дигари мазҳабии давраи форсии миёна китоби динӣ-мазҳабии «Бунда ҳишн» аст. Дар ин китоб дар бораи дини Зарвон ва зарвонҳо ҳамчун илҳод ва бидъати дини расмии зардуштӣ

---

[226] Ибн-ал-Балхӣ. Форснома. — Душанбе, 1989, саҳ. 88-95; Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе, Адиб, 1989, саҳ. 159.

[227] Ибн-ал-Балхӣ. Форснома. — Душанбе, 1989, саҳ. 89.

маълумотҳо мавҷуд аст, вале китобҳои мазҳабии зарвонӣ низ ҳамчун асарҳои зидди дини расмӣ нобуд шудаанд.

Намунаҳои адабиёти хаттии Осиёи марказӣ нисбат ба дигар маҳаллу кишварҳо дар давран истилои араб ба таъқиботи сахт дучор шудааст, сабаб ин аст, ки мардуми Суғд, Хоразм, Самарқанду Бохтар ба муқобили истилогарони араб ҷангҳои беамон бурдаанд. Аз рӯи кофтуковҳои археологии солҳои охир маълум мешавад, ки дар ин кишварҳо низ осори хаттӣ ва шаклҳои гуногуни санъат мавҷуд будааст. Ба ин сужети расмҳое, ки дар девори шаҳрҳои қадим дида мешавад ва адабиёти бадеии онҳо низ гувоҳӣ медиҳад. Вале афсӯс, ки то мо, ба ғайр аз расму навиштаҳои рӯи аҳромҳо, тангаҳои қадима, сафолпораҳо, ҳайкалчаҳо ва нақлу ривоятҳо муаррихони юнонию румӣ ва арманию чинӣ, чизи дигаре боқӣ намондааст. Адабиёти тоисломии хоразмиҳо, самарқандиҳо, суғдиҳо ва тоҷикони маҳсуб ба Туркистони Шарқӣ (Турфон) бештар мазмуни динӣ доштааст (дар фасли ёдгории хаттии суғдии ҳамин китоб муфассал сухан рафтааст) ва дар онҳо таъсири дини монӣ, масеҳӣ, буддоӣ ва зардуштӣ мушоҳида мешудааст. Бо вуҷуди он дар осори хаттии ин давра анъанаи адабиёти хаттии гузашта давом мекардааст, асарҳо ба забони суғдӣ, хоразмӣ, форсии миёна ва уйғурӣ навишта мешудаанд. Масалан, аз харобаҳои сершуморӣ Турфон ва хоки Чин даҳҳо порчаҳои парокандаи абъёти Монӣ дарёфт шудаанд, ки онҳо бо забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ ва ӯйғурӣ иншо ва китобат гаштаанд. Аз рӯи маълумоти муаррихони эронӣ ва чинӣ, монавиён дар асрҳои III ба Хуросону Варазруд паноҳ бурда, дар асрҳои V-VI м. дар шаҳрҳои Марв, Балх, Самарқанд хеле нуфуз пайдо карда будаанд. Мувофиқи маълумотҳои таърихӣ, дар Хуросону Варазруд тақрибан 12 нафар фиристодагони Монӣ таблиғоти дини мониро паҳн менамудаанд. Дар сарчашмаҳо поягузори дини монавӣ, дар Варасруд Мар Аммо ном роҳиби дини монавӣ ном бурда мешавад, ки ҳанӯз дар асри III дар Нишопур ва Марв озодона ташвиқоту таблиғот мебурдааст. Мониён ба Туркистони Шарқию Чин фарҳанги суғдӣ ва дастовардҳои ҳунарии худро бо ҳам овардаанд. Дар забони мониёни Чин калима ва ибораҳои алоҳидаи суғдӣ истифода мешуд. Ҳатто номгӯи рӯзҳои ҳафтаю

моҳҳои суғдиро дар луғати мониён Чин дучор омадан мумкин аст. Бояд таъкид кард, ки агар забони монавиёни ғарбӣ суриёнӣ бошад, монавиёни шарқ асосан ба забони паҳлавӣ ва суғдӣ навиштаҳои худро корбаст менамудаанд. Дар оташкадаҳои Марву Балх, Самарқанду Бухоро, Кешу Насаф, Истаравшану Чоч, Фарғонаву Ҳафтруд, хуллас дар ҳама ҷо, ки оташкада буд, забони ибодат паҳлавӣ буд ва баъд забони паҳлавӣ бо забони суғдӣ-хоразмӣ асоси ягонаи заминаи пайдоиши забони форсии дарӣ-тоҷикӣ гардид.

Манбаъҳои гузашта хабар медиҳанд, ки Монӣ пас аз худ ҳафт асар ба мерос мондааст, шаштои он ба забони суриёнӣ ва яктои он бо унвони «Шопуракон» ба забони форсии миёна навишта шудааст (ба фасли «Монӣ ва таълимоти ӯ» руҷӯъ шавад). Ин асар ба Шопури I бахшида шудааст ва «Шопургон» асари таърихӣ ва дар бобати таърихи подшоҳии сулолаи Сосониҳо — подшоҳони то замони Монӣ баҳс мекунад. Дар ин бора ҳам Ан-Надим дар «Ал-феҳрист» ва Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» ишора кардаанд, ки ин асар аз Хоразм пайдо карда шудааст. Ин аз он далолат мекунад, ки то ислом осори хаттии монавӣ дар Осиёи Марказӣ бо забони паҳлавӣ, форсии миёна интишор меёфтааст, вале аз он китобҳои сершуморе, ки дар ин давра таълиф ёфтаанд, пас аз истилои араб чизе намондааст.

Дар яке аз ёдгориҳои хаттии монавӣ ба забони паҳлавӣ нақл карда мешавад, ки рӯҳи замини Хуросон (Вахш-и Хварасан виманд) чӣ гуна фиристодаи Монӣ — рӯҳонии монавӣ Мар Аммоҳро тамсили панҷ лаҳзаи (эпизоди) ҳиссиётро омӯхтааст. Тамсил дар ин омӯзиш аз ҷиҳати сабку лаҳн масалҳои фолклориро ба хотир меорад.

Ал-Ғазанфари Табрезӣ дар бораи асари Монӣ «Китоби азаматҳо» сухан ронда, қайд кардааст, ки ин китоб пур аз ҳикоятҳо дар бораи паҳлавонҳои азамат, мисли Сом ва Наримон, мебошад. Шояд ин номҳоро Монӣ аз «Авесто»-и Зардушт гирифта бошад. Дар осори монавӣ навиштаҷотҳо дар лаҳҷаи форсии миёна, палавии шарқӣ, баъзан тарзи баёни суғдӣ, туркӣ, чинӣ порчаҳое боқӣ мондаанд, ки мазмунҳои гуногун доранд. Дар ин навиштаҳои монавӣ гимнҳои динӣ, ибодатӣ, таълимот дар

бораи системаи пайдоиши олам, порчаҳои тарҷумаи ҳоли Монӣ, афсонаҳо дар бораи аввалин тарғиботчиёни ақидаи монавӣ, мисли Мар Аммо, баҳсу мунозираҳо бо пайровони ақидаҳои дигар низ дучор мешавад.

Дар осори хаттии монавӣ порчаҳои шеърие дучор мешаванд, ки аз ҷиҳати вазн ва тарзи қофиябандӣ ҷолиби диққатанд. Ва аввалин маротиба К. Залеман ин хусусияти гимнҳои монавиро мушоҳида намудааст, онҳо дар шакли ҳаштҳиҷой ва усули назми «Авесто» навишта шуда будаанд. Масалан:

Ке хаст душмен// у-ш канд аз бӯи,
Харисп амах // виғрад естам.

Ё байти:

Уд атронан// им рай монёнд,
Виспан шахран /ахвад сӯст дарёд.

К. Залеман намунаи матни гимни монавиро, ки дар бораи Офтоб ва Моҳ суруда шудааст, аз ҷиҳати савту лаҳн ба сурудҳои халқии тоҷикӣ ва намунаи назми лирикии монавӣ ҳамрадифи тағаззул номидааст.[228] Дар ҳақиқат порчаи зерин аз ҷиҳати моҳият ва хусусияти силлобӣ (миқдори ҳиҷоҳо) сурудҳои тоҷикиро ба хотир меорад ва аз мавҷудияти лирика дарак медиҳад:

Хвархшед-и рошан//уд пур мах-и бразағ,
Розёнд уд барзёнд//аз танвар-и оё драхт.
Мурван (и) бамеван//оё назёнд шадиха,
Назёнд ка отар 8уд//фрашёмурв-и висп.../гон/
Сравёнд уд авазёнд//...канёган...

дар тарҷумаи тоҷикӣ:

**Хуршеди равшану барозанда**
**Рӯшноӣ диҳаду барозандагӣ кунад аз танаи он дарахт.**
**Мурғони бомдодӣ ноз кунанд аз рӯи шодӣ,**

---

[228] *Ниг:* И. С. Брагинский. Из истории таджикской народной поэзии с. 228-229.

Ноз кунанд кабӯтарону товусони ҳама (ранг),
Суруд гӯянду овоз кунанд... канизакон.[229]

Чунон ки мебинем, дар ин порча сухан дар бораи Ғовус (Фрашемурве) меравад, дар зери дарахтон меравад ва аз зебоии ӯ кабӯтарон низ ба ваҷд меоянд, канизакони хубрӯй суруд мехонанд. Аз ҷиҳати шакл ин ҷо низ мисли назми парфияну паҳлавӣ шакли беқофиягӣ ва ҳиҷоӣ будани вазн риоя шудааст. Вале агар дар назми эпикии парфиянӣ мисраъҳо кӯтоҳ бошанд, ин ҷо мисраъҳо дароз ва II-ҳиҷоӣ буда, бо рукнҳои 5 ва 6-ҳиҷоӣ тақсим шудаанд. Аз ин порча ҳиссиёти лирикии шахс, табиат ва зебодӯстии ӯ намудор мегардад, ки ба қатори шеърҳои эпикӣ ва тоату ибодат, лирикаи пейзаж ҳам мавқеи муайяне пайдо кардааст. Дар адабиёти аскунандаи ақидаҳои монигӣ мактубҳо, ҳикоятҳо мавқеи муҳим дорад, вале ҳамаи мактубҳои Монӣ боқӣ намондааст. Сужети баъзе ҳикояҳои ахлоқии ӯ дар насри даврai классикӣ давом кардааст. Китобҳои ӯ «Авангелон», «Аржанг» на танҳо аз ҷиҳати мазмун, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати санъати бисёр зебои китобороиҳии форсу тоҷик аз замони Сосониён то ин ҷониб дар ҷаҳон машҳур аст ва Мониро ҳамчун шӯҳратдиҳандаи санъати мусаввирӣ мешуморанд.

**Хулосаҳо оид ба адабиёти қадими тоҷик:**

1. Тоҷикон мисли дигар халқҳои эронӣ сокинони қадимӣ ва бумии Осиёи Миёна ва Эрон буда, маданияти бои онҳо дар ҳамин сарзамин аз давраҳои куҳан ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтааст. Танҳо бахши тоисломии адабиёти тоҷик умри зиёда аз дуҳазорсола дорад. Халқҳои эрониро ба гурӯҳи ғарбӣ ва шарқӣ тақсим менамоянд ва бо вуҷуди баъзе фарқҳо аз қадим бо ҳам алоқаи зичи забонӣ, фарҳангӣ, урфу одат ва ҷаҳонбиниву ақидавӣ доштаанд. Онҳо ҳамчун ду шохаи як тана ба халқи қадими Ҳинд халқи ба ҳам хеш (Ҳинду Эрон) буда, дорои робитаи наздике дар забон, маданият, адабиёт ва ақидаҳои иҷтимоиву динӣ будаанд.

[229] **И. С. Брагинский.** Ҳамон асар, саҳ. 22.

2. Ҳаёти иҷтимоии ин халқҳо чунин марҳилаҳои таърихи ҷамъияти инсониро аз сар гузаронида — аз ҷамъияти бесинфи қабилавӣ, ҷамъияти общинагӣ, ҷамъияти ғуломдорӣ то ба огози ҷамъияти феодалии асрҳои VI-VII расида, дар ҳамин ҷараён ҷаҳонбинии иҷтимоӣ, динӣ ва фалсафии ин халқҳо бо ҳамаи зиддиятҳояш ва шохаҳояш ташаккул ёфтааст.

3. То ислоҳоти Зардушт халқҳои эронӣ табиат ва ҷирмҳои осмониро мепарастидаанд, вале тавассути ислоҳоти оини зардуштӣ ба ваҳдат — яккахудоии маздопарастӣ омадаанд. Ба вуҷуд омадани дини ваҳдат боиси пайдошавии кӯшишҳои муттаҳидшавии халқҳои эронӣ, ташкилёбии давлатҳои ягонаи шаҳаншоҳӣ, гузаштан аз ҳаёти бодиянишинӣ ба ҳаёти муқимии деҳқонӣ, сохтани деҳаву шаҳрҳо ва ҳаёти маданӣ гардид. Дини маздопарастӣ дини расмӣ — давлатӣ қарор гирифт ва дар муқобили он зарвонияи мазҳабӣ ва моддӣ — фалсафӣ, монигӣ, маздакӣ, ҷодуӣ ва гайра чун илҳоди оппозитсионии он ба вуҷуд омадаанд.

4. Забони халқҳои эронӣ ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ вобаста ба дигаргуниҳои ҷараёни инкишофи таърихии ин халқҳо се давраро аз сар гузаронидааст ва халқ мувофиқи он хат ихтироъ намуда, адабиёти китобатӣ ба вуҷуд овардааст. Масалан, забони форсии қадим (забони «Авесто»), форсии миёна (забони портӣ ва паҳлавӣ) ва забони форсии нав — дарӣ аз ҳамин ҷумлаанд. Дар баробари забони авестоӣ, портию паҳлавӣ ва дарӣ, як қатор забонҳои қадимии дигар мисли: суғдӣ, сокӣ, хоразмӣ, курдӣ ва чанде дигар низ мавҷуд будаанд. Забонҳои суғдӣ, хоразмӣ ва сакоӣ дар шароитҳои гуногуни таърихи ташаккули халқҳои ин сарзамин ҳамчун забони давлатӣ ва забони адабӣ арзи ҳастӣ намудаанд.

5. Адабиёти бадеии халқҳои эронӣ аз ду қисм — фолклор ва адабиёти бадеии хаттӣ иборат аст. Фолклори он, яъне адабиёти бадеии шифоҳии он аз мифҳо, афсонаҳо ва сурудҳо огоз ёфта, дар «Авесто» ба хат гузаштааст. Таърихи хатти халқҳои эронӣ хатти авестоӣ, меҳӣ, орамӣ, паҳлавӣ, суғдӣ ва хоразмиро медонад ва бо ин хатҳо каму беш адабиёт ҳам мавҷуд аст.

6. Дар дунёи қадим адабиёт ҳам ба маънои васеъаш ва ҳам ба маънои маҳдудаш вуҷуд дошт: осори кандакории расмӣ - давлатии рӯи санг (Тахти Ҷамшед, Тахти Доро, Кӯҳи Бесутун, Нақши Рустам), асарҳои оид ба таърихи мамлакат, асарҳои динӣ, ҳуқуқшиносӣ, панду ҳикмат, мактубот, сиёсатномаҳо — чӣ гуна идора кардани давлат ва ғайра ба гурӯҳи адабиёт ба маънои васеъаш дохил буданд. Достонҳои қаҳрамонӣ, мифологӣ, сурудҳои динӣ, ишқӣ, лирикӣ, ҳикоятҳо ва саргузаштҳо, андарзҳо, чистонҳо, ҳикоятҳои тамсилӣ маънои маҳдуди адабиётро ташкил медод. Дунёи қадим ба ҳар ду маъно ҳам дорои адабиёт буд.

7. Дар адабиёти дунёи қадим суруд ва мусиқи баробар инкишоф меёфт ва хусусияти синкритикӣ дошт. Суруду мусиқӣ ба воситаи санъати мутрибӣ ба амал оварда мешуд.

8. Дар адабиёти пешазисломии тоҷик шеър мавҷуд буд, бинобар ин ақидаи то ислом шеърро надонистани эрониёни қадим хатои маҳз аст, вале шеъри он давра он латофатеро, ки шеъри форсии нав доро аст, надошт. Вазни шеъри қадим ҳиҷой буд. Назм дар шакли сурудҳои динӣ, лирикӣ ва достонҳои қаҳрамонию лирикӣ вуҷуд дошт. Миқдори ҳиҷоҳои шеърҳои қаҳрамонию лирикӣ аз ҳамдигар фарқ мекард; қофия ба мафҳуми имрӯзааш мавҷуд набуд, аммо унсурҳои оҳангнокӣ дар шеър пайдо шуда, ташаккул меёфт.

9. Насри илмӣ, бадей, дидактикӣ, саргузаштҳои таърихӣ ва динӣ дар шакли омехта вуҷуд дошт. Вале ҳар кадоме хусусиятҳои худро доро буд. Комёбиҳои илмӣ, маданӣ, адабии халқҳои эронӣ хеле зиёд буданд, вале ҳамаи онҳоро таҳрифгарони дини ислом ва идеалогияи он комилан хароб карданд.

# МУНДАРИЧА

**Муқаддима** ............................................................ 3

**I. Аз таърихи омӯхта шудани адабиёти тоҷик** ........................ 4

**II. Адабиёти қадими тоҷик** ........................ 10
а) Сарчашмаҳои аслӣ доир ба омӯхтани адабиёти қадим ........................ 10
б) Забон, макон ва замони сукунати эрониёни шарқӣ ........................ 15
в) Ҳаёти маданӣ, санъат ва меъмории эрониёни шарқӣ ........................ 24

**III. Ақидаҳои иҷтимоӣ, динӣ ва фолсафии дунёи қадим** ........................ 30
а) Эътиқодҳои динии эрониёни шарқӣ то давраи пайдоиши оини Маздоясно. Ақидаи сайёрапарастӣ ва сабабҳои пайдоиши он ........................ 31
б) Оини Маздоясно ........................ 34
в) Зардушт ва оини зардуштӣ ........................ 40
г) Бидъатҳои дини зардуштӣ. Ақидаи зарвония ........................ 55
д) Зарванияи мазҳабӣ ........................ 58
е) Зарванияи моддиён ........................ 62
Монӣ ва таълимоти ӯ ........................ 69
Маздак ва таълимоти ӯ ........................ 77

**III. Адабиёти бадеии қадим** ........................ 86
Адабиёти даҳонакии халқ ........................ 86
Мифҳои қадим ........................ 89
а) Образи Митра ........................ 94
б) Образи Ардевсура-Анахито ........................ 96
в) Мифи Каюмарс ........................ 98
г) Мифи Ҷамшед ........................ 106

2. Достонҳои мифологӣ ва қаҳрамонӣ ........................ 108
а) Достони Рустам ........................ 109
б) Достони Сиёвуш ........................ 114
в) Достони Томириса ........................ 116

г) Достони Шерак ........................................................................ 119
д) Достони Заррина ва Стриангей ............................................... 121
е) Қиссаи Зариадр ва Одатида ..................................................... 123

**IV. Ёдгории хаттии қадим** ............................................................ 125
а) «Авесто» ва таърихи таълифи он ............................................... 128
б) Таркиб ва мундаричаи «Авесто» ............................................... 132
в) Қимати адабии «Авесто» .......................................................... 142
г) Ёдгории хаттии суғдӣ ............................................................... 145

**V. Адабиёти форсии миёна** ........................................................... 152
Мазмун ва мундаричаи «Ёдгори Зарирон» ...................................... 155
а) Дарахти Асурик ........................................................................ 163
б) Адабиёт ба забони паҳлавӣ ....................................................... 169
в) Андарзномаҳои паҳлавӣ ........................................................... 174
г) Китобҳо оид ба таърих ва саргузашти подшоҳон ........................ 182
д) Мазмун ва мундаричаи «Корномаи Ардашери Бобакон» ............... 185
е) Сиёсатномаҳои паҳлавӣ дар аҳди Сосониён .................................. 191
ё) Додситонӣ ва додгустарӣ дар аҳди Сосониён «Матагдани ҳазар датестан» ........................................................... 201
й) Фарҳангҳои паҳлавӣ ................................................................. 208

**VI. Назми форсии миёна** ............................................................. 210
**VII. Хулосаҳо оид ба адабиёти қадими тоҷик** .................................. 224